Т. Н. Зиёев

# ТАЪРИХИ УМУМӢ 9









Т. Н. ЗИЁЕВ

# ТАЪРИХИ УМУМӢ

## (ТАЪРИХИ МУОСИР. ДАВРАИ АВВАЛ. СОЛҲОИ 1919 – 1945)

## КИТОБИ ДАРСӢ БАРОИ СИНФИ 9

*Коллегияи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп тавсия кардааст*

PLEIADES
PUBLISHING Inc
2002

ББК 63.3 (0) 5 Я 72
З–57

**Зиёев Т. Н.**
Таърихи умумӣ (Таърихи муосир. Давраи аввал. Солҳои 1919 – 1945), китоби дарсӣ барои синфи 9-ум.
“Сарпараст”, Душанбе. Соли 2002, 208 саҳифа.

Ин китоб аз тарафи Маркази татбиқи Лоиҳаи таҷдиди сектори иҷтимоӣ тавассути маблағҳои қарзи Банки Осиёии Тараққиёт ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор гардидааст.

Ҷадвали истифодаи иҷоравии китоб

| № | Ному насаби хонанда | Синф | Соли хониш | Ҳолати китоб (баҳои китобдор) | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Аввали сол | Охири сол |
| 1 | | | | | |
| 2 | | | | | |
| 3 | | | | | |
| 4 | | | | | |
| 5 | | | | | |

**Муаллимони мӯҳтарам!**

Хоҳишмандем фикру мулоҳизаҳои худро оид ба мазмуни китоби мазкур ба нишонии 734024, ш. Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 45. Пажӯҳишгоҳи улуми педагогии Тоҷикистон ирсол намоед.

ISBN 1-931938-19-9

© “Сарпараст”, 2002

# МУҚАДДИМА

Китоби дарсии Таърихи умумии синфи 9-ум давраи аввали таърихи муосири ҷаҳон – солҳои 1919 – 1945-ро дар бар мегирад. Он пур аз воқеаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии давлатҳои ҷаҳон ва муносибатҳои байналхалқӣ буда, яке аз марҳалаҳои муҳимтарини таърихи умумибашарӣ аст. Ин давра ба тақдири халқу давлатҳои зиёди ҷаҳон нақши худро гузоштааст. Ҳамаи воқеаҳои таърихи муосир аз Ҷанги якуми ҷаҳонӣ сарчашма мегиранд.

Ҷанги якуми ҷаҳонӣ бо шикасти Иттифоқи Сегона анҷом ёфт. Дар натиҷаи ин умеду орзуҳои давлатҳои ин паймони ҳарбию сиёсӣ барбод рафтанд. Гузашта аз ин, давлатҳои аъзои паймони ғолиб – Антанта як қисми мустамликаҳои давлатҳои Иттифоқи Сегонаро дар байни худ тақсим карданд. Конференсияи сулҳи Париж, ки соли 1919 бо ташаббуси Англия, Фаронса ва Иёлоти Муттаҳидаи Америка баргузор гардид, ин тақсимотро ба ҳукми қонун даровард.

Дар натиҷаи Ҷанги якуми ҷаҳонӣ дар империяҳои мустамликавии Австро-Венгрия якчанд давлати соҳибистиқлол таъсис ёфт. Лекин мустамликаҳои империяи Туркия ба тавассути ваколати аз тарафи Лигаи Миллатҳо ҷорӣ кардашуда ба давлатҳои Антанта дода шуданд.

Ҷанги якуми ҷаҳонӣ зиддиятҳои байни давлатҳои империалистиро бартараф карда натавонист. Аз тақсими мустамликаҳои Туркия ва Германия ғайр аз якчанд давлати абарқудрат давлатҳои дигар норозӣ буданд, аз он ҷумла Германия, Италия ва Ҷопон. Дар оянда маҳз ҳамин давлатҳо ташаббускорони асосии оғози ҷанги нави ҷаҳонӣ шуданд.

Ҷанги якуми ҷаҳонӣ аҳволи иқтисодию иҷтимоии мустамликаҳоро боз ҳам вазнинтар кард. Сабаб он буд, ки мамлакатҳои мустамликадор – Англия, Фаронса, Иёлоти Муттаҳидаи Америка, Ҷопон, Иттиҳоди Шӯравӣ, Италия ва давлатҳои дигар ҷуброни хароҷоти ҷанг ва зарари бӯҳрони иқтисодиро аз ҳисоби пурзӯр кардани истисмори мулкҳои мустамликавии худ мебароварданд. Ин кирдори мустамликадорон ба ҳисси миллии халқи мустамликаҳо беасар намонд. Ин буд, ки нерӯҳои ватандӯсти мустамликаҳо ва мулкҳои зерваколат барои ҳифзи ҳуқуқҳои инсонӣ ва аз нав барқарор кардани истиқлолияти давлатии мамлакатҳои худ ба мубориза бархостанд.

Дар солҳои 20-ум ва 30-юм аввал дар Италияю Германия ва баъд дар як қатор мамлакатҳои дигари Европа ва Америка ҳаракати фашистӣ оғоз ёфт. Дар баъзе давлатҳо, аз он ҷумла дар Германия, Италия, Руминия, Булғория, Австрия, Аргентина ва Бразилия нерӯҳои фашистӣ ва фашистимаоб ба сари қудрат омаданд. Баъзе аз ин давлатҳо дар арсаи байналхалқӣ ниҷорталаб буданд, махсусан Германия, Италия ва Ҷопон.

Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ натиҷаи рушди сиёсию иқтисодии мамлакатҳои мутараққии ҳамонвақтаи ҷаҳон мебошад. Ин ҷанг яке аз қисматҳои марказӣ ва муҳимтарини давраи аввали таърихи муосири ҷаҳон аст. Кулли муносибатҳои байналхалқии баъди Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ва то имрӯз ташаккулёфта маҳз аз натиҷа ва сабабҳои ин ҷанг бармеоянд.

Дар китоб инъикоси масъалаҳои ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоии давлатҳои ҷаҳон, мулкҳои мустамликавӣ ва зерваколат низ мавқеи калонро ишғол менамоянд.

# БОБИ I. МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ ДАР СОЛҲОИ 1919 – 1923

## § 1. КОНФЕРЕНСИЯҲОИ БАЙНАЛХАЛҚИИ СОЛҲОИ 1919 – 1923

**Конференсияи сулҳи Париж.** Баъди ҳар як ҷанге, ки ба итмом мерасад, масъалаи бастани сулҳ ба миён меояд. Дар мавриди анҷом ёфтани Ҷанги якуми ҷаҳонӣ ҳам зарур буд, ки давлатҳои бар зидди ҳамдигар ҷангкарда ба сари мизи музокирот бинишинанд. Ҳамин тавр ҳам шуд. Барои кор карда баромадани шартҳои он 18 январи соли 1919 Конференсияи сулҳи Париж ба кор шурӯъ кард.

Бояд гуфт, ки аз Ҷанги якуми ҷаҳонӣ Иёлоти Муттаҳидаи Америка даромади калон гирифт. Он дар солҳои ҷанг ба давлатҳои Антанта ба миқдори зиёд қарз дод. Англия ва Фаронса аз ИМА қариб 10 млрд. доллар қарздор шуданд. Аз ин рӯ, ИМА дар конференсия ҳамчун давлати қарздеҳ нисбат ба Англияю Фаронса мақоми қавитар дошт.

Ҳарчанд дар конференсияи Париж намояндагони 17 давлати ҷаҳон ширкат меварзиданд, роҳбарии конференсия аслан дар ихтиёри президенти ИМА Вудро Вилсон, нахуствазири Англия Ллойд Ҷорҷ ва нахуствазири Фаронса Ҷорҷ Клемансо буд.

Дар конференсия "масъалаи русӣ", таҳияи созишномаи сулҳ бо Германия ва давлатҳои дигари аъзои Иттифоқи Сегона баррасӣ гардид. Вале ҳар кадом давлатҳои ташаббускори конференсия мақсадҳои худро доштанд.

Фаронса мехост, ки Германия пора-пора гардад. Масалан, қаламрави тарафи чапи дарёи Рейн аз Германия ҷудо карда, ба давлати худмухтор табдил дода шавад. Англия ва ИМА қатъиян зидди ин пешниҳоди Фаронса баромаданд. Дар масъалаҳои дигари муносибат бо Германияи баъдиҷангӣ низ мавқеи ин се давлат мухолифи ҳамдигар буд. ИМА намехост, ки Англия ва Фаронса нисбат ба Германия пурқувваттар бошанд, ё ки Германия аз ҳар сеи ин давлатҳо пурзӯртар шавад. ИМА мехост, ки Германия дар муқобили Фаронса тахминан қудрати якхела дошта бошад. Вале ИМА тақозои Англия ва Фаронсаро низ ба эътибор нагирифта наметавонист. Бинобар ин бо назардошти манфиатҳои худ ИМА бо Германия, Фаронса ва Англия ба лоиҳаи созишнома чунин шартҳоеро пешниҳод намуд, ки ба онҳо маъқул бошад. Ин лоиҳа ба Англия ва Фаронса имконият медод, ки аз ҳисоби Германия талафоти моддии худро ҷуброн кунанд. Фаронса на танҳо музофотҳои Элзас ва Лотарингияро бозпас баргардонд, инчунин ҳавзаи Саарро ба мӯҳлати 15 сол ба иҷора гирифт. Сарфи назар аз ин,

Созишномаи сулҳи Париж имконият медод, ки Германия ҳамчун давлат боқӣ монда, дар оянда тараққӣ кунад.

Бо чунин мазмун 28 июни соли 1919 Созишномаи сулҳи Париж дар ш. Версал ба имзо расид. Он аз 15 фасл ва 440 модда иборат буд.

Мувофиқи ин созишнома як қисми заминҳои ишғолкардаи Германия пас гардонда, қисми дигараш ба ихтиёри давлатҳои дигар ва ё муваққатан ба зери идораи Лигаи Миллатҳо дода шуданд. Ғайр аз ин Германия аз мустамликаҳои худ маҳрум шуд.

Дар баробари ин нерӯҳои ҳарбии Германия маҳдуд карда шуданд. Ҳамчун гунаҳгори асосии Ҷанги якуми ҷаҳонӣ ба зиммаи Германия ба маблағи 132 млрд. маркаи тиллоӣ товони ҷанг гузошта шуд.

19 июли соли 1919 Маҷлиси Миллии Германия Созишномаи сулҳи Парижро тасдиқ намуд. Дар аввали соли 1920 онро Англия, Фаронса ва Ҷопон низ тасдиқ карданд. ИМА ба ин созишнома имзо нагузошта, бо Германия созишномаи сулҳи ҷудогона баст. Баъдтар бо давлатҳои дигари Иттифоқи Сегона низ созишномаҳои сулҳ ба имзо расонда шуданд, аз он ҷумла бо Булғория, Венгрия ва Туркия.

Империяи Австро-Венгрия пароканда карда шуд. Дар қаламрави собиқи ин империя давлатҳои Чехословакия, Югославия (Сербия, Хорватия ва Словения), Венгрия ва Австрия ташкил ёфтанд.

**Лигаи Миллатҳо.** Қисмати аввали Созишномаи сулҳи Версал таъсис намудани Лигаи Миллатҳоро дар назар дошт. Дар ин қисмати созишнома Ойинномаи Лигаи Миллатҳо ҳам инъикос гардида буд.



Намояндагони чор кишвар дар Конференсияи сулҳи Париж, соли 1919, баъди ба охир расидани Ҷанги якуми ҷаҳонӣ. Аз чап ба рост: сарвазири Италия Виторио Орландо, сарвазири Британияи Кабир Девид Ллойд Ҷорҷ, сарвазири Фаронса Ҷорҷ Клемансо, президенти Иёлоти Муттаҳидаи Америка Вудро Вилсон.

Фикр дар бораи созмон додани Лигаи Миллатҳо аз нафрати халқҳои ҷаҳон нисбат ба Ҷанги якуми ҷаҳонӣ ва зарурати минбаъд пеши роҳи ҷангҳоро гирифтан ба миён омад. Вале мақсади асосии давлатҳои бузург тавассути Лигаи Миллатҳо ба мақоми ҳукмронии ҷаҳон соҳиб шудан буд.

Давлатҳои аъзои Лигаи Миллатҳо ӯҳдадор шуданд, ки якпорчагии ҳамдигарро аз таҷовузи хориҷӣ таъмин менамоянд.

**Низоми Версал.** Кулли нишондодҳои Конференсияи сулҳи Париж низоми баъдиҷангии муносибатҳои байналхалқиро ба вуҷуд овард, ки он дар таърих Низоми Версал ном гирифтааст. Ба ин низом шартҳои Созишномаи сулҳи Версал, муайян намудани сарҳадҳои баъдиҷангии давлатҳои Европа, тақсими мустамликаҳои давлатҳои аъзои Иттифоқи Сегона ва ғайра дохил буданд. Вале, бо вуҷуди ин, Низоми Версал сулҳи боэътимоди баъдиҷангиро таъмин карда натавонист.

**Конференсияи Вашингтон.** Конференсияи байналхалқии сулҳи Париж ҳамаи зиддиятҳои давлатҳои империалистии ҷаҳонро ҳал карда натавонист, хусусан зиддиятҳои байни Англия, ИМА ва Ҷопонро. Дар Укёнуси Ором иқтидори флоти Ҷопон то чанде афзунтар мешуд. Ҳарчанд соли 1902 Англия ва Ҷопон бо ҳам созишномаи дӯстӣ баста, ҳатто дар ҳавзаи Укёнуси Ором флоти ҳарбии баҳрии муштарак ташкил карданд, лекин дере нагузашта дар масъалаи аслиҳаи ҳарбии баҳрӣ дар байни Англия, Ҷопон ва ИМА зиддият пурзӯр шуд. Англисҳо аз тариқи иттифоқи худ бо Ҷопон дар ҳавзаи Укёнуси Ором ба мақсадҳои худ расида наметавонистанд, чунки мақоми ИМА дар ин минтақа сол то сол баланд мешуд. Аз ин рӯ, дар шароити нав Англия ва Ҷопон лозим донистанд, ки манфиатҳои худро ба тавассути забоняккунӣ бо ИМА амалӣ намоянд.

Бо ҳамин мақсад бо ташаббуси ИМА 12 ноябри соли 1921 дар ш. Вашингтон бо иштироки ҳайати вакилони ИМА, Англия, Ҷопон, Фаронса, Италия, Белгия, Ҳолландия, Португалия ва Чин конференсияи байналхалқӣ кушода шуд.

Конференсияи Вашингтон иттифоқи Англия ва Ҷопонро барҳам дод. 13 декабри соли 1921 созишномаи чор давлат – ИМА, Фаронса, Англия ва Ҷопон ба имзо расид. Ин созишнома дар амал ба шикасти Англия ва пирӯзии ИМА баробар буд. Мувофиқи созишномаи конференсияи Вашингтон ИМА, Фаронса, Англия ва Ҷопон дар соҳибӣ кардани ҷазираҳои Укёнуси Ором ҳуқуқи баробар пайдо намуданд. Онҳо инчунин ӯҳдадор шуданд, ки дар ин минтақа ҳимоятгари коллективонаи манфиатҳои якдигар мешаванд. Ин давлатҳо ба Антантаи Чаҳоргонаи Укёнуси Ором табдил ёфтанд. Ғайр аз ин Конференсияи байналхалқии Вашингтон дар бораи эҳтироми якпорчагии Чин карордод ба имзо расонд.

**Конференсияҳои Генуя ва Гаага.** Конференсияи Генуя (Италия) 10 апрели соли 1922 ба кор шурӯъ намуд. Дар он вакилон аз 29 давлати ҷаҳон иштирок карданд. Ба Конференсияи Генуя ҳамчун давлати қарздор Русияи Шӯравӣ низ даъват шуда буд.

Ширкаткунандагони Конференсияи Генуя талабномае пешниҳод намуданд, ки дар он гуфта мешуд: "Русияи Шӯравӣ бояд қарзҳои Русияи подшоҳӣ ва Ҳукумати Муваққатии Русияро барои давлатҳои хориҷӣ пардозад ва моликияти хориҷиёнро, ки Ҳокимияти Шӯравӣ миллӣ эълон кардааст, ба соҳибони собикашон баргардонад". Вале шартҳои талабномаи пешниҳодшударо ҳайати вакилони Русияи Шӯравӣ, ки сардораш Г. В. Чичерин буд, котеъона рад намуд. Г. В. Чичерин иброз дошт, ки дар натиҷаи таҷовузи ҳарбии давлатҳои Антанта мамлакати мо ба маблағи 39 млрд. сӯм зарар дидааст. Ин давлатҳо аввал бояд ҳамин маблағро ҷуброн кунанд.

Конференсияи Генуя 19 майи соли 1922 бе натиҷа ба анҷом расид. Он танҳо барои баррасии минбаъдаи масъалаҳои дар конференсия муҳокимашуда 2 комиссия ташкил намуд. Ин комиссияҳо бояд тезтар дар шаҳри Гаага ҷамъ омада, вазифаҳои дар наздашон гузошташударо ҳал мекарданд.

Конференсияи Гаага кори худро 20 июли соли 1922 оғоз намуд. Дар ин конференсия ҳайати сиёсии давлатҳои иштироккунандаи Конференсияи Генуя нею мушовирон, намояндагони молиявию саноатӣ ва соҳибони собики он корхонаҳои саноатие, ки Ҳукумати Шӯравӣ миллӣ эълон карда буд, иштирок карданд. Намояндагони ҳукумати Русияи Шӯравӣ дар ин конференсия ваъда доданд, ки арзиши корхонаҳои саноатӣ ба соҳибонашон аз тарики ба онҳо ба иҷора додани ҳамин корхонаҳо ҷуброн карда мешавад. Чунин пешниҳодро касе ва ё давлате қабул накард.

Бо ҳамин Конференсияи Гаага низ бе натиҷа анҷом ёфт.

**Конференсияи Лозанна.** Дар ин конференсия масъалаи тақсими мустамликаҳои Туркия ҳаллу фасл карда шуд. Дар ин масъала байни ғолибони ҷанг мухолифат ба вуҷуд омад. Бинобар ин созишномаи сулҳ бо Туркия хеле дер – танҳо 10 августи соли 1920 ба имзо расид. Мувофики ин созишнома мулкҳои мустамликавии Туркия дар байни мамлакатҳои империалистӣ тақсим карда шуданд. Қисми зиёди мустамликаҳои Туркия насиби Англия гардиданд. Туркия таслим шуд. Вале РСФСР ба ёрии Туркия омада, онро бо аслиҳаю тилло таъмин кард.

Дар Туркия ин вакт муборизаи миллию озодихоҳӣ идома дошт. Дере нагузашта он ба инкилоби миллию демократӣ сабзида расид. Сардорони давлатҳои империалистӣ хостанд, ки ин муборизаро тавассути силоҳ пахш намоянд. Барои ин кор артиши Юнонро истифода бурданд. Лекин артиши Юнонро артиши Туркия торумор кард.

11 октябри соли 1922 дар байни тарафҳо дар бораи оташбас ҳуҷҷат ба имзо расид. Иттифоқчиён маҷбур шуданд, ки бо ҳукумати Мусо Камол ба сари мизи гуфтушунид бинишинанд. Ба ин мақсад 20 ноябри соли 1922 барои тайёр кардани шартномаи нави сулҳ бо Туркия дар шаҳри Лозанна конференсияи байналхалқӣ оғоз гардид, ки дар он намояндагони Англия, ИМА, Фаронса, Италия, Юнон, Ҷопон, Руминия, Югославия, Туркия, Ҷамоҳири Шӯравӣ (РСФСР, Украина, Гурҷистон) ширкат варзиданд.

Дар Конференсияи Лозанна шартномаи сулҳ бо Туркия ба имзо расид. Инчунин аз тарафи Фаронса, Италия, Ҷопон, Юнон, Руминия ва Югославия созишномаи муштараке ба имзо расид, ки мувофиқи он Туркия дар зери роҳбарии Камол Отатурк ҳамчун давлати соҳибистиқлол эътироф карда шуд.

Сарфи назар аз конференсияҳои дар боло номбурда, дар байни давлатҳои ғолиб ва шикастхӯрда масъалаҳои ҳалношудаю баҳсталаби зиёд боқӣ монданд. Онҳо барои сар задани ҷангҳои нав, аз он ҷумла Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ замина гузоштанд.

**МАЪХАЗ**

**СОЗИШНОМАИ ВЕРСАЛ**

***28 июни соли 1919***

***Моддаи 1.*** ... Ҳамаи давлатҳо, доминионҳо ва ё мустамликаҳо метавонанд аъзои Лига бошанд, ба шарте ки аз се ду ҳиссаи Маҷлис онҳоро ҷонибдорӣ кунад...

Ҳар узви Лига баъди огоҳии пешакии 2-сола метавонад аз Лига барояд, ба шарте ки то ин лаҳза тамоми ӯҳдадориҳои байналхалқии худро иҷро карда бошад.

***Моддаи 3.*** Маҷлис аз намояндагони аъзои Лига иборат аст.

Он дар вақти муайян ва ё дар ҳар вақти дигар ҷамъ меояд, ба шарте ки инро вазъият тақозо намояд – дар Қароргоҳи Лига ва ё ҷои дигар, дар ҷое ки таъйин карда шуда бошад.

***Моддаи 4.*** Шӯро аз намояндагони давлатҳои Иттифоқ ва Иттиҳод, инчунин аз намояндагони чор аъзои дигари Лига, ки намояндагии онҳо дар Шӯро доимӣ шуда бошад, иборат аст...

***Моддаи 7.*** Қароргоҳи Лига Женева муқаррар карда мешавад...

***Моддаи 10.*** Аъзои Лига ӯҳдадор мешаванд, ки якпорчагии давлати худро эҳтиром ва ҳифз намоянд ва ба истиқлолияти сиёсии ҳамаи аъзои Лига муваффақ шаванд. Дар сурати ҳамла, таҳдид ва ё хатари ҳамла Шӯро баҳри таъмини ин ӯҳдадориҳо чораҳо меандешад.

***Моддаи 32.*** Германия соҳибихтиёрии Белгияро бар тамоми қаламрави баҳсноки Марэне, ки Марэнеи бетараф ном дорад, эътироф мекунад.

***Моддаи 40.*** Германия эътироф мекунад, ки аз 1 январи соли 1919 сар карда Герсоги Бузурги Люксембург ба ҳайати иттиҳоди гумрукии Германия дохил намешавад...

***Моддаи 42.*** Ба Германия дар ихтиёри худ доштан ва ё сохтани истеҳкомҳо чи дар соҳили чапи Рейн, чи дар соҳили рости Рейн – дар хати 50-километраи ғарбтари ин дарё манъ аст.

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

**1.** Конференсияи сулҳи Париж кай ба кори худ шурӯъ намуд? **2.** Конференсияи сулҳи Париж кадом масъалаҳоро баррасӣ намуд? **3.** Шартномаи сулҳ бо Германия чӣ тавр таҳия шуда буд? **4.** Англия, Фаронса ва ИМА аз Конференсияи сулҳи Париж чӣ фоида бурданӣ буданд? **5.** Конференсияи сулҳи Париж сарҳадҳои баъдиҷангии давлатҳои Европаро чӣ тавр муқаррар намуд? **6.** Шартномаи сулҳи Париж кай ва дар куҷо ба имзо расид? **7.** Моҳияти Лигаи Миллатҳоро баён кунед. **8.** Таркиби Низоми Версалро шарҳ диҳед. **9.** Конференсияи байналхалқии Вашингтон ба кадом масъалаҳо бахшида шуда буд? Ин конференсия, пеш аз ҳама, ба кадом давлат бештар фоида овард? **10.** Русияи Шӯравӣ бо кадом мақсад ба Конференсияи байналхалқии Генуя даъват карда шуда буд? **11.** Оё ташаббускорони Конференсияи Генуя ба мақсадҳои худ зуд расиданд? **12.** Дар бораи Конференсияи байналхалқии Лозанна чӣ медонед? **13.** Аз мавзӯъ хулоса бароред.

# БОБИ II. МАМЛАКАТҲОИ ЕВРОПА ВА АМЕРИКА ДАР СОЛҲОИ 1919 – 1939

## § 2. ГЕРМАНИЯ

**Қабули Конститутсияи Веймар.** 6 феврали соли 1919 дар шаҳри Веймар Маҷлиси Муассисон ба кори худ шурӯъ кард. Ин вақт вазъи сиёсии мамлакат мӯътадил набуд. Аз ин рӯ, ҳукумати Германия аз намояндагони ҳамаи ҳизбҳои сиёсии мамлакат ташкил карда шуд. Сарфи назар аз ин, дар ҳамин давра дар мамлакат ҳаракати инқилобӣ аз нав авҷ гирифт. 13 апрели соли 1919 дар Бавария Ҳокимияти Шӯравӣ эълон гардид, ки он ҳамагӣ ду ҳафта давом кард.

Фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ ва авҷи муборизаи инқилобӣ тақозо мекарданд, ки Германия ҷумҳурӣ эълон карда шавад. Аз сабаби он ки дар ҳайати Маҷлиси Миллии Муассисон ва ҳукумат намояндагони нерӯҳои чапгаро хеле зиёд буданд, тақозои онҳо оид ба масъалаи ҷамъиятӣ кунондани воситаҳои истеҳсолот қисман ба иҷро расид. Дар ин бора якчанд санадҳои қонунгузорӣ ҳам қабул карда шуданд.

Маҷлиси Миллии Муассисон 31 июли соли 1919 Конститутсияи Германияро қабул кард, ки аз рӯи номи ҷои қароргоҳи Маҷлиси Миллии Муассисон Конститутсияи Веймар ном гирифтааст. Ин конститутсия 11 августи ҳамин сол дар мамлакат ҷорӣ карда шуд.

**Мазмун ва моҳияти Конститутсияи Веймар.** Дар моддаҳои аввали Конститутсияи Веймар гуфта шудааст, ки "Империяи Германия ҷумҳурӣ мебошад", "ҳокимияти давлатӣ аз халқ ибтидо мегирад". Дар моддаҳои дигари он "ҳифзи меҳнат", "бо зиндагии сазовор таъмин кардани инсон" ва ғайра сабт шудаанд.

Конститутсия барои зану мард ҳуқуқи баробари интихобот, озодиҳо ва иштирок дар раъйпурсиро дод. Салоҳияти мақоми қонунгузор – Рейхстаг васеъ карда шуд. Ҳукумати Германия аз тариқи раъйи аксарияти аъзои парламент ташкил гардида, дар назди он масъул буд. Мақоми Рейхстаг аз тариқи палатаи дуюми парламент – Рейхсраг ва президенти мамлакат маҳдуд карда шуд. Азбаски Рейхстаг аз намояндагони вилоятҳо иборат буд, он ҳуқуқи "рад" ("вето")-ро дошт.

Роҳбари ҳокимияти иҷроия – президент ваколатҳои васеъ ва дар баъзе масъалаҳо ҳатто дорои ваколатҳои диктаторӣ буд. Президент канслер ва вазиронро таъйин ва сабукдӯш мекард, Рейхстагро пароканда карда, ба вай интихоботи нав муқаррар менамуд, сарфармондеҳи артиш буд, Германияро дар хориҷи кишвар намояндагӣ мекард. Конститутсия ба ӯ ҳуқуқ дода буд, ки дар мавриди зарурӣ фармонҳои фавқулодда барорад ва ҳамаи чораҳои маҷбуркуниро истифода барад. Президент ҳатто ҳуқуқ дошт, ки амали

моддаҳои муҳимтарини конститутсияро боз дорад. Дар амал ҳокимияти иҷроия ҳуқуқи диктаторӣ дошта, аз ҳокимияти қонунгузор боло меистод, аз Рейхстаг ҷудоюю мустақилона фаъолият мекард.

Сарфи назар аз ҳамаи маҳдудиятҳояш, Конститутсияи Веймар музаффарияти бузурги халқи немис буд.

Дар баробари муҳокимаронихои гуногун Маҷлиси Миллии Веймар шартномаи сулҳ бо Германияро мавриди муҳокима қарор дода, мақоми байналхалқии Ҷумҳурии Веймарро муайян мекард.

Мувофиқи шартномаи сулҳи Версал Германияи шикастхӯрда гунаҳгори асосии Ҷанги якуми ҷаҳонӣ эълон карда шуд. Ба ин шартнома ҳукумати Шейдемани Германия имзо нагузошта, ба истеъфо рафт. Ба ҳукумати нав намояндаи сотсиал-демократҳо Бауэр роҳбарӣ кард. Ин ҳукумат ба шартномаи сулҳ бо Германия имзо гузошт, ки баъд онро 28 июли соли 1919 Маҷлиси Миллӣ низ тасдиқ намуд.

**Болоравии иқтисодии Германия.** Соли 1923 дар Германия ноороми иҷтимоию сиёсӣ ба вуҷуд омад. Ҳукумат барои пардохти товони ҷанг бо ғолибони ҷанг гуфтушунид кард. Дар натиҷа "нақшаи Дауэс" (Дауэс муаллифи ин нақша буд) қабул карда шуд. Ин нақша дар назар дошт, ки Германия бояд ба ғолибон товони ҷангро аз соли 1924 то соли 1929 пардозад. Дар баробари ин мамлакатҳои хориҷӣ ва пеш аз ҳама ИМА изҳор намуданд, ки-ба Германия вомбарг медиҳанд. Ҳамин тавр, Германия дар зарфи солҳои 1924–1929 ба маблағи 10 млрд. марка қарзи дарозмуддат ва зиёда аз 6 млрд. марка қарзи кӯтоҳмуддат гирифт. Ин маблағҳо барои азнавсозии саноати Германия истифода бурда мешуданд. Навсозӣ ва васеъгардонии истеҳсолот дар асоси технологияи нав сурат мегирифт. Дар натиҷаи ин махсусан соҳаҳои ҷавони саноати Германия – электротехника ва химия босуръат тараққӣ карданд.

Дар Германия рафти муттаҳидшавӣ ва марказонидани истеҳсолот ва сармоя вусъат ёфт. Дар охири солҳои 20-ум шумораи картелҳо нисбат ба давраи то оғози ҷанг 2 баробар афзуд. Соли 1925 консерни дар қитъаи Европа бузургтарини химиявӣ "ИГ Фарбениндустри" таъсис ёфт, ки дар Германия 80 фоизи истеҳсоли азот, қариб 100 фоизи бензин ва рангҳоро ба ӯҳда дошт. "Ширкати пӯлод" бошад, дар ихтиёри худ то 300 корхона дошта, 40 фоизи истеҳсоли оҳану пӯлод ва 43 фоизи чӯяни мамлакатро таъмин мекард.

Консернҳои германиявӣ дар таъсиси 50 иттиҳодияи байналхалқии молиявӣ мавқеи ҳукмрон доштанд. Якчанд банки калони Германия ба 63 фоизи сармояи бонкии мамлакат назорат менамуд. Дар солҳои ҷанг танзими давлатии инҳисор ба истеҳсолот ҷорӣ буд. Баъд аз ҷанг ҳолати давлат ба истеҳсолоти сармоядории Германия заиф шуд, чунки инҳисори давлатӣ самараи истеҳсолоти сармоядориро баланд карда наметавонист.

**Бӯҳрони иқтисодии солҳои 1929–1933.** Дар Германия бӯҳрони иқтисодӣ ниҳоят шадид буд. Пастравии истеҳсолот қариб 3 сол давом дошт. Он дар саноат 40 фоизро ташкил намуд. Дар натиҷаи ин шумораи бекорон ба 7,5 миллион нафар расид. Музди меҳнати воқеии одамон 25–40 фоиз паст фаромад. Дар солҳои 1930–1933 даҳҳо ҳазор корхонаҳои хурду миёна ва ҳатто баъзе корхонаҳои саноатии калон ҳам муфлис шуданд. Ҳаҷми савдои чакана паст фаромад.

Бӯҳрони иқтисодӣ соҳаи кишоварзиро ҳам фаро гирифт. Аз ин рӯ, дар ин солҳо маҷбуран фурӯхта шудани замину ҳавлиҳои кишоварзон афзуд. Бӯҳрон низоми муомилоти пулии мамлакатро низ вайрон кард. Ин буд, ки як қатор бонкҳо ба бӯҳрон тоб наоварда муфлис шуданд. Даромади умумии бонкҳои Германия қариб ду баробар кам шуд.

Бӯҳрони иқтисодии солҳои 1929–1933-и Германия сохти сиёсии Ҷумҳурии Веймарро ба ларза даровард. Норозигии аҳолии мамлакат ва махсусан аҳли меҳнат аз ҳукумат афзуд. Дар чунин шароит ҳаракати нерӯҳои чапгаро авҷ гирифт. Ин ҳолат доираҳои саноатию молиявии Германияро ба ташвиш оварда, шароит ва эҳтиёҷи табақаҳои болоии мамлакатро бо "дасти зӯр" ба миён овард.

**Дар Германия ба сари қудрат омадани фашизм.** Дар Германия ҳизби фашистӣ ҳамчун нерӯи ҳарбию сиёсӣ ҳанӯз соли 1919 бо номи Ҳизби Миллии Сотсиал-Демократии Коргарӣ тавлид ёфта буд. Он вақт ҲМСДК ҳамчун олоти ҳарбиёни Германия барои ба ҳокимияти сиёсӣ таъсир расондан хизмат мекард...

Ба ҲМСДК-и Германия ефрейтор Адолф Гитлер ба сифати ҷосуси сиёсии Рейхсвер дохил шуда, дере нагузашта ҳамчун суханвару сиёсатмадори барҷаста ном баровард. Як гурӯҳ сармоядорони машҳури германиявӣ ҲМСДК-ро бо маблағ таъмин мекарданд, аз он ҷумла Борзиг, Ф. Тиссен, Г. Стиннес.

Дар нимаи дуюми солҳои 20-ум шумораи аъзои ҲМСДК бемайлон меафзуд. Соли 1927 100 ҳазор нафар ва соли 1933 аллакай 300 ҳазор нафар аъзо дошт. Дар интихоботи парламентии соли 1930 ҲМСДК-и Германия 6,5 миллион овоз гирифта, баъди Ҳизби Социал-Демократии Гермения (ҲСДГ) ба ҷои дуюм баромад. Ин ҳизб то соли 1933 боз ҳам бонуфузтар шуда, дар интихоботи парламентӣ овозҳои зиёди интихобкунандагонро соҳиб мешуд. Дар интихоботи президентӣ соли 1932 Гинденбург 19,8 миллион овоз ва Гитлер 13,4 миллион овози интихобкунандагонро соҳиб шуданд.

Фаъолияти ҲМСДК Ҷумҳурии Веймарро ба бӯҳрони сиёсӣ гирифтор кард. Вакилони ҳизби фашистӣ дар Рейхстаг бисёр буданд. Аз ҳамин сабаб он ба ҳокимияти иҷроия итоат намекард. Ин буд, ки президенти Германия Гинденбург Рейхстагро пароканда кард.

Ғояҳои авомфиребонаи фашистон дар байни аҳли саноатчиёну қисми зиёиён ба тезӣ ҳамовозӣ пайдо мекард. Теъдоди зиёди сармоядорони калони Германия Гитлерро ҷонибдорӣ мекарданд. Ин майлон дар ҷомеаи германиявӣ рӯз то рӯз меафзуд. Фишор ба президенти Германия ба нафъи ҲМСДК зиёд мешуд. Гинденбург ба он тоб наоварда, 30 январи соли 1933 Гитлерро канслери Германия таъйин кард.

**Сиёсати хориҷии Германия.** Дар солҳои 20-ум сиёсати хориҷии Германия асосан ба он равона карда шуда буд, ки мақоми худро дар арсаи байналхалқӣ аз нав барқарор кунад ва аз тобеияти сиёсию молиявии давлатҳои ғолиби Ҷанги якуми ҷаҳонӣ халос шавад.

Баъди дар Германия ба сари қудрати иҷроия омадани Гитлер ва ҲМСДК дар сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҳукумат тағйироти куллӣ ба амал омад. Фашистон дар мамлакат ғояҳои ниқорталабӣ ва инсонбадбиниро ҳамарӯза пахн мекарданд. Инчунин мехостанд ба ҳокимияти мутлақ соҳиб шаванд. Барои ҳамин ҳукумати фашистии Гитлер нерӯҳои сиёсии дигар ва муассисаҳои демократии мамлакатро нест кард.

Фашистони Германия шиор ба миён гузоштанд, ки "шартномаи сулҳи Париж аз нав дида баромада шавад". Ба нияти эътироз аз ин шарнома моҳи октябри соли 1933 вакилони Германия Конференсияи байналхалқӣ оид ба яроқпартоиро тарк намуданд. Дере нагузашта Германия эълон кард, ки аз Лигаи Миллатҳо мебарояд.

Дипломатияи Германияи фашистӣ дар арсаи байналхалқӣ бомуваффақият амал мекард. Ба вай муяссар шуд, ки дар Конференсияи байналхалқии Мюнхен ғалаба ба даст дарорад. Бо талаби Германия ва онро дастгирӣ намудани Англия, Фаронса, ИМА ва розигии ҳукумати Чехословакия вилояти Судет аз Чехословакия гирифта, ба Германия дода шуд. Ба Германия инчунин муяссар шуд, ки солҳои 1938–1939 Австрия ва Клайпедаро ба даст дарорад. Бо ташаббуси Германия барои мубориза бар зидди ИҶШС "Иттиҳоди зиддикоминтерн" таъсис дода шуд. Моҳи майи соли 1939 дар Берлин созишномаи "Иттиҳоди ҳарбии Италия ва Германия" ба имзо расид. Соли 1940 Германия бо Ҷопон низ чунин созишнома баст. Бо ҳамин иттиҳоди давлатҳои фашистӣ ташкил ёфт. 28 августи соли 1939 дар байни Германия ва ИҶШС ба мӯҳлати 10 сол созишномаи ба ҳамдигар ҳуҷумнакунӣ баста шуд.

Ҳамин тариқ, мошини давлатии фашистии Германия бахри амалӣ гардидани сиёсати истилогаронаи хориҷӣ бо шиддати том кор мекард. Ҳамагӣ баъди чанд рӯзи бо ИҶШС бастани созишномаи ба ҳамдигар ҳуҷумнакунӣ Германияи фашистӣ Ҷанги дуюми ҷаҳониро оғоз намуд.

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

**1.** Конститутсияи Веймар кай қабул карда шудааст? **2.** Чаро ин Конститутсияи Германия номи "Конститутсияи Веймар"-ро гирифтааст? **3.** Конститутсияи Веймар дар бораи сохти сиёсӣ ва мақомоти ҳокимияти давлатии Германия чиҳо гуфтааст? **4.** Чаро ҳукумати Шейдеман ба созишномаи сулҳи Париж имзо нагузошта, ба истеъфо рафт? **5.** "Нақшаи Дауэс"-ро шарҳ диҳед. **6.** Чаро дар солҳои 1924–1929 иқтисодиёти Германия тараққӣ кард? **7.** Дар бораи бӯҳрони иқтисодии солҳои 1929–1933 дар Германия далелҳо биёред. **8.** Дар Германия фашизм кай ва чӣ тавр ба сари қудрат омад? **9.** Гинденбург Гитлерро кай ва барои чӣ канслери Германия таъйин намуд? **10.** Сиёсати хориҷии Германияи солҳои 30-юмро таҳлил кунед. **11.** Германияи гитлерӣ чӣ тавр ба ҷанги нав тайёрӣ медид? **12.** Аз мавзӯъ хулоса бароред.

## § 3. АНГЛИЯ

**Англия дар солҳои аввали баъдиҷангӣ.** Англия яке аз давлатҳои асосии ғолиби Ҷанги якуми ҷаҳонӣ буд. Ба вай муяссар шуд, ки Германияро аз бозорҳои ҷаҳонӣ, баҳру укёнусҳо ва мустамликаҳояш танг карда барорад. Мулкҳои мустамликавии Британияи Кабир 2 миллиону 619 ҳаз. км$^2$-ро ташкил мекард. Аҳолии мустамликаҳои Британияи Кабир ҳанӯз то оғози Ҷанги якуми ҷаҳонӣ 525 миллион нафарро ташкил медод.

Сохти сиёсии Англия мисли пештара мутлақияти шоҳигарии маҳдуд буд. Дар мамлакат кайҳо боз ҳизбҳои консервативӣ, лейбористӣ, либералӣ ва сотсиалистӣ амал мекарданд. Соли 1919 Ҳизби Коммунистӣ низ таъсис ёфт. Мубориза барои ҳокимият асосан дар байни се ҳизб – консервативӣ, либералӣ ва лейбористӣ сурат мегирифт.

Баъди ҷанг низоми сиёсии демократии Британияи Кабир боз ҳам такмил дода шуд. Дар интихоботи соли 1918 дар таърихи Англия бори аввал занҳо иштирок намуданд. Ин иқдом қисми таркибии ислоҳоти низоми интихоботии Англия буд. Ислоҳоти мазкур меъёри молу мулкии интихобкунандагонро бекор ва синну соли онҳоро барои мардҳо то 21 сол кам кард. Ин буд, ки шумораи интихобкунандагон аз 8 миллион якбора ба 21 миллион нафар расид.

Қонун дар бораи маориф маълумоти ҳатмии ибтидоиро барои кӯдакони то 14-сола муқаррар намуд. Тавассути як қонуни дигар ҳадди ақалли ҳаҷми маош муайян карда шуд.

Ба маҷрои осоишта даромадани иқтисоди Англия бо мушкилии зиёде амалӣ мегардид, ки ин сабаб дошт. Англия дар солҳои ҷанг то 70

фоизи флоти тиҷоратиашро аз даст дод. Бинобар ин аз нав барқароркунии робитаҳои тиҷоратии бо давлатҳои он тарафи баҳру укёнусҳо катъгардида ба мушкилиҳои зиёд рӯ ба рӯ шуд. Дар мамлакат нерӯи сершумори қобили меҳнат бекор буд. Қарзи давлатӣ аз 650 млн. фунт стерлинги соли 1914 ба 8 млрд фунт стерлинг расид.

Барои пешрафти иқтисодӣ ва ҳифзи иҷтимоии мардум Ҳизби Консерваторон ва иттифоқчии он – Ҳизби Либералӣ ба интихобкунандагон нисбат ба ҳизбҳои дигар барномаи муштараки беҳтарро пешниҳод намуданд. Аз ин рӯ, доираҳои соҳибкорию тиҷоратии мамлакат дар атрофи ин ҳизбҳо муттаҳид шуда, ғалабаи онҳоро дар интихоботи соли 1918 ва баъд дар интихоботҳои дигари наздиктарин ҳам таъмин намуданд. Иттифоқи Ҳизби Консерваторон ва Ҳизби Либералии ба сари қудрат омада азнавбарқароркунии иқтисоди Англия ва рушди онро таъмин карда тавонист. Сатҳи зиндагии мардум баландтар ва бекорӣ ба ҳадди ақал расид.

Британияи Кабир мамлакати калонтарини мустамликавӣ буд. Дар солҳои аввали баъдиҷангӣ дар мустамликаҳои он ҳаракати миллӣ-озодихоҳӣ вусъат ёфт. Ҳукумати Англия маҷбур мешуд, ки дар баъзе мустамликаҳо силоҳ ба кор бурда, дар дигар мустамликаҳо ба муросо роҳ дода, умри империяи мустамликавии Британияи Кабирро дарозтар кунад.

**Сиёсати хориҷии Англия дар солҳои 1919 – 1923.** Сиёсати хориҷии Англия ба он равона карда шуда буд, ки мавқеи худро дар арсаи байналхалқӣ мустаҳкам кунад. Аз ин лиҳоз Низоми Версал дар Созишномаи сулҳи Париж бештар маҳз бо назардошти тақозои манфиатҳои империализми англис таҳия ва қабул карда шуда буд. Намояндагони Англия дар ин конференсия мақоми аввалро соҳиб шуданд, ҳарчанд рақобат бо Фаронса ва ИМА низ ба миён омада буд. Ба Англия муяссар шуд, ки баъди ҷанг ба давлати аз ҷиҳати иқтисодӣ пурқувваттарини ҷаҳон – ИМА нагузорад, ки дар бозсозии баъдиҷангии Европа ба мақоми аввал соҳиб шавад. Ин буд, ки доираҳои ҳукмрони ИМА аз натиҷаҳои Конференсияи байналхалқии Париж норозӣ буданд.

Дар сиёсати нисбат ба Русияи Шӯравӣ Англия бо Фаронса ва ИМА ҳамфикр буд. Ҳанӯз баҳори соли 1918 таҷовузи зидди Русияи Шӯравии давлатҳои империалистӣ оғоз ёфт. Соли 1919 таҷовузи давлатҳои Антанта ва Ҷопон ба ин давлат боз ҳам васеътар шуд, ки дар он ИМА ҳам фаъолона иштирок мекард.

Британияи Кабир яке аз давлатҳои фаъоли конференсияҳои байналхалқии Вашингтон, Генуя, Гаага ва Лозанна буд. Дар ин конференсияҳо Британияи Кабир ҳамчун давлати дорои дипломатияи пурзӯр баромад кард, ҳарчанд на ҳамаи ин конференсияҳо барои ташкилкунандагони он ва пеш аз ҳама, Британияи Кабир нафъ бахшиданд.

**Англия дар солҳои 1924 – 1929.** Дар солҳои 1924 – 1929 дар Англия болоравии иқтисодӣ нисбат ба солҳои 1919 – 1923 босуръаттар буд. Соли 1929 ҳаҷми истеҳсолоти саноатӣ ба сатҳи соли 1913-и пешазҷангӣ расид. Шумораи бекорон қариб 1 миллион нафарро ташкил намуд.

Сарфи назар аз болоравии истеҳсолоти саноатӣ, маҳз дар ҳамин солҳо дар Англия ҳаракати иҷтимоӣ ҷоннок шуд. Аҳли меҳнат аз ҳукумати ҳизбҳои консерваторон ва лейбористҳо ҳифозати ичтимоии худро тақозо мекард. Бо ин мақсад заҳматкашон борҳо корпартоӣ кардаанд.

Қаблан барои ҳокимият асосан ду ҳизб – Ҳизби Консервативӣ ва Ҳизби Либералӣ мубориза мебурданд. Дар ин давра Ҳизби Либералӣ дар майдони сиёсӣ мақоми худро аз даст дод. Ҷои онро Ҳизби Лейбористӣ гирифт. Барои ҳокимият асосан ҳизбҳои лейбористӣ ва консервативӣ мубориза мебурданд. Ҳизби Лейбористӣ оҳиста-оҳиста дар байни аҳли меҳнат обрӯманд шуда, дар интихоботи парламентӣ овозҳои зиёди интихобкунандагонро соҳиб мегардид. Масалан, дар интихоботи парламентии соли 1924 Ҳизби Консервативӣ 5340000, Ҳизби Лейбористӣ 4348000 ва Ҳизби Либералӣ 4252000 овоз гирифт, яъне Ҳизби Лейбористӣ ба ҷои дуюм баромад. Ҳамин тариқ, дар муборизаи сиёсӣ гоҳ як ҳизб ба ҷои аввал мебаромад ва гоҳ ҳизби дигар.

**Бӯҳрони иқтисодии солҳои 1929 – 1933.** Дар солҳои 1925 – 1926 Англияро корпартоиҳои коргарони саноатӣ фаро гирифтанд. Фаъолияти иттифоқҳои касаба (тред-юнионҳо) ҷоннок шуд. Қонуни соли 1927 "Дар бораи мухолифатҳо дар саноат ва тред-юнионҳо" зиддихалқӣ буда, корпартоиҳои умумӣ ва якдилиро манъ мекард. Дар ин давра ҳамкории роҳбарияти Конфедератсияи Британиявии Меҳнат (КБМ) бо соҳибкорон ба маҷрои мусолиҳа даромад. Манфиатҳои соҳибкорон барои баланд бардоштани ҳаҷми истеҳсолот ва дар бозори ҷаҳонӣ рақобат карда тавонистани молҳои британиявии аз тарафи қисми ростгарои КБМ дастгирӣ ёфт. Соли 1926 конгресси тред-юнионҳо сиёсати даст кашидан аз мубориза бар зидди соҳибкоронро интихоб намуд. Дар зери фишори ҳукумат иттифоқҳои касабаи Англия бо ҳамроҳии соҳибкорон Шӯрои Саноати Миллиро ташкил намуданд. Ҳамин тавр, иттифоқҳои касаба ва соҳибкорони Британияи Кабир бо роҳи зӯрӣ оштӣ шуданд.

Вале ин чораҳои ичтимоию иқтисодӣ Англияро аз бӯҳрони иқтисодӣ эмин дошта натавонистанд. Моҳияти бӯҳрони иқтисодии Англия он буд, ки ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот кам шуд. То соли 1932 он тахминан 32 фоизи пеш аз бӯҳронро ташкил намуд. Дар баъзе соҳаҳои алоҳида, масалан, дар истеҳсоли чӯян, пӯлод, мошинҳо, ангишт ва киштисозӣ камшавии маҳсулоти саноатӣ аз сатҳи умумӣ паст буд. Соли 1931 даромад аз тиҷорат ва пардохт номутаносиб шуд. Даромади

хориҷӣ ҳам паст фаромад. Ба империализми англис бекурбшавии маблағҳои дар хориҷи кишвар гузоштааш зарбаи сахт зад. Он 24 фоизро ташкил намуд.

Аз бӯҳрони иқтисодӣ аҳли меҳнат зарари калон дид. Дар натиҷаи муфлисшавии корхонаҳо ва баста шудани онҳо ҳазорон нафар кормандон бекор монданд. Дар Англия соли 1932 бекорон зиёда аз 3 миллион нафарро ташкил намуданд.

Соли 1938 дар Англия болоравии истеҳсолот оғоз ёфта, то миёнаҳои соли 1939 ба сатҳи тобӯҳронӣ расид. Истеҳсоли нерӯи барқ, автомобил, пӯлод ва оҳан зиёд гардид ва сохтмон вусъат ёфт, шумораи бекорон кам шуд.

Дар солҳои 1934 - 1939 дар Англия Иттиҳоди Миллӣ ҳукмронӣ мекард, ки он соли 1935 дар интихоботи парламент ғалаба ба даст оварда буд.

Сарвазири Англия соли 1935 Болдуин ва аз соли 1937 Н. Чемберлен буд. Сиёсати дохилии ҳар ду ҳукумат ҳам ба нафъи табақаҳои болоии Англия равона карда шуда буд. Барои гирифтани пеши роҳи ҳаракатҳои фаъоли иҷтимоӣ якчанд қонун қабул карда шуд.

**Сиёсати хориҷии Англия дар арафаи Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ.** Сиёсати хориҷии Англия дар солҳои 30-юм ба ҳифзи манфиатҳои империалистии мамлакат равона карда шуда буд. Аз ин рӯ, ҳукумат кӯшиш мекард, ки иттифоқи худро бо буржуазияи доминионҳо мустаҳкам карда, бар зидди ҳаракати миллию озодихоҳӣ мубориза барад. Ин иттифоқ дар сурати ҷанги Англия бо давлатҳои хориҷӣ ба нафъи империализми Британия хизмат мекард.

Сиёсати зиддихалқии империализми Британия дар муносибат бо Ҳиндустон баръало исбот мегардид. Британияи Кабир мехост, ки мустамликадории худро дар ин ҷо абадӣ гардонад. Бо ҳамин мақсад соли 1935 барои Ҳиндустон конститутсияи навро таҳия намуд, ки он "Қонун дар бораи идораи Ҳиндустон" ном дошта, ҳолати мустамликавии Ҳиндустонро мустаҳкам ва идома мебахшид.

Дар арафаи Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ҳукумат дар палатаи лордҳо лоиҳаи қонунеро тасдиқ кунонд, ки он ҳокимияти бе ин ҳам номаҳдуди генерал-губернатори Ҳиндустонро боз ҳам васеътар кард. Ин қонун ба губернатори Ҳиндустон ҳуқуқҳои диктаторӣ дод.

Англия дар Миср ҳам хӯҷаинӣ мекард. Иқтисод ва молияи Миср пурра дар зери назорати Англия буданд. Соли 1936 Англия бо Миср шартномаи асоратоварро ба имзо расонда, онро тобеи худ гардонд. Англия ҳуқуқ пайдо кард, ки артиши худро дар ин мамлакат мустақар кунонад.

Сиёсати Англия нисбат ба доминиони "таслимнашаванда", яъне Ирландия тағйир наёфт. Англия Ирландияро аз ҷиҳати иқтисодӣ сахт



2—К-9371

истисмор мекард. Соли 1937 парламенти Ирландия Конститутсияи нави мамлакатро қабул кард, ки он Ирландияро соҳибистиқлол эълон намуд. Вале баъди ин ҳам тобеияти Ирландия ба шоҳигарии Англия аз байн нарафт.

Дар солҳои 1934 – 1939 муносибатҳои Англия бо Германия, Италия ва Ҷопон тезу тунд шуданд.

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

**1.** Дар ҳаёти сиёсии Англияи баъдиҷангӣ кадом тағйиротҳо ворид гардиданд? **2.** Англия ба маҷрои ҳаёти осоишта чӣ тавр дохил мешуд? **3.** Кадом ҳизбҳои сиёсии Англияро медонед? **4.** Мустамликаи калонтарини Англияро аз харитаи таърих нишон диҳед. **5.** Дар бораи нуктаҳои асосии сиёсати хориҷии Англия дар солҳои 1919 – 1923 иттилоъ диҳед. **6.** Дар бораи болоравии иқтисодии Англия дар солҳо 1924 – 1929 далелҳо биёред. **7.** Дар солҳои 1924 – 1929 мубориза сиёсӣ дар Англия чӣ тавр ҷараён меёфт? **8.** Ҳукумати Англия барои аз бӯҳрони иқтисодӣ баровардани мамлакат кадом роҳу воситаҳоро ба кор мебурд? Оё онҳо фоида оварданд? **9.** Дар бораи болоравии иқтисодии Англия дар солҳои 1934 – 1939 нақл кунед. **10.** Дар бораи сиёсати мустамликадории Англия чӣ гуфта метавонед? **11.** Дар солҳои 30-юм муносибатҳои Англия бо кадом давлатҳо тезу тунд шуданд? **12.** Аз мавзӯъ хулоса бароред.

## § 4. ФАРОНСА

**Зарари Ҷанги якуми ҷаҳонӣ ба Фаронса.** Ҷанги якуми ҷаҳонӣ ба Фаронса бадбахтиҳои бешумор овард. Зиёда аз 2 миллион нафар одам ҳалок ва маъюб гардид. Даҳ вилояти тараққикардаи саноатӣ хароб ва ғорат карда шуд. Мамлакати дорои захираи калони пулӣ ба мамлакати аз сармоядорони ИМА ва Англия қарздор табдил ёфт. Қарзи давлатии Фаронса қариб 50 фоизи бойгарии миллиро ташкил намуд. Ҳаҷми истеҳсоли саноатӣ танҳо 57 фоизи давраи тоҷангиро ташкил кард. Дар солҳои аввали баъдиҷангӣ ҳам пастравии он идома дошт.

**Фаронса дар солҳои 1919–1929.** Ба сабаби тараққиёти саноати ҳарбӣ дар марказ, қисматҳои ҷанубу ғарбӣ, ҷануб ва ғарби мамлакат марказҳои нави саноатӣ бунёд шуданд. Дар он ҷойҳо корхонаҳои металлургӣ, мошинсозӣ, таҷҳизоти электротехникӣ ва корхонаҳои дигаре сохта шуданд, ки бо таҷҳизоти пешқадам мусаллаҳ буданд.

Дар ин давра сармояи саноатию бонкӣ афзуда, ба марказонида шудани саноати Фаронса мусоидат кард. Ба Фаронса баргардонда

шудани вилоятҳои Элзас ва Лотарингияи дорои саноати пешқадами ҳозиразамон ва захираҳои бойи зеризаминӣ ба пешрафти умумии иқтисоди мамлакат мадад расонданд. Аксарияти корхонаҳои саноатии ин вилоятҳо ба ихтиёри инҳисорчиён – соҳибони консернҳои Де Ванделей ва Шнейдерҳо гузаштанд. Барои азнавбарқароркунии вилоятҳои дар ҷанг харобгардида Банки Қарзи Миллӣ фаъолона ширкат меварзид. Дар натиҷаи ин дар иқтисоди Фаронса тағйиротҳои куллӣ ба амал омаданд. Дар даромади миллӣ ҳиссаи саноат афзуд. Дар содирот маҳсулоти саноати вазнин афзалият пайдо намуд. Қисми зиёди сармоя на барои қарздиҳӣ, балки ба истеҳсолот равона мешуд. Дар ин давра сармояи Фаронса асосан ба мустамликаҳо бароварда мешуд.

Баъди ҷанг дар Фаронса низоми демократии сиёсии бисёрҳизбӣ пайваста ташаккул меёфт. Нерӯҳои сиёсӣ дар давраи интихоботи парламентӣ барои ба мақсадҳои барномавии хеш расидан дар иттиҳодияҳои интихоботӣ муттаҳид мешуданд. Нерӯҳои молиявию саноатӣ дар интихоботи соли 1919 Кумитаи ҷумҳуриявии тиҷорату саноат ва Иттифоқи манфиатҳои иқтисодиро таъсис намуда, барои ғалабаи номзадҳои худ маблағи зиёд – бештар аз 60 миллион франк харҷ карданд. Ҳамаи аҳзоби ростгаро дар Иттиҳоди Миллӣ муттаҳид шуданд. Дар муқобили Иттиҳоди Миллӣ аҳзоби чапгаро меистоданд. Инҳо ҳизбҳои радикалӣ, радикал-сотсиалистӣ ва сотсиалистӣ буданд.

Дар барномаҳои пешазинтихоботии онҳо сиёсати иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва хориҷӣ дарҷ гардида буд. Масалан, дар барномаи нерӯҳои чапгаро милликунонии корхонаҳои калони саноатии таъйиноти истеъмолӣ, ҷорӣ намудани андоз аз даромад, ба манфиати коргарони фабрикаю заводҳо қабул кардани қонунҳо ва ғайра баён ёфта буданд. Ҳизби Сотсиалистӣ бошад, барномаи интихоботии ислоҳоти давлатиро пешниҳод намуд.

Дар интихоботи соли 1919 Иттиҳоди Миллӣ ба Палатаи намояндагон аз се ду ҳиссаи ваколатномаҳои вакилонро соҳиб шуд.

Интихоботҳои парламентии солҳои 1924 ва 1929 ҳам бо ҳамин усул сурат гирифтанд.

**Сиёсати хориҷии Фаронса дар солҳои 1919 – 1929.** Сиёсати хориҷии Фаронса дар ин солҳо асосан аз Созишномаи Версал бармеомад. Вилоятҳои Элзас ва Лотарингия ба Фаронса пас баргардонда шуданд. Фаронса ҳавзаи Саарро аз Германия ба муддати 15 сол ба иҷора гирифт. Таҳти назорати Антанта мондани соҳили чапи дарёи Рейн ва ба минтақаи ғайриҳарбӣ табдил дода шудани он яке аз муваффақиятҳои калони сиёсати хориҷии Фаронса буд. Фаронса ба заиф гардондани Германия ҳам муваффақ шуд. Ин ҳолати Германия мақоми Фаронсаро дар Европа ва ҷаҳон баландтар кард. Мулкҳои

мустамликавии Фаронса васеъ шуданд. Як қисми Конгоро ба даст даровард. Барои бо Англия якҷоя идора кардани Того ва Камерун аз Лигаи Миллатҳо ваколатнома гирифт. Аз 132 млрд. маркаи тиллоии товони ҷанг (аз Германия) 52 фоиз, яъне 64 милиардро Фаронса ба даст даровард.

Соли 1921 Фаронса бо Полша иттифоқи ҳарбӣ баст. Баъди ин бо дастгирии Фаронса дар ҳайати Чехословакия, Югославия ва Руминия Антантаи Хурд созмон дода шуд. Фаронса ният дошт, ки ба ин давлатҳо такя карда, бар зидди Германия муборизаро давом бидиҳад.

**Бӯҳрони иқтисодии солҳои 30-юм дар Фаронса.** Дар Фаронса бӯҳрони иқтисодии ҷаҳонӣ таъсири камтар дошт. Дар солҳои 20-ум Германия ба Фаронса товони ҷанг дод. Ҳарбикунонии мамлакат пеши роҳи шиддати бӯҳрони иқтисодиро гирифт. Аз ин рӯ, бӯҳрони иқтисодӣ Фаронсаро як сол дертар – соли 1930 фаро гирифт ва он то соли 1936 давом кард. Соли 1936 оғози болоравии нави саноату кишоварзӣ вазъи зиндагии халқро то андозае беҳтар кард. Вале соли 1937 Фаронса ба бӯҳрони нави иқтисодӣ дучор омад, ки он то оғози Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ тӯл кашид.

Дар солҳои бӯҳрони иқтисодӣ дар Фаронса сармояи давлатии иқтисодӣ ва дахолати давлат ба фаъолияти бонкҳою инҳисорҳо, нархгузорӣ, маҳдуд кардани ҳаҷми истеҳсолот дар кишоварзӣ ва аз худ кардани бойгарии мустамликаҳо зиёд шуд. Бо тақозои инҳисорчиёни калон ҳукумати Фаронса бо ном "Соҳаҳои зери ҳифозат"-ро таъсис намуд. Ба он бонкҳои асосӣ, ширкатҳои калони роҳҳои оҳан, корхонаҳои калони металлургию химиявӣ ва ширкатҳои тиҷоратии ба бозори хориҷӣ робитадошта шомил гардиданд. Корхонаҳои "Соҳаҳои зери ҳифозат" аз хазинаи давлат ёрии калон гирифта, супоришҳои давлатиро иҷро менамуданд. Ин сиёсат Фаронсаро аз бӯҳрони иқтисодӣ бароварда бошад ҳам, корхонаҳои хурд ва миёнаро, ки аз дастгирии давлат маҳрум буданд, муфлис гардонда, нархи молҳои кишоварзӣ, косибӣ ва савдогарони хурдро паст кард.

**Ҳаёти сиёсии Фаронса дар солҳои 30-юм.** Соли 1932 дар Фаронса интихоботи навбатии парламентӣ баргузор гардид. Раиси Шӯрои Вазирони Фаронса А. Тардье иброз дошт, ки Фаронса аз бӯҳрони иқтисодӣ дар ҳамон сурат зарар нахоҳад дид, ки агар нақшаи "Азнавсозии миллӣ"-и ӯ аз тарафи интихобкунандагон дастгирӣ ёбад. Ӯ хост, ки радикал-сотсиалистонро ба тарафи худ кашад, вале ба мақсади худ нарасид. Сарвари радикал-сотсиалистҳо дар арафаи интихобот бо номи "Картели чап" иттиҳоди интихоботӣ ташкил намуд. Ба ин иттиҳод гурӯҳҳои гуногуни сиёсии чапгаро ворид гардиданд.

Дар интихоботи мазкур "Картели чап" ғолиб баромад. Сардори ҳукумат Эррио таъйин гардид. Ин ҳукумат дар сиёсати иҷтимоии худ

ба муваффакияти чашмрасе ноил шуд. Дар сиёсати хориҷӣ бошад, ба муваффақияти бештаре расид. Ҳукумати Э. Эррио соли 1932 бо ИҶШС дар бораи ба ҳамдигар ҳуҷумнакунӣ созишнома ба имзо расонд.

Дар солҳои 30-юм дар байни нерӯҳои чапгаро ва ростгаро барои ба ҳокимият соҳиб шудан рақобати сахт чараён дошт. Дар ин давра нерӯҳои чапгаро дар байни аҳли меҳнат таъсири зиёд доштанд. Бинобар ин нерӯҳои ростгаро маҷбур буданд, ки бо нерӯҳои навтаъсиси фашистӣ дар Фаронса ҳамкорӣ кунанд. Дар оғози ҳамин давра дар Фаронса ҳатто хавфи табаддулоти фашистӣ ҷой дошт. Ба фашистони Фаронса баъзе сармоядорон ва ширкатҳои калон ёрии молиявӣ мерасонданд. Дар байни онҳо "Кумите де Форж", "Кумитаи саноати ангишт" ва консерни ҳарбии "Шнейдер-Крезо" низ буданд.

Солҳои 1934 – 1935 нерӯҳои зиддифашистӣ Ҷабҳаи Миллӣ ташкил намуданд. Онҳо барномаи интихоботии худро таҳия карда, ба маъракаи интихоботии соли 1936 ворид шуданд. Дар ин барнома ҳифзи озодиҳои демократӣ, халъи силоҳ, пароканда кардани лигаҳои фашистӣ, афви умумӣ, кафолати ҳуқуқҳои иттифокҳои касаба барои тамоми меҳнаткашон, милликунонии саноати ҳарбӣ, ҳамкории байналхалқӣ дар ҳайати Лигаи Миллатҳо, ташкил намудани амнияти коллективона, чораҳои зидди таҷовузкорӣ, вусъат додани ҳаракат барои сулҳ, барқарор намудани қобилияти харидории аҳолӣ, ташкил намудани хазинаи миллии ёрӣ ба бекорон, бе кам кардани музди меҳнат кам кардани ҳафтаи корӣ, нафақа барои пиронсолон, мубориза бар зидди ҳаннотӣ ва қиматӣ ва ғайраҳо дохил карда шуда буданд.

Дар ин интихобот нерӯҳои дар Ҷабҳаи Миллӣ муттаҳидшуда ғалаба карданд.

Ба ҳукумати Ҷабҳаи Миллӣ сотсиалист Леон Блюм роҳбарӣ мекард. Ин ҳукумат барои амалӣ намудани барномаи пешазинтихоботӣ ҷидду ҷаҳди зиёде ба харҷ дод ва як қисми онро иҷро ҳам намуд. Лекин соли 1937 ҳукумати Блюм ба истеъфо рафт, чунки аз ӯҳдаи иҷрои ҳамаи ваъдаҳои пешазинтихоботии Ҷабҳаи Миллӣ баромада натавонист. Ӯро радикал К. Шотан иваз намуд. Вале ҳукумати Шотан ҳам аз ӯҳдаи иҷрои барномаи Ҷабҳаи Миллӣ набаромада, аз иҷрои ин кор даст кашид ва дере нагузашта ба истеъфо рафт. Ба ҳукумати нав муваққатан аз нав Леон Блюм роҳбарӣ кард. 10 апрели соли 1938 ҳукумати сотсиал-радикалҳо бо сардории Э. Даладье ташкил ёфт. Ҳукумати нав ба хулоса омад, ки Фаронсаро аз бӯҳрони иқтисодӣ тавассути аз "музаффариятҳо"-и Ҷабҳаи Миллӣ даст кашидан баровардан мумкин аст.

**Сиёсати хориҷии ҳукумати Ҷабҳаи Миллӣ.** Чораҷӯиҳои ҳукуматии Ҷабҳаи Миллӣ ва ҳукумати Даладье қобилияти мудофиавии Фаронсаро суст карданд. Ӯ ошкоро табаддулоти генерал Франкоро дар Испания

дастгирӣ намуд. Соли 1938 Даладъе ҳатто сарҳади байни Испания ва Фаронсаро кушода, бо ин кирдори худ имконият дод, ки дар Испания фашизм ғалаба кунад.

Моҳи сентябри соли 1938 Гитлер талаб кард, ки вилояти Судети Чехословакия ба Германия дода шавад. Даладъе розӣ шуд ва 29 сентябри соли 1938 дар конференсияи Мюнхен дар баробари намояндагони Англия, Германия, Италия ва Чехословакия барои ба Германия додани вилояти Судети Чехословакияи соҳибистиқлол имзо гузошт.

Хиёнати Мюнхен Ҷабҳаи Миллиро парокапда кард, чунки ҷонибдори сиёсати хориҷии Фаронса танҳо Ҳизби радикал-сотсиалистӣ буд. Нерӯҳои дигари сиёсӣ аз ҷабҳа баромадани худро эълон карданд.

Баъди хиёнати Мюнхен ҳукумати Фаронса дар амал ба ифодагари манфиатҳои сиёсати хориҷии Германия табдил ёфт.

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

**1.** Ҷанги якуми ҷаҳонӣ ба Фаронса чӣ зарар овард? **2.** Дар солҳои 1919 – 1923 болоравии саноати Фаронса чӣ тавр сурат гирифт? **3.** Дар бораи фаъолияти Иттиҳоди Миллӣ маълумот диҳед. **4.** Низоми сиёсати хориҷии баъдиҷангии Фаронсаро шарҳ диҳед. **5.** Нуктаҳои асосии сиёсати хориҷии Фаронсаи солҳои 1924 – 1929-ро баён кунед. **6.** "Картели чап" дар Фаронса кай ба сари қудрат омад? **7.** Антантаи Хурд кадом давлатҳоро дар бар гирифт? **8.** Бӯҳрони иқтисодии ҷаҳонии солҳои 1929 – 1933 ба Фаронса чӣ зарар овард? **9.** Фаъолияти Ҷабҳаи Миллии Фаронсаро шарҳ диҳед. **10.** Оё Ҷабҳаи Миллӣ ба муваффақияте ноил шуд? **11.** Дар бораи сиёсати хориҷии ҳукумати Ҷабҳаи Миллӣ ва Даладъе нақл кунед. **12.** Ба сиёсати дохилӣ ва хориҷии Фаронсаи солҳои 20-ум ва 30-юм баҳо диҳед. **13.** Аз мавзӯъ хулоса бароред.

## § 5. ИЁЛОТИ МУТТАҲИДАИ АМЕРИКА ДАР СОЛҲОИ 1919 – 1929

**Оқибати Ҷанги якуми ҷаҳонӣ барои ИМА.** Ҷанги якуми ҷаҳонӣ қитъаи Америкаро фаро нагирифта буд. Иштироки артиши Америка дар амалиётҳои ҳарбӣ танҳо тобистони соли 1918 оғоз ёфт. Аз ин рӯ, талафоти ҷонии ИМА ҳамагӣ 120 ҳазор ва захмбардоштагон 280 ҳазор нафарро ташкил намуданд.

Аз назари иқтисодӣ Ҷанги якуми ҷаҳонӣ ба ИМА даромади калон овард. ИМА ба давлатҳои ҷангкунанда лавозимоти ҳарбӣ, сару либос, хӯрокворӣ ва ғайра мефурӯхт. Даромади софи инҳисорҳои Америка аз

ин хисоб 39,6 млрд. долларро ташкил намуд. Ин даромад имконият дод, ки маблағгузорӣ ба саноати мамлакат афзояд. Маҳз бо ҳамин сабаб хиссаи ИМА дар истеҳсоли саноатии ҷаҳон афзуд. Соли 1920 ИМА қариб нисфи истехсоли ҷаҳонии ангишт, аз панҷ се хиссаи чӯян ва пӯлод, аз се ду ҳиссаи нефт ва 85 фоизи автомобилхои истеҳсолкардашудаи ҷаҳонро медод. Ҳамин тариқ, ИМА ба давлати пуриктидортарини дунё табдил ёфт.

ИМА дар давраи пеш аз ҷанг дар масъалаи ба хориҷа содир кардани сармоя аз давлатхои дигари пуриқтидори ҷаҳон ақиб мемонд. Он хамагӣ 3 млрд. долларро ташкил медод, дар сурате, ки давлатхои Европа ба ИМА 5 млрд. доллар ворид намуда буданд.

Супоришҳои бузурги ҳарбии давлатҳои Антанта ба ширкатҳои Америка қарзи Иёлоти Муттаҳидаи Америкаро кам карданд. То соли 1919 маблағгузории дарозмуддати давлатҳои Европа дар ИМА то 3 млрд. доллар паст фаромад. Дар баробари ин ИМА содироти сармояро ба хориҷа густариш дод. Шакли асосии ин содирот вомбаргхо буданд. Маблағи умумии содироти вомбаргхо то аввали соли 1921 11 млрд. долларро ташкил намуд. Ба давлатҳои хориҷӣ маблағгузории хусусии сармоядорони Америка низ афзуд. Соли 1919 ин гуна маблағгузорӣ ба 6,5 млрд. доллар расид. Аз ин бармеояд, ки ИМА дар солҳои ҷанг аз мамлакати қарздор ба мамлакати бузурги қарздиҳанда табдил ёфта будааст.



Хенри Форд ва писараш бо яке аз аввалин автомобилхо ва автомобили 10-миллионаи тамгаи "Форд-Модел-Т"

Чунин ҳолат доираҳои ҳукмрони Америкаро водор менамуд, ки барои дар ҷаҳон ба мақоми сарварӣ соҳиб шудани Иёлоти Муттаҳидаи Америка мубориза баранд. Ба ин сиёсат президенти Америка Вудро Вилсон асос гузошта буд.

**Сиёсати хориҷии ИМА дар солҳои 1919–1924.** Сиёсати хориҷии ИМА дар давраи баъдиҷангӣ дар "Чаҳордаҳ модда"-и 8 январи соли 1918 ба Конгресс пешниҳодкардаи президент Вудро Вилсон инъикос гардидааст. Дар ин нома барномаи баъдиҷангии азнавсозии муносибатҳои байналхалқӣ ва мақоми ИМА пешниҳод шуда буд. Дар ин ҳуҷҷат, аз он ҷумла чунин масъалаҳо баён ёфта буданд: бекор кардани созишномаҳои дар солҳои ҷанг ба таври пинҳонӣ басташудаи давлатҳои Антанта, эътирофи ҳуқуқи худмуайянкунии халқҳои давлатҳои мустамлика, барои ҳамаи мамлакатҳои ҷаҳон фароҳам овардани шароити яксхелаи гумрукӣ, дар мулкҳои Германия ва Туркия эълон кардани қоидаи "дарҳои кушода" ва ғайра.

Дар Конференсияи байналхалқии Париж вакилони ИМА маҳз барои иҷро гардидани ҳамин барнома ҷидду ҷаҳд намуданд. ИМА намехост, ки Фаронса ва Англия дар натиҷаи қарорҳои Созишномаи сулҳи Париж аз ҳад зиёд пурзӯр шаванд. Президенти ИМА В. Вилсон бар он ақида буд, ки Лигаи Миллатҳо барои Америка ҳамин вазифаро иҷро менамояд. Аз ин рӯ, созмон дода шудани Лигаи Миллатҳоро ҳарҷониба дастгирӣ ва ташвиқу тарғиб мекард. Лекин ба ИМА Англия ва Фаронса муқобилияти сахт нишон дода, ин конференсияро ба маҷрои манфиатҳои худ дохил намуданд. Ҳамин тариқ, нақшаҳои В. Вилсон дар Конференсияи сулҳи Париж амалӣ нашуданд. Шикасти дипломатии В. Вилсон дар Париж норозигии сармоядорон ва сиёсатмадорони Америкаро ба вуҷуд овард. Бо сардории Раиси Комиссияи Сенат оид ба корҳои хориҷӣ Генри Кэбот Лоҷ нисбати В. Вилсон оппозитсия ба вуҷуд омад. Ҷонибдорони Лоҷ талаб мекарданд, ки қарорҳои Созишномаи сулҳи Париж тасдиқ карда нашаванд ва ИМА дар фаъолияти Лигаи Миллатҳо ширкат наварзад. Лоҷиҳо шиор ба миён гузоштанд, ки "дастҳои Америка бояд кушода бошанд", то ки ҳукмрони ҷаҳон шуда тавонад. Ба роҳбарияти Ҳизби Ҷумҳуриятхоҳон аз ҷониби Сенат тасдиқ карда нашудани қарорҳои сулҳи Париж муяссар гардид. Сенат қарорҳои Созишномаи сулҳи Парижро рад кард ва сиёсати пешгирифтаи хориҷии ҳукумати В. Вилсон шикаст хӯрд.

**Вазъи дохилии ИМА дар солҳои 1919–1924.** Низоми танзими давлатии иқтисоди мамлакат яке аз сабаб ва омилҳои асосии болоравии иқтисодии ИМА гардид. Дар ин давра Конгресс қонунҳоеро қабул кард, ки ба пешравии саноат ва кишоварзӣ мусоидат намуданд. Дар натиҷа даромади корхонаҳои саноатӣ ва фермерҳо афзуд. Музди

меҳнати заҳматкашон ва хизматчиёни давлатӣ низ боло рафт. Зиндагии мардум беҳтар шуд.

Тағйирот дар ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ ба ҳаёти сиёсии мамлакат низ таъсир расонд. Тараққиёти сармояи давлатии инҳисорӣ дар мамлакат боиси пурзӯршавии неруҳои иртиҷоӣ гардид. Дар охирҳои соли 1920 ва аввали соли 1921 бо амри вазири адлия комиссия дар сар то сари мамлакат гирудорҳои "радикалҳо"-ро ташкил намуд. Дар натиҷаи ин қисме аз зиёиёни пешқадам ба маҳбас партофта ва ё ба хориҷи кишвар бадарға карда шуданд. Дар ин давра ҳар гуна гурӯҳҳои иртиҷоӣ, аз он ҷумла Лигаи Америка ва дастаҳои Ку-клукс-кланҳо ба фаъолият шурӯъ карда, бар зидди аҳолии ғайрисафедпӯст мубориза мебурданд.

Ҳаракати иҷтимоӣ дар нимаи аввали солҳои 20-ум иёлоти зиёди Америкаро фаро гирифт. Мардум аз арзишҳои демократӣ ва ғояҳои озодию бародарӣ ҳимоя мекарданд.

Дар мамлакат мисли пештара ду ҳизби асосӣ – Ҳизби Демократӣ ва Ҳизби Ҷумҳуриятхоҳон бо ҳамдигар барои ҳокимият рақобат мекарданд. Дар баробари онҳо ҳизбу созмонҳои дигар ҳам ташкил ёфтанд. Соли 1919 дар ш. Чикаго анҷумани умумиамерикавие баргузор гардид, ки он Ҳизби Миллии Коргариро таъсис дод. Дар ин давра Федератсияи Меҳнати Чикаго, Лигаи Ғайриҳизбиҳо, Комитети 48 ва Ҳизби Сотсиалистӣ низ ташкил ёфтанд. Дар ҳайати Ҳизби Сотсиалистӣ қаноти чап ташкил ёфт, ки он ба ақидаҳои коммунистӣ такя мекард. Аъзои ин гурӯҳ соли 1919 аз Ҳизби Сотсиалистӣ ҷудо шуда, ду ҳизби коммунистӣ ташкил намуданд.

Ҳар ҳизби сиёсӣ ҷомеаи Америкаро ба таври худ дидан мехост. Ҳаёти сиёсии Америка дар давраи интихоботҳои президентӣ ва парламентӣ махсусан ҷоннок мешуд.

Солҳои 1919–1920 дар ИМА бӯҳрони барзиёдистеҳсолкунӣ ба амал омад. Бо ҳамин сабаб нархи маҳсулоти кишоварзӣ 3-4 баробар паст фаромад. Истеҳсоли саноатӣ маҳдуд ва музди меҳнат кам шуд. Ин ҳолат обрӯи Ҳизби Демократии дар сари қудратбударо паст кард. Аз ин ҳолат Ҳизби Ҷумҳуриятхоҳон устокорона истифода бурд. Дар интихоботи президентии соли 1920 номзади ин ҳизб Уоррен Гардинг ба гирифтани зиёда аз 16 миллион овози интихобкунандагон ноил шуд ва президенти ИМА интихоб гардид. Соли 1923 Гардинг вафот кард ва ҷои ӯро то интихоботи навбатии президентӣ Калвин Кулиҷ ишғол намуд. Дар интихоботи президентии соли 1924 Ҳизби Ҷумҳуриятхоҳон аз нав ғолиб баромад. Номзади он Калвин Кулиҷ 15,7 миллион овоз гирифта, ба мӯҳлати 4 соли оянда президенти ИМА интихоб шуд.

**Болоравии нави иқтисодии ИМА.** Аз соли 1924 сар карда болоравии нави иқтисодии ИМА оғоз ёфт ва он то соли 1929 давом

кард. Дар охири солҳои 20-ум нисбат ба давраи тоҷангӣ истеҳсолоти саноатии ИМА 70 фоиз афзуд, ки он 48 фоизи истеҳсолоти умумии саноатии мамлакатҳои сармоядории ҷаҳонро ташкил намуд. Соли 1924 ИМА нисбат ба ҷамъи давлатҳои Англия, Фаронса, Германия, Италия ва Ҷопон 10 фоиз зиёдтар маҳсулоти саноатӣ истеҳсол кардааст. Ба ҷунин суръати тараққиёти саноат ИМА дар натиҷаи навоварӣ, ҷорӣ намудани стандартизатсия, ба миқдори зиёд истеҳсол кардани маснуоти техникию технологӣ ноил гардид.

Дар шароити болоравии иқтисодӣ соли 1928 дар ИМА интихоботи навбатии президентӣ баргузор гардид, ки дар он номзади Ҳизби Ҷумҳуриятхоҳон Герберт Гувер ғолиб баромад. Ӯ фаро расидани "асри шукуфони абадӣ"-и Иёлоти Муттаҳидаи Америкаро пешгӯӣ кард.

**Сиёсати хориҷии ИМА дар солҳои 1924-1929.** Ба иқтидори бузурги иқтисодии Америка такя намуда, Ҳизби Ҷумҳуриятхоҳон дар марҳалаи аввал сиёсати ишғоли молиявию иқтисодии ҷаҳонро ба ҷои аввал гузошт. Дар солҳои 20-ум аз рӯи ҳаҷми содирот ИМА ҷои якумро дар ҷаҳон дар дасти худ нигоҳ медошт. Дар охири ҳамин давра маблағгузории Америка дар хориҷи кишвар наздики 16,5 млрд. доллар ва бо ҳамроҳии вомбаргҳои давлатӣ 27 млрд. долларро ташкил намуд.

Аз тарафи ИМА забти фаъолонаи иқтисодии мамлакатҳои Америкаи Лотинӣ ба тезӣ ба амал меомад. То соли 1929 маблағгузории ИМА дар мамлакатҳои Америкаи Марказӣ ва Ҷанубӣ ба ҳаҷми дар ин ҷо маблағгузорӣ кардани Англия баробар шуд. Дар охири солҳои 20-ум аз 20 мамлакати Америкаи Лотинӣ 14-тояш дар зери назорати иқтисодӣ ва ҳарбии Америка буд.

ИМА ба Шарқи Дур ҳам диққати ҷиддӣ медод, алалхусус ба Чин. ИМА аз ин ҷо рақибони деринаи худро то ҳадде танг карда баровард, вале мавқеи ҳукмронии Ҷопон дар бозорҳои Чин ҳанӯз ҳам идома дошт. Ҳарчанд ИМА, Англия ва Ҷопон дар масъалаи бозори Чин бо ҳамдигар рақобат мекарданд, вале ҳангоми соли 1924 дар Чин оғоз ёфтани инқилоби буржуазӣ онҳо зуд қувваҳои худро муттаҳид карда, бар зидди инқилоби Чин ба мубориза бархостанд, чунки ин инқилоб хилофи манфиатҳои ҳар сеи онҳо буд.

Дар солҳои 20-ум ИМА мавқеи худро дар Европа ҳам мустаҳкам кард. Дар ин қитъа "Нақшаи Дауэс" амалӣ шуд. Вомбаргҳои америкавӣ аввал дар Германия ва баъд дар баъзе давлатҳои дигари Европа ҳам ҳукмрон гардиданд. Вомбаргҳои чандинмиллиардаи ИМА ба нику́рталабони Германия имконият доданд, ки иқтидори ҳарбию иқтисодии мамлакати худро аз нав барқарор намоянд.

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

**1.** Ҷанги якуми ҷаҳонӣ барои ИМА чӣ тавр анҷом ёфт? **2.** Ҷанги якуми ҷаҳонӣ аз назари иқтисодӣ ба ИМА чӣ дод? **3.** Президент Вудро Вилсон ба кадом сиёсати хориҷии ИМА асос гузоштааст? **4.** "Чаҳордаҳ модда"-и Вудро Вилсонро шарҳ диҳед. **5.** Вакилони ИМА дар Конференсияи сулҳи Париж аз рӯи кадом барнома амал карданд? **6.** Оё дипломатияи ИМА дар Конференсияи сулҳи Париж ғалаба кард? **7.** Ибораи Лоҷ "дастҳои Америка бояд кушода бошанд"-ро шарҳ диҳед. **8.** Дар бораи ҳаёти иқтисодию сиёсии ИМА дар солҳои 1919 – 1924 нақл кунед. Конгресси ИМА барои пешрафти иқтисодии ИМА кадом воситаҳоро ба кор мебурд? **9.** Дар бораи болоравии иқтисодии ИМА дар солҳои 1924 – 1929 далелҳо биёред. **10.** Ба сиёсати хориҷии ИМА дар масъалаи иқтисодӣ чӣ хел баҳо медиҳед? **11.** Дар бораи ҳаёти сиёсии ИМА дар солҳои 1919 – 1929 нақл кунед. **12.** Аз мавзӯъ хулоса бароред.

## § 6. ИЁЛОТИ МУТТАҲИДАИ АМЕРИКА ДАР СОЛҲОИ 1929 – 1939

**Бӯҳрони иқтисодии солҳои 1929 – 1933.** Бӯҳрони иқтисодии дар мамлакатҳои сармоядории ҷаҳон баамаломада, пеш аз ҳама, Иёлоти Муттаҳидаи Америкаро фаро гирифт. Ин бӯҳрони барзиёдистеҳсолкунӣ буд. Он соли 1929 дар биржаи Нию Ёрк оғоз ёфтааст.

Бӯҳрони иқтисодӣ дар ИМА бештар ба саноати вазнин зарар овард. Барои дар сатҳи қаблӣ нигоҳ доштани даромад иттиҳодияҳои инҳисорӣ аз сиёсати ба таври сунъӣ дар сатҳи баланд нигоҳ доштани нархҳо истифода мебурданд. Барои ин онҳо ҳаҷми истеҳсолро ба ҳадди ақал мерасонданд. Ҳамин тариқ, истеҳсоли пӯлод дар солҳои бӯҳрон бештар аз чор маротиба кам шуд. Аз 285 печи доменагӣ дар ИМА дар миёнаи соли 1932 ҳамагӣ 46-тояш кор мекарду бас.

Бӯҳрон аҳволи коргаронро вазнин кард. То охири соли 1932 шумораи бекорон дар Америка қариб ба 17 миллион нафар расид, яъне ҳар коргари дуюм бекор буд. Танҳо 10 фоизи коргарон аз кор пурра таъмин буданд.

Дар аввали солҳои 30-юм аҳволи фермерҳо ба таври фоҷиавӣ бад шуд. Соли 1932 нисбат ба соли 1929 нархи маҳсулоти кишоварзӣ ва чорводорӣ то се-чор маротиба паст гардид. Аз ҳамин сабаб дар чор соли бӯҳрон дар ИМА барои напардохтани қарзҳо ва андозҳо 897 ҳазор хоҷагиҳои фермерӣ ё муфлис ва ё маҷбуран фурӯхта шуданд.

Бӯҳрон тамоми низоми молиявии мамлакатро ҳам фаро гирифт. Моҳи октябри соли 1929 биржаҳои ИМА-ро воҳима зер кард. Нархи саҳмияҳо ба тезӣ паст фаромад. Ин раванд қариб се сол давом кард. То

моҳи марти соли 1933 пастравии нархи умумии саҳмияҳо қариб 19 млрд. долларро ташкил намуд. Бӯҳрони молиявӣ ба тамоми низоми бонкӣ зарба зад. Дар зарфи чор соли бӯҳрон наздики 5 ҳазор банк муфлис шуд, ки ин панҷяки тамоми банкҳои Америкаро ташкил медод.

**Сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҳукумати Гувер.** Маъмурияти ҷумҳуриятхоҳон роҳҳои аз бӯҳрон баровардани Иёлоти Муттаҳидаи Америкаро саросемавор меҷуст. Ба халқи Америка ваъдаҳо медод. Вале дар аввал президент Гувер барои беҳтар кардани аҳволи мардум ғайр аз барои бекорон ташкил намудани ҷойҳои кории начандон зиёд чораи дигаре андешида натавонист.

Сиёсати кишоварзии ҳукумати ИМА ба талаботи рӯз ҷавобгӯй набуд. Моҳи июни соли 1929 иҷлосияи махсуси Конгресс "Қонун дар бораи фурӯши молҳои кишоварзӣ"-ро қабул кард. Дар асоси ин қонун идораи федералии фермерӣ таъсис дода шуд. Ин қонун мебоист вазифаи ба эътидол овардани нархи наворо иҷро менамуд. Бо ҳамин мақсад аз хазинаи давлат ба идораи федералии фермерӣ 500 миллион доллар ҷудо карда шуд. Амалиёт оид ба хариди молҳои кишоварзӣ бо баъзе танаффусҳо қариб якуним сол давом кард. То миёнаҳои соли 1931 дар анборҳои идора захираи бузурги ин маҳсулот – 257 миллион бушел (1 бушел ба 36,3 кг баробар аст. *Шарҳи Т. Зиёев*) гандум ва 1,3 миллион той пахта ҷамъ карда шуд. Чунин сиёсат кишоварзонро аз пурра муфлисшавӣ то якдараҷа нигоҳ дошт, вале пеши роҳи бӯҳрони ин соҳаро гирифта натавонист. Идораи федералии фермерӣ захираи бузурги маҳсулоти кишоварзиро бо нархи харидашуда фурӯхта наметавонист. Ба ҳар ҳол ин чора ёрие буд ба фермерҳо.

Ҳукумати Гувер ба ёрии корхонаҳои инҳисорҳо ҳам омад. Ҳукумати федералӣ бо мақсади ҳавасмандкунии маблағгузории хусусӣ барои арзон кардани қарзҳо чораҳо меандешид. Охири соли 1929 андоз аз даромади корхонаҳоро паст кард. Соли 1933 ба молҳои воридотӣ андози гумрукӣ зиёд карда шуд, ки ин чора ба болоравии нархи молҳои дар дохили кишвар истеҳсол кардашуда мусоидат ва истеҳсолкунандагони дохилиро ҳавасманд намуд.

Аз тирамоҳи соли 1931 сар карда ҳукумати Гувер барои гирифтани пеши роҳи муфлисшавии банкҳо ба маблағгузории бевоситаи корхонаҳои инҳисорӣ гузашт. Моҳи октябри ҳамон сол Гувер ташаббускори таъсиси Муассисаи Миллии Қарз шуд, ки сармояи ойинномавии он 500 миллион доллар буд.

Барои аз бӯҳрон баровардани иқтисодиёти ИМА ҳукумати Гувер ва Конгресс чораҳои дигар низ меандешиданд.

Бӯҳрони иқтисодии солҳои 1929 – 1933 мавқеи байналхалқии империализми Америкаро як дараҷа паст кард. Савдои хориҷии ИМА кам шуда, қариб 70 фоизи пеш аз бӯҳронро ташкил намуд.

Бекурбшавии маблағҳои дар хориҷагузоштаи Америка оғоз ёфт. Дар давраи бўҳрон дар байни ИМА ва рақибони империалистии он, махсусан Англия, дар масъалаи бозори фурўши мол ва соҳаҳои маблағгузорӣ муборизаи шадид ба амал омад. Англия Иёлоти Муттаҳидаи Америкаро аз Канада ва Америкаи Лотинӣ фишор дода мебаровард.

Сиёсати хориҷии ИМА дар солҳои 30-юм ба он оварда расонд, ки дар Шарқи Дур манбаи ҷанг ба вуҷуд омад. Вақте ки моҳи сентябри соли 1931 артиши Ҷопон Манҷурияро истило кард, ҳукумати Гувер ҳатто аз маҳкумкунии сохтакоронаи ин иқдоми Ҷопон ҳам худдорӣ кард. Ҳукумати Гувер гумон дошт, ки баъди Манҷурия Ҷопон бар зидди ИҶШС лашкар мекашад. Вале Ҷопон сарбозони худро ба ҷониби Чин равона кард. Аз ин кирдори Ҷопон ИМА норозигии худро иброз дошт. Ба ҳар ҳол рақобат бо ИМА дар Шарқи Дур Ҷопонро аз сиёсати таҷовузкоронаи хориҷӣ боз дошта натавонист.

**"Роҳи нав"-и Франклин Делано Рузвелт.** Охири соли 1932 дар ИМА интихоботи навбатии президентӣ доир гардид. Дар он номзадҳо аз Ҳизби Ҷумҳуриятхоҳон Гувер ва аз Ҳизби Демократӣ Рузвелт иштирок карданд. Дар ин интихобот номзади демократҳо Франклин Делано Рузвелт ғалаба кард. Ба ҷонибдории ў 22,8 миллион нафар интихобкунандагон ва ба ҷонибдории Гувер ҳамагӣ 15,8 миллион нафар овоз доданд. Ҳамин тариқ, дар Америка ҳокимият ба дасти демократҳо гузашт.

9 марти соли 1933, баъди ҳамагӣ якчанд рўзи ба иҷрои вазифаи президентӣ шурўъ намудани Рузвелт, иҷлосияи махсуси Конгресс даъват карда шуд, ки он зиёда аз се моҳ давом кард. Дар ин муддат Конгресс қонунҳоеро қабул кард, ки қариб ҳамаи соҳаҳои ҳаёти Америкаро дар бар гирифтанд. Дар зарфи 100 рўзи аввали президентӣ Рузвелт ба сиёсати оянданаи ҳукумати худ замина гузошт, ки он дар таърихи Америка "Роҳи Нав" ("Нию Диил") ном гирифтааст.

Ҳангоми таҳияи ин сиёсат ақидаҳои иқтисодчии машҳури англис Ҷон Мейнард Кейнс ба роҳбарӣ гирифта шуд. Кейнс ва пайравони ў бар он ақида буданд, ки барои таъмини ҷараёни мўътадили такрористеҳсолкунии сармоядорӣ танзими фаъолонаи давлатии иқтисодиёт зарур аст. Мувофиқи ин нишондод вазифаи муҳимтарини иқтисодии "Роҳи Нав"-и Рузвелт аз он иборат аст, ки тавассути ба рафти такрористеҳсолкунии сармоядорӣ даҳолати қатъӣ кардан иқтисоди Америка аз бўҳрон бароварда шавад. "Роҳи Нав"-и Рузвелт оғози ба ҳодисаи доимии ҳаёти иқтисодии Иёлоти Муттаҳидаи Америка табдил ёфтани сармояи инҳисорӣ буд.

Қисми асосии таркибии "Роҳи Нав"-и Рузвелт "Қонуни Миллии Барқароркунии Саноат" буд, ки он 16 июни соли 1933 ба ҳукми қонун даромад. Ин қонун аз 3 қисмат иборат аст.



Президент Франклин Делано Рузвелт ба яке аз Қонунҳои барномаи "Нию-Дилл" - "Роҳи Нав" имзо мегузорад. .

Дар қисмати аввали ҚМБС ҷорӣ намудани танзими давлатии саноат дар назар дошта шуда буд. Ба ҳамаи иттиҳодияҳои саноатӣ пешниҳод карда шуд, ки барои худ "Қонуни виҷдони соҳибкор"-ро кор карда бароянд. Баъди аз тарафи президенти ИМА тасдиқ карда шудан "Қонуни виҷдони соҳибкор" ҳукми конунро мегирифт. Дар ин қонунҳо шароити корхона, ҳаҷми истеҳсол, бозори молфурӯшӣ ва андозаи нархи молҳо, ки аз он паст фурӯхтан мумкин набуд, инъикос ёфтанд.

Қисмати дуюми "Қонуни Миллии Барқароркунии Саноат" тамоми муносибатҳои меҳнатиро фаро мегирифт. Моддаи 7 ҚМБС муқаррар карда буд, ки соҳибкорон ҳангоми таҳияи "қонунҳои виҷдон" ҳадди ақаллии музди меҳнат ва ҳадди ниҳоии дарозии ҳафтаи кориро муайян намоянд. Ин модда ба кормандони корхонаҳо барои таъсиси иттифоқҳои касаба ва бо соҳибкорон бастани аҳдномаҳои коллективӣ ҳуқуқ медод.




Ҳаракати корпартоӣ дар ИМА дар солҳои 30-юм

Дар танзими муносибатҳои меҳнатӣ Идораи Миллии Меҳнат вазифаи муҳимро иҷро мекард. Вай моҳи августи соли 1933 таъсис ёфт. Соли 1934 бошад, Конгресс Идораи Миллии Муносибатҳои Меҳнатиро таъсис намуд.

Қисмати сеюми "Қонуни Миллии Барқароркунии Саноат" ба масъалаи бекорӣ бахшида шудааст. Конгресс баҳри амалӣ намудани ин қисмати ҚМБС Маъмурияти Корҳои Ҷамъиятиро таъсис намуд, ки ба он вазири корҳои дохилӣ Г. Икес роҳбарӣ мекард. Барои иҷрои барномаи МКҶ 3,6 млрд. доллар ҷудо карда шуд.

Ғайр аз чораҳои "Қонуни Миллии Барқароркунии Саноат" ҳукумати Рузвелт воситаҳои дигари ёрӣ ба бекоронро ҳам истифода мебурд. Баҳори соли 1933 барои ҷавонони бекор ташкил кардани лагерҳои меҳнатӣ оғоз ёфтанд. Худи ҳамон вақт Маъмурияти Махсуси Ёрии Фавқулодда ташкил карда шуд, ки ба он Г. Гопкинс роҳбарӣ мекард. ММЁФ ба додани иҷорапулӣ ба иёлоте, ки барои мубориза бар зидди бекорӣ шурӯъ намудааст, машғул буд. Моҳи ноябри соли 1933 Маъмурияти Корҳои Шаҳрвандӣ ташкил карда шуд. Ин идора бекоронро асосан дар фасли зимистон бо кори муваққатӣ таъмин мекард.

"Роҳи Нав"-и Рузвелт "Қонун дар бораи ёрӣ ба фермерҳо"-ро низ дар бар мегирифт, ки 12 майи соли 1933 қабул шудааст. Дар асоси ин қонун давлат барои аз бӯҳрон баромадан ба хоҷагиҳои фермерӣ ёрии молиявӣ мерасонд.

Татбиқи "Роҳи Нав"-и Рузвелт на танҳо иқтисодиёти Америкаро аз чанголи бӯҳрон халос кард, инчунин давлатро дар ҷаҳон ба ҷои аввал баровард.

**Сиёсати хориҷии ИМА дар солҳои 1933–1939.** Дар баробари ба сари қудрат омадани Франклин Рузвелт сиёсати хориҷии ИМА тағйир наёфт. Мақсади ӯ ҳам дар тамоми ҷаҳон мустаҳкам кардани мавқеи империализми Америка буд. Вале Рузвелт ин сиёсатро эҳтиёткорона амалӣ менамуд.

Маъмурияти демократии ИМА ҳаракат мекард, ки бо мамлакатҳои ҷаҳон муносибатҳои хуб дошта бошад.

Ҳукумати Рузвелт нисбат ба мамлакатҳои Америкаи Лотинӣ сиёсати қатъитарро пеш гирифт, чунки солҳои бӯҳрони иқтисодӣ дар ин ҷо мавқеи ИМА хеле заиф шуда буд. Дар шароити болоравии ҳаракати миллию озодихоҳӣ Рузвелт дар Америкаи Лотинӣ сиёсати "Ҳамсояи нек"-ро эълон кард. Эъломияҳои ботантанаи арбобони сиёсии ИМА дар бораи ба корҳои дохилии давлатҳои Америкаи Лотинӣ "дахолатнакунӣ" тавассути баъзе гузаштканиҳо эътимод пайдо намуданд. Ин буд, ки соли 1924 ҳукумати Ф. Рузвелт артиши Америкаро аз Гаити боз хонд, ки дар он ҷо дар зарфи қариб 20 сол

мустакар буд. Дар созишномаи нав бо Куба "ислоҳи Платта", ки барои ин мамлакат таҳқиромез буд (зеро ба ИМА ҳуқуқ медод, ки бар зидди Куба бо баҳонае ба таҷовузи ҳарбӣ даст занад), бекор карда шуд. Ғайр аз ин бо давлатҳои зиёди Америкаи Марказӣ ва Ҷанубӣ созишномаҳои барои онҳо мусоиди тиҷоратӣ баста шуданд. Ин созишномаю карордодҳо аз ҳамин дипломатияи "гузаштккуниҳо"-и ИМА дарак медиҳанд.

То оғози Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ мавқеи ИМА дар Нимкураи Ғарбӣ на танҳо аз нав барқарор карда шуд, балки боз ҳам қавитар гардид.

Нисбат ба давлатҳои Европа сиёсати солҳои 20-ум пешгирифтаи ИМА амал мекард. ИМА бо давлатҳои Европа ба ягон паймони ҳарбӣ дохил намешуд.

Дар охири солҳои 30-юм дар баробари васеъ шудани ҳудудҳои таҷовузи Германия ва Ҷопон ва тезу тунд шудани зиддиятҳо дар байни ИМА ва мамлакатҳои иттиҳоди фашистӣ Ф. Рузвелт ва арбобони дигари сиёсии мулоҳизакори ИМА баъзан мавқеи ниҳоят ҷиддиро ишғол менамуданд. Ф. Рузвелт тавассути якчанд изҳорот амалҳои таҷовузкоронаи иттиҳоди давлатҳои фашистиро маҳкум кард. Барои исботи ин гуфтаҳо изҳороти Ф. Рузвелт дар Чикаго аз 5 октябри соли 1937-ро ном бурдан мумкин аст. Аз тариқи ин изҳорот Ф. Рузвелт ҳамаи халқҳои сулҳдӯстро даъват кард, ки атрофи давлатҳои таҷовузкорро "мамнӯъ" ("карантин") эълон кунанд. Баъдтар, моҳи январи соли 1939, Ф. Рузвелт пешниҳод кард, ки "Қонун дар бораи бетарафӣ"-и ИМА аз нав дида баромада шавад.

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

**1.** Дар ИМА кадом солҳо бӯҳрони шадиди иқтисодӣ ба амал омадааст? Барои исботи ин фикр аз матн далелҳо биёред. **2.** Дар солҳои бӯҳрони иқтисодӣ чаро дар Америка маҳсулоти барои фурӯш истеҳсолкарда ба фурӯш намерафт? **3.** Президент Гувер барои гирифтани пеши роҳи бӯҳрони иқтисодӣ чӣ чораҳо андешид? **4.** Дар Америка чаро ҳукумат хариди маҳсулоти кишоварзиро ташкил намуд? **5.** Чаро андози гумрукии молҳои воридотӣ зиёд шуд? **6.** Дар бораи сиёсати хориҷии ИМА-и давраи бӯҳрони иқтисодӣ маълумот диҳед. **7.** Дар бораи интихоботи президентии соли 1932-и ИМА чиҳо медонед? **8.** «Роҳи Нав»-и Франклин Делано Рузвелтро шарх диҳед. "Роҳи Нав" аз кадом қисматҳо иборат буд? **9.** Дар замони президентии Ф. Рузвелт оё сиёсати хориҷии ИМА тағйир ёфт? **10.** Аз мавзӯъ хулоса бароред.

## § 7. ИТТИҲОДИ ШӮРАВӢ

**Ҷанги шаҳрвандӣ.** Чӣ тавре ки ба шумо маълум аст, дар Русия 25 октябр (7 ноябр)-и соли 1917 инқилоби сотсиалистӣ ғалаба кард. Лекин на ҳамаи шаҳрвандони империяи паҳноварӣ Русия ҳокимияти болшевиконро қабул карданд. Аз ҳамин сабаб баъди чанде дар ин давлат ҷанги шаҳрвандӣ сар зада, тамоми мамлакатро фаро гирифт. Он дар баъзе ҷойҳо аз соли 1917 то соли 1921, дар баъзе ҷойҳо то соли 1924 ва дар баъзе минтақаҳои дигар аз ин ҳам дертар давом кард.

Болшевикон ҳанӯз дар оғози ҳукмронии худ фаъолияти ҳамаи ҳизбҳои сиёсиро манъ карданд, моликияти хусусиро аз соҳибонашон бо зӯрӣ кашида гирифтанд. Кирдори ҳукумати нав як қисми аҳолиро маҷбур кард, ки ба даст силоҳ бигирад. Сипоҳиёни подшоҳӣ низ ба муқобили ҳокимияти нав бархоста, барои барҳам задани Ҳокимияти Шӯравӣ мубориза мебурданд. Дар байни генералҳои номии артиши подшоҳии Русия Колчак, Деникин, Юденич, Врангел ва Краснов ҳам буданд.

Ба Ҳукумати Шӯравӣ зарур шуд, ки тамоми воситаҳоро барои барҳам задани нерӯҳои зиддишӯравӣ сафарбар намояд. Барои аз яроқу аслиҳа, сару либос ва хӯрокворӣ таъмин намудани Артиши Сурхи навташкил дар мамлакат сиёсати "Коммунизми ҳарбӣ"-ро ҷорӣ намуд. Мувофиқи ин сиёсат бозор, гардиши пул ва хариду фурӯш манъ карда шуд. Дастаҳои махсуси мақомоти ҳокимияти давлатӣ озуқа ва сару либоси зиёдатии мардумро мусодира мекарданд. Дар мамлакат "тақсими озуқа" ("продразвертка") ҷорӣ карда шуд. Ҳамин тариқ, Артиши Сурх аз лавозимоти ҷангӣ, сару либос ва озуқа таъмин шуда, дар зарфи солҳои 1919 – 1920 артиши мухолифонро торумор кард. Боқимондаашон ба хориҷи кишвар фирор карданд.

**Таҷовузи ҳарбии Антанта бар зидди Русияи Шӯравӣ.** Конференсияи байналхалқии сулҳи Париж соли 1919 Низоми Версалро кор карда баромад, ки он мубориза бар зидди Русияи Шӯравиро ҳам дар назар дошт. Давлатҳои Антанта ният доштанд, ки музаффариятҳои Инқилоби Сотсиалистии Октябрро дар Русия барҳам диҳанд.

9 марти соли 1918 крейсери Англия "Глори" ба соҳилҳои Мурманск 200 нафар аскари англисро фаровард. Аз паси англисҳо ба ин ҷо аскарони пиёданизоми амрикоӣ омаданд. То аввали соли 1919 ин таҷовузкорон ҳокимияти Шӯравиро аз нимҷазираи Кола то Архангелск барҳам доданд.

5 апрели соли 1918 дастаҳои аввалини аскарони пиёданизоми баҳрии Ҷопон ба шаҳри Владивосток фаромаданд. Баъди якчанд ҳафта дар ин ҷо ҷузъу томҳои артиши ИМА ҳам пайдо шуданд.

Охирҳои моҳи майи соли 1918 дар Волгаи Миёна ва Сибир исёни корпуси Чехословакия сар зад. 60 ҳазор нафар аскару афсарони хуб



3—К-9371

мусаллаҳи ин корпус аз Пенза ва Саратов сар карда то Иркутску Владивостокро забт намуда, дар тамоми қисми шарқии мамлакат Ҳокимияти Шӯравиро барҳам доданд. Ғайр аз ин артиши Англия моҳи августи соли 1918 ба Қафқозу Осиёи Марказӣ зада даромад. Сипоҳиёни Фаронса бошанд, дар шимоли Баҳри Сиёҳ бар зидди Русияи Шӯравӣ мубориза мебурданд. Дар таҷовузи ҳарбии Антанта бар зидди Русияи Шӯравӣ артиши Полша ҳам фаъолона ширкат варзид.

Соли 1918 таҷовузкорон бар Артиши Сурх паси ҳам ғалаба ба даст меоварданд. Лекин баъд аз гузаштан ба сиёсати "Коммунизми ҳарбӣ" ташаббус ба дасти Артиши Сурх гузашт. Солҳои 1919 – 1920 таҷовузкорон шикаст хӯрда, қаламрави Русияи Шӯравиро тарк карданд.

**Сиёсати нави иқтисодӣ.** Сиёсати "Коммунизми ҳарбӣ" дар замони ҷанг натиҷаи хуб дод, вале дар замони осоишта тавассути он сохтани сотсиализм имконнопазир буд. Мамлакат дар шароити тартиботи ҳарбӣ умр ба сар бурда наметавонист. Аз ҳамин сабаб соли 1921 дар анҷумани X РКП (б) В. И. Ленин ва ҳамсафони ӯ Сиёсати нави иқтисодиро пешниҳод намуданд. Ин чора аз шароити ҷории мамлакат бармеомад. Дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ ва таҷовузи ҳарбии давлатҳои империалистӣ саноат ва кишоварзӣ хароб гардида буданд. Ҳаҷми истеҳсолоти саноатӣ ва кишоварзӣ ниҳоят паст шуд. Дар мамлакат кашшоқию гуруснагӣ ва ҳаннотӣ ба дараҷаи ниҳоии худ расид. Ҳокимияти Шӯравӣ заводу фабрикаҳоро аз дасти соҳибонашон кашида гирифт, лекин мутахассис надошт, ки онҳоро ба кор андозад. Бинобар ин дар шароити осоишта ба РСФСР сиёсати нави иқтисодӣ лозим шуд.

Сиёсати нави иқтисодӣ аз соли 1921 ҷорӣ карда шуд. Мувофиқи он пул аз нав ба муомилот бароварда шуд, корхонаҳои саноатӣ ва як қисми замин дар зери назорати давлати сотсиалистӣ ба соҳибонашон баргардонда шуданд. Принсипи асосии ин сиёсат гузариш аз Развёрсткаи (тақсими) озуқа ба андози озуқа буд. Агар мувофиқи сиёсати "Коммунизми ҳарбӣ" давлат ба ҳар оилаи кишоварз танҳо барои зарурати ақал як миқдор ғалладонаи истеҳсолкардаашро дода, зиёда аз инро мусодира мекард, пас мувофиқи сиёсати нави иқтисодӣ, деҳқонон андози давлатии озуқаро пардохта, баъд метавонистанд қисми маҳсулоти аз хӯрок изофамондаро ба бозор бароварда фурӯшанд.

Русияи Шӯравӣ дар амал ҳамин тавр аз нав унсурҳои иқтисоди бозоргониро ҷорӣ кард. Лекин иқтисоди бозоргонӣ ба табиати консепсияи болшевикии рушди иқтисодӣ мувофиқат намекард. Аз ин рӯ, гузариш ба иқтисоди бозоргонӣ дар ин мамлакат чораи муваққатӣ буд. Давлати Шӯравӣ охири солҳои 20-ум аз ин сиёсат даст кашид. Тамоми иқтисодиёти ИҶШС ба ду шакли моликият – давлатию умумихалқӣ ва колхозию кооперативӣ асос ёфта буд.

**Таъсисёбии ИҶШС.** Империяи собиқи Русия давлати сермиллат буд. Ҳар як миллат ватани таърихии худро дошт. Ҷанги шаҳрвандӣ нишон дод, ки бе дар ҳайати Давлати Шӯравӣ муайян намудани мақоми сиёсию маъмурии онҳо давлати сотсиалистӣ сохтан ғайриимкон аст. Бинобар ин ҳизби ягона ва ҳукмрон РКП (б) бо сардории В. И. Ленин ба таъсиси Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравии Сотсиалистӣ (ИҶШС) шурӯъ кард. Ҷумҳуриятҳои шӯравӣ низ ба ин иқдом тайёр будани худро изҳор карданд.

Комиссияи махсуси барои ин кор таъсис додашуда пешниҳод кард, ки дар таъсиси федератсияи ҷамоҳири шӯравӣ ғояи "автономия" ("мухторият") ба асос гирифта шавад, лекин В. И. Ленин ин ақидаро рад кард. Ниҳоят ақидаи ленинии "таъсиси федератсияи ҷамоҳири баробарҳуқуқи шӯравии сотсиалистӣ" ба асос гирифта шуд.

Ҳамин тариқ, 30 декабри соли 1922 дар шаҳри Москва Анҷумани 1-уми Шӯрои Муассисони ИҶШС баргузор гардид. Дар он вакилон аз ҷамоҳири шӯравӣ ширкат варзиданд. Анҷуман худи ҳамон рӯз дар бораи дар ҳайати РСФСР, РСС Украина, РСС Белоруссия ва ЗСФСР таъсис намудани Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравии Сотсиалистӣ (ИҶШС) эъломия қабул кард. Баъдтар теъдоди ҷамоҳири шӯравӣ ба 16 адад расонда шуд. РСС Тоҷикистон 16 октябри соли 1929 дар ҳайати ИҶШС ҳамчун ҷумҳурии 7-уми шӯравӣ таъсис ёфтааст. Дар солҳои 50-ум РСС Карелофин ба ҷумҳурии худмухтор табдил дода шуд. Теъдоди ҷамоҳири шӯравӣ ахиран 15-то шуд.

**Сиёсати хориҷии ИҶШС дар солҳои 20-ум.** Аз рӯзи ташкилёбии худ Русияи Шӯравӣ сиёсати сулҳҷӯёнаро пеш гирифта бошад ҳам, ӯҳдадориҳои байналхалқии Русияи пешазинқилобиро ба зимма нагирифт. Аз ҳамин сабаб давлатҳои ба Русия қарздода ба ташвиш афтода, қарор доданд, ки конференсияи байналхалқӣ созмон дода, Русияро ба он даъват намоянд.

7 январи соли 1922 ҳукумати РСФСР аз Шӯрои Олии Антанта барои иштирок дар Конференсияи байналхалқии иқтисодии Генуя даъватнома гирифт. Ҳайати вакилони РСФСР дар зери роҳбарии Г. В. Чичерин ба Конференсияи байналхалқии Генуя ҳозир шуд.

Конференсияи Генуя 10 апрели соли 1922 кушода шуд. Ҳайати вакилони РСФСР даъвоҳои намояндагони давлатҳои Антантаро дар бораи пардохти қарзҳои ҳукумати подшоҳӣ ва ҳукумати муваққатӣ, инчунин баргардонда шудани моликияти давлатҳо ва шаҳрвандони хориҷӣ пурра рад карда, иброз дошт, ки РСФСР давлати нав аст ва аз давлатҳои хориҷӣ ягон хел қарз нагирифтааст. Вале вакилони Русияи Шӯравӣ иброз доштанд, ки Русияи Шӯравӣ тайёр аст корхонаҳои аз тарафи Ҳокимияти Шӯравӣ мусодирашударо ба соҳибонашон ба иҷора бидиҳад. Ин таклиф қабул нашуд. Дар баробари талабҳои

намояндагони давлатҳои Антанта Г. В. Чичерин чунин шартҳое пешниҳод мекард, ки қабулнашаванда буданд. Яке аз пешниҳодоти комиссари корҳои хориҷии Русияи Шӯравӣ он буд, ки Антанта бояд зарари дар натиҷаи таҷовузи ҳарбии зидди Русияи Шӯравӣ расондаашро ҷуброн кунад. Баъди ин мо розӣ ҳастем, ки қарзҳои Русияро пардозем.

Ҳамин тавр, Конференсияи байналхалқии Генуя бе натиҷа ба итмом расид. Конференсияи байналхалқии Гаага низ, ки масъалаи ҷуброни қарзҳои Русияро баррасӣ кард, ба созмондиҳандагонаш нафъ набахшид.

**Сиёсати иқтисодии ИҶШС дар солҳои 1920 – 1939.** Нақшаи аввалини иқтисодии Давлати Шӯравӣ "Нақшаи ГОЭЛРО"-и соли 1920 қабулгардида буд. Мувофиқи ин нақша бояд дар мамлакат силсилаи стансияҳои барқии обии дорои 1,5 миллион кв/соат ва корхонаҳои саноатие, ки аз ин стансияҳои обӣ нерӯи барқ мегиранд, сохта мешуданд.

Стансияҳои электрикии обии Кашира ва Волхов стансияҳои аввалини электрикие буданд, ки мувофиқи "Нақшаи ГОЭЛРО" сохта шуданд. Ин нақша дар амал татбиқ карда шуд ва он барои пешрафти иқтисодии ИҶШС хизмати бузург кард.

Солҳои 1925 ва 1927 нақшаҳои индустрикунонӣ ва коллективонии кишоварзии ИҶШС қабул карда шуданд. Коллективонии кишоварзии ИҶШС аз соли 1928 оғоз ёфт. То ин вақт шаклҳои аввалини кооператсияи кишоварзӣ ба монанди ТОЗ-ҳо, артелҳои хоҷагии қишлоқ, Иттифоқи ҷуфтгарон ва ғайра вуҷуд доштанд. Дар солҳои панҷсолаи якуми тараққиёти хоҷагии халқи ИҶШС (1928 – 1932) кишоварзӣ қариб дар тамоми ИҶШС коллективонида шуд. Артелҳои хоҷагии қишлоқ таваллуд ёфтанд. Бо ҳамин роҳ моликияти хусусӣ бар замин барҳам дода шуд. Артелҳои хоҷагии қишлоқ моҳиятан кооперативию сотсиалистӣ буданд.

Дар саноат ҳам моликияти хусусӣ пурра барҳам дода шуд. Ин соҳа низ чун соҳаи кишоварзӣ аз рӯи нақша дар асоси моликияти сотсиалистӣ будани он пеш бурда мешуд.

Ҳамин тариқ, дар солҳои 1928 – 1936 ду шакли моликияти сотсиалистӣ ба вуҷуд омад: умумихалқӣ ва кооперативӣ. Конститутсияи 5 декабри соли 1936 қабул кардашудаи ИҶШС ҳам ана ҳамин ҷиҳати низоми иқтисодии Мамлакати Шӯравиро инъикос намуд.

**Сиёсати хориҷии ИҶШС дар арафаи Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ.** Дар солҳои 30-юм Иттиҳоди Шӯравӣ сиёсати сулҳҷӯёнаи хориҷиро пеш гирифт. Дар нимаи аввали ин давра дар ҷаҳон аллакай ду манбаи ҷанг ба вуҷуд омад. Яке дар Европа ва дигаре дар Шарқи Дур. ИҶШС ҷидду ҷаҳди зиёд ба харҷ медод, то ки пеши роҳи ҷанги нави ҷаҳонӣ гирифта шавад. ИҶШС бар он ақида буд, ки ин корро давлатҳои

алоҳида ичро карда наметавонанд. Бояд ИҶШС, Англия, Фаронса, ИМА ва давлатҳои дигар якҷоя амал карда, нагузоранд, ки ҷанги нави ҷаҳонӣ сар занад. Натиҷаи ҳамин ҷидду ҷаҳд буд, ки 16 январи соли 1936 дар байни ИҶШС ва ИМА муносибатҳои дипломатӣ аз нав барқарор карда шуданд. Худи ҳамон сол муносибатҳои дипломатӣ бо Испания ҳам барқарор гардиданд. Соли 1934 ИҶШС ба Лигаи Миллатҳо дохил шуд. Иттиҳоди Шӯравӣ солҳои 1935 – 1936 аз тарафи Италия истило карда шудани Ҳабашистон ва дахолати харбии Италия ва Германияро ба корҳои дохилии Испания сахт маҳкум кард.

Солҳои 1937 – 1938 хатари сар задани Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ боз ҳам бештар шуд. Иттиҳоди давлатҳои фашистӣ иқтисодиёти худро ба маҷрои харбӣ дароварда, ба ҷанг ҳаматарафа тайёрӣ медиданд. ИҶШС мисли пештара мавкеи сулҳҷӯёнаро пеш гирифта, давлатҳои бузурги ҷаҳонро даъват менамуд, ки ҳифзи коллективонаи осоиши халқҳои ҷаҳонро таъмин намоянд.

Соли 1938 Германияи фашистӣ бо ёрии Англия, Фаронса ва ИМА вилояти Судети Чехословакияро кашида гирифт. Баъд Австрияро ишғол намуд. ИҶШС дар алоҳидагӣ бошад ҳам, кӯшиш мекард, ки амнияти худро таъмин намояд. Ин буд, ки 23 августи соли 1939 дар байни ИҶШС ва Германия ба мӯҳлати 10 сол созишномаи ба ҳамдигар ҳуҷумнакунӣ ба имзо расид.

**МАЪХАЗ**

**СОЗИШНОМАИ БА ҲАМДИҒАР ҲУҶУМНАКУНИИ БАЙНИ ГЕРМАНИЯ ВА ИТТИҲОДИ ШӮРАВӢ**

***23 августи соли 1939***

Тобистони соли 1939 Германия ба Иттифоқи Шӯравӣ пешниҳод кард, ки дар бораи ба ҳамдигар ҳуҷумнакунӣ созишнома банданд. Иттиҳоди Шӯравӣ ин пешниҳодро қабул кард.

Ҳукумати ИҶШС ва Ҳукумати Германия:

Майлу хоҳиши пойдор намудани сулҳ дар байни ИҶШС ва Германияро ба инобат гирифта, бо назардошти нишондодҳои асосии қарордод дар бораи бетарафӣ, ки дар байни ИҶШС ва Германия моҳи апрели соли 1926 ба имзо расида буд, ба чунин қарор омаданд:

***Моддаи 1.*** Ҳар ду тарафи Созишнома ӯҳдадор мешаванд, ки аз бакорбарии ҳар гуна зӯроварӣ, ҳар гуна амали таҷовузкорона ва ҳар гуна ҳуҷум бар зидди ҳамдигар чи танҳо ва чи бо ҳамроҳии давлатҳои дигар, худдорӣ мекунанд.

***Моддаи 2.*** Дар сурате, ки агар яке аз тарафҳои аҳду паймонбаста аз тарафи мамлакати сеюм мавриди амалиётҳои ҳарбӣ қарор гирад, пас тарафи дигари Созишнома ин давлатро дар ягон шакл дастгирӣ намекунад.

***Моддаи 3.*** Ҳукумати ҳар ду тарафи Созишнома оянда дар тамос мешаванд, то ки ба ҳамдигар онд ба масъалаҳои мавриди манфиатҳои умумӣ ахборот диҳанд ва маслиҳат намоянд.

***Моддаи 4.*** Ягон тарафи Созишнома дар ягон паймони давлатҳое, ки бавосита ва ё бевосита бар зидди тарафи дигар равона карда шудаанд, ширкат намеварзад.

***Моддаи 5.*** Дар ҳолати ояд ба ин ва ё он масъала дар байни тарафҳои Созишнома ба миён омадани баҳс ва ё низоъ ҳар ду тараф ин баҳс ва ё низоъҳоро танҳо мусолиматомезона ва бо тибодули назари дӯстона, ҳусни тафоҳум, ё ки дар мавриди зарурӣ бо роҳи таъсиси комиссияи ҳалли низоъ ҳаллу фасл менамоянд.

***Моддаи 6.*** Созишномаи мазкур ба мӯҳлати 10 сол баста мешавад. Агар яке аз тарафҳои Созишнома як сол пеш аз хотима ёфтани ҳамин мӯҳлат изҳор накунад, ки аз Созишнома мебарояд, он худ аз худ ба мӯҳлати 5 соли оянда тамдид мешавад.

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

**1.** Чаро дар Русияи Шӯравӣ ҷанг сар зад? **2.** Ҳукумати Русияи Шӯравӣ барои торумор кардани нерӯҳои зиддиинқилобӣ чӣ чораҳо андешид? **3.** Дар бораи тадовузи давлатҳои Антанта ба Русияи Шӯравӣ фикри худро баён кунед. **4.** Рафти шикасти таҷовузи давлатҳои Антантаро шарҳ диҳед. **5.** Сиёсати "Коммунизми ҳарбӣ" чист? **6.** Моҳияти Сиёсати нави иқтисодиро баён кунед. **7.** ИҶШС кай ва чӣ тавр таъсис ёфт? **8.** Дар бораи "Нақшаи ГОЭЛРО" чӣ медонед? **9.** Моҳияти индустрикунонӣ ва коллективонии кишоварзиро шарҳ диҳед. **10.** ИҶШС дар сиёсати хориҷии худ ба кадом комёбиҳо ноил шуд? **11.** Аз мавзӯъ хулоса бароред.

## § 8. ИТАЛИЯ

**Оқибатҳои Ҷанги якуми ҷаҳонӣ барои Италия.** Италия дар Ҷанги якуми ҷаҳонӣ тахминан 700 ҳазор нафар шаҳрвандони худро талаф дод ва зиёда аз 1 миллион нафар маъюб шуд. Дар натиҷаи ҷанг музофотҳои шимолии мамлакат хароб гардиданд. 60 фоизи флоти баҳрӣ барҳам хӯрд. Хароҷоти ҳарбӣ ба камшавии буҷа сабаб шуд. Хароҷот нисбат ба даромад афзуд. Қарзи дохилии давлат ба 15,3 млрд. лир расид. Италия аз иттифоқчиёни ҳарбии худ – ИМА ва Англия қарздор шуд.

Вақте ки Италия иттифоқчии Англия шуд, умед дошт, ки Трентино, Тироли Ҷанубӣ, Триест, Истрия ва Далматсияро ба даст медарорад. Вале Англияю Фаронса намехостанд, ки Италия дар ҳавзаи Баҳри Миёназамин пурзӯр шавад. ИМА низ дар ҳамин мавқеъ буд. Бинобар ин Конференсияи сулҳи Париж ба Италия танҳо қисми ғарбии Истрияро бо Триест, Поло ва Горатсияро доду халос.

Дар солҳои ҷанг ба сабаби зарурати ҳарбӣ саноати вазнини Италия тараққӣ кард ва махсусан саноати металлургӣ, мошинасозӣ ва химия. Ширкатҳои "Ансолдо", "Илва", "Фиат" ва "Вреда" ба консернҳои пуриқтидор табдил ёфтанд. Соҳибони корхонаҳои миёна ва хурд бошанд, маҷбур шуданд, ки ҳаҷми истеҳсолро кам кунанд. Баъзеи онҳо ба бӯҳрон ва рақобат тоб наоварда муфлис шуданд.

Баъд аз хотимаи ҷанг саноати Италия ба мушкилоти ҷиддӣ рӯ ба рӯ шуд, ки он сабаб дошт. Бозори калони дохилӣ мавҷуд набуд. Робитаҳои тиҷоратӣ бо давлатҳои хориҷӣ то дараҷае заиф шуданд. Низоми молиявии мамлакат вайрон ва захираҳои тиллои бонкҳои марказӣ кам шуд. Бо вуҷуди ин ҳаҷми маблағи пулҳои коғазии дар муомилотбуда 8 баробар афзуд. Ба ин ҳолати Италия бӯҳрони иқтисодии соли 1920 низ таъсири манфӣ расонда буд.

Аз сабаби ночизии музди меҳнат аҳволи табақаҳои заҳматкаш, хизматчиён ва ҳарбиён вазнин шуд. Соли 1919 дар Италия шумораи бекорон ба 300 ҳазор нафар расид.

**Вазъи сиёсии Италия дар солҳои 1919 – 1921.** То соли 1919 дар Италия Конфедератсияи Умумии Меҳнат бо сардории Д'Арагон ва Ҳизби Сотсиалистӣ бо сардории ислоҳотхоҳ Туратти фаъолият доштанд. Ҳизби Сотсиалистӣ соли 1919 ба Интернатсионали Коммунистӣ пайваст. Дар муқобили ин ҳизб худи ҳамон сол Ҳизби Халқӣ таъсис ёфт. Сарвари ин ҳизб рӯҳонии ситсилиявӣ Стурсо буд. Ҳизби Халқӣ дар байни аҳли заҳматкаши католикӣ такягоҳи боэътимод дошт. Он барномаи васеи ислоҳоти иқтисодиро пешниҳод намуд. Барномаи Ҳизби Халқӣ дар назар дошт, ки фаъолияти идораи марказонидашудаи бюрократии ҳокимияти марказӣ маҳдуд ва заминҳои латифундиячиён (заминдорон)-и калон ба кишоварзон тақсим карда шаванд.

Баъд аз ҷанг дар Италия нерӯҳои иртиҷоӣ низ ба ҳаракат омада, муттаҳид мешуданд. 23 марти соли 1919 дар шаҳри Милан бо номи "Фаши да Комбаттименто" ("Иттифоқи ҷанговар") созмони наве маҷлиси худро доир кард, ки ба ҳамин нерӯҳо тааллуқ дошт. Роҳбари "Фаши да Комбаттименто" Муссолинӣ буд. Ин шахс бо сабаби ташвиқи иштироки Италия дар Ҷанги якуми ҷаҳонӣ ҳанӯз соли 1914 аз Ҳизби Сотсиалистӣ хориҷ карда шуда буд.

Созмони навташкили фашистии Италия дар саҳифаҳои нашрияи худ "Пополо д'Италия" ғояҳои инсонбадбинӣ, забткорӣ, никорталабӣ ва миллатчигии ашаддиро инъикос намуда, мардумро ба иштибоҳ меандохт. Мутаассифона, як қисми намояндагони сармоядорони калон ба "Фаши да Комбаттименто" ёрии моддӣ мерасонданд, чунки аз пурзӯр шудани нерӯҳои чапгарои мамлакат, ки ин вақт фаъолияти худро вусъат дода буданд, метарсиданд. Фашистон аз ин ёрӣ истифода бурда, аз ҷумлаи ашхоси авбоши гузаро дастаҳои зархариди силоҳбадаст ташкил менамуданд.

Моҳи ноябри соли 1919 дар Италия интихоботи аввалини баъдиҷангии парламентӣ баргузор гардид, ки дар он Ҳизби Сотсиалистӣ ғалаба карда, ба гирифтани 156 ваколатномаи вакилӣ муваффақ шуд. Ҳизби Халқӣ бошад, ҳамагӣ 100 ҷой ба даст дароварданд.

Соли 1921 дар Италия як қисми аъзои аз Ҳизби Сотсиалистӣ баромада, Ҳизби Коммунистии Италияро ташкил намуд. Ҳизби навташкил танхо дар байни табақаи коргарон такягоҳ дошт.

Вазъияти мамлакат барои васеъ гардидани харакати фашистӣ мусоидат мекард. Моҳи ноябри соли 1921 фашистони Италия таъсис дода шудани ҳизби худро эълон карданд. Дастаҳои мусаллаҳи ин ҳизб бар зидди ашхоси сиёсӣ ва созмонҳои ҷамъиятию сиёсӣ амалиётҳои террористӣ гузаронда, бо ин роҳ дар мамлакат дар бораи қудрати худ овоза паҳн намуда, ба дили мардум воҳима ворид месохтанд.

**Ба ҳокимият соҳиб шудани фашистон.** Тирамоҳи соли 1922 дар Италия воқеан дуҳокимиятӣ ҳукмфармо шуд – ҳокимияти қонунӣ ва ҳокимияти фашистон. Ҳокимияти давлатӣ дар ҳолати фалаҷ қарор дошт. Силоҳбадастони фашистӣ нерӯҳои озодидӯст ва чапгароро террор мекарданд. Давлат онҳоро аз дастаҳои мусаллаҳи Муссолинӣ хифз карда наметавонист. Аз тарафи фашистон хавфи табаддулоти давлатӣ ҳам таҳдид мекард. 24 октябри соли 1922 Муссолинӣ дар шаҳри Неапол баромад карда, дар назди ҳукумат талаби қатъӣ гузошт, ки ба фашистон 6 мансаби вазирӣ бидиҳад. Нахуствазири ҳамонвақтаи Италия ба Муссолинӣ дар ин бора гуфтушунидро оғоз намуда, онро дидаю дониста кашол медод. Инро баҳона карда, Муссолинӣ ҳамаи фашистони Италияро даъват намуд, ки ба Рим лашкар кашанд. Ҳамин тавр ҳам шуд. Фашистони хуб мусаллаҳ дар Рим ба ягон хел муқовимат дучор нашуданд. Шоҳи Италия Виктор Иммануил пойтахтро дар муҳосира эълон накард. Ба он ҷо сипоҳ ҳам надаровард. Баръакс, ба Муссолинӣ вазифаи нахуствазирро пешниҳод намуд. Дар вақти ба ин вазифа тасдиқ намудани Муссолинӣ 306 вакили парламент ба ҷонибдорӣ ва 102 вакил муқобил овоз дод.

Ҳукумати аввали Муссолинӣ эътилофӣ буд. Ба он то моҳи апрели соли 1923 намояндагони Ҳизби Халқӣ ва то охири соли 1924 намояндагони Ҳизби Либералӣ низ дохил буданд.

Дар айни замон Муссолинӣ тамоми чораҳоро меандешид, ки дар Италия диктатураи фашистиро барпо намояд. Бахри пиёда намудани ин мақсад фашистон бо фармони ӯ аксарияти роҳбарон ва фаъолони аҳзоби сиёсии ғайрифашистиро ба ҳабс гирифта, лату кӯб ва манзилҳои онҳоро ба хок яксон мекарданд. Нисбати собиқ нахуствазир Нитти ва роҳбари оппозитсияи парламентӣ Ҷованни Амендолу низ ҳамин тавр рафтор карданд.

Моҳи ноябри соли 1926 ба Муссолинӣ муяссар шуд, ки дар Италия диктатураи фашистиро пурра барпо намояд.

**Сиёсати хориҷии фашистони Италия дар солҳои 1922 – 1929.** Дар сиёсати хориҷии худ ҳукумати фашистӣ роҳи истилогариро пеш гирифт. Ин сиёсат ҳукмронии Италияро дар ҳавзаи Баҳри Миёназамин ва Шарқи Наздик таъмин мекард.

Соли 1923 Муссолинӣ ба забти ҷазираи Корфуи Юнон даст зад, вале бо сабаби дахолати Англия маҷбур шуд, ки аз ин ҷазира артиши Италияро боз хонад. Ин воқеа муносибатҳои байни Италия ва Англияро каме ноустувортар кард. Вале дере нагузашта дар байни онҳо ҳусни тафоҳум ба вуҷуд омад. Соли 1924 Италия бо ёрии Англия бандари Фиумеро ба даст даровард. Соли 1926 бошад, "пуштибон"-и Албания шуд. Англия ва Италия бо ҳам оид ба масъалаи нуфуз дар Ҳабашистон низ забон як карданд.

Моҳи феврали соли 1929 дар байни Ватикан ва Италия созишномаҳои Латеран ба имзо расиданд. Тавассути ин созишномаҳо Ватикан ҳукумати диктатории фашистии Муссолиниро эътироф намуд. Папаи Рим Пийи XI Муссолиниро ҳатто "шахси аз тарафи худо ба Италия фиристодашуда" эълон кард.

**Вазъи иқтисодии Италия дар солҳои 1929 – 1938.** Аз соли 1922 то соли 1929 болоравии нисбии саноати Италия ба амал омад. Соли 1929 ба Италия ҳам бӯҳрони иқтисодӣ ворид шуд. Ин бӯҳрон аз охирҳои соли 1929 оғоз ёфт. Аз бӯҳрон саноати бофандагӣ зарари калон дид. Банкҳои зиёд муфлис шуданд. Хатари муфлисшавии Банки тиҷоратӣ, Банки италиявии қарз, Банки Рим ва банкҳои дигар ҳам ба амал омад.

Дар се соли аввали бӯҳрон истеҳсоли саноатӣ 33 фоиз кам шуд. Дар роҳи оҳан боркашонӣ 40 фоиз ва музди меҳнат аз 12 то 50 фоиз поён фаромад. Шумораи бекорон ба 1 миллион нафар расид.

Бӯҳрони иқтисодӣ боиси муфлисшавии аксарияти корхонаҳои саноатии хурду миёна гардид. Корхонаҳои дигар зуд муттаҳид мешуданд, то ки муфлис нашаванд.

Чораҳои ҳукумат барои гирифтани пеши роҳи бӯҳрон ва ё аз бӯҳрони иқтисодӣ баровардани Италия натиҷаи дилхоҳ надоданд. Дар солҳои бӯҳрони иқтисодӣ корхонаҳои инҳисории калон пурзӯртар шуданд. Дар саноат ҳиссаи соҳаҳои инҳисори давлатӣ афзуд.

**Низоми корпоративӣ (касабавӣ)-и фашистон.** Соли 1930 бо декрети ҳукумати Италия Шӯрои Миллии Корпоративӣ таъсис дода шуд, ки вазифаи он аз роҳбарии умумӣ ба иқтисоди Италия ва танзими муносибатҳо дар байни кормандони соҳаҳои истеҳсолӣ иборат буд. Ба шӯро 22 корпоратсияи миллии ба соҳаҳои асосии иқтисодии Италия марбутбуда дохил буданд.

То соли 1934 қариб тамоми мардуми қобили меҳнати Италия ба низоми корпоративӣ дохил карда шуд.

Корпоратсияҳо як навъ иттифоқҳои касабаи давлатии Италияи фашистӣ буданд. Дар назди онҳо вазифа гузошта шуда буд, ки оммаро дар атрофи фашистон муттаҳид сохта, ба "афзоиши обрӯй ва эътибори онҳо" мусоидат намоянд. Тавассути ин мақом фашистони Италия ба

иктисодиёти мамлакат, хоҳ давлатӣ ва хоҳ хусусӣ дахолат карда, онро ба нафъи мақсадҳои худ истифода мебурданд.

**Сиёсати хориҷии фашизми Италия дар солҳои 30-юм.** Соли 1932 китоби Муссолинӣ "Доктринаи фашизм" аз чоп баромад. Муссолинӣ дар ин китоб вазифаи асосии давлати фашистӣ, ирода бахри бунёди иқтидор ва империя, яъне ғояҳои истилогариро баён намудааст. Ба қавли ӯ маҳз ин сифатҳо нишонаи нерӯи ҳаётӣ будани "халқи эҳёшаванда" аст. "Халқи эҳёшаванда" гуфта Муссолинӣ мардуми Италияро дар назар дошт. Барои ташкил намудани империя ва онро ба давлати пешсафи ҷаҳон табдил додан Муссолинӣ аз италиявиҳо тобеияти пурра ба давлат, интизоми сахттарин ва худқурбонкуниро тақозо мекард.

Соли 1938 Муссолинӣ роҳбарии вазоратҳои машғул ба дифоъро ба ихтиёри худ гирифта, эълон кард, ки "вақти аслиҳа расид". Дар бораи ҳарбикунонии миллат қонуне ҳам қабул карда шуд.

Муссолинӣ охирҳои соли 1934 ба забти Ҳабашистон омодагӣ гирифт. Артиши Италия баҳори соли 1936 қариб тамоми Ҳабашистонро ишғол намуд. 9 майи ҳамон сол Муссолинӣ аз айвони қасри Венетсияи Рим ба империя табдил ёфтани Италияро эълон кард ва ба шоҳигарии Италия "империяи Ҳабашистон"-ро низ ҳамроҳ намуд.

Барои Ҳабашистонро забт намудани Италия Англия норозӣ буд. Ба ҳамин сабаб эълон кард, ки минбаъд ба Италия молҳои стратегӣ намефурӯшад. Вай намехост, ки Италия боз ҳам пурзӯртар шавад.

Мақсади навбатии фашистони Италия таҷовуз ба Испания буд. Ҳамин ки генералҳои иртиҷоӣ тобистони соли 1936 бар зидди ҷумҳуриятхоҳони Испания исён бардоштанд, Муссолинӣ ба ёрии онҳо шитофт. Лекин моҳи марти соли 1937 "легионҳо"-и Италия шикаст хӯрданд.

Ҳамкории фашистони Италия бо фашизми Германия маҳз аз мубориза бар зидди ҷумҳуриятхоҳони Испания оғоз ёфт. Ба Муссолинӣ ва Гитлер муяссар шуд, ки дар Испания ҳокимиятро ба дасти генерал Франко бидиҳанд.

Иттифоқи Италия бо Германия дар Мюнхен ҳангоми сӯиқасд зидди Чехословакия моҳи сентябри соли 1938 ба миён омад. 22 майи соли 1939 дар байни онҳо "Иттифоқи пӯлодин" баста шуд. Мувофиқи ин созишнома ҳар ду тараф ӯҳдадор шуданд, ки ҳамдигарро "ҳам дар хушкӣ, ҳам дар баҳр ва ҳам дар фазо" дастгирӣ кунанд.

Ҳамин тариқ, Италия ба Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ наздик мешуд.

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

**1.** Оид ба оқибатҳои манфии Ҷанги якуми ҷаҳонӣ дар Италия далелҳо биёред. **2.** Дар солҳои Ҷанги якуми ҷаҳонӣ кадом ширкатҳои Италия

бештар фоида диданд. **3.** Дар бораи вазъи сиёсии солҳои аввали баъдиҷангии Италия иттилоъ диҳед. **4.** Дар бораи оғози ҳаракати фашистӣ дар Италия нақл кунед. **5.** Дар Италия фашистон кай ва чӣ тавр ба сари қудрат омаданд? **6.** Муссолинӣ дар Италия кай ва чӣ тавр пурра диктатураи фашистиро ҷорӣ намуд. **7.** Низоми корпоративии Италияро чӣ хел фаҳмидед? Он чӣ маънӣ дорад? **8.** Дар бораи забткориҳои солҳои 20-уми Италия маълумот диҳед. **9.** Ҳамкории Италия бо Англия ва Фаронса чӣ тавр сурат мегирифт? **10.** Чаро соли 1934 Муссолинӣ роҳбарии вазоратҳои машғули дифоъро ба ихтиёри худ гирифт? **11.** Италияи фашистӣ кай ба Ҳабашистон ҳамла кард? **12.** Чаро Италияи фашистӣ ба исёни генералҳои иртиҷоии Испания ёрӣ расонд? **13.** Дар байни Италия ва Германия кай ва чӣ хел иттифоқ баста шуд? **14.** Аз мавзӯъ хулоса бароред.

## § 9. ИСПАНИЯ

**Испания дар солҳои 1919 – 1930.** Испания баъд аз Ҷанги якуми ҷаҳонӣ ҳамчун мамлакати империалистии кишоварзию саноатӣ мисли пештара аз мамлакатҳои мутараққии ҷаҳон ақиб мемонд, ҳарчанд солҳои ҷанг то як дараҷа пеш рафта буд. Соли 1920 аз 20,3 миллион нафар аҳолии мамлакат 57 фоизи қобили меҳнат ба кишоварзӣ машғул буд, 21,9 фоиз дар саноат ва 20,8 фоиз дар соҳаи хизматрасонӣ кор мекард. Аз тарафи дигар, иқтисоди ҳамаи музофотҳои Испания нобаробар тараққӣ мекард. Музофотҳои Шимол – Каталония, Баскония ва Астурия марказҳои калони саноати бофандагӣ, мошинасозӣ, электротехникӣ, химиявӣ, маъданҳои кӯҳӣ ва металлургӣ доштанд. Дар музофотҳои дигар бошад, корхонаҳои хурди хӯрокворӣ, дӯзандагӣ, шишабарорӣ ва коркарди чӯб мавҷуд буданд.

Дар баробари ин, ба баъзе соҳаҳои иқтисоди Испания сармояи хориҷӣ, алалхусус сармояи Англия, Белгия ва Америка ворид шуда буд. Соли 1930 ҷамъи маблағгузории хориҷӣ ба иқтисоди Испания қариб 1 млрд. долларро ташкил дод.

Дар Испания мутлақияти шоҳигарӣ ҳукмронӣ мекард. Артиш пуштибони боэътимоди мутлақият буд. Дар он афсару генералҳои иртиҷоӣ ба монанди Примо де Ривера, Санхурхо, Франко, Фанхул, Очоа ва ғайра бисёр буданд. Шоҳ тавассути онҳо умри ҳокимияти худро дароз мекард. Вай барои иҷрои ин мақсад ба иқдомҳои пастфитратона даст мезад. Масалан, моҳи сентябри соли 1923 генерал Примо де Ривера бо розигии шоҳ ва атрофиёни ӯ табаддулоти давлатӣ ба амал оварда, диктатураи ҳарбию мутлақияти истибдодиро барпо намуд. Ба муқобили ҳаракати

миллию озодихоҳии халқҳои Испания ва мустамликаҳо низ тавассути артиш мубориза бурда мешуд.

Дар солҳои 20-ум дар Испания Ҳизби Сотсиалистии Коргарӣ, Ҳизби Коммунистӣ, Иттиҳодияи Иттифоқҳои Касаба, Иттифоқи Умумии Заҳматкашон, Конфедератсияи Миллии Меҳнат, Федератсияи Мутлақиятхоҳон ва баъзе ҳизбу созмонҳои дигар фаъолият карда, барои дар мамлакат барҳам додани диктатураи Примо де Ривера мубориза мебурданд. Ҳаракати зиддидиктатории нерӯҳои сиёсию иҷтимоӣ оқибат натиҷаи мусбат дод. Примо де Ривера фаҳмид, ки мамлакатро бо роҳи зӯроварӣ идора кардан имконнопизар аст. Аз ин рӯ, 30 январи соли 1930 ба истеъфо рафт.

Ин вақт дар мамлакат инқилоби буржуазию демократӣ пухта мерасид.

**Инқилоби буржуазию демократӣ дар Испания.** Инқилоби буржуазию демократии Испания дуру дароз давом кардааст. Он аз 3 марҳала иборат аст. Марҳалаи аввал аз 14 апрели соли 1931 то моҳи ноябри соли 1933-ро дар бар гирифта, марҳалаи "ҷумҳуриятию сотсиалистӣ" ном дорад. Марҳалаи дуюм аз моҳи ноябри соли 1933 то моҳи феврали соли 1936-ро дар бар гирифтааст, ки дар таърих бо номи "дусолаи сиёҳ" маълум аст. Марҳалаи сеюм аз моҳи феврали соли 1936, яъне аз вақти дар интихобот ба кортесҳо ғалаба кардани Ҷабҳаи Халқӣ то охири моҳи марти соли 1939 давом кардааст.

Инқилоби буржуазию демократии Испания 14 апрели соли 1931 ғалаба кард. Он рӯз халқ ҳокимиятро ба Ҳукумати Муваққатӣ супурд. Вазифаи сарвазирӣ ба ӯҳдаи Алкала Самора вогузор карда шуд. Вазири корҳои дохилӣ Мигел Маура ва вазири корҳои хориҷӣ А. Леррус таъйин гардиданд.

15 апрел Ҳукумати Муваққатӣ дар бораи афв қарор баровард. Он дар ин вақт барои халқ озодиҳои демократӣ – озодии виҷдон ва эътиқод, озодии шахс, сухан, фаъолияти иттифоқҳои касаба, дахлнопазирии моликияти хусусӣ ва ғайраро эълон кард.

Ҳукумати Муваққатӣ барои ба вазъи мӯътадили сиёсию иқтисодии мамлакат ва беҳбудии аҳволи халқ мусоидат кардан якчанд қарорҳои дигар ҳам бароварда, қисми онҳоро дар амал татбиқ намуд. Дар баробари ин чорабиниҳои худ Ҳукумати Муваққатӣ барои демократикунонии Испания низ кӯшиш мекард. 28 июни соли 1931 ба кортесҳои муассисон интихобот баргузор гардид, ки дар он танҳо мардҳои синнашон беш аз 23-сола иштирок карданд. Занҳо ҳанӯз ҳуқуқи интихоботӣ надоштанд. Дар натиҷаи ин интихобот нерӯҳои чапгаро – иттиҳоди сотсиалистҳо ва ҷумҳуриятхоҳон, ки 30 январи соли 1930 бо номи "Аҳдномаи Сан-Себастян" иттифоқ баста буданд, 263 ваколатномаи вакилӣ ба даст дароварда, ғалаба карданд. Нерӯҳои

росттаро дар парламент (кортесҳо) ҳамагӣ 44 ҷой гирифтанд. Кортесҳои Муассисон 14 июли соли 1931 ба кор шурӯъ карданд.

9 декабри соли 1931 Конститутсияи Испания қабул ва мувофиқи он Испания ҷумҳурии демократӣ эълон карда шуд. Конститутсия ба занон ҳуқуқи интихоботӣ дод. Он барои дар Испания татбиқ намудани дигаргунсозиҳои васеи демократӣ роҳ кушод.

Ҳукумати иттиҳоди сотсиалистон ва аҳзоби ҷумҳуриятхоҳони чапгаро моҳи сентябри соли 1938 барҳам хӯрд, чунки сотсиалистҳо аз он баромаданд. Моҳи октябри соли 1933 кортесҳо пароканда карда шуданд.

Дар ҷараёни маъракаи интихоботӣ Ҳизби Фалангаи Фашистӣ ва аз он барвақттар Хунтаи Ҳамла таъсис ёфт. Ин ду ҳизби фашистӣ моҳи феврали соли 1934 дар як ҳизб муттаҳид гардиданд. Ин нерӯҳои иртиҷоӣ дар интихоботи соли 1933 ба кортесҳо бо гирифтани 217 ҷой ғалаба карданд.

Раиси Ҳукумати радикал Леррус таъйин гардид. Ин ҳукумат музаффариятҳои инқилоби буржуазию демократии Испанияро барҳам дод. Хавфи дар Испания барҳам додани сохти ҷумҳуриятӣ ба миён омад.

Дар байни нерӯҳои фашистии Испания се ҷараёни асосӣ вуҷуд дошт: СЭДА (Конференсияи нерӯҳои росттарои мухтори Испания), мутлақиятхоҳон ва фалангачиён. Ҳизби Фаланга бо Хунтаи Ҳамла муттаҳид шуда, номи "Фаланга"-ро гирифт. Агар СЭДА фашизмро ба гардани мардум ошкоро бор кардани бошад, пас мутлақиятхоҳон ва фалангачиён ҷонибдории ин корро ғайриошкоро, яъне тавассути табаддулоти давлатӣ ва диктатураи ҳарбӣ иҷро кардани буданд.

Нерӯҳои чапгаро низ фаъолияти худро бар зидди нерӯҳои фашистӣ васеъ ва ҷоннок мекарданд. Дар зери роҳбарии онҳо моҳи октябри соли 1934 дар Мадрид, Билбао ва баъзе шаҳрҳои дигар корпартоиҳои калони муташаккили эътирозӣ ба амал омаданд. Дар баъзе маҳалҳо корпартоиҳо ба шӯришҳои яроқнок табдил ёфтанд.

Нерӯҳои фашистӣ аз ин ҳолат ба ташвиш афтоданд. Бинобар ин ошкоро ба иҷрои мақсадҳои иртиҷоии худ шурӯъ намуда, 4 октябр ҳукумати "давраи гузариш"-ро бо сардории Леррус таъсис доданд, ки ба ҳайати он 3 вазир аз СЭДА ҳам дохил гардид.

Нерӯҳои чапгаро ва он нерӯҳое, ки дар инқилоби буржуазию демократии соли 1931 ғалаба карда буданд, бо мақсади наҷот додани музаффариятҳои ин инқилоб дар Ҷабҳаи Халқӣ муттаҳид шуданд. Таҳти аҳдномаи таъсиси Ҷабҳаи Халқӣ Ҳизби Сотсиалистии Коргарӣ, Ҷумҳуриятхоҳон, ПОУМ (тротскичиён), Ҳизби Синдикалистӣ, Ҳизби Федералии Ҷумҳуриятхоҳон ва ғайра имзо гузоштанд. 15 январи соли 1935 барномаи Ҷабҳаи Халқӣ эълон карда шуд, ки дар он дар қатори

дигар масъалаҳо аз нав барқарор намудани музаффариятҳои инқилоби буржуазию демократии соли 1931 низ инъикос гардида буд.

Интихоботи 16 феврали соли 1936 нишон дод, ки аксарияти халқи Испания фашизм ва иртиҷоъро қабул надоранд. Аз 470 вакиле, ки ба кортесҳо интихоб шуданд, 286 нафарашон намояндагони Ҷабҳаи Халқӣ буданд. Нерӯҳои ростгаро ҳамагӣ 132 ҷой гирифта, дар Испания бо роҳи ошкоро муқаррар намудани диктатураи фашистиро аз даст доданд.

**Исёни фашистӣ дар Испания.** Ҳукумати ташкилкардаи Ҷабҳаи Халқӣ бо сардории Асаней дар мамлакат ба татбиқи чорабаниҳои иқтисодию иҷтимоӣ шурӯъ намуд. Озодиҳои демократӣ аз нав барқарор карда шуданд. Баъди шикаст дар интихобот нерӯҳои фашистии Испания ба табаддулоти давлатии зидди ҷумҳурӣ даст заданд. Дар байни генералҳои иртиҷоии ба ин кор тайёр Санхурхо, Франко ва Мола ҳам буданд. Фашистони мусаллаҳи Испания барои ба мақсади худ расидан аз усулҳои ҳамақидаҳои италиявию немиси худ истифода бурда, ошкоро ба куштор, таъқиб, лату кӯб, ғорат ва торумори ашхосу нерӯҳои зиддифашистӣ сар карданд. Аввали соли 1934 Х. А. Прима де Ривера бо Гитлер ва моҳи марти ҳамон сол намояндагони Ривера дар Рим бо Муссолинӣ вохӯрданд, то ки дар бораи аз онҳо гирифтани ёрии ҳарбӣ аҳду паймон кунанд.

Аввали моҳи июли соли 1936 исён дар Марокаши мустамликаи Испания оғоз ёфт, ки роҳбарии онро генерал Франко ба ӯҳда дошт. 18 июл исёни фашистӣ ба нимҷазираи Пиреней гузашт.

**Ҷанги миллию инқилобӣ дар Испания.** 19 июли соли 1936 майдони марказии ш. Мадрид – Пуэрто-дел Сол серодам шуд. Мардуми ба ин ҷо ҷамъомада аз ҳукумат аслиҳа талаб мекард. Ҷабҳаи Халқӣ таъҷилан ҳукумати навро таъсис дод, ки ба он ҷумҳуриятхоҳи чапгаро Хосе Херон роҳбарӣ кард. Ӯ ба губернаторҳои вилоятҳо фармуд, ки ба созмонҳои мардумӣ силоҳ диҳанд. Халқи Мадрид ҳам силоҳ гирифта, ба мудофиаи шаҳр омода шуд.

Дере нагузашта муборизаи шадиди халқ бар зидди фашистон дар тамоми Испания паҳн гардид. То охири моҳи июл ба нерӯҳои зиддифашистӣ муяссар шуд, ки мамлакатро аз фашистон ҳимоя кунанд. Нерӯҳои фашистӣ дар сар то сари мамлакат ва алалхусус дар Мадрид аз нерӯҳои мардумӣ шикаст мехӯрданд. 27 июл генерал Моле ҳатто иброз дошт, ки мо бохтем. Франко амр кард, ки нерӯҳои фашистӣ муқобилиятро бар зидди ҷумҳуриятхоҳон идома диҳанд. Ӯ ин вақт бесаброна ёрии ҳарбии Германия, Италия ва Португалияро интизор буд.

**Таҷовузи ҳарбии давлатҳои хориҷӣ ба Испания.** Бегоҳии 25 июли соли 1936 Гитлер намояндагони генерал Франкоро қабул карда, фармуд, ки таъҷилан ба исёнгарони испанӣ 20 самолёти боркаши "Ю-52" фиристода шавад. Муссолинӣ ҳам баъди ду рӯз ба Франко 11

самолёти "Савойя-81" фиристод. Португалия бошад, ба пойгоҳи фашистон табдил ёфт. Ҳукумати ин мамлакат ба онҳо силоҳ ҳам дод. Ёрии давлатҳои фашистӣ исёнгаронро аз торумори қатъӣ наҷот дод. Минбаъд ёрии доимии ин се давлат ба исёнгарон ба воқеаи доимӣ табдил ёфта, таносуби нерӯҳои дар ҷанг иштирокардаро ба фоидаи фашистони Испания ҳал кард. Акнун ин се давлати фашистӣ пурра иштирокчии ҷанги Франко бар зидди Ҷумҳурии Испания буданд. Ба ҷумҳуриятхоҳони испанӣ низ аз хориҷа ёрӣ меомад, вале на ба он ҳаҷме, ки фашистон мегирифтанд.

Аввали моҳи августи соли 1936 самолётҳои Италия ва Германия барои ба Испания овардани ҷузъу томҳои артиши дар Марокашбудаи Испания шурӯъ намуданд. Ғайр аз ин аз ҷониби Германия дар Испания легиони "Кондор"-и иборат аз 6 ҳазор нафар ҷанговар, 6 эскадрилияи гулӯлаандоз ва 1 эскадрилияи гидроплан ҷанг мекард. Баъдтар шумораи умумии артиши Германия дар Испания ба 50 ҳазор нафар расонда шуд.

Аз Италия ба Испания артиши қариб 150-ҳазорнафара ва силоҳи зиёд фиристода шуд. Португалия дар баробари ба ихтиёри фашистон додани пойгоҳ 20 ҳазор нафар аскару афсар ҳам дод.

Дар натиҷаи ёрии ҳарбии бузурги ин се давлати фашистӣ муқовимати ҷумҳуриятхоҳони Испания фурӯ нишонда шуд. Дар баробари таслим шудани шаҳри Мадрид муқобилияти ҷумҳуриятхоҳони Испания моҳи марти соли 1939 пурра қатъ гардид.

Дар натиҷаи ғалабаи Франко Испания ба давлати фашистии террористӣ табдил ёфт. Франко ҳамаи онҳоеро, ки бар зидди фашистон мубориза мебурданд ва ё дар ҳаракати зиддифашистӣ ширкат варзида буданд, душмани Испания эълон кард.

Мувофиқи қонуни фашистии Франко трибуналҳои фавқулодда ташкил карда шуданд. Тавассути фаъолияти ин трибуналҳо нерӯҳои зиддифашистӣ ба ҷазоҳои вахшиёна гирифтор карда шуданд.

Ҳамин тариқ, дар Испания сохти ҷумҳуриявӣ барҳам хӯрд. Ҳануз 1 октябри соли 1936 Франко генералиссимус эълон карда шуд.

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

**1.** Дар бораи вазъи иқтисодии Испания дар солҳои 20-ум далелҳо биёред. **2.** Примо де Ривера дар Испания кай табаддулоти давлатӣ ба амал овард? **3.** Примо де Ривера чаро 30 январи соли 1930 ба истеъфо рафт? **4.** Аҳдномаи "Сан-Себастян"-ро шарҳ диҳед. **5.** Инқилоби буржуазию демократии Испания кай ғалаба кард? **6.** Дар бораи чорабиниҳои Ҳукумати Муваққатии Испания мисолҳо биёред. **7.** Интихобот ба кортесҳои Испания кай баргузор гардид? **8.** Кортесҳо кай Конститутсияи Испанияро қабул карданд? Мувофиқи он Испания чӣ хел давлат номида

шуд? **9.** Дар интихоботи парламентии соли 1933 кадом неруи сиёсӣ ғалаба кард? **10.** Фашистони Испания бо кадом роҳҳо мехостанд, ки дар мамлакат диктатураи фашистӣ барпо кунанд? **11.** Дар Испания кай Ҷабҳаи Халқӣ ташкил карда шуд ва барои чӣ? **12.** Интихоботи 16 феврали соли 1936 ба кортесҳо чӣ натиҷа дод? **13.** Генерал Франко чаро бо Гитлер ва Муссолинӣ забон як кард? **14.** Исёни фашистони Испания дар куҷо ва кай оғоз ёфт? **15.** Дар бораи ҷанги миллию инқилобии халқи Испания нақл кунед. **16.** Дар бораи ёрии Германия, Италия ва Португалия ба исёнгарони Испания далелҳо биёред. **17.** Исёнгарон бо сардории генерал Франко кай бар ҷумҳуриятхоҳони Испания пурра ғалаба ба даст даровардаанд? **18.** Аз мавзӯъ хулоса бароред.

## § 10. АВСТРИЯ

**Пароканда шудани Австро-Венгрия.** Дар империяи Австро-Венгрияи сермиллат миллатҳои азияткашида аксарияти аҳолиро ташкил менамуданд. Бӯҳрони иҷтимоӣ ва зиддиятҳои миллӣ дар ин мамлакат ҳанӯз пеш аз оғози Ҷанги якуми ҷаҳонӣ ба миён омаданд. Австро-Венгрия дар байни мамлакатҳои империалистӣ нисбатан заифтар буд.

Дар баробари тӯл кашидани ҷанг кайфияти зиддиҷангии халқҳои Австро-Венгрия торафт пурзӯртар мешуд. Аскарони Австро-Венгрия аз майдони набард фирор мекарданд ва ё худро ба асирӣ месупориданд. Норозигии дар ҷанг иштирок кардани Австро-Венгрия дар байни халқ рӯз то рӯз пурзӯртар мешуд. Бӯҳрони иқтисодӣ ин равандро тезонд.

Моҳи августи соли 1918 шикасти артиши Германия ва барҳам хӯрдани ҷабҳаи Салоника ба мутлақияти Австро-Венгрия зарбаи ҳалокатовар зад. 3 ноябри соли 1918, яъне ҳанӯз то расман ба имзо расонда шудани аҳдномаи оташбас дар мамлакат инқилоби буржуазию демократӣ ба амал омад. Империяи Австро-Венгрия ба давлатҳои миллӣ пора-пора шуд. Давлатҳои Австрия, Чехословакия ва Венгрия ба вуҷуд омаданд. Қаламрави славянҳои ҷанубӣ ба ҳайати "Шоҳигарии сербҳо, хорватҳо ва словенҳо" дохил шуд. Қисматҳои алоҳидаи Австро-Венгрия ба ҳайати Руминия ва Полша гузаштанд. Давлати сермиллати Империяи Габбсбургҳо бо ҳамин мавҷудияти худро қатъ кард.

**Таъсисёбии Ҷумҳурии Австрия.** Буржуазияи Австрия дар зери таъсири баромадҳои оммавии халқ Австрияро ҷумҳурӣ эълон намуд. Инқилоби буржуазӣ-демократии Австрия бе хунрезӣ ғалаба кард. Дар ташкили ҳукумати нав Ҳизби Сотсиал-Демократӣ фаъол буд. 30

октябри соли 1918 дар шахри Вена аз намояндагони ин ҳизб ва ҳизбҳои дигари буржуазӣ ҳукумати Австрия таъсис дода шуд. Ба он яке аз роҳбарони Ҳизби Сотсиал-Демократӣ Карл Реннер роҳбарӣ кард. Аз ҷиҳати сохти идоракунӣ Австрия ҷумҳурии демократӣ буд.

**Ҷумҳурии Австрия дар солҳои 1919 – 1920.** Дар солҳои 1919 – 1920 ва баъдтар ҳам ғояи "аншлюс" ("муттаҳидшавӣ")-и Австрия бо Германия дар байни нерӯҳои гуногуни сиёсии мамлакат орзуи дерина буд. Мувофиқи ин ғоя гӯё Австрия худаш яккаю танҳо аз мушкилоти ба сари ҷомеа омада халос шуда наметавонад. Агар миллати немис дар як давлат муттаҳид шавад, қодир аст ба мақсадҳои иқтисодию иҷтимоии худ ноил гардад. Ҳизби Халқии рӯ ба ҷониби Германияи бузург маҳз дар ҳамин ақида буд. Ҳизби Насронӣ – Иҷтимоӣ бошад, дар мавқеи "ду давлати немисӣ" меистод, яъне бояд ҳам Германия ва ҳам Австрия вуҷуд дошта бошад.

Ҳукумати Реннер кӯшиш мекард, ки аншлюс – ҳамроҳшавӣ бо Германия ҳанӯз дар оғози мавҷудияти Ҷумҳурии Австрия ба амал бароварда шавад. Маҷлиси Миллӣ он вақт ҳатто чунин эъломия ҳам қабул карда буд. Вале бо талаби Фаронса ба қарорҳои Созишномаи сулҳи Версал дар робита ба ин масъала моддае ворид шуд, ки аншлюси Австрияро бо Германия манъ мекард. Моддаи марбута дар созишномаи сулҳ бо Австрия, ки дар маҳаллаи Сен-Жермени наздикии Париж ба имзо расид, низ дохил карда шуд.

Дар тӯли зимистони солҳои 1919 – 1920 вазъи иқтисодии Австрия ниҳоят вазнин шуд. Аз ин рӯ, музди меҳнати мардум паст фаромад. Хӯрокворӣ намерасид. Халқ қудрати харидории худро аз даст дод. Ҳукумат аз ӯҳдаи бартараф кардани бӯҳрон баромада наметавонист. Аз ҳамин сабаб, кабинети Реннер 10 июни соли 1920 истеъфои худро иброз дошт.

1 октябри соли 1920 Конститутсияи Ҷумҳурии Австрия қабул карда шуд. Мувофиқи ин конститутсия ҳамаи онҳое, ки синнашон ба 20 расида буд, ҳуқуқи интихоботӣ гирифтанд. Парламенти Австрия аз ду палата иборат буд – палатаи поёнӣ ва палатаи болоӣ. Ба палатаи болоӣ – Шӯрои Федератсия – намояндагони вилоятҳо дохил буданд. Австрия аз вилоятҳои Бургунленд, Каринтия, Австрияи Боло, Австрияи Поён, Залсбург, Штирия, Тирол ва Ферарлберг иборат буд.

**Австрия дар солҳои 1921 – 1938.** Тирамоҳи соли 1922 дар Австрия Ҳизби Насронӣ-Иҷтимоӣ ба сари қудрат омад. Аз моҳи майи соли 1922 ба ҳайати ин ҳукумат намояндагони Ҳизби Халқии Германияхоҳон низ дохил шуданд. Канслери Австрия Зейпел тасдиқ карда шуд. Игнас Зейпел мехост, ки Австрияро ба давлати корпоративии ба Италияи фашистӣ монанд табдил бидиҳад. Ӯ муаллифи ғояи "давлати дуюми немисӣ" буд. Ин сиёсатро баъзе давлатҳои Ғарб дастгирӣ мекарданд.



4—К-9371

Мувофиқи протоколҳои 4 октябри соли 1922-и дар Женева баимзорасидаи Лигаи Миллатҳо ҳукуматҳои Британияи Кабир, Фаронса, Италия ва Чехословакия ӯҳдадор шуда буданд, ки ба ҳукумати Австрия вомбарги байналхалқӣ ва 650 миллион крони тиллоӣ қарз диҳанд. Тибқи ин протоколҳо Лигаи Миллатҳо барои роҳбарӣ ба Австрия Комиссари Олӣ таъйин кард. Бе иҷозати Комиссари Олӣ Ҳукумати Австрия ягон крони ин маблағро сарф карда наметавонист. Тамоми хоҷагии халқ таҳти назорати ин комиссар буд.

Ёрии ба иқтисодиёти Австрия расондашуда дар солҳои 20-ум саноат, кишоварзӣ ва молияи Австрияро рушд дод.

Аз соли 1923 сар карда дар Австрия созмонҳои фашистӣ фаъолияти худро ҷоннок карданд. Ҳизби Сотсиал-Демократӣ дастаҳои коргарии худмуҳофизи "Шутсбунди Ҷумҳуриявӣ" ташкил дод. Ин ҳизб барои дар мамлакат барпо кардани диктатураи пролетариат тайёрӣ медид. Теъдоди дастаҳои мусаллаҳи Ҳизби Шутсбунди Ҷумҳуриявӣ ба 100 ҳазор нафар расида буд. Аз аввали соли 1927 баромадҳои аъзои созмони фашистии Хеймвер афзуд. 30 январ гурӯҳи фашистони мусаллаҳ ба сӯи намоишгарон оташ кушод. Ҳизби Коммунистӣ ва Ҳизби Сотсиал-Демократӣ натавонистанд, ки қувваҳои худро муттаҳид карда, пеши роҳи фашистонро бигиранд.

Дар интихоботи парламентии 24 апрели соли 1927 Ҳизби Насронӣ-Иҷтимоӣ ва Ҳизби Халқии Германия дар иттиҳоди муштараки интихоботӣ иштирок намуданд. Ин иттиҳод дар интихобот 1,7 миллион овоз гирифта, ғолиб баромад. Ҳизби Сотсиал-Демократӣ бошад, ба 1,5 миллион овози интихобкунандагон соҳиб шуд.

Солҳои 1929 – 1933 Австрияро бӯҳрони ҷаҳонии иқтисодӣ фаро гирифт. Ин бӯҳрон дар Австрия нисбат ба мамлакатҳои дигари сармоядорӣ оқибатҳои сахттар ба бор овард. Дар Австрия ҳаракати фашистӣ боз ҳам шадидтар гардид. Дар ин давра дар Австрия ду ҷараёни ҳаракати фашистӣ – хеймвер ва миллатчиҳо (натсистҳо) вуҷуд доштанд. Хатари фашистиро дар Австрия натиҷаҳои интихоботи 24 апрели соли 1932 ошкор сохтанд. Дар аксар шӯроҳои муниципалии Вена ва ландтагҳои Австрияи Поён, Залсбург, Каринтия ва Штирия номзадҳои фашистӣ ғолиб омаданд.

Моҳи майи соли 1932 ҳукумати Долфус аз намояндагони Ҳизби Насронӣ-Иҷтимоӣ таъсис ёфт.

Баъд аз он ки дар Германия фашистон ба сари қудрат омаданд, сӯи фашизм майл кардани Австрия афзуд. Моҳи марти соли 1933 ҳукумати Долфус тавассути "қонунҳои фавқулодда" парламентро дар амал аз вазифаҳои асосиаш дур карда, дар мамлакат режими авторитарӣ барпо намуд. Моҳи майи соли 1933 фаъолияти Ҳизби Коммунистӣ манъ карда шуд. Ҳукумат бар зидди аъзои ин ҳизб таъқиботро оғоз намуд.

**Дар Австрия ба сари қудрат омадани фашистон.** Аввали соли 1934 ҳукумати Долфус барои ба ҳокимияти мутлақ соҳиб шудан тайёрӣ дид. 12 феврал пулис хост, ки дар идораи Ҳизби Сотсиал-Демократӣ кофтуков гузаронад, лекин ба муқобилияти мусаллаҳонаи дастаи шутсбундчиён дучор омад. Задухӯрди дар Линс оғозёфта ба тезӣ дар марказҳои дигари саноатӣ ва дар шаҳри Вена паҳн гардид. Вале шутсбундчиён ба шикаст дучор шуданд. Баъди панҷ рӯзи муқовимат онҳо аз тарафи фашистон торумор гардиданд. Бо ҳамин дар Австрия ҳукмронии фашистон оғоз ёфт.

Фашистони Австрия ҳокимияташонро тавассути сипоҳиёни худ мустаҳкам мекарданд. 1 майи соли 1934 Конститутсияи фашистии Австрия ҷорӣ карда шуд. Дар он принсипҳои сохти ҷамъиятии Австрия табақавию корпоративӣ эълон карда шуданд.

Дар байни ду чараёни фашистии Австрия, ки дар боло ном бурда шуд, рақобат пурзӯр гардид. Моҳи июли соли 1934 бо супориши Берлин амал карда, гурӯҳи натсистон ба табаддулот даст зад, то ки ба ҳокимият соҳиб шавад. Дар ин сӯиқасд канслер Долфус кушта шуд. Вале дар Австрия сӯиқасдчиёнро касе дастгирӣ накард. Худи Германия бошад, ҷуръати ба Австрия дахолат ва оғоз намудани таҷовуз накард. Ба ҳукумати навташкили Шушинг муяссар шуд, ки баромади фашистони Австрияро ба тезӣ пахш кунад.

Тавре ки ба шумо маълум аст, дар ҷанги зидди Ҳабашистон Италия ва Германия бо ҳам наздик шуданд. Акнун ба аншлюси Австрия бо Германия Италия халал намерасонд. Созишномаи 11 июли соли 1936-и Австрия бо Германия дар амал оғози ба Германия ҳамроҳшавии Австрия буд. Моҳи феврали соли 1938 Шушинг дар бораи ба натсистон супоридани ҳокимият розигӣ дод. 11 марти соли 1938 артиши Германия ба Австрия даромад. Ҳамин тариқ, Австрия ба Германия ҳамроҳ шуд. Он танҳо баъди Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ аз нав ба истиқлолият соҳиб шуда тавонист.

**МАЪХАЗ**

**СОЗИШНОМАИ СУЛҲИ СЕН-ЖЕРМЕН**

***10 сентябри соли 1919***

Созишномаи сулҳи Сен-Жермен 10 сентябри соли 1919 дар байни ИМА, Британияи Кабир, Фаронса, Италия, Ҷопон, Белгия, Чин, Куба, Юнон, Никарагуа, Панама, Полша, Португалия, Руминия, давлати Сербу Хорвату Словения, Сиам, Чехословакия аз як тараф ва Австрия аз тарафи дигар, ба имзо расида буд. Ин созишнома ба силсилаи созишномаҳое дохил буд, ки Низоми Версал номида шудааст.

***Моддаи 27.*** Ҳудудҳои Австрия чунин муқаррар карда шудаанд:

1) Бо Швейсария ва бо Люксенбург: ҳудудҳои вуҷуддошта ... (нуктаҳои 2 – 6-и моддаи 27 дар назар доштанд, ки қисми музофоти Крайна ва Каринтия, Кюнсетенланд ва ҷанубии Тиролро ба Италия медиҳад. Югославия қисми зиёди Крайна, Долматсия,

Штирияи Ҷанубӣ ва Ҷанубу Шарқии Каринтияро гирифт. Бургенланд аз Венгрия кашида гирифта, ба Австрия дода шуд).

7) Бо Германия: сарҳад то 3 августи соли 1914.

***Моддаи 59.*** Австрия ба фоидаи Румыния ... аз ҳамаи ҳуқуқу имтиёзҳои худ бар герсогии Буковина даст мекашад.

***Моддаи 88.*** Истиқлолияти Австрияро бе розигии Лигаи Миллатҳо бархам додан мумкин нест...

***Моддаи 120.*** Шумораи умумии нерӯҳои ҳарбии артиши Австрия набояд аз 30000 нафар зиёд бошад.

Артиши Австрия танҳо барои тамоми қаламрави Австрия ва ҳифзи сарҳадҳои он таъйин шудааст.

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

**1.** Империяи Австро-Венгрия кай ва чӣ тавр пароканда шуд? **2.** Баъди порокандашавӣ дар қаламрави империяи Австро-Венгрия кадом давлатҳои соҳибистиқлол ташкил ёфтанд? **3.** Дар Австрия кадом сол инқилоби буржуазию демократӣ ба амал омад? **4.** Ҷумҳурии Австрия кай ва чӣ тавр таъсис ёфт? **5.** "Аншлюс" чӣ маънӣ дорад ва он ба муносибатҳои байни Австрия ва Германия ягон робита дошт? **6.** Дар бораи вазъи иқтисодии солҳои 20-уми Австрия иттилоъ диҳед. **7.** Дар бораи Конститутсияи соли 1920-и Австрия чиҳо медонед? **8.** Конференсияи сулҳи Париж оё вазъи сиёсию иқтисодии Австрияро тағйир дод? **9.** Дар бораи ташаккули ҳаракати фашистӣ дар Австрия чиҳо медонед? **10.** Долфус дар Австрия кадом ҳокимиятро барпо намуд? **11.** Чаро 12 феврали соли 1934 дар Линс дар байни пулис ва дастаҳои мусаллаҳи шутсбундчиён задухӯрд ба амал омад? **12.** Дар Австрия Конститутсияи фашистӣ кай ҷорӣ карда шуд? **13.** Натсистон бо супориши Берлин дар Австрия кай табаддулот ба амал баровараданӣ шуданд? **14.** Ба ҳайати Германия воридшавии Австрия кай ва чӣ тавр ба амал омад? **15.** Аз мавзӯъ хулоса бароред.

## § 11. ШВЕТСИЯ

**Ҳаракати иҷтимоӣ ва ислоҳоти парламентии соли 1918.** Ҷанги якуми ҷаҳонӣ ба вазъи ҷамъиятию сиёсии Шветсия низ таъсири манфӣ расонд. Тартиботи сиёсӣ, муҳосираи иқтисодии Англия ва дар натиҷаи он нарасидани сӯзишворию хӯрокворӣ, маҳсулоти дигари сермасриф ва пастшавии музди меҳнат сатҳи ҳаракати иҷтимоиро дар Шветсия муайян намуданд. Ин ҳаракат дар заминаи ғояҳои сотсиал-демократӣ сурат мегирифт. Вазъияти зикргардида ба ҳизбҳои сиёсӣ ҳам таъсир расонд. Моҳи майи соли 1917 дар Ҳизби Сотсиал-Демократӣ ҷудоӣ ба амал омад. Онҳое, ки дар ақидаи чапгароӣ буданд, аз ин ҳизб баромада, Ҳизби Сотсиал-Демократии Чапгароро таъсис намуданд.

Вазъияти иқтисодию сиёсии мамлакат ҳукумати консервативии Ҳаммаршелдро маҷбур кард, ки ба истеъфо равад. Ин касро халқ ҳатто "Хунгершелд" номида буд, ки маънои қисми аввали ин калима – "хунгер" (гуруснагӣ) аст. Ҳукумат ба дасти Ҳизби Сотсиал-Демократии Чапгаро гузашт, лекин ин ҳизб ҳам дер ҳукмронӣ карда натавониста, ба истеъфо рафт. Тирамоҳи соли 1917 Ҳизби Сотсиал-Демократии Ростгаро ҳукумати эътилофӣ ташкил намуд. Ин ҳукумат ҳам ба пастшавии ҳаракати иҷтимоӣ муваффақ шуда натавонист. Сотсиалистони чапгаро аз тариқи манифести инқилобӣ баромад карданд, ки мӯҳтавояш мусодираи сармояи калон ва замини ашрофон буд. Онҳо инчунин дар Шветсия барпо намудани сохти ҷумҳуриятиро тақозо карда, мардумро ба корпартоӣ даъват менамуданд. Корпартоиҳо оммаҳои васеи аҳолиро фаро гирифтанд. Ба ҳокимияти шоҳ хатар таҳдид мекард. Артиш беэътимод менамуд. Бинобар ин шоҳ Густави V қариб буд, ки ба шоҳи Германия Вилгелми II пайравӣ кунад. Ӯ бо ёрии сотсиал-демократҳои ростгарон дар оппозитсиябуда тавонист, ки вазъияти пуртаҳлукаро бартараф намояд. Баъди ин дар зери роҳбарии пешвои маъруф, парламентёри таҷрибадор ва публитсист Я. Брантинг оид ба ислоҳоти коммуналӣ ва парламент саросемавор қонунҳо таҳия ва қабул карда шуданд. Яке аз ин қонунҳо ҳуқуқи умумии интихоботиро ба палатаи болоӣ, аз он ҷумла барои занон эълон кард.

Соли 1920 Ҳизби Сотсиал-Демократӣ баъди ғалаба дар интихоботи парламентӣ алоқаи худро аз либералҳо канда, бо сардории худи ҳамон Брантинг "Ҳукумати коргарӣ"-ро ташкил намуд. Азбаски ин ҳизб дар парламент ақаллиятро ташкил мекард, ҳукуматро дар дасти худ дуру дароз нигоҳ дошта наметавонист. Аз ҳамин сабаб ҳукумати Брантинг ба истеъфо рафт.

**Шукуфоии Шветсия дар солҳои 20-ум.** Болоравии саноат дар Шветсия нисбат ба мамлакатҳои дигари сармоядорӣ тезтар ва самараноктар сурат мегирифт. Дар солҳои 1923 – 1930 маҳсулоти саноатӣ 64 фоиз ва содирот 70 фоиз афзуд. Суръати истеҳсолоти Шветсия на танҳо аз мамлакатҳои Скандинавия, балки аз мамлакатҳои дигари калонтарини Ғарб ҳам тезтар буд. Харида гирифтани ҳуқуқи (патент)-и истеҳсоли маснуоти саноатии Шветсия акнун аз қаламрави Европа ҳам берун баромад. Ширкатҳои шведӣ аҳамияти байналхалқӣ пайдо намуданд. Масалан, "Шоҳи шведии гӯгирд" Ивар Крейгер, ки мартабаи соҳибкории худро дар Петербург оғоз карда буд, қисми асосии истеҳсоли гӯгирди ҷаҳонро инҳисор карда, ба яке аз сармоядорони калонтарини ҷаҳон табдил ёфт. Дар баробари рушди саноат ва кишоварзии Шветсия музди меҳнати аҳолӣ хеле афзуд ва некӯаҳволии мардум баланд шуд.

Дар ҷомеаи Шветсияи онвақта ҳукмрон гардидани унсурҳои демократӣ то чанде ба амри воқеӣ табдил меёфтанд. Дар мамлакат

иттифокҳои касаба ҳам озодона фаъолият карда, манфиатҳои аъзои худро хифз менамуданд. Чандин ҳизбҳои сиёсӣ – сотсиал-демократҳо, либералҳо, коммунистҳо ва ҳизбҳои дигари хурду калон барои ҳокимияти давлатӣ дар байни худ мубориза мебурданд.

**Шветсия дар солҳои бӯҳрони иқтисодӣ.** Бӯҳрони иқтисодии ҷаҳонии солҳои 1929–1933 ба Шветсия нисбат ба мамлакатҳои дигари Европаи Ғарбӣ сусттар таъсир расонд. Дар солҳои 1930 – 1932 ҳаҷми истеҳсоли саноатӣ танҳо 13 фоиз кам шуд. Сарфи назар аз ин, 80 фоизи коргарон бекор монданд. Музди меҳнати коргарон каме паст фаромад.

Ба туфайли бӯҳрони иқтисодӣ дар Шветсия ҳаракати коргарӣ вусъат ёфт. Ба сабаби фиребу найранги "шоҳи гӯгирд" Крейгер (худкушии ӯ ва муфлис шудани консерни ин соҳибкор) обрӯи байналхалқии сармояи Шветсия як дарача рехт. Ҳукумат барои фурӯ нишондани ҳаракати корпартой аз дастаҳои калони коргарони зархарид истифода мебурд. Онҳо аз тарафи ашхоси мусаллаҳ ҳифз карда мешуданд. Дар ноҳияи саноатии Шимоли Одален яке аз намоишҳои калони аҳли меҳнат ба хунрезӣ табдил ёфт. Аскарон бар зидди намоишгарон оташ кушоданд. Дар натиҷаи ин панҷ нафар намоишгарон кушта шуданд. Дар Стокголм намоиши 50-хазорнафараи эътирозӣ ба амал омад. Дар натиҷаи муборизаи пай дар пайи нерӯҳои чапгаро соли 1932 ҳукумати либералӣ ба истеъфо рафт.

Дар интихоботи парламентии моҳи сентябри соли 1932 Ҳизби Сотсиал-Демократӣ бо барномаи бартараф кардани бӯҳрони иқтисодӣ иштирок кард, ки асоси онро танзими давлатии иқтисоди сармоядорӣ ташкил менамуд. Мувофиқи ин барнома ба корхонаҳои зарардида бояд аз буҷаи давлат ёрӣ расонда мешуд. Дар ин интихобот ҲСДШ 47 фоизи овози интихобкунандагонро соҳиб шуда, ғолибият ба даст овард. Ба ҳукумати сотсиал-демократӣ пешвои нави он П. А. Ханссон роҳбарӣ кард. Ин ҳизб соли 1933 бо кишоварзон созиш карда, дар парламент аксариятро ба даст даровард ва бо ҳамин оппозитсияро заиф гардонд.

Дар натиҷаи ҷидду ҷаҳди ҳукумати П. А. Ханссон дар давраи то Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ҳаҷми истеҳсолоти саноати Шветсия 65 фоиз афзуд. Чунин суръати тараққиёти иқтисодӣ ба ислоҳотхоҳони Шветсия имконият дод, ки барномаи ҳукуматиро пурраю барзиёд иҷро намоянд. Содироти сармоя зери назорати қатъии давлат қарор гирифт. Ин буд, ки содироти сармоя кам шуд. Чунин тамоюл имконият дод, ки қарздиҳӣ ба саноат афзояд. Барои ҳавасманд гардонидани қарзгирандагони саноатӣ фоизи қарз кам карда шуд. Давлат имконият пайдо намуд, ки ба сохтмони асосӣ маблағгузорӣ кунад. Ин буд, ки соли 1939 ҳисса (сектор)-и давлатӣ дар истеҳсолот ва нақлиёт ба 15 фоиз расонда шуд.

Давлат кишоварзии Шветсияро аз рақобати хориҷӣ ҳифз мекард. Фурӯши маҳсулоти кишоварзиро муассисаҳои калони давлатию кооперативӣ инҳисор карда буданд. Онҳо маҳсулотро аз кишоварзон бо нархи баланди кафолатдор мехариданд. Дар ин мамлакат аввалин бор маблағгузории муттасили хоҷагиҳои деҳот аз буҷаи давлат санҷида шуд, ки он натиҷаи хуб дод. Андози моликиятдорони калон як дараҷа зиёд шуд.

Дар баробари ин давлат чораҳои иҷтимоӣ ҳам меандешид. Дар робита ба ин метавон қонун дар бораи ҳифзи модарон ва кӯдаконро мисол овард. Ин қонун аз он сабаб ба миён омад, ки дар мамлакат таваллуди кӯдак ба гаври фоҷиавӣ кам шуд.

Дар солҳои 30-юм дар Шветсия бархӯрд байни аҳли меҳнат ва сармоядорон аз байн рафт. Соли 1938 созмонҳои марказии иттифоқҳои касаба ва соҳибкорон ба "Қарордоди асосӣ" дар бораи бе муроҷиат ба додгоҳ бартараф кардани мухолифатҳои меҳнатӣ имзо гузоштанд. Ин буд, ки солҳои 1938 – 1939 дар мавриди низоъҳо шумораи рӯзҳои кории гоиб 21 маротиба кам шуданд.

Сотсиал-демократҳои ҷаҳон таҷрибаи бисёрҷабҳаи иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсии Шветсияро ҳаматарафа меомӯхтанд. Ислоҳотхоҳон ва сотсиал-демократҳо таҷрибаи Шветсияро "сотсиализми скандинавӣ", ё худ "роҳи миёна"-и байни сармоядорӣ ва коммунизм номидаанд.

**Сиёсати хориҷии Шветсия.** Шветсия, ки дар Европаи Шимолӣ давлати калонтарин аст, дар байни давлатҳои ҳамсоя ва махсусан давлатҳои ҳавзаи Баҳри Балтика соҳиби обрӯйи калон буд. Шветсия бо давлатҳои дигар, сарфи назар аз сохти сиёсии онҳо, ҳамкории тиҷоратӣ дошт.

Шветсия дар арафаи Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ бетарафиро мавқеи худ қарор дода, аз амнияти коллективонаи давлатҳои зиддифашистӣ ҳам даст кашид. Дар баробари ин барои ҳифз кардани худ ҳаматарафа тайёрӣ медид.

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

**1.** Ҷанги якуми ҷаҳонӣ ба Шветсия чӣ таъсир расонд? **2.** Дар бораи фаъолияти аҳзоби сиёсии Шветсия маълумот диҳед. **3.** Мисолҳое биёред, ки дар бораи шукуфоии Шветсия шаҳодат диҳанд. 4. Бӯҳрони иқтисодӣ кадом сол ба Шветсия роҳ ёфт? **5.** Чаро таъсири бӯҳрони иқтисодӣ ба Шветсия кам буд? **6.** Дар бораи ҳаракати иҷтимоии солҳои бӯҳрони иқтисодӣ иттилоъ диҳед. **7.** Чаро Ҳизби Сотсиал-Демократии Шветсия дар интихоботи парламентии соли 1932 ғолиб баромад? **8.** Ба ҳукумати ташкилкардаи Ҳизби Сотсиал-Демократии Шветсия кӣ роҳбарӣ мекард? **9.** Дар солҳои 1933 – 1939

саноат ва кишоварзии Шветсия чӣ тавр тараққӣ карданд? Дар ин бора далелҳо биёред. **10.** Чаро дар иқтисодиёти Шветсия ҳиссаи давлатӣ зиёд шуд? **11.** Чаро дар байни меҳнат ва сармоядорони Шветсия ваҳдат ба амал омад? **12.** Моҳияти сиёсати хориҷии Шветсияро шарҳ диҳед. **13.** Аз мавзӯъ хулоса бароред.

## § 12. ВЕНГРИЯ

**Сабабҳои инқилоб.** Венгрия қисми таркибии мутлақияти империяи Австро-Венгрияи Габбсбургҳо буд. Дар ин империя Австрия мақоми асосиро дар дасти худ нигоҳ медошт. Халқи венгер аз тарафи заминдорону буржуазияи худӣ ва Австрия истисмор карда мешуд.

Венгрия аз ҷиҳати рушди саноатӣ ва кишоварзӣ аз Австрия ақиб монда буд. Дар баробари ин Венгрияро зиддиятҳои тезу тунди миллию иҷтимоӣ фаро гирифта буданд. Ин зиддиятҳоро танҳо бо роҳи ба даст овардани истиқлолияти давлатии Венгрия, барҳам додани мутлақият ва барпо намудани ҷумҳурии демократӣ, барҳам додани заминдории мулкӣ, ба кишоварзон додани замин ва дар дохили худи Венгрия ҳал кардани масъалаи миллӣ бартараф намудан мумкин буд.

Дар ин замина дар Венгрия бӯҳрони инқилобӣ торафт шиддат меёфт. Кайфияти зиддиҷангӣ артиши Австро-Венгрияро ҳам фаро гирифт. Дар артиш исёнҳо ба амал меомаданд. Фирори аскарон меафзуд. Тобистони соли 1918 дар ҳар ду қисмати империя аскару афсарони фирорӣ зиёда аз 100 ҳазор нафарро ташкил намуданд. Ин вақт дар зери таъсири шикасти ҳарбӣ дар Ҷанги якуми ҷаҳонӣ ва ҳаракати миллию озодихоҳии халқҳои мазлуми Австро-Венгрия моҳи октябри соли 1918 мутлақияти Габбсбургҳо завол ёфт.

**Инқилоби буржуазию демократии соли 1918.** Шаби 30 октябри соли 1918 дар Венгрия инқилоби буржуазию демократӣ оғоз ёфт. Ҳайати инқилобчиён аз табақаҳои гуногуни аҳолӣ – буржуазияю коргарон, зиёиёну кишоварзон ва рӯҳониёну табақаҳои дигари аҳолӣ иборат буд. Ҳамаи онҳоро зарурати ба даст овардани истиқлолият ва рушди иқтисодию иҷтимоии Венгрия муттаҳид кард.

Дар Будапешт зери роҳбарии сотсиал-демократҳои чапгаро ва "сотсиалистҳои инқилобӣ" шӯриши мусаллаҳона бо ғалаба анҷом ёфт ва нерӯҳои инқилобӣ ба сари ҳокимият омаданд. Дар ҳамин ҳолат 24 ноябри соли 1918 дар Будапешт Ҳизби Коммунистии Венгрия таъсис ёфт.

Барои ба тарафи худ кашидани оммаи халқ Ҳизби Сотсиал-Демократӣ ва Ҳизби Коммунистӣ мубориза мебурданд. Ба коммунистон муяссар шуд, ки дар баъзе маҳалҳо коргаронро ба тарафи худ кашида,

шӯроҳоро ташкил намоянд ва бо ҳамин роҳ намояндагони Ҳизби Сотсиал-Демократиро аз ҳокимият дур кунанд.

**Инқилоби пролетарии соли 1919 дар Венгрия.** 19 марти соли 1919 давлатҳои Антанта ба ҳукумати Венгрия бо нотаи махсус мурочиат намуданд, ки як қисми қаламрави худро барои дар он ҷо ҷой додани артиши Антанта ва давлатҳои аъзои ин паймон бидиҳад. Ин талаби Антанта норозигии мардуми Венгрияро ба вуҷуд овард. Ҳукумати М. Кироли ягон роҳи рад кардани талаби Антантаро наёфта, ба истеъфо рафт. Дар мамлакат бӯҳрони ҳокимият ба амал омад.

Роҳбарони Ҳизби Сотсиал-Демократӣ ба назди роҳбарони Ҳизби Коммунистии дар маҳбасбуда рафта, дар бораи ҳамкории муштарак аҳду паймон карданд.

Ҳамин тариқ, 21 марти соли 1919 дар байни роҳбарони сотсиал-демократҳо ва коммунистон созишномае ба имзо расид, ки нуктаҳои асосии он аз бетаъхир дар Ҳизби Ягонаи Сотсиалистии Венгрия муттаҳид шудани ҳизбҳои коммунистӣ ва сотсиал-демократӣ, аз номи пролетариат ба даст гирифтани ҳокимият, таъҷилан халъи силоҳ кардани нерӯҳои ҳарбии буржуазия, ташкил намудани диктатураи пролетариат ва бастани иттифоқ бо Русия иборат буданд. Худи ҳамон рӯз ҳукумати аввали Ҷумҳурии Венгрия ташкил карда шуд.

Ҷумҳурии Шӯравии Венгрия ҳамагӣ 132 рӯз умр дид, вале дар ин муддат он як қатор дигаргунсозиҳои сотсиалистиро ба амал баровард. Аз он ҷумла синфҳои доро аз ҳуқуқи интихоботӣ ва унвонҳои пештара маҳрум, пулис ва жандармерияи қаблӣ пароканда карда, ба ҷои онҳо Посбони Сурх, ба ҷои додгоҳҳои кӯҳна додгоҳҳои халқӣ таъсис дода, бонкҳо, корхонаҳои саноатӣ, шахтаҳо ва нақлиёти хусусӣ миллӣ кунонда шуданд.

Сарфи назар аз мушкилиҳои иқтисодӣ, ба Ҷумҳурии Шӯравии Венгрия муяссар гардид, ки музди меҳнати коргаронро аз 15 то 25 фоиз зиёд кунад. Ин нуктаҳо дар Конститутсияи Ҷумҳурии Шӯравии Венгрия, ки моҳи июни соли 1919 аз тарафи Анҷумани Умумивенгриявии Шӯроҳо қабул шуда буд, инъикос гардидаанд.

Ҷумҳурии Шӯравии Венгрия 1 августи соли 1919 аз тарафи Антанта тавассути артиши Румыния ва Чехословакия барҳам дода шуд. Ба ҷои Ҳукумати Шӯравӣ бо сардории Пейдел ҳукумати сотсиал-демократӣ омад, ки онро "ҳукумати иттифоқҳои касаба" ҳам меноманд. Ин ҳукумат ҳамаи қонунҳои Ҳокимияти Шӯравиро бекор кард.

**Барпо шудани Диктатураи Хортӣ.** Баъди барҳам хӯрдани Ҷумҳурии Шӯравии Венгрия дар мамлакат куштор ва зӯроварӣ ҳукмрон гардид. Дар натиҷа садҳо намояндагони нерӯҳои чапгаро, аз он ҷумла роҳбарони Ҳизби Коммунистӣ Тибор Самуэли, Ене Ласло, Отто Корвин ва даҳҳо муборизони дигари ҳокимияти шӯравӣ ҳалок гардиданд.

Моҳи ноябри соли 1919 бо ҳидояти Антанта шаҳри Будапешт аз тарафи артиши аксулинқилобии Хорти ишғол карда шуд. Хорти соли 1920 дар Венгрия интихоботи парламентии сохтакорона гузаронда, овози бештари интихобкунандагонро соҳиб шуд ва бо ҳамин барои ба сари ҳокимият омадан асоси "қонунӣ" пайдо намуд. Парламенти нав дар дасти диктатураи гузаро ғуломи ҳалқабаргӯш буд. Венгрия аз нав ба давлати подшоҳӣ мубаддал гардид. Парламент Хортиро пуштибон (регент) "интихоб" карда, ба ӯ ҳуқуқҳои номаҳдуд дод. Силоҳи диктатураи Хортӣ зӯроварию хунрезӣ буд. Баромадҳои зидди диктатураи Хортӣ бераҳмона пахш карда мешуданд.

**Болоравии иқтисодии Венгрия дар солҳои 20-ум.** Дар миёнаи солҳои 20-ум Венгрия мисли давлатҳои дигари сармоядорӣ ба маҷрои болоравии иқтисодӣ ворид гардид. Ба ин муваффақият ёрии он мамлакатҳое ҳам фоида овард, ки пешравии тартиботи Хортиро мехостанд. Соли 1924 Венгрия ба Лигаи Миллатҳо қабул шуд ва ба воситаи он 250 миллион крони тиллоӣ "вомбарги шифоӣ" қарз гирифт. Маҳз бо ҳамин роҳ тартиботи Хортӣ дар нимаи дуюми солҳои 20-ум тавонист, ки буҷаи давлатии боэътимод дошта бошад.

**Венгрия дар солҳои бӯҳрони иқтисодии ҷаҳон.** Венгрия ба бӯҳрони иқтисодие, ки мамлакатҳои дигари сармоядориро фаро гирифта буд, барвақттар дохил шуд. Аввал соҳаи кишоварзӣ ба бӯҳрон гирифтор шуд. Баъд он ба соҳаҳои дигари иқтисод ҳам ворид гашта, соли 1929 бо тамоми иқтидораш зуҳур кард.

Сатҳи умумии истеҳсол қариб ду баробар кам шуд. Дар солҳои бӯҳрони иқтисодӣ даҳҳо ширкатҳои коркарди маъдан, мошинабарорӣ ва саноати хӯрокворӣ муфлис гардиданд. Ҷамъ тахминан 700 корхона аз кор монд.

Бӯҳрони иқтисодӣ зиндагии халқро душвор гардонд. Соли 1929 аҳли меҳнат нисфи музди меҳнати худро гирифта натавонист. Шумораи бекорон аз 800 ҳазор нафар ҳам бештар буд.

Вазъи пасти зиндагии мардум ба мухолифатҳои иҷтимоӣ сабаб мешуданд. Намоишҳои оммавии эътирозӣ, корпартоиҳо, баромадҳои кишоварзон ба амал меомаданд. Мардум барҳам додани бекорӣ, баланд бардоштани музди меҳнат ва додани замин ба кишоварзонро тақозо мекард. Дар ин давра фаъолияти Ҳизби Коммунистии Венгрия вусъат ёфт.

Соли 1932 дар Венгрия генерал Дюла Гембеш ба сари ҳокимият омад. Ҳукумати ӯ "дасти зӯр" номгузорӣ шудааст. Д. Гембеш барномаи "эҳёи миллати венгер"-ро ба миён гузошт. Татбиқи ин барнома Венгрияро аз бӯҳрони иқтисодӣ баровард.

**Ба Германияи фашистӣ наздикшавии Венгрия.** Баъди ба сари ҳокимият омадан хортичиён рӯ ба ҷониби Берлин оварданд. Сиёсати

ошкорои истилогаронаи гитлерчиён ба ҳукуматдорони Венгрия писанд омад. Хортичиён мехостанд, ки бо ёрии Германия нақшаҳои истилогаронаро татбиқ намуда, мавқеи дохилӣ ва байналхалқии худро мустаҳкам кунанд. Бинобар ин моҳи июни соли 1933 нахуствазири Венгрия Гембеш ба Берлин ташриф овард, то ки дар бораи ҳамкории Венгрия бо Германияи гитлерӣ гуфтушунид кунад. Сиёсати хориҷии Венгрия дар арафаи Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ нишон дод, ки он ба хизматгори Германияи фашистӣ табдил ёфтааст. Венгрия низ чун Германияи гитлерӣ ба ҷанг тайёрӣ медид. Баҳори соли 1938 сарвазири нави Венгрия Калман Даронӣ 5-солаи мусаллаҳшавии мамлакатро эълон кард.

Тирамоҳи соли 1938 ҳукумати Венгрия аз тарафи Германия гирифта шудани вилояти Судети Чехословакияро дастгирӣ намуд. Аз ин кор Венгрия ҳам фоида дид. Қисми ҷанубии Словакия ва як қисми Украинаи Закарпатия аз Венгрия шуд. Венгрия инчунин моҳи марти соли 1939 бо дастгирии Берлин тамоми Украинаи Закарпатияро ишғол кард. Худи ҳамон сол Венгрия ба ҳайати давлатҳои иштирокчии "қарордоди зидди коммингерн" дохил гардид.

---

**МАЪХАЗ**

**СОЗИШНОМАИ СУЛҲИ ТРИАНОН**

***4 июни соли 1929***

Созишнома 4 июни соли 1919 дар Қасри Калони Триянони Версал дар байни ИМА, Британияи Кабир, Фаронса, Италия, Ҷопон, Белгия, Чин, Куба, Юнон, Никарагуа, Панама, Полша, Сиам ва Чехословакия аз як тараф ва Венгрия (дар натиҷаи пароканддашавии империяи Австро-Венгрия) аз тарафи дигар, ба имзо расида буд.

***Моддаи 36.*** Венгрия ба фоидаи ... Италия аз ҳар гуна даъво нисбати қаламрави собиқ Австро-Венгрия, ки ба ҳайати Италия дохил буданаш эътироф шудааст, даст мекашад.

***Моддаи 181.*** Арзиши умумии таъминоти ҳамаи артишҳои Иттифоқчиён ва Давлатҳои Муттаҳида дар қаламрави ишғолии Венгрия дар ҳамон шакле, ки сарҳадҳои он дар Созишномаи мазкур муқаррар карда шудааст, аз лаҳзаи ба имзо расидани сулҳи муваққатӣ, аз 3 ноябри соли 1918 ба Венгрия вогузор аст.

---

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

**1.** Сабабҳои барҳам хӯрдани мутлақияти Габбсбургҳоро муайян кунед. **2.** Империяи Австро-Венгрия кай пароканда шуд? **3.** Дар Венгрия инқилоби буржуазию демократӣ кай ва чӣ тавр оғоз ёфт? **4.** Дар Венгрия инқилоби пролетарӣ кай ва чӣ тавр ғалаба кард? **5.** Ҷумҳурии Шӯравии Венгрия дар мамлакат кадом тағйиротҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоиро ба амал баровард? **6.** Ҷумҳурии Шӯравии Венгрия кай ва чӣ тавр барҳам дода шуд? **7.** Дар бораи болоравии иқтисодии солҳои 20-уми Венгрия

далелҳо биёред. **8.** Дар Венгрия диктатураи Хортӣ кай барпо шуд? **9.** Чаро Венгрия соли 1927 маҳз бо Италияи фашистӣ созишнома баст? **10.** Дар бораи бӯҳрони иқтисодии солҳои 1929 – 1933 Венгрия фикри худро баён кунед. **11.** Чаро ҳукумати Дюла Гембешро ҳукумати "дасти зӯр" номидаанд? Ин хукумат кай ба сари қудрат омадааст? **12.** Венгрия чӣ тавр аз бӯҳрони иқтисодии солҳои 1929 – 1933 баромад? **13.** Венгрия бо кадом мақсад бо Германияи фашистӣ наздик мешуд? **14.** Венгрия Словакияи Ҷанубӣ ва Украинаи Закарпатияро чӣ тавр аз худ кард? **15.** Аз мавзӯъ хулоса бароред.

## § 13. КАНАДА

**Оқибатҳои баъдиҷангӣ дар Канада.** Канада аз ҷиҳати масоҳати худ дар байни мамлакатҳои ҷаҳон дар ҷои дуюм меистод. 1 июли соли 1867 аз тарафи парламенти Англия "Қонун дар бораи Америкаи Шимолии Британия" қабул карда шуда буд. Соли 1921 аҳолии Канада ҳамагӣ 8,7 миллион нафарро ташкил мекард. Дар Канада таърихан ду миллат ташаккул ёфтааст – англисҳои канадавӣ ва фаронсавиҳои канадавӣ. Англисҳои канадавӣ 43 фоиз, фаросавиҳои канадавӣ 30 фоиз ва ақаллиятҳои миллии боқимонда 27 фоизи аҳолии Канадаро ташкил мекарданд.

Канада аз ҷониби Англия 4 августи соли 1914 ба Ҷанги якуми ҷаҳонӣ дохил шуд. Ҷанг ба тағйироти ҷиддии сохти иҷтимоию иқтисодии мамлакат мусоидат намуд. Вай ба давлати саноатию аграрӣ табдил ёфтани Канадаро тезонд. Саноати ҳарбии мамлакат таҳким ёфт. Соли 1916 дар корхонаҳои саноатии ҳарбии Канада зиёда аз 300 ҳазор нафар одам кор мекард. Ҳар снаряди сеюми Антанта, ки дар Ҷабҳаи Ғарбӣ метаркид, дар Канада истеҳсол карда мешуд. Дар оғози ҷанг ба аҳолии мамлакат лозим меомад, ки артиши ниммиллионнафараи Канадаро аз хӯрок, сару либос ва лавозимоти ҷангӣ таъмин намояд. Вале солҳои 1920 – 1921 саноати Канадаро бӯҳрони иқтисодӣ фаро гирифт. Иқтисоди Канада танҳо соли 1925 ба марҳалаи болоравии худ ворид гардид.

Дар солҳои ҷанг ҳукумати консервативии Р. Борден мамлакатро тавассути қонунҳои фавқулодда идора мекард. Баъзе қонунҳо ҳатто аз тасдиқи парламенти Канада нагузашта буданд. Лекин ин қонунҳои таъқибкунӣ, ки ҳуқуқу озодиҳои демократиро маҳдуд мекарданд, болоравии бархӯрдҳои иҷтимоӣ ва ҳаракати зиддиҳарбиро дар Канада боздошта натавонистанд.

**Канада дар солҳои бӯҳрони иқтисодии ҷаҳонӣ.** Баъд аз болоравии иқтисодии солҳои 1925 – 1929 ба Канада ҳам бӯҳрони иқтисодӣ омад. Тамоюли яктарафаи содирот ба он оварда расонд, ки истеҳсоли ашёи

хоми Канадаро бӯҳрони иқтисодии шадид фаро гирифт. Бӯҳрон ба кишоварзӣ аз ҳама зиёдтар зарар расонд. Даромади аҳолии мамлакат ним баробар, даромади кишоварзон панҷ баробар кам шуд. Ҳар як одами дуюми ба меҳнати кироя машғулбуда бекор монд. Соли 1932 аз 10 миллион нафар аҳолии Канада 1 миллиону 350 ҳазор нафараш бо сабаби камшоқӣ ва ё бекорӣ ягон хел ёрӣ мегирифт.

Баҳори соли 1930 дар айни авҷи бӯҳрони иқтисодӣ интихоботи навбатии парламентӣ баргузор гардид, ки дар он Ҳизби Консервативӣ бо мушкилоти зиёд ғолиб баромад. Раиси ҳукумат Р. Беннет таъйин карда шуд. Ин ҳукумат дар сиёсати дохилии худ усули маҷбуркуниро васеъ истифода мебурд. Бинобар ин вайро ҳукумати "панҷаи оҳанин" номидаанд. Ин ҳукумат корпартоиҳоро ба воситаи пулис пахш мекард. Ҳизби Коммунистӣ ба таъқибот гирифтор шуд. Моҳи августи соли 1931 ин ҳизб мамнӯъ эълон гардида, роҳбари он Тим Бак ба маҳбас партофта шуд.

То аввали соли 1935, дар арафаи интихоботи навбатии парламент, натиҷаҳои ҳукмронии консерваторон он қадар хурсандибахш набуданд. Мамлакатро бекории оммавӣ фаро гирифт, шиддати вазъияти ҷамъиятӣ ба ҳадди баландтарини худ расид. Ин буд, ки консерваторон қариб дар ҳамаи легистратураҳо (мақомоти намояндагии маҳаллӣ) ба шикаст дучор шуданд. Дар чунин шароит ин ҳизб ба ду қисм тақсим шуд. Қисмати ҷудошуда худро Ҳизби Оппозитсионии Реконструксия эълон кард. Барои сафҳои ҳизбро дар муттаҳидӣ нигоҳ доштан Беннет бо барномаи нави иҷтимоӣ баромад кард, ки дар он аз ҷумла гуфта мешуд: "ба нобаробарӣ ва беадолатии тартиботи иҷтимоии феълӣ хотима медиҳем". Барномаи Беннет "Роҳи нав" ном гирифт. Ин роҳ суғуртаи иҷтимоӣ барои бекорон, рӯзи кории 8-соата, ҳадди ақаллии музди меҳнат, рӯзи истироҳати ҳарҳафтаина, қарзи имтиёзнок ба фермерҳо ва ғайраро дар назар дошт. Тобистони соли 1935 парламент оид ба ин масъалаҳо қонун қабул кард.

Дар интихоботи умумии парламент моҳи октябри соли 1935 Ҳизби Либералӣ ғалаба кард. Ин ҳизб дар интихобот бо шиори "Кинг ва ё бенизомӣ" иштирок намуд. Баъди ғалаба ба ҳукумати Канада Ҳизби Либералӣ – У. Л. Макензи Кинг роҳбарӣ кард.

**Канада дар солҳои 30-юм.** Яке аз тадбирҳои аввалини ҳукумати Кинг солҳои 1936–1937 барои баррасӣ ба Суди Олии Канада пешниҳод карда шудани қонунҳои марбут ба "Роҳи нав"-и Беннет буд. Сабаби ин иқдом дар он буд, ки гӯё ин қонунҳо хилофи конститутсия бошанд. Дар баробари ин либералҳо моддаи 98-и Кодекси ҷиноятии Канадаро, ки мувофиқи он фаъолияти Ҳизби Коммунистӣ манъ карда шуда буд, бекор карданд ва нақшаи роҳи оҳани Укёнуси Оромро, ки Роҳи Оҳани Давлатии Миллиро ба худ тобеъ карданӣ буд, рад намуданд. Қаблан

иттифокҳои касаба ба ҳукумат масъалаи суғуртаи иҷтимоиро барои бекорон пешниҳод намуда буданд, лекин либералҳо ҳалли ин масъаларо аз ҳад зиёд кашол доданд. Ҳукумат масъалаи суғуртаи иҷтимоӣ ва масъалаҳои дигари таъхирнопазирро ба комиссияи махсус супурд. Ин комиссия фикру мулоҳизаҳои худро оид ба масъалаҳои ба он пешниҳодкарда танҳо дар оғози Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ иброз дошт.

Ҳукумати Макензи Кинг аз ҷанги тиҷоратӣ бо ИМА пурра даст кашид. Ҳукумати консерваторон дар солҳои бӯҳрони иқтисодӣ бо ИМА зиддиятҳои тиҷоратӣ дошт. Ҳукумати Кинг аз зиддият бо ИМА ба муросо гузашта, бо ин давлат якчанд созишномаи тиҷоратӣ баст. Дар иттиҳоди Англияю Америка, ки дар арафаи Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ташкил ёфта буд, Канада ҳамчун ҳалқаи занҷири бо ҳам пайвандкунандаи ин давлатҳо хизмат мекард. Чунин мақоми Канада вобастагии вайро аз ИМА то ҳадде зиёдтар мекард. Дар Канада мавқеи корхонаҳои инҳисории ИМА баланд шуд.

**Сиёсати хориҷии Канада дар солҳои 1919–1939.** Солҳои 20-ум дар Канада шиори "мақоми баробар дар империя" машҳур гардид. Хишти аввалин ба таҳкурсии сиёсати мустақили хориҷии Канада дар солҳои Ҷанги якуми ҷаҳонӣ гузошта шуд. Он вақт намояндаи Канада ба ҳайати кабинетҳои ҳарбии Британияи Кабир дохил гардид. Англия доминионҳоро ҳамчун иштирокчиёни мухтори иттифоқи империӣ эътироф мекард. Ин гузашткуниро Англия ҳамчун чораи муваққатии давраи ҷанг мешуморид. Вале шароити замони муосир баргаштан ба усулҳои кӯҳнаи муносибатҳои байни Англия ва Канадаро имконнопазир гардонд. Дар Конференсияи сулҳи Парижи соли 1919 вакилони Канада бо ҳамроҳии вакилони Англия ба карордоди Созишномаи Версал имзо гузоштанд. Соли 1923 воқеаи гӯшношуниде рӯй дод. Канада бар хилофи зиддияти Англия дар бораи дар қисмати шимолии Укёнуси Ором муҳофизат кардани пелтус аз номи "Доминиони Канада" бо ИМА созишномаеро ба имзо расонд. Соли 1926 Конференсияи империяи Британияи Кабир барғузор гардид, ки дар он намояндагони доминионҳои ин империя ширкат варзиданд. То ин вақт намояндагони Канада чандин санадҳои сиёсати хориҷиро имзо карда буданд, яъне дар ин кор барои Канада аллакай низоме ба вуҷуд омада буд. Ин низом барои ҳамаи доминионҳои Англия асос шуд. Доминионҳои дигар ҳам талаб мекарданд, ки Англия ҳуқуқи истиқлолияти сиёсати хориҷии онҳоро расман эътироф намояд. Канада моҳи феврали соли 1927 сафири нахустини худро ба ИМА фиристод. Баъди ин Канада муносибатҳои дипломатии худро бо якчанд давлати дигар низ барқарор кард. Ниҳоят соли 1931 санади Вестминстери Англия истиқлолияти сиёсати хориҷӣ ва ваколатҳои қонунгузории доминионҳоро эътироф намуд. Бо вуҷуди ин, Канада бе иҷозати

Англия ҳуқуқи ба "Қонун дар бораи Америкаи Шимолии Британия"-и соли 1867 ягон хел ислоҳ дароварданро надошт.

Канада ҳарчанд пайваста сӯи истиқлолият пеш мерафт, лекин ҳанӯз нишонаҳои муҳимтарини истиқлолияти давлатӣ, аз он ҷумла парчам ва нишони давлатӣ, суруди миллӣ, шаҳрвандии тозаи канадавӣ ва ҳуқуқи мустақилона ҳал кардани масъалаҳои ҷанг ва сулҳро надошт. Дар баробари мустақилият Канада торафт ба ИМА наздиктар ва тобеияти он ба ин давлат зиёдтар мешуд.

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

**1.** Оқибатҳои манфӣ ва мусбати Ҷанги якуми ҷаҳонӣ барои Канада кадомҳоянд? **2.** Ҳукумати консерваторон бо сардории Р. Борден Канадаро чӣ тавр идора мекард? **3.** Бӯҳрони иқтисоди ҷаҳонии солҳои 1929 – 1933 ба иқтисоди Канада чӣ хел таъсир расонд? **4.** Интихоботи парламентии соли 1930-и Канадаро шарҳ диҳед. **5.** Чаро Ҳизби Консерваторон дар интихоботи умумии соли 1935 шикаст хӯрд? **6.** "Кинг ва ё бенизомӣ"-и Ҳизби Либералӣ чӣ маънӣ дошт? **7.** Чаро "Роҳи нав"-и Беннет аз тарафи ҳукумати оянда мамнӯъ эълон карда шуд? **8.** Ҳукумати Кинг масъалаи суғуртаи иҷтимоиро дар мавриди бекорӣ чӣ тавр ҳал кард? **9.** Муносибатҳои тиҷоратии баъдиҷангии Канада ва ИМА чӣ тавр сурат гирифтанд? **10.** Шиори "мақоми баробар дар империя"-ро маънидод кунед. **11.** Аввалин иқдоми сиёсати хориҷии Канадаи доминионро хотиррасон намоед. **12.** Чаро баъди ҷанг Англия дар иқдомҳои хориҷии Канада ба муросо роҳ медод? **13.** Оё Канада рамзҳои давлатӣ ва нишонаҳои дигари давлатдорӣ дошт? **14.** Аз мавзӯъ хулоса бароред.

## § 14. МЕКСИКА

**Оқибатҳои инқилоби солҳои 1910 – 1917.** Солҳои 1910 – 1917 дар Мексика инқилоби кишоварзон ба амал омад, ки моҳияти он демократӣ буд. Дар Мексика "конститутсияхоҳон" ба сари ҳокимият омаданд. Онҳо манфиатҳои буржуазияи хурд ва миёнаю заминдорони озодихоҳро ифода менамуданд. Чорабиниҳои самарабахши демократии конститутсияхоҳон ба аксарияти аҳолӣ хуш омаданд.

То соли 1917 Мексика мамлакати ақибмондаи кишоварзӣ ва ба сармояи хориҷӣ вобаста буд. Дар деҳот муносибатҳои мулкдорӣ ҳукмрон буданд. Ҳиссаи заминдороне, ки зиёда аз 1 миллион га замин доштанд, 83,5 фоизи заминҳои киштбобро ташкил мекард. Дар мамлакат 2,2 миллион нафар деҳқони безамин ва 3,6 миллион коргари

кишоварзӣ мавҷуд буд. Заминҳои нопайдоканори навоҳии Лагун ва Юкатан дар ихтиёри инҳисорҳои хориҷӣ буданд.

Дар солҳои Ҷанги якуми ҷаҳонӣ ба Мексика воридшавии сармояи хориҷӣ, пеш аз ҳама сармояи ИМА афзуд. Дар ҳаҷми умумии маблағгузории бевоситаи ИМА ба Америкаи Лотинӣ Мексика дар ҷои дуюм меистод. Дар Мексика инҳисорҳои хориҷӣ соҳаҳои асосии саноати кӯҳӣ ва нефтистеҳсолкунию электротехникиро пурра аз худ карда буданд.

Моҳи феврали соли 1917 дар Мексика Конститутсияи нав қабул карда шуд, ки он яке аз конститутсияҳои демократитарини онвақтаи ҷаҳон ба ҳисоб мерафт. Ин конститутсия заминро моликияти миллӣ эълон карда, ба миллат ҳуқуқ дод, ки моликияти калонро бар замин маҳдуд созад ва иҷораҳои хориҷиёнро аз эътибор соқит эълон кунад. Ба Конститутсия нишондодҳо дар бораи озодиҳои демократӣ, аз он ҷумла кафолати ҳуқуқҳои инсон, аз давлат ҷудо карда шудани калисо, ҳуқуқи корпартоӣ ва озодиҳои дигари демократӣ дохил гардида буданд.

**Мексика дар солҳои 1918 – 1923.** Дар солҳои аввали баъд аз Ҷанги якуми ҷаҳонӣ дар Мексика фаъолияти нерӯҳои сиёсии чапгаро вусъат ёфт. Ҳаракати коргарӣ авҷ гирифт. Ба ҳаракати коргарӣ созмонҳои сотсиалистӣ ва коммунистӣ наздик буданд ва майли муттаҳид шуданро доштанд. Моҳи сентябри соли 1919 дар шаҳри Мехико Конгресси муштараки миллии намояндагони созмонҳои сотсиалистӣ, коммунистӣ ва коргарӣ баргузор гардид, ки он Ҳизби Коммунистии Мексикаро таъсис дод. Дар баробари ин ҳизб аз соли 1918 сар карда ҳизби дигаре бо номи Конференсияи Коргарии Мексика ба фаъолият сар кард. Ин ҳизб дар мавқеи ислоҳотхоҳӣ меистод.

Дар аввали солҳои 20-ум иқтисоди Мексика ҳанӯз тахти таъсири бӯҳрони иқтисодӣ буд. Маҳдуд шудани хариди ашёи хом ба баста шудани корхонаҳои саноатӣ, махсусан корхонаҳои саноати маъданкоркунӣ оварда расонд.

Соли 1920 Конференсияи Коргарии Мексика дар байни коргарон нуфузи зиёд пайдо кард. Роҳбарони он бо қаноти чапи "конститутсияхоҳон" наздик мешуданд. Ин гурӯҳ моҳи майи ҳамон сол ба даст силоҳ гирифта, бар зидди ҳукумати В. Карранса мубориза бурд. Артиши қаноти чапи "конститутсияхоҳон" шаҳри Мехикоро ишғол кард. В. Карранса ҳалок гардид. Президенти нави Мексика иштирокчии фаъоли инқилоб Алваро Обрегон интихоб карда шуд. Ӯ дар ин вазифа то соли 1924 буд.

**Мексика дар солҳои 1924 – 1929.** Солҳои 1924 – 1929 ҳангоми президентии генерал Калъес тартиботи "каудилизми инқилобӣ" ("каудило" – "доҳӣ", "пешво") давраи бӯҳрони худро аз сар мегузаронд. Бинобар ин ӯ сиёсати давлатдории худро бо ибораҳои инқилобӣ ва

моҳияти халқӣ доштани давлати Мексика рӯйпӯш мекард, то ки роҳбарони Конференсияи Коргарии Мексикаро (ККМ) ба ҳайати ҳукумат ҷалб намояд. Дар давраи президентии Калъес роҳбари ККМ Короннес вазири саноат буд.

Дар солҳои аввали президентии худ Калъес ба ислоҳоти замин суръат бахшид. Ба деҳқонон 3,6 миллион гектар замин тақсим кард, яъне аз давраи президентии Обрегона 2 баробар зиёдтар. Калъес ҳисси миллии мексикоиҳоро бедор мекард. Ӯ соли 1926 як маъракаи сергавгоеро дар масъалаи маҳдуд кардани ҳуқуқи ширкатҳои нефтистеҳсолкунии Америка ташкил намуд, лекин аз он фоидае бардошта натавонист.

Дар сиёсати дохилии Калъес мухолифат бо калисои католикӣ мавқеи хосса дошт. Солҳои 20-ум калисои католикии Мексика аллакай мавқеи худро аз даст дода буд. Вале қисмати болоии роҳбарони калисо ба татбиқи моддаҳои дахлдори Конститутсияи соли 1917-и Мексика муқобилияти сахт нишон медод. Ин мухолифат дар соли 1926 махсусан тезу тунд шуд. Ҳукумат тавассути чораҳои маъмурӣ якчанд калисою дайрҳоро баста, як теъдод ашхоси рӯҳонии иртиҷоиро аз мамлакат ронд. Ба хотири эътироз калисо ибодатро қатъ кард. Мухолифати килисо бо ҳукумат ба муборизаи яроқнок табдил ёфт.

**Мексика дар солҳои 1929 – 1934.** Мисли давлатҳои дигари Америкаи Лотинӣ Мексика ҳам аз бӯҳрони иқтисодии ҷаҳонӣ сахт зарар дид. Истеҳсоли нефт, тилло ва маъданҳои дигари ранга якбора паст фаромад. Соҳибкорони хориҷӣ, ки дар Мексика корхонаҳои саноати кӯҳӣ доштанд, аксарияти корхонаҳои маъдани худро баста, коргаронро ба таври оммавӣ аз кор ронданд. Аз ҳамин сабаб аз соли 1930 то соли 1933 шумораи бекорон 3,5 баробар афзуд. Бӯҳрон саноати хӯрокворӣ ва бофандагиро ҳам фаро гирифт. Ин ҳолат талаботро ба ашёи хоми кишоварзӣ зиёд кард. Соҳаҳои содиротии кишоварзӣ зарари калон диданд. Киштзорҳои пахта ва хенекен кам шуданд. Заминҳои бекорхобидаи серҳосил афзуданд.

Соли 1929 таносуби қувваҳои сиёсии мамлакат тағйир ёфт. Буржуазияи миллии бақувватшуда акнун метавонист бо боварии том ҳукмронии бевоситаи худро дар пояи сиёсати ислоҳотхоҳӣ – миллӣ ба амал барорад.

Солҳои 1929 – 1934 дар мамлакат қариб 50 ҳизбу гурӯҳҳои сиёсӣ фаъолият доштанд. Соли 1929 Ҳизби Миллӣ-Инқилобӣ (ҲМИ) таъсис ёфт, ки ба он намояндагони гурӯҳҳои гуногуни сиёсӣ дохил шуданд. Ин ҳизб аз ду қанот – қаноти чапгаро ва қаноти ростгаро иборат буд. Ба қаноти чапгарои Ҳизби Миллӣ-Инқилобӣ намояндагони буржуазияи тиҷоратию саноатӣ ва ҳарбиён ва ба ҳайати қаноти ростгарои он намояндагони буржуазияи майда, зиёиён ва як қисми артиш дохил



5—К-9371

буданд. Муборизаи ин ду гурӯҳи ҲМИ дар арафаи интихоботи президентии соли 1934 авҷ гирифт. Дар интихоботи мазкур Лесаро Карденас ном генерал, ки арбоби машҳури инқилоби Мексика буд, ғолиб баромад. Ба сари ҳокимият омадани Карденас маънои ба сари ҳокимият омадани ҷараёни демократии ҳизби ҳукмронро дошт. Карденас то соли 1940 президенти Мексика буд.

**Иқтисоди Мексика дар давраи президентии Карденас.** Ҳукумати Карденас дар мамлакат ислоҳоти заминро гузаронд. Мақсади ин ислоҳот мустаҳкам кардани ҷамоаҳои деҳқонӣ–ихдо буд. Дар рафти ин ислохот заминҳои заминдорони калони хориҷӣ мусодира карда шуданд. Хоҷагиҳои калони сармоядорие, ки ба парвариши пахта ва хенекен махсус гардонда шуда буданд, зарар надиданд. Баръакс, баъд аз мусодира ба хоҷагиҳои калони кооперативӣ табдил ёфтанд.

Ҳукумати Карденас дар саноати нефти мамлакат бар зидди зӯроварии сармояи хориҷӣ мубориза мебурд. Дар Мексика истеҳсоли нефтро 17 корхонаи инҳисории англисӣ ва америкавӣ, аз он ҷумла шӯъбаҳои "Роял Датч Шелл" ва "Стандард Ойл" аз худ карда буд. Солҳои 1934 – 1935 дар Мексика ширкати давлатии нефти "Пемекс" ташкил карда шуд. Маҳсулоти нефтие, ки ин ширкат дар ибтидо истеҳсол мекард, ҳамагӣ 0,2 фоизи талаботи мамлакатро қонеъ мегардонду халос. Инҳисорҳои америкавӣ кӯшиш мекарданд, ки ширкати мексикавии "Пемекс"-ро барҳам диҳанд. Карденас барои мустаҳкам кардани мавқеи истеҳсолкунандагони дохилӣ баъзе чораҳои боҷуръатона андешид. Масалан, ӯ 18 марти соли 1938 ба декрет дар бораи милликунонии моликияти ширкатҳои нефтистеҳсолкунии англисӣ ва америкавӣ имзо гузошта, онҳоро ба ихтиёри "Пемекс" супурд. Дар ҷавоб ИМА аз робитаҳои иқтисодӣ бо Мексика – харидани нефт ва ашёи хоми дигари он даст кашид, ба Мексика додани таҷҳизоти техникии саноати нефтро қатъ кард. Дар зери фишори Англия Фаронса, Белгия ва Ҳолландия низ аз харидани нефти Мексика даст кашиданд. Вале ҳукумати Мексика ба ҳамаи ин мушкилиҳо истодагарӣ карда тавонист. Дар ин кор хизмати Карденас бузург аст. Милликунонии саноати нефт ва роҳҳои оҳан ҳисса (сектор)-и давлатии иқтисоди Мексикаро хеле мустаҳкам кард ва дар ба вуҷуд овардани иқтисоди соҳибистиқлоли Мексика саҳми калон гузошт.

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

**1.** Инқилоби буржуазию демократии Мексика кай ба амал омадааст? Он дар ин мамлакат чӣ тағйиротҳо ба амал овард? **2.** Унсурҳои демократии Конститутсияи соли 1917-и Мексикаро баён кунед. **3.** Дар бораи болоравии фаъолияти созмонҳои ҷамъиятию сиёсии Мексика

далелхо биёред. **4.** "Конститутсияхоҳон" киҳо буданд? **5.** Калъес ва Обрегон чӣ мансаб доштанд? **6.** Мухолифати ҳукумат ва калисои католикии Мексикаро шарҳ диҳед. **7.** Дар бораи бӯҳрони иқтисодии солҳои 1930–1933 Мексика маълумот диҳед. **8.** Дар бораи Ҳизби Миллӣ-Инқилобии Мексика ва президенти Мексика интихоб шудани Карденас нақл кунед. **9.** Президент Карденас барои пешрафти Мексика аз кадом тадбирҳои иқтисодию иҷтимоӣ истифода бурд? **10.** Ҳукуматҳои Англия ва Америка бар зидди Мексика кадом чораҳои ҷавобии касосгириро ба кор бурданд? **11.** Аз мавзӯъ хулоса бароред.

## § 15. АРГЕНТИНА

**Оқибатҳои Ҷанги якуми ҷаҳонӣ барои Аргентина.** То оғози Ҷанги якуми ҷаҳонӣ Аргентина аз ҷиҳати тараққиёти иқтисодӣ дар байни мамлакатҳои Америкаи Лотинӣ дар ҷои аввал меистод. Ҷанг барои тараққиёти иқтисодиёти Аргентина шароити мусоид муҳайё кард. Дар мамлакатҳои Европа талабот ба гӯшт ва ғалладона, ки маҳсулоти асосии Аргентина буданд, афзуд. Аз рӯи истеҳсоли ин намуди маҳсулот Аргентина дар ҷаҳон дар яке аз ҷойҳои аввал меистод. Ин мақом ба Аргентина имконият дод, ки ҷамъкунии сармоя ва рушди саноату кишоварзии худро амри воқеӣ гардонад. Солҳои 1914 – 1918 захираи тиллои Аргентина ду баробар афзуд ва воридоти молҳои хориҷӣ кам шуд. Ин омил барои пешрафти саноати миллӣ мусоидат кард. Соҳаи бофандагии саноати сабук, истеҳсоли семент босуръат тараққӣ карданд. Истеҳсоли нефт аз 7 ҳазор тоннаи соли 1912 дар соли 1922 ба 455,5 ҳазор тонна расид. Истеҳсоли нерӯи барқ зиёд шуд. Шаҳрсозӣ ривоҷ ёфт. Ташаккули буржуазияи миллӣ суръат гирифт. Муносибатҳои сармоядорӣ дар деҳот ҳам рӯ ба тараққӣ ниҳоданд.

Сарфи назар аз пешрафти саноат ва кишоварзӣ, баъд аз Ҷанги якуми ҷаҳонӣ Аргентина ҳанӯз ҳам мамлакати сусттараққикарда ва аз ҷиҳати иқтисодӣ ба мамлакатҳои империалистӣ тобеъ мондан гирифт. Сармояи хориҷӣ бонкҳои асосӣ, роҳҳои оҳан, корхонаҳои калони саноатӣ ва заминҳои нопайдоканори кишти Аргентинаро дар зери назорати худ нигоҳ медошт. Дар Аргентинаи баъдиҷангӣ мақоми сармояи Англия ва Иёлоти Муттаҳидаи Америка ниҳоят баланд буд. Аз соли 1913 то соли 1939 дар Аргентина маблағгузории Америка аз 40 миллион то ба 331,8 миллион доллар расид, вале маблағгузории Англия қариб бетағйир монд.

Дар кишоварзӣ латифундияҳо васеъ паҳн гардида буданд. Зиёда аз 80 фоизи заминҳои киштбобро латифундияҳои калон дар ихтиёр доштанд. Масоҳати ҳар як чунин латифундия ба 100 га замин

баробар буд. Аз ин бармеояд, ки дар Аргентина заминдории калон маъмул будааст. Аксарияти аҳолӣ ё камзамин ва ё безамин буд. Бинобар ин соҳибони латифундияҳо заминҳои худро ба ичора медоданд. Латифундияҳои Аргентина бештар ба содирот нигаронда шуда буданд.

**Ҳукумати радикалҳо бо сардории Иригойен.** Соли 1916 дар Аргентина интихоботи навбатии президентӣ баргузор гардид. Дар он нерӯҳои заминдори ҳукмрони бо сармояи хориҷӣ ва пеш аз ҳама бо Англия алоқадошта шикаст хӯрданд. Ҳизби асосии оппозитсионӣ – Иттифоқи Шаҳрвандии Радикалӣ (ИШР) ғалаба кард. 12 октябри соли 1916 президенти Аргентина асосгузори Ҳизби Либералӣ Иполито Иригойени 64-сола интихоб шуд.

Ҳукумати Иригойен як қатор чорабиниҳоро амалӣ кард. Баъд муддати тӯлонӣ дар мамлакат тартиботи конститутсионӣ барпо гардид ва озодиҳои демократӣ аз нав барқарор карда шуданд. Идораҳои давлатӣ қисман аз унсурҳои иртиҷоӣ тоза карда шуданд. Иригойен мехост, ки ҳокимияти ашрофони заминдор – латифундиядоронро маҳдуд карда, мулкдорони хурд ва миёнаро дастгирӣ намояд.

Ҳукумати нав рушди саноати миллиро харҷониба ҳавасманд мекард. Барои аз тобеияти хориҷиён баровардани иқтисод ва молияи Аргентина корҳои зиёдеро ба сомон мерасонд. Иригойен барои ба зери назорати давлат гирифтани саноати нефт аҳамияти калон медод.

Ҳукумати Иригойен ба рушду нумӯи маориф ҳам таваҷҷӯҳ зоҳир мекард. Дар мамлакат ҳазорҳо мактабҳои нав кушода шуданд. Соли 1919 дар донишгоҳҳо ҳам ислоҳоти демократӣ гузаронда шуд.

Дар сиёсати хориҷӣ ҳукумати радикалҳо принсипи соҳибихтиёрии миллӣ, ба корҳои дохилии давлатҳо дахолат накардан, ҳамкории байналхалқӣ ва ҳифзи сулҳро татбиқ менамуд. Ҳукумати Аргентина бо ҳамин сабаб аз воридшавӣ ба Ҷанги якуми ҷаҳонӣ даст кашида, онро ҳамчун ҷанги истилогарона маҳкум кард. Аргентина Низоми Версалро низ маҳкум карда, эълон дошт, ки он дар худ хавфи ҷанги навро ниҳон кардааст.

Аргентина муқобили дахолати ИМА ба корҳои дохилии давлатҳои Америкаи Лотинӣ баромада, ба муборизаи ватанпарварони Америкаи Марказӣ бар зидди таҷовузкорони Америка ҳамраъйии худро баён намуд. Иригойен кӯшиш кард, ки барои ба таҷовузи ИМА истодагарӣ карда тавонистан Иттифоқи ҷамоҳири Америкаи Лотинӣ созмон дода шавад, вале ҳукуматҳои давлатҳои Америкаи Лотинӣ пешниҳоди Иригойенро дастгирӣ накарданд.

**Аргентина дар солҳои 1921 – 1929.** Сарфи назар аз он ки дар давраи баъдиҷангӣ Иттифоқи Шаҳрвандии Радикалӣ ҳамчун ҳизби ҳукмрон дар мамлакат тадбирҳои самараноки иқтисодӣ ва сиёсати

дурусти миллиро ба амал мебаровард, вазъи иктисодии мамлакат ҳанӯз ҳам хуб набуд. Ин ҳолат ба фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ ҳам таъсир мерасонд. Дар миёнаи солҳои 20-ум Ҳизби Иттифоқи Шаҳрвандии Радикалии ҳукмрон ба ду гурӯҳ тақсим шуд – қаноти ростгаро ва қаноти чапгаро. Ба қаноти чапгаро Марсело Алвеар роҳбарӣ намуда, манфиатҳои буржуазияи либералиро ифода мекард. Алвеар аз соли 1922 то соли 1928 дар мансаби президенти Ҷумҳурии Аргентина буд. Ҳукумати Алвеар аз идомаи ислоҳоти Иригойен даст кашид. Ҷонибдорони Иригойен талаб мекарданд, ки тавассути ислоҳот дар Аргентина мавкеи сармояи хориҷӣ суст карда шавад. Пешниҳоди Иригойенро аксарияти аҳолӣ дастгирӣ мекард. Бинобар ин Иригойен бори дуюм соли 1928 ба сари ҳокимият омад. Ҳукумати Иригойен тамоми ҷидду ҷаҳди худро ба он равона кард, ки саноати истихроҷ ва коркарди нефти Аргентинаро миллӣ кунонад. Иригойен таклиф пешниҳод намуд, ки ИМА ба корҳои Америкаи Лотинӣ дахолат накунад. Ӯ муборизаи озодихоҳонаи Сандиноро бар зидди империализми Америка дастгирӣ мекард. Ҳамаи ин ба тезу тунд шудани муносибатҳои байни Аргентина ва ИМА сабаб шуд. Ҳатто кор ба ҷое расид, ки онҳо сафирҳои худро боз хонданд. Дар ҳолати мухолифат бо инҳисорҳои америкавӣ ва ҳукумати ИМА ҳукумати Иригойен харакат мекард, ки бо рақиби ИМА – Англия муносибатҳои анъанавии Аргентинаро хуб ба роҳ монад. Ҳукумати Иригойен ҳатто бо назардошти манфиатҳои миллӣ бо Иттиҳоди Шӯравӣ ҳам муносибатҳои тиҷоратӣ ва иқтисодӣ барқарор кард. Иттиҳоди Шӯравӣ барои саноати нефти Аргентина таҷҳизот мефурӯхт. Аргентина аз ИҶШС нефт ҳам мехарид.

Нерӯҳои оппозитсионӣ аз вазъи ноустувори иқтисодии Аргентина ва онро дастгирӣ накардани империализми Америка истифода бурда, барои аз сари ҳокимият дур кардани Иригойен тайёрӣ медиданд.

**Табаддулоти ҳарбии соли 1930 дар Аргентина.** 6 сентябри соли 1930 ҷузъу томҳои артише, ки ба он генерал Хосе Урибуру фармондеҳ буд, табаддулот карданд. Иригойен муқобилият нишон надод. Табаддулотчиён Иригойенро ба яке аз ҷазираҳои Ла-Плате бадарға карданд. Хосе Урибуру худро президенти муваққатии дорои ваколатҳои фавқулодда эълон кард. Баъди табаддулот ҳокимият ба ихтиёри заминдорону тоҷирон ва олигархияи молиявӣ, ки бо сармояи хориҷӣ, ҳарбиён ва рӯҳониёни баландмартаба алоқаманд буд, гузашт. Кафолатҳои конститутсионӣ бекор карда шуда, мамлакат дар ҳолати муҳосира эълон гардид. Барои мубориза бар зидди коммунизм шӯъбаи махсус созмон ёфт. Инчунин созмони террористии ҳарбии фашистимаоби Легиони шаҳрвандии Аргентина низ таъсис дода шуд. ИМА ҳукумати нави Аргентинаро ҳамон лаҳза ба расмият шинохт.

Вале ҳукумати Урибуру дар байни оммаи халқ обрӯй надошт. Халқи Аргентина бар зидди ӯ муқовимат ҳам кард. Ин буд, ки Урибуру соли 1931 аз усулҳои диктаторӣ даст кашид. Ӯ моҳи феврали соли 1932 дар Аргентина тартиботи конститутсиониро аз нав барқарор кард. Дар интихоботи президентӣ Ҳизби Миллӣ-Демократии навташкил дар сафҳои худ нерӯҳои консервативиро муттаҳид карда, ба президент интихоб шудани Августин Хусто (1932 – 1938) муваффақ шуд. Ин шахс иштирокчии фаъоли табаддулоти соли 1930 буд. Августин Хусто мамлакатро бо роҳи демократӣ набурд. Баръакс, президенти нав бо роҳи Урибуру рафта, озодиҳои демократиро маҳдуд кард ва бар зидди нерӯҳои демократӣ мубориза бурд.

**Фаъолияти оппозитсия.** Зӯроварии инҳисорҳои хориҷӣ, ҳукумати Аргентина ва нерӯҳои иртиҷоии оштинопазир дар миёнаи солҳои 30-юм нерӯҳои чапгаро ва демократиро ба мубориза бархезонданд. Моҳи июли соли 1933 мурофиаи дафни президенти аз ҳокимият маҳрумшуда Иригойен ба намоиши бузурги зиддиҳукуматӣ табдил ёфт, ки дар он ҳазорҳо нафар одамон ширкат варзиданд. Моҳҳои феврал–апрели соли 1935 дар Санта-Фе, Ла-Плата ва Тукуман ҳангоми баромадҳои оммавии халқ аввалин маротиба ҳизбҳои гуногун – радикалҳо, коммунистон ва сотсиалистон ҳамкорӣ карданд. Минбаъд ин ҳамкории ҳизбҳои муқобили ҳукумати Хустобуда идома ёфт. Ба муборизаи умумихалқӣ бар зидди тартиботи Хусто иттифоқҳои касаба, коргарон ва нерӯҳои дигари иҷтимоию сиёсӣ низ ҳамроҳ шуданд.

Ҷидду ҷаҳди нерӯҳои чапгаро барои ташкил намудани ҷабҳаи халқӣ чандин сол давом кард, лекин он таъсис наёфт, чунки мӯҳтавои барномаи аксарияти нерӯҳои зиддиҳукуматӣ аз ҳамдигар дур буд. Якс мехост, ки дар мамлакат ҷомеаи демократӣ бунёд карда шавад, дигараш – ҷомеаи сотсиалистӣ, сеюмаш – баргаштан ба ҷомеаи феодалӣ ва ғайра.

Ба ҳар ҳол муборизаи нерӯҳои зиддиҳукуматӣ дар солҳои 30-юм барабас нарафт. Баъди соли 1936 дар мамлакат таъқибот хотима ёфт. Ҳатто лоиҳаи қонуни "Манъи фаъолияти коммунистӣ" рад карда шуд. Моҳи феврали соли 1938 президенти Аргентина намояндаи қаноти чапи Ҳизби Миллӣ-Демократӣ Роберто Ортис интихоб шуд. Ӯ ба нерӯҳои оппозитсионӣ гузашт кард. Масалан, шахси иртиҷопешаи гузаро А. Фреско аз вазифаи губернатори музофоти Буэнос-Айрес сабукдӯш карда шуд.

Аргентина дар арафаи Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ дар чунин вазъият қарор дошт. Тавре ки дидем, Аргентина дар бораи ҷанги дар пешистода ягон андеша ҳам надошт, ҳарчанд дар он ҷо ҳам кайҳо боз унсурҳои фашистии аз Германия омада ба фаъолият оғоз карда буданд.

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

**1.** Ҷанги якуми ҷаҳонӣ ба Аргентина чӣ фоида овард? **2.** Ширкатҳои хориҷӣ дар Аргентина чӣ мавкеъ доштанд? **3.** Иполито Иригойен аввалин маротиба кай президенти Аргентина интихоб шуд? **4.** Иригойен барои маҳдуд кардани фаъолияти ширкатҳои хориҷӣ дар Аргентина ва принсипи соҳибихтиёрии мамлакат чӣ корҳо кард? **5.** Дар бораи ҳукумати Алвеар маълумот диҳед. **6.** Бо кадом сабаб Иригойен соли 1928 дар Аргентина бори дуюм президент интихоб шуд? **7.** Чаро Иригойен дар сиёсати хориҷии Аргентина ба ИМА нею ба Англия такя мекард? **8.** Хосе Урибуру кай ва чӣ тавр табаддулоти ҳарбӣ кард? Баъди табаддулот ӯ дар мамлакат кадом тартиботро ҷорӣ намуд? **9.** Урибуру дар ҳаққи Иригойен чӣ чора андешид? **10.** Чаро Урибуру соли 1931 аз усули диктатории идораи Аргентина даст кашид? **11.** Хусто дар солҳои 1932 – 1938 Аргентинаро чӣ тавр идора кард? **12.** Президент Роберто Ортис аз президент Августин Хусто бо чӣ фарқ мекард? **13.** Аз мавзӯъ хулоса бароред.

## § 16. БРАЗИЛИЯ

**Шарҳи умумӣ.** Бразилия яке аз давлатҳои калонтарини дунё буда, масоҳаташ 8,5 миллион км² аст. Дар арафаи Ҷанги якуми ҷаҳонӣ аҳолии Бразилия 25 – 30 миллион нафарро ташкил мекард. Ҳокимияти давлатӣ дар ин мамлакат дар дасти сармоядорони "қаҳвагӣ"-и иёлоти Сан-Паулу ва Минас-Жеранс буд.

Ҳамин ки давраи империализм фаро расид, барои нуфуз дар Бразилия муносибатҳо дар байни Англия, ИМА ва Германия тезу тунд шуданд. Дар аввали асри XIX ба Бразилия воридшавии сармояи ИМА ва Германия афзуд, вале дар ин мамлакат дар арафаи Ҷанги якуми ҷаҳонӣ мақоми ҳукмрон дар дасти Англия буд. Соли 1915 қарзи умумии Бразилия аз мамлакатҳои хориҷӣ ба 0,5 милиард доллар расид. Маблағгузории бевоситаи Англия дар Бразилия 1,1 милиард ва ИМА ҳамагӣ 50 миллион долларро ташкил мекард. Дар соҳаи савдо бошад, баръакс солҳои 1908 – 1913 ҳиссаи ИМА 38,1 фоиз ва ҳиссаи Англия ҳамагӣ 16,9 фоиз буд.

**Оқибатҳои Ҷанги якуми ҷаҳонӣ дар Бразилия.** Аксарияти мардуми Бразилия ҷонибдори Антанта буд, ғайр аз мустамликаи ниммилионнафараи немисии қисмати ҷанубии мамлакат. Ин давлат дар Ҷанги якуми ҷаҳонӣ бевосита иштирок накарда бошад ҳам, ба Конференсияи сулҳи Париж даъват карда шуд.

Ҷанг барои Бразилия дар соҳаи иқтисодиёт ва сиёсат оқибатҳои доманадор дошт. Бо сабаби заифшавии алоқаҳои иқтисодӣ бо мамлакатҳои Европа дар Бразилия аҳамияти сармояи Америка ниҳоят

баланд шуд. Сармояи ИМА ба Бразилия бо суръати дахчанд ворид мешуд. Зарурати ба хориҷа содир кардани қаҳва, қатрон, чарм, пахта ва маҳсулоти дигар Бразилияро маҷбур сохт, ки ба мамлакат воридшавии молҳои қимати хориҷиро маҳдуд кунад. Ин чора ба тараққии саноати худӣ мусоидат кард. Мисли пештара асоси истеҳсолоти саноатии Бразилияро бофандагӣ ва хӯрокворӣ ташкил менамуд. Қисмати асосии саноат моҳияти косибию мануфактурӣ дошт. Аз рӯи ҳисобҳои соли 1920 қариб дар нисфи корхонаҳои саноатӣ умуман ягон хел ҳаракатдиҳандаҳои буғӣ, механикӣ ва ё барқӣ истифода бурда намешуд. Дар баробари ин гурӯҳи начандон зиёди фабрикаҳо зиёда аз нисфи маҳсулоти саноатиро истеҳсол менамуданд. Дар ин корхонаҳо аз се ду ҳиссаи нерӯи қобили меҳнати мамлакат кор мекард.

**Лашкаркашии "Сафи мағлубнашаванда"**. Баъди ба итмом расидани Ҷанги якуми ҷаҳонӣ вазъи сиёсии Бразилия мӯътадил набуд. Ин ҳолат ҳатто дар артиши мамлакат ҳам ба назар мерасид. Қисми афсарони ҷавон дар ҳаракати "тененте" ("лейтенант") иштирок мекард. Ҳаракати "тененте" дар Бразилия ба обрӯи калон соҳиб шуд, чунки зидди зӯроварии ашрофони Сан-Паулу, Минас-Жеранс ва ҳукумати иртиҷоии Артуро Бернардос силоҳ ба даст гирифт. Аз ҳаракати "тененте"-чиён илҳом гирифта, иттифоқҳои касаба ва кишоварзон ҳам бар зидди тартиботи зиддихалқӣ ба мубориза бархостанд.

Аввали соли 1922 "тененте"-чиён дар гарнизонҳои Манаус, Салвадор, Ресиф, Кампо-Гранде ва ҷойҳои дигар шӯриш бардоштанд. Ҳукумат ин баромадҳоро бераҳмона пахш кард. 5 июли соли 1922 бо роҳбарии лейтенант Антонио Сакейра Кампос дар истеҳкоми Копакабанаи Рио-де-Жанейро шӯриши нав ба амал омад. Ҳукуматдорон ин шӯришро ҳам бераҳмона пахш карданд. Вале ҳаракати "тененте"-чиён бо ҳамин катъ нагардид. "Тененте"-чиён шабакаи васеи ҷосусони пинҳонкори худро ташкил карда, муборизаи мусаллаҳонаи худро давом медоданд. Дар зери роҳбарии "тененте"-чиён 5 июли соли 1924 дар Сан-Паулу ҳам шӯриш оғоз ёфт. Баъди се рӯзи муҳорибаҳо шаҳр ба дасти шӯришчиён гузашт. Ба нерӯҳои ҳукуматӣ лозим омад, ки шаҳрро зиёда аз се моҳ муҳосира карда, бар шӯришчиён ғалаба кунанд. Дар ин шӯриш зиёда аз 4 ҳазор нафар одамон ҳалок гардиданд.

24 октябри соли 1924 гарнизони шаҳраки Санто-Анҷело воқеъ дар ҷануби Бразилия бо шӯришчиёни Сан-Паулу ҳамроҳ шуд. Ҳамин тавр лашкаркашии "Сафи мағлубнашаванда" оғоз ёфт, ки он 647 рӯз давом кард. Ин саф дар баробари ҳарбу зарби майдони набард зиёда аз 24 ҳазор километр масофаро дар сар то сари мамлакат тай кард. Дар роҳпаймоии "Сафи мағлубнашаванда" аз 800 то 1000 нафар одамон иштирок карданд. Дар задухӯрдҳои ҳангоми ин роҳпаймоӣ

баамаломада тахминан 600 аскар ва 70 нафар шахрвандон ҳалок гардиданд. Лашкаркашии қаҳрамононаи "Сафи мағлубнашаванда" дар шуури халқи Бразилия нақши бузург гузошт. "Тененте"-чиён соли 1927 мубориза худро катъ карданд. Сарфи назар аз ин, лашкаркашии "Сафи мағлубнашаванда" барои ояндаи Бразилия аҳамияти бузург дошт.

**Бразилия дар солҳои бӯҳрони иқтисодии ҷаҳонӣ.** Бӯҳрони иқтисодии солҳои 1929 – 1933 ба иқтисоди Бразилия зарбаи сахт зад. Нархи қаҳва се баробар паст фаромад. Истеҳсолкунандагони маҳсулоти дигари содиротӣ (аз он ҷумла пахта, қатрон, гӯшт, пӯст ва қанд)-ро дар ҳолати муфлисӣ гузошт. Муфлисшавӣ саноатро низ фаро гирифт. Масалан, соли 1930 дар Сан-Паулу зиёда аз 50 фоизи заводу фабрикаҳо баста шуданд, корхонаҳои дигар дар як ҳафта танҳо 2 – 3 рӯз кор мекарданд. Зиёда аз 2 миллион нафар одамон бекор монданд. Бад шудани аҳволи мардум афзоиши ҳаракати иҷтимоиро ба вуҷуд овард.

Бӯҳрон дар байни табақаҳои ҳукмрон ҳам зиддиятро тавлид сохт. Як қисми онҳо тақозо мекард, ки рӯй ба тарафи ИМА оварда шавад. Ин гурӯҳ соли 1928 бо номи "Иттиҳоди Либералӣ" иттифоқи сиёсии худро таъсис дод. Ин воқеа дар арафаи тайёрӣ ба интихоботи президентӣ рух дода буд.

Номзад ба мансаби президенти мамлакат аз "Иттиҳоди Либералӣ" Жетулио Дорнеллес Варгас пешниҳод гардид. Ӯ собиқ губернатори иёлоти Рио-Гранде-до-Сул буд. Иттиҳоди ҳукуматии ростгаро ба мансаби президентӣ номзадии губернатори иёлоти Сан-Паулу – Лулио Престес де Албукеркро пешниҳод намуд. Ҳар ду номзад ҳам барномаи пешазинтихоботии худро доштанд. Варгас барои баланд кардани обрӯй ва эътибори худ аз барномаи "тененте"-чиён истифода бурд. Иттиҳоди ҳукуматии ростгаро муқобили ҳар гуна навгониҳо буд. Вале барои ба тарафи худ кашидани интихобкунандагон дар бораи барҳам додани бекорӣ, муқаррар намудани рӯзи кории 8-соата, татбиқи барномаи васеи сохтмони манзил ва ғайра ваъдаҳо медод.

Вале "Иттиҳоди Либералӣ" номзади худро тавассути интихобот соҳиби мансаби президентӣ накард. Барои иҷрои ин мақсад силоҳ ба даст гирифт. Аз 3 то 23 октябри соли 1930 нерӯҳои ҳукуматиро торумор карда, ба сари ҳокимият омад.

Ҳукумати нав, ки акнун ба он Ж. Варгас роҳбар буд, дар зарфи якчанд сол мамлакатро бо усули диктаторӣ идора кард. Ин усул норозигии васеи аҳли ҷомеаи Бразилияро ба вуҷуд овард. Компартоӣ вусъат меёфт. Дар Ресиф, Нитеро ва шаҳрҳои дигар баромадҳои зиддиҳукуматӣ ба амал омаданд. Дар иёлоти Сан-Паулу, Парана ва Санта-Катарина деҳқонон ошӯб бардоштанд.

Моҳи июли соли 1934 Конститутсияи Бразилия қабул карда шуд. Ж. Варгас президенти конститутсионии Бразилия интихоб гардид.

Нерӯҳои чапгарои Бразилия барои аз ҳокимият дур кардани Варгас ҷабҳаи халқӣ ташкил намуданд. Лекин ба онҳо муяссар нашуд, ки бо роҳи зӯрӣ ба мақсади худ ноил шаванд. Соли 1935 нерӯҳои чапгаро дар баъзе иёлоту шаҳрҳои Бразилия ҳатто исёнҳои мусаллаҳонаи зиддиҳукуматӣ ташкил намуданд, вале шикаст хӯрданд.

**"Давлати нав" ва моҳияти он.** Бо мақсади пахш кардани ҳаракати инқилобӣ, бартараф намудани оппозитсияи сиёсӣ ва дар идораи мамлакат идома бахшидани сиёсати иртиҷоӣ Ж. Варгас моҳи ноябри соли 1937 табаддулоти давлатӣ гузаронд. Конгрессро пароканда ва конститутсияи соли 1943-ро бекор кард. Ж. Варгас дар Бразилия конститутсияи навро ҷорӣ намуда, эълон кард, ки "Давлати нав" месозад. Ӯ тамоми ҳокимияти давлатиро мутамарказ ва ҳизбҳои сиёсиро пароканда кард. Амри охирини ӯ қаҳру ғазаби нерӯҳои сиёсиро ба вуҷуд овард. Як қисми онҳо моҳи майи соли 1938 исёни мусаллаҳона бардоштанд, вале шикаст хӯрданд.

Тибқи Конситутсияи соли 1937 ҳамаи корҳои роҳбарӣ дар фабрикаҳои алоҳида, фаъолияти созмонҳои ҷамъиятӣ ва пеш аз ҳама иттифоқҳои касаба, корҳои идеологӣ, маданӣ, фаъолияти сиёсӣ ва ғайра бояд дар доираи низоми корпоративӣ – бо намояндагии баробари коргарон, хизматчиён ва соҳибкорон созмон дода мешуданд.

Дар соҳаи иқтисодиёт "Давлати нав"-и Варгас силсилаи ислоҳотҳо гузаронд, то ки ба пешрафти саноати миллӣ мусоидат кунад.

Тартиботи "Давлати нав" мустаҳкам набуд. Дар Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ шикаст хӯрдани иттиҳоди давлатҳои фашистӣ ба Бразилия ҳам таъсири калон расонд. Ғояҳои Ж. Варгас дар бораи ташкил намудани "Давлати нав"-и Бразилия пуч баромад. Дар мамлакат аз нав ғояҳои инқилобию демократӣ эҳё шуданд. Дар чунин шароит шикасти ғояи "Давлати нав"-и Ж. Варгасногузир буд.

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

**1.** Далелу рақамҳои дар шарҳи умумии ҳолати Бразилия овардашуда дар бораи чӣ шаҳодат медиҳанд? **2.** Оқибатҳои манфӣ ва мусбати Ҷанги якуми ҷаҳониро барои Бразилия муайян кунед. **3.** "Тененте"-чиён кӣ буданд ва чӣ мехостанд? **4.** Дар бораи "Сафи мағлубнашаванда" нақл кунед. **5.** Лашкаркашии "Сафи мағлубнашаванда"-и "тененте"-чиён чӣ аҳамият дошт? **6.** Дар бораи бӯҳрони иқтисодии солҳои 1929 – 1933-и Бразилия далелҳо биёред. **7.** Дар бораи иттифоқи сиёсии "Иттиҳоди Либералӣ" чиҳо медонед? **8.** Ж. Варгас аввалин маротиба чӣ тавр президенти Бразилия шуд? **9.** Моҳияти Конститутсияи соли 1934-и Бразилияро шарҳ диҳед. **10.** Конститутсияи соли 1937-и Бразилия ба дастовардҳои демократӣ чӣ зарар овард? **11.** Низоми корпоративии Бразилияро маънидод кунед. **12.** Аз мавзӯъ хулоса бароред.

# БОБИ III. МАМЛАКАТҲОИ ОСИЁ ВА АФРИКА ДАР СОЛҲОИ 1919 – 1939

## § 17. ЧИН

**Чин дар оғози марҳалаи муосир.** Дар оғози давраи муосири таърихи ҷаҳон Чин мамлакати аз ҷиҳати иқтисодӣ ақибмонда ва аз ҷиҳати сиёсӣ феодалию ниммустамлика буд. Мамлакатҳои империалистӣ Чинро воқеан ба мамлакати нимустамлика табдил доданд. Дар бандарҳои чиноиён маҳаллаҳои хориҷиён ва муассисаҳои аз тарафи империалистон идорашаванда ба вуҷуд омаданд, ки як қисми қаламрави Чинро ҳамчун "заминҳои иҷорагирифта" аз худ карда буданд. Мамлакатҳои империалистӣ дар Чин артиш, флот, пулис ва муассисаҳои кашф (разведка)-и худро доштанд. Дар қаламрави Чин шаҳрвандони хориҷӣ ба молҳои воридотӣ боҷи гумрукии аз 5 фоиз зиёдтарро муқаррар карда наметавонистанд. Қарзи хориҷии Чин ниҳоят гарон буд. Корхонаю муассисаҳои инҳисории хориҷӣ дар иқтисоди Чин нуфузи калон доштанд.

Давлатҳои империалистӣ дар Чин ғайр аз истифодаи нерӯҳои худӣ ба ҳарбиёни ифротии чиноӣ низ такя мекарданд. Бо дастгирии сиёсӣ, молиявӣ, ҳарбию техникӣ ва ғайраи давлатҳои империалистӣ ҳарбиёни чиноӣ дар музофотҳо ҳокимияти шаҳрвандиро ба даст медароварданд. Бо ҷунин роҳу воситаҳо пули гумрукии дохилӣ ва вазифаи ҷамъоварии андозро аз худ мекарданд, ба ҳукумати марказӣ итоат накарда, пул сикка мезаданд.

**Ҳаракати "4 майи соли 1919".** Моҳи майи соли 1919 дар Чин ҳаракати меҳанпарастон оғоз ёфт, ки сабаби он қарори Конференсияи сулҳи Париж дар бораи Шандун буд. Германия ин музофоти Чинро ҳанӯз охирҳои асри XIX ба мустамликаи худ табдил дода буд. Вале дар солҳои Ҷанги якуми ҷаҳонӣ дар Шандун империализми Ҷопон мавқеи худро мустаҳкам кард. Баробари хотима ёфтани Ҷанги якуми ҷаҳонӣ мардуми Чин умед дошт, ки соҳибихтиёрии Чин бар Шандун аз нав барқарор карда мешавад. Барои ин асоси боэътимод ҳам вуҷуд дошт. Дар Ҷанги якуми ҷаҳонӣ Чин бар зидди Германия меҷангид. Вале ғайриҷашмдошт давлатҳои империалистии ИМА, Англия ва Фаронса Шандунро ба Ҷопон гузашт карданд.

Қарори Конференсияи сулҳи Париж дар бораи Шандун қаҳру ғазаби бепоёни мардуми Чинро ба вуҷуд овард. 4 майи соли 1919 якумин шуда донишҷӯёни Пекин дар зери шиори "мубориза баҳри соҳибихтиёрии миллӣ" гирдиҳамоӣ ва намоиши эътирозӣ доир гардонданд. Ҷавонон тақозо карданд хоинони миллат, ки Шандунро ба Ҷопон доданд, ҷазо дода шаванд. Ба намоишчиён табақаҳои дигари

аҳолӣ низ ҳамроҳ шуданд. Ба муқобили иштирокчиёни намоиш пулис истифода бурда шуд. Ҷавобан ба ин 5 май донишҷӯёни Пекин дарспартоӣ карданд. Ба онҳо донишҷӯёни Тянсзин, Шанхай ва шаҳрҳои дигар пайравӣ намуданд. Бо даъвати донишҷӯён мардуми Чин аз харидани молҳои ҷопонӣ даст кашиданд.

Моҳи июн ҳаракати зиёиён ва донишҷӯён боз ҳам вусъат ёфт. Ин вақт маркази ҳаракати зиддиимпериалистӣ ба шаҳри Шанхай кӯчид.

Дар натиҷаи муборизаи оммавӣ ҳукумати Чин маҷбур шуд, ки ба халқ гузашт кунад. Баъзе мансабдорони ҷопонимаобро аз кор сабукдӯш кард, ба вакилони Чин фармуд, ки ба қарори Конференсияи сулҳи Париж дар бораи ба Ҷопон додани Шандун имзо нагузоранд ва иштирокчиёни намоишҳои зиддиимпериалистии моҳи май ба зиндон партофтаро озод кард.

**Ташкилёбии ҷабҳаи муштарак.** Ҳаракати 4 майи соли 1919 қатъ нагардид. Баъди он ки моҳи феврали соли 1923 ҳукумати Сун Ят-сен мавқеи худро дар Гуанчжоу мустаҳкамтар кард, барои рушди ҳаракати озодихоҳӣ шароити мусоидтар фароҳам омад.

Сун Ят-сен роҳи мураккаби ҳаётро тай намуда буд. Ӯро ҳарбиён 2 маротиба (солҳои 1918 ва 1922) аз Гуанчжоу ронда буданд. Сун Ят-сен барои таъсиси ҷабҳаи муштарак камар баст. Ӯ хуб мефаҳмид, ки дар сурати муттаҳид будани оммаи халқ мумкин аст дар Чин инқилоб ғалаба кунад. Аз ин рӯ, ба роҳбарони Ҳизби Коммунистӣ пешниҳод кард, ки дар бораи ба ҷабҳаи муштараки нерӯҳои инқилобӣ дохил шудани ҲКЧ андеша кунанд. Дере нагузашта ин пешниҳод натиҷаи мусбат дод. Анҷумани III Ҳизби Коммунистӣ, ки моҳи июни соли 1923 дар Гуанчжоу баргузор гардид, қарор қабул кард, ки ҷабҳаи ташкилкардаи Сун Ят-сен дастгирӣ карда шавад. Ин вақт Сун Ят-сен роҳбари "Гоминдан" (Ҳизби Халқии Чин) буд. Ҳамин тариқ, Ҳизби Коммунистии Чин ба Ҷабҳаи Гоминдан дохил шуда, дар баробари ин мустақилияти сиёсӣ ва ташкилии худро нигоҳ дошт.



Сун Ят-сен

Анҷумани I Гоминдан моҳи январи соли 1924 бо иштироки коммунистон дар Гуанчжоу баргузор гардид. Бо ҳамин Гоминдан ҳамчун ҷабҳаи муштараки ду ҳизб – Ҳизби Халқии Чин (Гоминдан) ва Ҳизби Коммунистии Чин таъсис ёфт. Анҷуман Кумитаи Иҷроияи Марказии Гоминданро интихоб кард, ки ба он як қатор арбобони ҲКЧ ҳам интихоб гардиданд. Анҷумани Гоминдан эъломия қабул кард, ки се принсипи қаблан эълонкардаи Сун Ят-сен – "миллатдӯстӣ", "ҳокимияти халқӣ" ва "некӯаҳволии халқ" ба тариқи зайл маънидод карда шаванд: "миллатдӯстӣ" – ҳамчун мубориза барои аз зери зулми империализм озод кардани Чин, "ҳокимияти халқӣ" – ҳамчун мубориза барои ҷумҳурияте, ки дар он ҳокимият воқеан аз халқ аст ва "некӯаҳволии халқ" – ҳамчун баробаркунонии ҳуқуқи халқ ба замин бо роҳи тақсим кардани заминҳое, ки аз заминдорони калон харида гирифта шудаанд, маҳдуд кардани сармоядорӣ тавассути милликунонии бонкҳо, нақлиёт ва корхонаҳои калони моҳияти инҳисоридоштае, ки ба хориҷиён ва ё ба чиноиҳо тааллуқ доранд.

**Табаддулот дар Пекин.** Мустамликадорони хориҷӣ кӯшиш мекарданд, ки ҳаракати озодихоҳиро дар Чин пахш намоянд. Ин замон хориҷиён дар ҷануби мамлакат мавқеи худро мустаҳкам карда, бар зидди Гуанчжоуи инқилобӣ лашкар мекашиданд, исён ва сӯиқасдҳо ташкил мекарданд. Моҳи октябри соли 1924 дастаҳои мусаллаҳи тоҷирони Гуанчжоу, ки роҳбарони онҳо бо империалистони англис робитаи мустаҳкам доштанд, исён бардоштанд. Исёнгарони Гуанчжоу аз Гонконг силоҳ ва ёрии моддӣ мегирифтанд. Ин исён тавассути нерӯҳои инқилобӣ пахш карда шуд. Кӯшиши ҳукумати Англия барои ташкил намудани таҷовузи рӯирости зидди Гуанчжоуи инқилобӣ ба шикаст дучор гардид.

Шикасти нақшаи империалистии барҳам додани маркази инқилобӣ – Гуанчжоу дар тамоми Чин болоравии нави ҳаракати ватанпарваронаро ба вуҷуд овард. Дар зери таъсири ин ҳаракат охири соли 1924 генерали яке аз гурӯҳҳои ҳарбии Шимол – Фэн Юй-сян артиши худро "Артиши халқӣ" номгузорӣ карда, ғайричашмдошти гурӯҳҳои ҳарбии дар муқобили ҳамдигар дар ҳолати душманӣ қарордошта шаҳри Пекинро ишғол кард. Вале баъд маълум гардид, ки Фэн Юй-сян ба ҳукумати Гуанчжоу чандон ҳамфикр набудааст.

Дар Пекин бо розигии Фэн Юй-сян ҳукумати рӯи ба тарафи Ҷопон ташкил карда шуд. Ин ҳукумат конференсия ороста, ба он гурӯҳҳо ва шахсиятҳои гуногуни сиёсии мамлакатро даъват кард. Ба ин конференсия Сун Ят-сен ҳам даъват карда шуд. Ба Пекин Сун Ят-сен дар ҳолати касалии вазнин омада, 12 марти соли 1925 аз дунё даргузашт.

**"Ҳаракати 30 май".** Тобистони соли 1925 болоравии ҳаракати инқилобӣ марказҳои асосии Чинро фаро гирифт. Ғайр аз Гуандун дар музофотҳои дигари Чин бедодгариҳои империалистони хориҷӣ

ҳукмрон буданд. Яке аз ваҳшонияти мудҳиштарини онҳо дар сарзамини Чин воқеаҳои хунини 30 майи соли 1925 буд. Пулиси англисии маҳаллаҳои хориҷинишин ба ҷониби иштироккунандагони намоиши зиддиҷопонии дар Шанхай ва Тсиндао баргузоргардида оташ кушод.

Куштори 30 май қаҳру ғазаби бепоёни мардуми Чинро ба вуҷуд овард. 1 июн дар Шанхай корпаротии умумӣ ба амал омад, ки дар он то 200 ҳазор нафар одамон итирок намуданд. 50 ҳазор нафар донишҷӯён дарспартоӣ карданд. Савдогарон дуконҳои худро бастанд. Молҳои ҷопониро намехариданд. Дар Шанхай ба ҳаракати зиддиимпериалистӣ сармоядорони маҳаллӣ низ ҳамроҳ шуданд. Тобистони соли 1925 дар Шанхай корпартоӣ катъ гардида бошад ҳам, он ба ҳаракати боз ҳам шадидтари миллию озодихоҳии халқи Чин замина гузошт.

19 июни соли 1925 аҳли меҳнати шаҳри Гонконг корпартоии зиддиимпериалистӣ оғоз кард. Мустамликадорони англис хостанд, ки ин корпартоиро тавассути силоҳ бартараф кунанд. Бо ҳамин максад 23 июн намоишчиёни Гуанчжоуро тирборон карданд. Ин ҷинояти англисҳо боиси авҷ гирифтани муборизаи зиддиимпериалистӣ дар Чин гардид. Дар Гонконг ва Гуанчжоу корпартоии умумӣ доир гардид, ки дар он то 200 ҳазор нафар одамон иштирок карданд.

Дар ин ҳолат намояндаи Гоминдан Чан Кай-шӣ, ки сардори мактаби низомӣ буд, моҳи марти соли 1926 табаддулоти ҳарбӣ гузаронда, дар мамлакат диктатураи ҳарбӣ ташкил намуд.

**Лашкаркашии ҳукумати Гуанчжоу ба Шимол.** Мавҷудияти ҷабҳаи умумӣ имконият дод ба Шимол лашкар кашида, Ҷумҳурии Демократии Чин ташкил карда шавад. То баҳори соли 1926 ҳукумати миллию инқилобии Гуанчжоу назорати худро на танҳо ба музофоти Гуандун, балки ба музофотҳои дигари Ҷануби Чин – Гуанси ва Гуйчжоу ҳам паҳн кард. Баъд музофоти Хунан ҳам ба Гуанчжоу ҳамроҳ карда шуд. Ҳамаи ин барои ҳукумати Гуанчжоу ақибгоҳи боэътимод ба вуҷуд оварда, имконият дод, ки ба лашкаркашии Шимол шурӯъ кунад.

Лашкаркашӣ ба Шимол 9 июни соли 1926 оғоз ёфт. Нақшаи ин лашкаркашӣ бо иштироки фаъолонаи мушовири ҳарбии шӯравӣ В. К. Блюхер мураттаб гардид. Артиши Миллию Инқилобӣ (АМИ) моҳи август Хунан, моҳҳои сентябр – октябр музофоти Хубэй ва моҳҳои ноябр-декабри соли 1926 музофотҳои Сянтси ва Фусзянро ишғол намуд. То охири ҳамон сол ҳокимияти ҳукумати Гуанчжоу 7 музофотро дар бар гирифт.

Артиши Миллию Инқилобӣ музофоту шаҳрҳои Шимолро паси ҳам ба даст медаровард. 22 марти соли 1927 шаҳри Шанхай ва рӯзи дигар шаҳри Нанкин ҳам озод карда шуданд.

**Шикаст хӯрдани инқилоб.** Баъди озод шудани шаҳрҳои Шанхай ва Нанкин давлатҳои империалистӣ ба ҷовузи рӯирости зидди Чин даст заданд. Дар соҳилҳои Баҳри Чин зиёда аз 170 киштии ҳарбии онҳо ҷамъ шуда буд. 24 марти соли 1927 киштиҳои америкавию англисӣ бо артиллерия шаҳри Нанкинро гулӯлаборон карданд. Дар баробари ин намояндагони мамлакатҳои империалистӣ аз ҳукумати миллии Ухан қатъиян талаб карданд, ки ба "гунаҳгорон" ҷазо диҳад. Ҳукумати Ухан ӯҳдадор шуд, ки минбаъд ба баромадҳои зидди хориҷиён роҳ намедиҳад ва барои "талафот"-и ба онҳо воридкарда узрхоҳӣ кард.

Гулӯлаборонкунии Нанкин барои Чан Кай-шӣ ишорае буд ба иқдоми ошкорои зидди инқилоб. Дар амалӣ кардани табаддулот ӯ асосан ба артиши худ такя кард. 12 апрели соли 1927 Чан Кай-шӣ фармуд, ки гирдиҳамоии эътирозии зидди халъи силоҳи дастаҳои мусаллаҳи коргарони Шанхай тирборон карда шавад. Ин табаддулоти аксулинқилобӣ буд. Баъди Шанхай табаддулоти аксулинқилобӣ дар Нанкин, Гуанчжоу ва шаҳрҳои дигари Чини Шарқӣ ва Ҷанубӣ ба амал омад. Ҳазорон иштирокчиёни инқилоб қатл карда шуданд. Инқилоб шикаст хӯрд. 18 апрели соли 1927 дар Нанкин ҳукумати Чан Кай-шӣ ташкил карда шуд.

**Гоминдан дар сари ҳокимият.** Баъд аз табаддулоти ҳарбии соли 1927 Гоминдан ба ҳизби ростгаро табдил ёфта, дар идораи Чин танҳо ба артиш такя мекард. Ташаккулёбии ҳокимияти Гоминдан дар натиҷаи бархӯрди гурӯҳҳои гуногуни сиёсию иҷтимоӣ, гоминданҳои "нав"-у ҳарбиёни "кӯҳна" ва нерӯҳои минтақавии дар тамоми Чин қудратталаб ба амал меомад. Чан Кай-шӣ шиори дар байни мардум машҳури муттаҳид сохтани мамлакатро истифода бурда, лашкаркашии худро бар зидди дастаҳои ҳарбие, ки Чини Шимолиро дар зери назорати худ нигоҳ медоштанд, оғоз намуд. Ҷузъу томҳои артиши ба тарафи Гоминдан гузашта, моҳи июни соли 1928 Пекинро ишғол карданд. Моҳи декабри соли 1928 роҳбари нави ҳарбиёни Шимолу Шарқӣ Чжан Сюэ-лян ҳукумати гоминдании Нанкинро эътироф кард. Сарфи назар аз ин, ба Чан Кай-шӣ муяссар нагардид, ки тамоми Чинро муттаҳид кунад. Ҳанӯз ҳам шаҳру ноҳияҳои зиёде дар ихтиёри дастаҳои силоҳбадасти маҳаллӣ буданд.

Ҳукумати Нанкин аслан манфиатҳои буржуазияи калони Чинро ифода намуда, ҷонибдори танзими давлатии иқтисодиёт, марказонидани идораи давлат ва тамоми Чинро ба зери ҳокимияти худ муттаҳид кардан буд. Чан Кай-шӣ – даъвогари ҳокимияти олӣ барои ба ин мақсад расидан ба генералҳо, дастгоҳи ҳизбӣ, кашф, таблиғоти Гоминдан ва табақаи болоии идораи маъмурӣ такя мекард.

Дар зери шиори Сун Ят-сен оид ба се марҳалаи идоракунӣ (марҳалаи ҳарбӣ, марҳалаи пуштибонии сиёсӣ ва марҳалаи ҳокимияти

халқӣ) роҳбарони Гоминдан дар Чин диктатураи сахти ҳарбик политсиявӣ ташкил намуданд.

**Таҷовузи Ҷопон ба Чин.** Ҷопон баъд аз Ҷанги якуми ҷаҳонӣ иқтисодиёти худро аз нав барқарор карда, нерӯҳои ҳарбиашро бо аслиҳаи ҳозиразамон мусаллаҳ намуда, бо давлатҳои дар Чин ҳукмронбудаи Ғарб рақобат мекардагӣ шуд. Сиёсати хориҷии Ҷопон маҳз ба Чин нигаронда шуда буд. Иқдоми аввалини ин нақша аз тарафи артиши Ҷопон ишғол кардани Шимолу Шарқии Чин буд, ки он ба 18 сентябри соли1931 рост омад. Ба дастгирии мамлакатҳои хориҷӣ умед баста, Чан Кай-шӣ ба артиши Чин амр кард, ки бе муқобилият ба тарафи ҷануб ақибнишинӣ кунад. Вале Лигаи Миллатҳо, ки Чин ба он муроҷиат карда буд, таҷовузкорро маҳкум накард ва дар ҳаққи вай ягон чора ҳам наандешид. Чунин муносибат сабаб дошт. Англия, Фаронса ва ИМА андеша мекарданд, ки Ҷопон ҳуҷуми худро дар Манҷурия густариш дода, баъд ба ИҶШС ҳамла хоҳад кард. Ин барои онҳо хатарнок буд.

Дар муносибат бо истилогарон ва муносибатҳо дар байни нерӯҳои сиёсию ҳарбии Чин ҳолати ҳайратангезе ба амал омад. Мамлакатҳои Ғарб аз ёрӣ ба Чин рӯй гардонданд. Ҳукумати Гоминдан бошад, ба ҷои зидди Ҷопон алайҳи Артиши Сурхи Чин ҷанг карданро афзалтар медонист. Ҷопон бошад, аз ин ҳолат истифода бурда, дар Чин ҷангҳои истилогаронаи худро давом медод. Моҳи январи соли 1932 артиши Ҷопон ба Шанхай ҳамла кард. Артиши 18-уми дар ин шаҳр мустақарбуда бо ҳамроҳии халқ бар зидди истилогарони Ҷопон муқобилияти сахт нишон медод. Задухӯрдҳо дар Шанхай зиёда аз як моҳ давом карданд. Мувофиқи қарордоди тарафайн Ҷопон Шанхайро ба даст даровард. Чин бошад, артиши худро аз ин шаҳр бароварда, ӯҳдадор шуд, ки дар Чин пеши роҳи ҳаракати зидди Ҷопонро мегирад. Моҳи марти соли 1932 "ҳукумат"-и лӯхтакмонанди рӯ ба Ҷопони Манҷурия дар бораи таъсиси "давлати соҳибистиқлоли Манчжоу-Го" эъломия паҳн кард. Ҳокими олии ин "давлат" аз соли 1924 сар карда "император" Пу И – зурёти охирини сулолаи Тсини соли 1911 аз тарафи инқилоб сарнагуншуда эълон карда шуд.

Аввали соли 1938 артиши Ҷопон ба Чини Шимолӣ зада даромада, ба Пекин ва Тянсзин наздик шуд. Моҳи май дар Тангу байни ҳукумати Нанкин ва Ҷопон созишнома ба имзо расид. Мувофиқи он қисмати шимолу ғарбии музофоти Хэбэй, ки ба Манҷурия ҳамсарҳад буд, минтақаи ғайриҳарбӣ эълон карда шуд. Моҳи июли соли 1935 ҳарбиёни Ҷопон ба гардани ҳукуматдорони Чин созишномаи махфиеро бор карданд. Мувофиқи ин санад Чини Шимолӣ дар амал ба доираи манфиатҳои Ҷопон табдил ёфт.

**Ҷанги озодихоҳонаи халқи Чин.** Ҷанги озодихоҳонаи халқи Чин бар зидди Ҷопон солҳои 1935–1945 сурат гирифта буд. Дар масъалаи мубориза бар зидди истилогарони Ҷопон ду ҳизби сиёсӣ – Ҳизби Гоминдан ва Ҳизби Коммунистӣ қариб дар як мавқеъ қарор доштанд. 8 июли соли 1937 КМ Ҳизби Коммунистӣ халқи Чинро даъват кард, ки бар зидди истилогарони Ҷопон бархезад. Ин ҳизб ба Гоминдан ҳам чунин мурочиат кард. 17 июли соли 1937 Ҳизби Гоминдан тавассути Чан Кай-шӣ изҳор кард, ки даъвати коммунистонро қабул мекунад. Ҷанги озодихоҳонаи халқи Чин бар зидди Ҷопон як рӯз барвакттар – 7 июли соли 1937 дар наздикии Пекин оғоз ёфт.

Дере нагузашта Ҷабҳаи Муштараки Миллии Зиддиҷопонӣ ташкил ёфт. Ба он ҳамаи нерӯҳои ватанпарвари Чин дохил шуданд. Дар як муддати кӯтоҳ артиши Гоминдан ба 3 миллион нафар расид, лекин он ҳанӯз таҷрибаи бойи ҷангӣ надошт. Аз ҳамин сабаб артиши Ҷопон моҳи июл Тянсзин ва Пекин, моҳҳои сентябр-ноябр марказҳои дигари асосии Чини Шимолиро забт кард. Моҳҳои ноябр-декабри соли 1937 Шанхай ва Нанкинро муҳосира намуд. Артиши Ҷопон соли 1938 ҳам ишғолкунии шаҳру навоҳӣ ва музофотҳои Чинро идома дод.

Муваффақияти артиши Гоминдан охирҳои соли 1937 ва аввалҳои соли 1938 дар маҳали ба ҳам пайвастшавии музофотҳои Шанси, Чахар ва Хэбэй оғоз ёфтааст. Дар ин ҷо яке аз полкҳои Артиши 8-ум бо дастгирии халқ бар зидди артиши Ҷопон ба мубориза бархост. Баъд қисмҳои дигари ин артиш навоҳии зиёди Чини Шимолиро озод карданд. Дар Ҷануб бошад, соли 1938 Артиши 4-уми навташкил ба ҳуҷуми ҷавобӣ гузашта, дар ҳавзаи дарёи Янсзии Поён шаҳру навоҳии зиёдеро озод кард. Солҳои 1938–1940 ҳудуди аз артиши Ҷопон озодшуда васеъ шуд. Аҳолии ин қаламрав наздики 100 миллион нафарро ташкил мекард.

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

**1.** Чинро дар оғози давраи муосири таърихи ҷаҳон чӣ хел дарёфтед? **2.** Чаро Чин дар солҳои Ҷанги якуми ҷаҳонӣ каме пеш рафт? **3.** Дар бораи "Ҳаракати 4 май" чиҳо медонед? **4.** Оё мардуми Чин қарори Конференсияи сулҳи Парижро оид ба Чин қабул кард? **5.** Ҷабҳаи Муштараки Чин чӣ тавр ва кай таъсис ёфт? **6.** Чӣ маҷбур кард, ки Ҳизби Коммунистии Чин ва Ҳизби Халқӣ (Гоминдан) дар ҷабҳаи ягона муттаҳид шаванд? **7.** Табаддулоти дар Пекин баамаломадаро шарҳ диҳед. **8.** Се принсипи халқии Сун Ят-сен дар Анҷумани I Гоминдан чӣ хел шарҳ дода шуд? **9.** Дар бораи "Ҳаракати 30 май" чиҳо медонед? **10.** Чан Кай-шӣ кай табаддулоти ҳарбӣ кард? **11.** Лашкаркашии



6—К-9371

ҳукумати Гуанчжоу ба Шимол чӣ дод? **12.** Солҳои 1926 – 1927 Артиши Миллии Инқилобӣ кадом шаҳру навоҳӣ аз музофотҳои Чини Шимолиро аз ҷопонҳо озод кард? **13.** Чан Кай-шӣ кай табаддулоти аксулинқилобӣ гузаронд? **14.** Дар бораи ҳукмронии Гоминдан маълумот диҳед. **15.** Чаро ҳукумати Гоминдан бо империалистони хориҷӣ ҳамкорӣ мекард? **16.** Артиши Чин солҳои 1937 – 1940 кадом шаҳру музофотҳои Чинро аз сипоҳиёни Ҷопон озод кард? **17.** Чинро аз харита нишон диҳед. **18.** Аз мавзӯъ хулоса бароред.

## § 18. ҶОПОН

**"Исёни биринҷ"-и соли 1918.** Сармоядорони Ҷопон Ҷанги якуми ҷаҳониро барои дар бозорҳои Чин ва мамлакатҳои дигари Шарқи Дур мустаҳкам кардани мавқеи худ истифода бурданд. Дар натиҷаи ин саноат ва савдои Ҷопон боло рафта, ба ширкатҳои инҳисорӣ ва пеш аз ҳама, ба консернҳои Митсуи, Митсубисӣ, Ясуда ва Умито даромади беандоза калон дод. Сарфи назар аз ин, соҳаи кишоварзии Ҷопон аз бӯҳрон баромада натавонист. Безаминию камзаминии кишоварзон давом мекард, шумораи деҳқонони иҷоракор торафт меафзуд. Аз мушкилиҳои бо хӯрокворӣ таъмин кардани аҳолӣ истифода бурда, савдогарон нархи маҳсулоти асосии кишоварзӣ – биринҷро аз ҳад баланд бардоштанд. Яке аз баромадҳои оммавии мардуми камбағал ва гурусна бо ҳамин алоқаманд аст, ки онро "Исёни биринҷ" номидаанд.

Баҳонаи "Исёни биринҷ" нархи баланди ҳаннотона ба биринҷ шуд. 3 августи соли 1918 завҷаҳои моҳигирони яке аз маҳаллаҳои наздибаҳрие, ки дар вилояти Тояма воқеъ буд, киштии пури биринҷро ба даст оварданд. Баъди ин анборҳои биринҷи ба ҳаннотон тааллуқдоштаро валангор карданд. Сипас, ошӯбҳо ба Киото гузаштанд. Дар ин ҷо издиҳоми гуруснагон дуконҳои биринҷро кушода, биринҷро дар байни худ тақсим мекарданд. Баромади бисёрҳазорнафараи камбағалон дар шаҳрҳои Осака, Кобэ, Нагоя ва баъдтар дар Токио ва шаҳрҳои дигар ҳам оғоз ёфтанд. Дар як муддати кӯтоҳ "Исёни биринҷ" аз се як ҳиссаи қаламрави Ҷопонро фаро гирифт. Шумораи умумии иштирокчиёни ин ҳаракат қариб 10 миллион нафарро ташкил намуд.

Ҳукумат "Исёни биринҷ"-ро пахш кард, вале он ҳамчун ҳодисаи пурзӯри ҳаракати ҷамъиятӣ пурра аз байн нарафт. Ин воқеа ҳукумати Ҷопонро маҷбур кард, ки дар бораи вазъи иҷтимоии мардум андеша кунад.

**Конференсияи Вашингтон, аҳамияти он барои Ҷопон.** Баъд аз Ҷанги якуми ҷаҳонӣ муборизаи давлатҳои империалистӣ барои доираи

нуфуз дар ҳавзаи Уқёнуси Ором тезу тунд шуд. Дар солҳои Ҷанги якуми ҷаҳонӣ Ҷопон мавқеи худро дар Шарқи Дур мустаҳкам кард. Аз созишномаи байни Англия ва Ҷопони соли 1902 ИМА норозӣ буд. ИМА ба Англия фишор меовард. Ҷопон ҳам ба ИМА истодагарӣ карда наметавонист. Бинобар ин Англия розӣ шуд, ки ин созишнома аз нав дида баромада шавад. Моҳи ноябри соли 1921 дар Вашингтон оид ба масъалаҳои маҳдудкунии шумораи иншоотҳои ҳарбии баҳрӣ ва доираи нуфуз дар Уқёнуси Ором ва Шарқи Дур конференсияи байналхалқӣ баргузор гардид, ки он таносуби нави қувваҳоро инъикос намуд.

Ғайр аз қарордоди 9 давлат дар бораи эътирофи соҳибихтиёрии Чин ИМА ба он муваффақ шуд, ки шарномаи соли 1902 дар байни Англия ва Ҷопон басташудаи иттифоқӣ аз эътибор соқит карда шавад. Дар байни 4 давлат – ИМА, Англия, Фаронса ва Ҷопон дар бораи кафолати байниҳамдигарии дахлнопазир будани ҷазираҳо – мулкҳои дар Уқёнуси Оромбудаи онҳо ва маҳдудгардонии сатҳи борбардории флотҳои ҳарбии баҳрии ИМА, Англия, Фаронса ва Ҷопон шартномаҳо ба имзо расиданд.

ИМА тавонист, ки рақибони асосии худро аз ҳавзаи Уқёнуси Ором фишор дода бароварда, барои ба мамлакатҳои ин минтақа воридшавии иқтисодию сиёсӣ шароити мусоид фароҳам оварад.

Сарфи назар аз ин, Конференсияи Вашингтон дар Шарқи Дур ва ҳавзаи Уқёнуси Ором сулҳу суботи боэътимодро таъмин карда натавонист. Империалистони Ҷопон барои нуфузи худро дар ин минтақаҳо васеъ кардан бо қатъияти том ҷидду ҷаҳд мекарданд.

**Вазъи дохилии Ҷопон.** Аз охирҳои соли 1923 сар карда болоравии нави иқтисодии Ҷопон оғоз ёфт. 1 сентябри соли 1923 дар Ҷопон заминҷунбии сахт рух дод. Ҳукумат ба зарардидагон, аз он ҷумла ба соҳибони корхонаҳои саноатӣ мадад расонд. Ҳамаи пардохтҳои онҳо ба давлат ба мӯҳлати муайян мавқуф гузошта шуданд. Ин сабукиҳо барои аз нав барқароркунӣ ва рушди саноат имконият доданд.

Соли 1927 иқтисоди Ҷопон бӯҳрони иқтисодиро аз сар мегузаронд. Дар чунин шароит баҳори ҳамон сол ҳукумати Танака ба сари ҳокимият омад. Танака роҳбари Ҳизби Сеюкай буд. Барномаи фаъолияти ҳукумати Танака, ки дар он масъалаи ҳукмрони ҷаҳон шудани Ҷопон ва роҳҳои мушаххаси расидан ба ин мақсад баён ёфта буданд, ба императори Ҷопон пешниҳод карда шуд. Дар барномаи ҳукумати Танака аз ҷумла гуфта мешуд, ки "Ба хотири худмуҳофизаткунӣ ва зарурати ҳифзи дигарон агар Ҷопон сиёсати "хун ва оҳан"-ро амалӣ накунад, мушкилотҳ худро дар Осиёи Шарқӣ бартараф карда наметавонад... Барои он ки Чин забт шавад, мо бояд аввал Манчурия ва Муғулистонро ишғол намоем. Барои забт кардани ҷаҳон мо бояд аввал Чинро забт кунем. Агар мо Чинро забт карда тавонем, пас ҳамаи давлатҳои хурди Осиё, Ҳиндустон... аз мо тарсида, ба мо таслим мешаванд."

Аз ин вақт сар карда сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҳукумати Танака баҳри иҷрои ин мақсадҳо равона карда шуд.

**Бӯҳрони иқтисодии солҳои 1929 – 1933 дар Ҷопон.** Ин бӯҳрон дар Ҷопон моҳи октябри соли 1929 оғоз ёфт. Азбаски Ҷопон бо ИМА робитаи иқтисодию тиҷоратӣ дошт, ин бӯҳрон ҳамин ки дар биржаи Нию-Ёрк оғоз ёфт, дере нагузашта Ҷопонро ҳам фаро гирифт. Дар баробари саршавии бӯҳрони иқтисодии ҷаҳонӣ робитаҳои тиҷоратӣ дар байни ин ду давлат низоми пештараи худро аз даст доданд. Масалан, соли 1930 ИМА хариди пилларо аз Ҷопон то 30 фоиз кам кард. Ин иқдоми номатлуб, вале аз ноилоҷӣ ба иқтисодиёти Ҷопон зарбаи сахт буд, чунки қариб нисфи кишоварзони Ҷопон ба кирмакпарварӣ машғул буданд. Бо сабаби ба фурӯш нарафтани пилла нархи он дар бозори дохилӣ хеле паст фаромад. Шумораи кишоварзоне, ки ба кирмакпарварӣ машғул буданд, хеле кам шуд. Ин ҳолат боиси пастшавии музди меҳнат ва бекормонии кишоварзон гардид. Инчунин корхонаҳои хурд ва миёнаи зиёде муфлис шуданд.

Дар солҳои бӯҳрони иқтисодӣ Ҷопон мустамликаҳои худро бештар истисмор мекард. Ба ҳамин сабаб дар Тайван шӯриши калон сар зад. Дар Корея бошад, бар зидди мустамликадорони Ҷопон ҳаракати миллию озодихоҳӣ вусъат ёфт.

**Мубризаи фашистон барои ҳокимият.** Сиёсати истилогаронаи хориҷӣ мусаллаҳшавии Ҷопонро тақозо мекард. Аз ҳад зиёд шудани нерӯҳои ҳарбии Ҷопон, заиф будани ҳукумат, таблиғи зӯроварӣ ва даъвои ашхоси дар вазифаҳои баланди давлатибуда дар бораи ҳукмрони ҷаҳон шудани Ҷопон бегуфтугӯ дар ин мамлакати Шарқ ғояҳои фашистӣ ва нерӯҳои фашистиро ба вуҷуд меоварданд.

Дар шароити мусаллаҳшавии бошитоб дар Ҷопон гурӯҳу созмонҳои фашистимаоб хеле зиёд шуданд ва бештар дар ҳайати афсару генералҳо. Яке аз ин созмонҳо Иттифоқи Афсарҳои Ҷавон ном дошт. Ин созмон муқобили парламент буд. Аҳзоби сиёсиро низ нолозим мешуморид.

Дар мамлакат нерӯҳои фашистӣ рӯз то рӯз меафзуданд ва мақоми онҳо баландтар ҳам мешуд. Ҳукумат бошад, пеши роҳи афсару генералҳои ифротиро намегирифт. Чунин муносибат ба оқибатҳои фоҷиангез оварда расонд. Моҳи октябри соли 1931 онҳо бар зидди ҳукумат сӯиқасд карданӣ шуданд. Ҳарчанд ин сӯиқасд ошкор карда шуд, вале иштирокчиёни он ҷазо нагирифтанд. 15 майи соли 1932 Иттифоқи Афсарони Ҷавон исёни нави фашистӣ бардоштанд. Дар натиҷаи ин исён нахуствазир Инукаӣ кушта шуд. Аз ҷайби яке аз иштирокчиёни исён рӯйхати онҳое ёфт шуд, ки бояд қатл карда мешуданд. 25 феврали соли 1936 исёни навбатии Иттифоқи Афсарони Ҷавон ба амал омад. Дар зарфи 3 рӯз онҳо арбобони намоёни давлатӣ –

собиқ нахуствазир Сайто, вазири молия Токахаси ва генерал Ватанабэро қатл карданд. Сарвазир Икада аз қатл тасодуфан начот ёфт. Ин исён бо мушкилии зиёд пахш карда шуд.

**Тачовузи Ҷопон ба Чин.** Ҳукумати Ҷопон роххои аз бӯҳрони иқтисодӣ баромадани мамлакат ва хотима додани муборизаи сиёсии дохилиро дар оғози чанг бар зидди Чин медид. Дар навбати аввал ҳукумат ният дошт, ки Шимолу Шарқии Чинро забт кунад. Ин минтакаи Чин аз маъдан, ангиштсанг, тилло ва дарахт бой буд. Дар сурати забти Шимолу Шарқии Чин ин чо барои ишғоли қисмҳои дигари Чин ва тачовузи зидди Муғулистону ИЧШС ҳамчун нуқтаи такягоҳ хизмат карда метавонист.

Моҳи сентябри соли 1931 Ҷопон ба Манчурия зада даромада, то аввали соли 1932 онро ишғол кард. Баъд аз ишғоли Манчурия Ҷопон худи ҳамон сол аввал Шанхай ва баъд музофоти Жэхэро, ки он аслан Муғулистони Дохилӣ аст, ба даст даровард, баъд тачовузи худро дар Чини Шимолӣ тавсеа доданӣ буд.

Барои "дасту пои худро кушодан" Ҷопон моҳи марти соли 1933 аз Лигаи Миллатҳо баромада, даъво кард, ки хукмрони Осиёи Шарқӣ мешавад ва эълон дошт, ки дар сурати дар ҳавзаи Уқёнуси Ором маҳдуд кардани иншоотҳои ҳарбии баҳрӣ аз шартномаи Вашингтон мебарояд.

Сиёсати тачовузкоронаи ҳукумати Ҷопон бар зидди ИЧШС низ нигаронда шуда буд. Аз ин рӯ, Ҳукумати Шӯравӣ ба ҳукумати Ҷопон пешниҳод кард, ки барои ба ҳамдигар ҳучумнакунӣ шартнома банданд, вале ҳукумати Ҷопон онро рад кард. Дар тӯли солҳои 1934 – 1936 артиши Ҷопон ба каламрави ИЧШС ва Муғулистон борҳо ҳамла кард. Артишҳои Муғулистон ва ИЧШС ба артиши тачовузкорон чавоби сазовор доданд.

7 июли соли 1937 тачовузи мусаллаҳонаи Ҷопон ба Шимоли Чин оғоз ёфт. Баъд артиши тачовузкор амалиёти худро дар тамоми Чин вусъат дод. Иқтисоди Ҷопон қариб пурра барои чанг равона шуд. Ҷанги зидди Чин қариб 70 – 80 фоизи маблағи Ҷопонро ба коми худ мекашид.

Амалиётҳои чангии артиши Ҷопон бар зидди Чин Манчурия ва Шарқи Дури Иттиҳоди Шӯравиро ҳам дар бар гирифтанд. Муҳориба дар назди кӯли Ҳасан, дар соҳили дарёи Халхин-Голи Муғулистон ва муҳорибаҳои дигари Артиши Квантуни Ҷопон дар ин бора шаҳодат медиҳанд. Дар мавриди ба тачовузи Ҷопон гирифтор шудани Муғулистон артиши ИЧШС ба ин давлат ёрӣ мерасонд. Бо вучуди чидду чаҳди зиёд ба артиши Ҷопон муяссар нашуд, ки Муғулистон ва қисми ИЧШС-ро ба даст дарорад.

Сиёсати иртичоии хоричӣ Ҷопонро ба нерӯҳои иртичоии дигари чаҳон наздик мекард. 27 сентябри соли 1940 ҳукумати Коноэ бо Германияи гитлерӣ ва Италияи фашистӣ "Созишномаи сегона"-ро ба

имзо расонд. Ин созишнома имконият дод, ки Ҷопон дар ҳавзаи Укёнуси Ором ва Шарқи Дур истилогариҳои худро давом бидиҳад.

Ҷанги Ҷопон бар зидди Чин аз соли 1937 то соли 1941 давом кард. Дар ин давра Ҷопон на танҳо Чин, балки баъзе давлатҳои дигари Шарқи Дур ва ҳавзаи Укёнуси Оромро низ ишғол намуд.

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

**1.** Ҷанги якуми ҷаҳонӣ ба иқтисоди Ҷопон чӣ таъсир расонд? **2.** "Исёни биринҷ"-ро шарҳ диҳед. **3.** Конференсияи Вашингтони соли 1921 кадом қарорҳоро қабул кард? Оё ин конференсия ба Ҷопон нафъ бахшид? **4.** Вазъи иқтисодию сиёсии Ҷопони солҳои 20-умро баён кунед. **5.** Оё бӯҳрони иқтисодии солҳои 1929 – 1933 Ҷопонро ҳам фаро гирифт? **6.** Далелҳоеро мисол биёред, ки дар бораи ҳаракати фашистони Ҷопон шаҳодат диҳанд. **7.** Иттифоқи Афсарони Ҷавон чӣ хел созмон буд? **8.** Империализми Ҷопон оид ба сиёсати хориҷии худ чӣ ниятҳо дошт? **9.** Кадом иғвогариҳои зидди Муғулистон ва Иттиҳоди Шӯравии Ҷопонро мисол оварда метавонед? **10.** Таҷовузи зидди Чинро Ҷопон кай оғоз кард? Дар ин роҳ империализми Ҷопон ба кадом муваффақиятҳо ноил шуд? **11.** Ҷопон соли 1940 ҷаро бо ҳамроҳии Италия ва Германия ба "Созишномаи сегона" имзо гузошт? **12.** Аз мавзӯъ хулоса бароред.

## § 19. ИНДОНЕЗИЯ

**Воридшавии Индонезия ба даврам муосир.** Мамлакатҳои империалистӣ ба Индонезия ҳамчун ба манбаи ашёи хоми кишоварзӣ, бозори фурӯши молҳои саноатӣ, нерӯи арзони корӣ ва ҷои муносиби маблағгузорӣ назар мекарданд. Аз ҳамин сабаб иқтисоди Индонезия яктарафа пеш мерафт. Ин мамлакат на саноати сабук дошт ва на саноати вазнин. Баъд аз Ҷанги якуми ҷаҳонӣ империализми Ҳолландия ҳокимияти худро дар Индонезия базӯр нигоҳ медошт.

Дар истисмори халқи Индонезия ИМА ва Ҷопон торафт фаъолонатар ширкат меварзиданд. Ин вақт талабот ба маҳсулоти Индонезия, аз он ҷумла қалъағӣ, каучук, қанд, тамоку, чой ва қаҳва афзуд. Соли 1937 дар Индонезия ҷамъи маблағгузории мамлакатҳои сармоядорӣ зиёда аз 2 миллиарду 264 миллион долларро ташкил намуд, ки қариб нисфи он аз Ҳолландия буд.

Коркарди аввалияи ашёи хоми Индонезия асосан ба сармоядорони давлати соҳиби мустамлика тааллуқ дошт. Танҳо баъзе намудҳои саноати анъанавӣ, аз он ҷумла корхонаҳои хурди истеҳсоли газворҳои гуногуни миллӣ – батика ба соҳибкорони Индонезия тааллуқ доштy халос.

Дар Ява қариб 60 фоизи аҳолии Индонезия зиндагӣ мекард. Бинобар ин дар ин ҷазира сол то сол нарасидани замини кишт ҳис карда мешуд. Қисми зиёди кишоварзонро иҷоракорон ва батракҳо ташкил мекарданд. Андозҳои вазнин ва коркардадиҳӣ (барщина) онҳоеро бештар қашшоқ мекарданд, ки ҳанӯз ҳам қитъаҳои хурди заминро аз даст доданӣ набуданд. Чунин ҳолат кишоварзонро ба ҳаракати фаъоли иҷтимоӣ водор мекард. Соли 1919 кишоварзони деҳаи Чимарамеи Яваи Ғарбӣ аз пардохти андоз рӯй тофтанд. Соли 1920 шӯришчиён дар деҳаи Толли-Толлии Сулавесии Марказӣ мансабдорони маҳаллии ҳолландиро ба қатл расонданд. Маъмурияти мустамликавӣ иштирокчиёни баромадҳои халқи маҳаллиро тавассути силоҳ пахш мекард.

**Сиёсати ҳукумати Ҳолландия дар Индонезия.** Ҳукуматдорони ҳолландӣ ба созмонҳои индонезиявӣ ҳушёрона назорат бурда, баъзе фаъолтарин шахсиятҳои ин мустамликаи худро бадарға мекарданд. Дар баробари ин мустамликадорон ҳаракат менамуданд, ки аъёну ашрофи маҳаллиро ба тарафи худ кашанд. Ҳанӯз соли 1918 онҳо Шӯрои Халқӣ (фолксраад) – парламенти ҳаҷвиро таъсис доданд. Як қисми вакилони фолксраадро генерал-губернатори Индонезия ва қисми дигари онро намояндагони ваколатдори интихобкунандагон аз ҳисоби "шӯроҳо"-и музофотҳо интихоб мекарданд. Мақоми "парламент" (фолксраад) танҳо маслиҳатӣ буд. Аз ин рӯ, аз тарафи ҳукумат иҷро кардани қарорҳои он шарт набуд. Дар фолксраад аксариятро ҳолландиҳо ташкил мекарданд. Вале баъд мустамликадорони ҳолландӣ маҷбур шуданд, ки ба ҳайати вакилони "парламент" намояндагони ашрофони Индонезияро ҳам дохил намоянд. Генерал-губернатор ваъда дод, ки минбаъд иттиҳодияҳои миллатгарои Индонезияро таъқиб намекунад.

Ҳолландиҳо баъд аз Ҷанги якуми ҷаҳонӣ ҳам ҳилаю найрангро барои дар Индонезия дароз кардани умри мустамликадории худ давом медоданд. Масалан, дар яке аз моддаҳои Конститутсияи соли 1922 Нидерландия риёкорона "Ҳиндустони Нидерландия (дар санадҳои расмӣ ҳолландиҳо Индонезияро ҳамин тавр меномиданд) қисми баробарҳуқуқи империя" номида шуда буд, ки ин дурӯғи маҳз аст.

**Нерӯҳои озодихоҳии миллии Индонезия.** Баъд аз анҷом ёфтани Ҷанги якуми ҷаҳонӣ дар Индонезия ҳаракати миллию озодихоҳӣ ба марҳалаи нав қадам ниҳод. Бо роҳи зӯрӣ фурӯ нишондани ин ҳаракат барои мустамликадорони Ҳолландия оқибатҳои нохуш дошт. Бинобар ин ба Ҳолландия лозим омад, ки дар ин мустамлика усули идоракунии худро каме тағйир бидиҳад. Дар натиҷаи ин дар Индонезия созмонҳои касбию сиёсии истиқлолиятхоҳ таъсис ёфтанд, созмонҳои қаблии миллию динӣ фаъолияти худро аз нав идома доданд. Соли 1919 аз тарафи коргарон маркази муштараки

иттифоқҳои касаба ташкил карда шуд, ки асоси онро иттифоқҳои касабаи нақлиётчиён ташкил медоданд.

Фаъолияти иттифоқҳои миллӣ ҳам рӯ ба густариш ниҳод. Соли 1917 созмони кӯҳнатарини маданию маърифатии мамлакат "Буди Утомо" ("Мақсади Олӣ") бо барномаи сиёсии худ баромад кард. Дар он аз ҷумла гуфта мешуд, ки бояд ҳуқуқҳои европавиён ва индонезиявиҳо баробар карда шаванд. Ба ташкилёбии созмонҳои калони миллии Индонезия мусулмон будани аксарияти аҳолӣ (дар Индонезия қариб 90 фоизи аҳолӣ мусулмон буд) ёрии калон мерасонд. Як навъи иттиҳоди неруҳои зиддиимпериалистии мардумии динӣ созмони Саракати Ислом (Иттифоқи Ислом) буд, ки то 2 миллион нафар мусулмонони Индонезияро муттаҳид мекард. Саракати Ислом барои бар зидди мустамликадории ҳолландӣ муттаҳид кардани халқи Индонезия омили муҳим буд.

Соли 1923 як гурӯҳи калон аз Саракати Ислом ҷудо шуда, созмони Саракати Ракат (Иттиҳоди Халқ)-ро таъсис намуд. Ғайр аз ин неруҳо дар Индонезия Ҳизби Коммунистӣ ҳам фаъолият мекард. Ин ҳизб низ дар мавқеи истиқлолияти Индонезия меистод.

Солҳои 1926 – 1931 дар Индонезия асосан ду ҳизби сиёсӣ фаъолият мекард – Ҳизби Коммунистӣ ва Ҳизби Халқӣ. Ҳизби Халқӣ соли 1931 ба Ҳизби Индонезия Партиндо табдил дода шуд. Дар аввали ҳамон сол Ҳизби Ягонагии Халқи Индонезия ҳам таъсис ёфт. Дар солҳои 30-юм яке аз ҳизбҳои калонтарин Ҳизби Халқӣ буд. Он зиёда аз 20 ҳазор аъзо дошт. Аз соли 1933 сар карда ба ин ҳизб Сукарнои аз ҳабс баромада роҳбарӣ мекард.

**Шӯриши солҳои 1926 – 1927.** Дар Индонезия баъд аз Ҷанги якуми ҷаҳонӣ мубориза миллию озодихоҳӣ оғоз ёфт. Он дар баъзе маҳалҳо ба шӯриши мусаллаҳона мубаддал гардид. Яке аз ин шӯришҳо соли 1926 дар шаҳри Ҷакартаи Ява ба амал омад. Шӯришгарон стансияи телефонии пойтахтро ишғол карданд. Вале кӯшиши ишғоли стансияи роҳи оҳан ва маҳбас натиҷаи дилхоҳ надод. Дар Бантам, ки дар ғарбтари Ява воқеъ гардидааст, ҷанги ҳақиқии чирикӣ ба амал омад. Шӯриш ноҳияҳои атрофи шаҳри Бандунг ва Яваи Марказиро ҳам фаро гирифт. Мустамликадорон ин шӯришро бераҳмона пахш карда, баъд артишро аз Ҷакарта ба навоҳии дигари шӯришбардошта бурданд. Дар ҷазираи Суматра ҳам шӯриш сар зад. Сипоҳи мустамликавии Ҳолландия ин шӯришро ҳам пахш кард. Мустамликадорон зиёда аз 200 нафар шӯришчиёнро қатл карданд, қариб 4500 нафарро ба маҳбасҳо партофтанд, 3 ҳазор нафари дигарро ба болооби дарёи Дигул, ки дар Ирианаи Ғарбӣ воқеъ аст, ба бадарғаи якумра ҳукм карданд. Баъзе роҳбарони шӯриш маҷбур шуданд, ки ба хориҷа фирор кунанд.

Шӯришҳои солҳои 1926 – 1927 нишон доданд, ки мустамликадорони ҳолландиро ба воҳима овардан мумкин аст ва дар Индонезия тартиботи

мустамликавӣ абадӣ нест. Худи мустамликадорон ҳам хуб мефаҳмиданд, ки дар Индонезия мавқеи мустаҳкам надоранд. Аз ҳамин сабаб ба халқи маҳаллӣ гузаштҳои нав карданд.

**Оқибатҳои бӯҳрони иқтисодии ҷаҳонӣ дар Индонезия.** Бӯҳрони иқтисодӣ дар Индонезия аз соли 1929 то солҳои 1936 – 1937 давом карда, ба халқи ин мустамликаи Ҳолландия зарари зиёд овард. Соҳаи кишоварзии Индонезия муддати дуру дароз дар ҳолати бӯҳрон қарор дошт. Нархҳои ҷаҳонӣ ба каучук, доруворӣ, калъагӣ, нефт ва қанд қадре поён рафта, боиси кам шудани истеҳсоли онҳо гардид. Арзиши содирот 50 фоиз поён рафта, қарзи хориҷӣ афзуд.

Буржуазияи Нидерландия кӯшиш мекард, ки аз бӯҳрони иқтисодӣ тавассути меҳнаткашони мустамликаҳо халос шавад. Ин аст, ки дар солҳои бӯҳрон дар ҳолати 2 баробар камшавии хароҷоти иҷтимоӣ андозҳо то 70 – 80 фоиз зиёд шуданд. Оилаҳое буданд, ки аз гуруснагӣ дар ҳолати марговар қарор доштанд. Ба ҳар сари аъзои чунин оилаҳо дар як рӯз ҳамагӣ 2-сентӣ рост меомад. Музди меҳнати коргарон 25 – 30 фоиз ва маоши хизматчиён ду баробар кам шуд. Шумораи бекорон танҳо дар корхонаҳои қандистеҳсолкунӣ ба 100 ҳазор нафар расид.

**Индонезия дар арафаи Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ.** Солҳои 1935 – 1939 дар иқтисодиёти Индонезия баъзе тағйиротҳои мусбӣ ба амал омаданд. Қисми асосии маблағгузорӣ ба соҳаи кишоварзӣ ва саноати коркарди аввалия равон карда шуд, нархи молҳои стратегӣ боло рафт. Соли 1939 ҳиссаи Индонезия дар истеҳсоли ҷаҳонии каучук 37 фоиз, калъагӣ 17 фоиз ва нефт наздики 3 фоизро ташкил мекард. Қариб 80 фоизи каучуки Индонезия ба ИМА ва Англия содир карда мешуд. Дар тиҷорат ба Индонезия мақоми Ҷопон афзуд. Аз ҳамин сабаб ҳукуматдорони ҳолландӣ барои содироти маҳсулот аз Индонезия ба Ҷопон монеаҳо бунёд мекарданд.

Дар ҳолати наздикшавии ҷанги нави ҷаҳонӣ маъмурияти мустамликавӣ зӯровариро бар зидди ҳаракати миллию озодихоҳии халқи Индонезия пурзӯр мекард. Генерал-губернатор Де Ёнг, ки дастнишондаи инҳисори нефти англисию ҳолландии "Шелл" буд, эълон кард: "Ҳолландиҳо аллакай 300 сол Ҳиндустони Нидерландияро тавассути шамшеру калтак идора мекунанд ва мо дар ин ҷо боз сесад соли дигар ҳукмронӣ хоҳем кард!"

Дар чунин шароит нерӯҳои сиёсии Индонезия сафҳои худро мустаҳкам мекарданд. Соли 1935 созмонҳои ислоҳотхоҳ дар Ҳизби Индонезияи Бузург (Паруандра) муттаҳид шуданд. Вале аъзои ин ҳизб он қадар зиёд набуданд. Соли 1937 Ҳизби Геринدو, яъне Ҳаракати Халқи Индонезия таъсис ёфт. Ин ҳизб дар 73 бахши худ зиёда аз 10 ҳазор нафар аъзоро муттаҳид мекард. Вале аҳзоби хурд ҳар кадом дар алоҳидагӣ ба мақсадҳои сиёсии умумимиллӣ расида наметавонистанд.

Бо ҳамин сабаб, моҳи майи соли 1939 онҳо Иттиҳодияи Сиёсии Индонезия (ИСИ)-ро таъсис доданд. Ин созмон дар амал федератсияи ҳамаи ҳизбҳои асосии Индонезия буд. Ба он, аз он ҷумла Гериндо, Саракати Ислом ва Периндра ҳам дохил буданд.

Иттиҳоди Сиёсии Индонезия ба маъмурияти мустамликавии Ҳолландия пешниҳод кард, ки дар Индонезия ислоҳоти демократӣ гузаронда шавад. Дар ин сурат тайёр аст, ки бо ҳамроҳии ҳукуматдорони ҳолландӣ ҷидду ҷаҳди худро алайҳи хатари таҷовузи зидди Индонезия, ки аз тарафи Ҷопон ба миён омадааст, равона кунад. Вале мустамликадорони Ҳолландия ин пешниҳоди Иттиҳоди Сиёсии Индонезияро қабул накарданд. Баръакс, бар зидди ин созмон ба таъқибот даст заданд.

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

**1.** Индонезия ба давраи муосири таърихи худ дар кадом ҳолати сиёсию иқтисодӣ ворид шуд? **2.** Чаро мардуми галлаҷазираҳои Индонезия шӯриш мебардоштанд? **3.** Сиёсати мустамликадории Ҳолландияро дар Индонезия бо далелҳо исбот кунед. **4.** Дар Конститутсияи Нидерландияи соли 1922 мақоми Индонезия чӣ хел муқаррар карда шуда буд? **5.** Бӯҳрони иқтисодии солҳои 1929 – 1937 дар Индонезия чӣ оқибатҳо ба бор овард? **6.** Дар солҳои 1926 – 1927 дар кадом навоҳии Индонезия шӯришҳо ба амал омаданд? **7.** Оё дар бораи созмонҳои сиёсии Индонезия иттилоъ доред? **8.** Мустамликадорони ҳолландӣ барои пешгирӣ кардани пеши роҳи густариши минбаъдаи ҳаракати миллию озодихоҳии халқи Индонезия чӣ чораҳо андешиданд? **9.** Дар бораи ҳолати ҷамъиятию сиёсӣ ва иқтисодии Индонезияи давраи арафаи Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ маълумот диҳед. **10.** Аз мавзӯъ хулоса бароред.

# § 20. ҲИНДУСТОН

**Ҳиндустон дар оғози давраи муосир.** Ҷанги якуми ҷаҳонӣ зиддиятҳои байни Англия ва мустамликаи вай Ҳиндустонро боз ҳам тезу тундтар кард. Дар ин давра соҳибони корхонаҳои саноатии Ҳиндустон сарватмандтар шуданд, алалхусус соҳибони он корхонаҳое, ки ба истеҳсоли молҳои бофандагӣ машғул буданд. Бо сабаби афзудани супоришҳои ҳарбӣ дар Англия талабот ба ин маҳсулот афзуд ва заводи маъдани Тата васеъ карда шуд. Сармоядорони ҳиндӣ кӯшиш мекарданд, ки бештар ба истеҳсолот маблағгузорӣ кунанд. Дар баробари ин соҳибкорони ҳиндӣ дар масъалаи ба Ҳиндустон ворид сохтани таҷҳизоти саноатӣ ба Англия вобаста буданд. Ин омили

манфии сиёсати империализми англис рафти тараккиёти саноати Ҳиндустонро боздошта, имкониятҳои соҳибкорони онро маҳдуд мекард. Дар натиҷаи ин дар соҳаи иктисодӣ зиддиятҳо дар байни буржуазияи миллии ҳиндӣ ва империализми англис меафзуданд.

Дар масъалаи сиёсӣ ҳам ҳамин тавр буд. Буржуазияи ҳиндӣ ба хотири дар идоракунии Ҳиндустон васеъ ширкат варзидан ҷидду ҷаҳди ҳарбии Англияро дастгирӣ мекард. Маҳз барои ҳамин Конгресси Миллии Ҳиндустон ҷавонони ҳиндиро ба артиши Англия таблиғ мекард ва дар фурӯши вомбаргҳои ҳарбӣ низ ширкат меварзид. Вале орзую умеди буржуазияи Ҳиндустон ҷомаи амал напӯшид. Халкҳои Ҳиндустон мисли пештара аз ҳукукҳои сиёсӣ бархурдор набуданд. Дар солҳои минбаъда ин ду зиддият – зиддиятҳои иктисодӣ ва сиёсӣ манбаи асосии муборизаи миллию озодихоҳии халкҳои Ҳиндустон шуд.

**Болоравии ҳаракати зиддиимпериалистӣ.** Дар шароити Ҷанги якуми ҷаҳонӣ дар Ҳиндустон мавкеи мустамликадории Англия як кадар заиф шуд. Аз ҳамин сабаб Англия мехост, ки ин "камбудӣ"-ро бартараф кунад. Ғайр аз ин, баъди анҷоми Ҷанги якуми ҷаҳонӣ дар Ҳиндустон ҳаракати миллию озодихоҳӣ вусъат ёфт. Ана ҳамин ду сабаби асосӣ империализми англисро водор намуд, ки макоми мустамликавии Ҳиндустонро барои худ конунӣ гардонад. Ин корро танҳо тавассути ислоҳот амалӣ кардан мумкин буд. Ислоҳотҳои пешниҳодкардаи Монтетю-Чемсфорд ва Роулетта бо ҳамин сабаб ба миён омаданд. Ислоҳоти аввал барои мустаҳкамкунии ҳолати мустамликавии Ҳиндустон ва ислоҳоти дуюм бар зидди иштирокчиёни муборизаи миллию озодихоҳии ин мустамлика нигаронда шуда буд. Мувофики конуни дуюм пулис ва маъмурияти мустамликавӣ ваколатҳои фавкулодда гирифтанд. Онҳо метавонистанд ҳар касеро, ки барои ҳукумат шубҳанок менамуд, ҳабс карда, ба суд кашанд. Ин кирдори маъмурияти мустамликавӣ дар сар то сари мамлакат эътирози мардумро ба вуҷуд овард.

Оғози болоравии ҳаракати миллию озодихоҳӣ дар Ҳиндустон дар шароити нав сурат мегирифт. Бинобар ин Конгресси Миллии Ҳиндустон ба хулоса омад, ки империализми англис танҳо тавассути ҳаракати оммавӣ ба гузаштқунӣ розӣ мешавад. Ба ҳамин хотир КМҲ ба вусъат додани муборизаи оммавӣ шурӯъ кард. Яке аз шаклҳои муборизаи оммавии ин ҳизб мукобилият бидуни зӯроварӣ "Сатиаграха" ("Истодагарӣ" – дар ҳакикат") буд.

**Фаъолияти инкилобии Махатма Карамчанд Гандӣ.** Мукобилият бидуни зӯровариро Махатма Гандӣ ҳанӯз аз соли 1916 таблиғ мекард. Махатма Гандӣ дар мамлакат ҳамчун роҳбари Конгресси Миллии Ҳиндустон эътироф шуд ва таълимоти ӯ дар бораи роҳҳои муборизаи миллию озодихоҳии Ҳиндустон ғояи расмии ин ҳизб гардид. Аз соли

1918 сар карда Конгресси Миллии Ҳиндустон ба ҳизби оммавии зиддиимпериалистӣ мубаддал гардид. Махатма Гандӣ ҳамчун сарвари Конгресс намоишҳои оммавии мардуми Ҳиндустонро ташкил мекард. Ин тадбир барои ба муборизаи миллию озодихоҳӣ ҳамроҳ шудани табақаҳои васеи аҳолии мамлакат мусоидат менамуд.

Ақидаҳои Махатма Гандӣ барои ҳамаи табақаҳои ватанпарвари Ҳиндустон наздик ва фаҳмо буданд. Дар ақидаҳои сиёсии Махатма Гандӣ тамаддуни буржуазӣ ва саноати мошинӣ ба зери танқиди сахт гирифта шудааст. Ӯ ҷонибдори истехсолоти косибию ҳунармандӣ буд. Махатма Гандӣ маҳз онҳоро воситаи эҳёи иқтисодии Ҳиндустон медонист.

Махатма Гандӣ дар назди худ вазифа гузошт, ки ҳамаи синфҳо ва табақаҳои ҷомеаи Ҳиндустонро барои мубориза бар зидди империализми Англия муттаҳид созад. Вай муқобили муборизаи синфӣ буда, буржуазияи Ҳиндустонро роҳбари табиии ҳаракати зиддиимпериалистӣ меҳисобид.

Бо даъвати Махатма Гандӣ моҳи апрели соли 1919 дар Панҷоб, Музофотҳои Муттаҳида, Биҳор, Бангола ва Мадрас бар зидди қонуни Роулетта гирдиҳамоию роҳпаймоиҳо доир гардиданд. Дар ин намоишҳо буржуазияи хурд, коргарон, хизматчиён ва ҷамоаҳои асосии динӣ ширкат меварзиданд. Мусулмонҳо ба ин ҳаракат барои он ҳамроҳ шуданд, ки империализми Англия мехост Туркияро пора-пора кунад. Султони Туркия дар як вақт сарвар, яъне халифаи динии мусулмонҳо ҳам буд. Аз ин рӯ, уламои дини мусулмонҳои Ҳиндустон мусулмонҳои ҳамаи мамлакатҳоро даъват намуданд, ки барои ҳифзи султони Туркия бархезанд. Ин даъват аз ҷониби оммаи мусулмонҳо ҳамчун ишора барои иштирок дар баромадҳои зиддиимпериалистӣ қабул гардид. Ғайр аз ин мусулмонҳои Ҳиндустон ба халқи Афғонистон, ки бар зидди истилогарони Англия мубориза мебурд, хайрхоҳ буданд.

Ба ҳаракати зиддиимпериалистӣ ҳодисаи моҳи апрели соли 1919 дар Амритсари Панҷоб баамаломада қувват бахшид. Ҳукуматдорони англис аз он шаҳр ду нафар сарварони ҳаракати миллию озодихоҳии Ҳиндустон – Китчлу ва Сатапаларо пеш карданд. Бо нияти эътироз бар зидди пешкунии ғайриқонунии ин ду нафар дар майдони Ҷалианвала-Баг гирдиҳамоии 20-ҳазорнафара ба амал омад. Лашкари англисҳо роҳҳои даромад ба майдонро баста, ба сӯи ҷамъомадагон оташ кушод. Дар натиҷа садҳо нафар одамон ҳалок шуда, ҳазорон нафар захм бардоштанд. Ҷавобан ба ин дар тамоми мамлакат намоишҳои эътирозии мардум ба амал омаданд. Дар Лоҳур намоиш ба шӯриш табдил ёфт. Воқеаҳои Панҷоб ба тамоми рафти минбаъдаи ҳаракати миллию озодихоҳии Ҳиндустон таъсир расонданд. Дар Бомбай, Аҳмадобод, Калкутта ва шаҳрҳои дигари Ҳиндустон баромадҳои оммавӣ сар шуданд.

**Қонун дар бораи идораи Ҳиндустон.** Бо вуҷуди ин империализми англис аз мақсадҳои сиёҳи худ даст намекашид. Парламенти Англия "Қонун дар бораи идораи Ҳиндустон"-ро тасдиқ намуд. Ин воқеа вазъиятро дар Ҳиндустон боз ҳам тезу тундтар кард. Мувофиқи ин ислоҳоти конститутсионӣ Ҳиндустон ҳамчун мустамлика мондан гирифт. Вале бо мақсади дар Ҳиндустон мустаҳкамтар кардани мавқеи худ Англия шумораи интихобкунандагонро ба маҷлиси қонунгузори марказӣ ва музофотҳои он зиёд кард. Ба Ҳиндустониҳо дар мақомоти ҳокимияти иҷроия мансабҳо ҷудо карда шуданд. "Қонун дар бораи идораи Ҳиндустон" низоми нави интихоботро муқаррар кард. Мувофиқи ин низом барои ҳар як ҷамоаи калонтарини динии Ҳиндустон – ҳиндуия ва ислом дар мақомоти қонунгузор теъдоди ҷойҳо муайян карда шуд.

Бо мақсади эътироз бар зидди дар Ҳиндустон гузаронда шудани ислоҳоти конститутсионӣ тобистони соли 1920 Конгресси Миллии Ҳиндустон дар зери роҳбарии Махатма Гандӣ маъракаи итоатнакунии шаҳрвандӣ ташкил намуд, ки шиори он "свараҷа" – "истиқлолият" буд. Молҳои англисӣ харидорӣ намешуданд. Мардуми ҳинду аз коркунӣ дар муассисаҳои англисӣ даст кашиданд. Дар баъзе маҳалҳо қатораҳо аз ҳаракат бозистоданд.

Соли 1922 дар маҳаллаи Чаури-Чаура аҳолии маҳаллӣ аз кирдори мустамликадорон ба қаҳру ғазаб омада, якчанд нафари политсияро қатл карданд. Принсипи мубориза бидуни зӯровариро ба роҳбарӣ гирифта, Конгресси Миллии Ҳиндустон ба қарор омад, ки мардум муқобилиятро бар зидди ҳукумати Англия бас карда, аз паси кор шаванд, андозҳоро пардозанд ва ғайра. Бо ҳамин давраи аввали баъдиҷангии болоравии ҳаракати миллию озодихоҳии халқҳои Ҳиндустон анҷом пазируфт.



Махатма Карамчанд Гандӣ ва роҳбари Лигаи Мусулмонӣ Муҳаммад Алӣ Ҷиноҳ ҳангоми сӯҳбат

**Ҳиндустон дар солҳои 1923 – 1927.** Дар ин солҳо дар Ҳиндустон сармоядории миллӣ густариш ёфт. Шумораи фабрикаҳое, ки ба сармоядорони ҳиндӣ тааллуқ доштанд, афзуд. Вале сармояи инҳисорҳои англисӣ ба воситаи банкҳо ва идораҳои намояндагии худ ба ворид намудани таҷҳизот, карз ва воситаҳои дигари муҳими рушди соҳибкории ҳиндӣ назорат мекард. Дар баробари ин рақобат дар байни сармояи Англия ва Ҳиндустон махсусан дар бозори молҳои бофандагӣ пурзӯр шуд. Барои бо молҳои бофандагии соҳибкорони ҳиндӣ рақобат карда тавонистан нархи аслии молҳои истеҳсолкардаро кам кардан лозим буд. Бо ҳамин мақсад соҳибкорони англис қисми коргаронро аз кор пеш мекарданд. Ҳукумати Англия барои ширкатҳои англисие, ки дар Ҳиндустон молҳои худро мефурӯхтанд ва ё ба Англияю дигар давлатҳо мебаровар данд, арзиши 1 рупияи ҳиндиро ба 1 шиллингу 6 пенс баробар кард, яъне нисбат ба пештара қимматтар. Ин имтиёз танҳо ба молҳои ширкатҳои соҳибкорони англис дахл дошт. Аз чунин чораи молиявии ғаразноки ҳукумати Англия соҳибкорони англис фоида ва ҳиндӣ зарар медиданд.

Ҳукуматдорони Англия таъқиботро бар зидди созмонҳои ҷамъиятию сиёсӣ ва махсусан бар зидди КМҲ давом медоданд. Созмонҳои зиёди маҳаллии Конгресс торумор карда шуданд. Аз қариб 10 миллион нафар аъзои КМҲ ҳамагӣ якчанд сад ҳазор нафар боқӣ монд.

Мустамликадорони Англия барои паст кардани ҳаракати миллию озодихоҳии халқҳои Ҳиндустон аз омили динӣ устокорона истифода мебурданд. Созмонҳои динию мазҳабии Ҳинду Маҳасабҳа ва Лигаи Мусулмониро бо ҳам ҷанг меандохтанд. Соли 1923 дар байни ин ду ҷамоаи динӣ задухӯрд ба амал омад. Лигаи Мусулмонӣ маъракаи ба дини мусулмонӣ гардондани пайравони дини ҳиндуияро оғоз кард. Ҳинду Маҳасабҳа низ мусулмонҳоро ба дини ҳиндуия даъват мекард.



**Роҳбарони Конгресси Миллии Ҳиндустон (аз чап ба рост): Лаъл Лаҷпал Рой, Бал Гандахар Тилак, Бепин Чандра Пал. Соли 1918**

Дар шароити сустшавии муборизаи озодихоҳӣ дар Конгресси Миллии Ҳиндустон дар масъалаи интихоби роҳҳои ин мубориза ягонагӣ набуд. Бинобар ин КМҲ ба се гурӯҳ тақсим шуд. Гурӯҳи ростгаро, ки онро ҷонибдорони тағйиротхо меномиданд, талаб мекард, ки аз муборизаи оммавӣ даст кашида, бо роҳи ҳамкории "конститутсионӣ" бо маъмурияти британӣ ба сӯи "сварача" ҳаракат карда шавад. Арбоби намоёни ин гурӯҳ Мотилал Неҳру буд. Гурӯҳи Ростгаро Ҳизби Сварачаро таъсис дод, ки баъди чанде он аз Конгресс баромад.

Ба гурӯхе, ки "мухолифони дигаргуниҳо" ном гирифта буд, Махатма Гандӣ роҳбарӣ мекард. Ин гурӯҳ ҷонибдори такя ба омма буд. Гандӣ бар он ақида буд, ки бояд фаъолияти Конгресси Миллии Ҳиндустон ба шароити нави сиёсӣ мутобиқ гардонда шавад. Бинобар ин вай "Барномаи бунёдкорӣ"-ро пешниход кард. Нуктаҳои асосии ин барнома ҷунинанд: таблиғоти бофандагии косибӣ, мубориза бар зидди майпарастӣ, барҳам додани зуҳуроти тоқатнопазирӣ нисбат ба махавҳо. Чархи ресмонресӣ воситаи аз қашшоқӣ ва гуруснагӣ наҷотдиҳии деҳқонон эълон карда шуд. Ҳамаи конгрессчиён ва ҷонибдорони ҳаракати зиддиимпериалистӣ сару либоси худро танҳо аз газвор дӯхта мепӯшиданд. Соли 1925 дар зери сарпарастии КМҲ Созмони Умумиҳиндии Косибони Газворбоф таъсис дода шуд. Конгресс инчунин якчанд маъракаи ҳифзи ҳуқуқҳои инсонии махавҳоро доир гардонд.

Дар конгресс гурӯҳи сеюм – қаноти чапгаро ҳам ташкил ёфт, ки роҳбарони он Ҷавоҳирлол Неҳру ва С. Ч. Бос буданд. Гурӯҳи чапгаро аз сиёсати роҳбарони КМҲ норозӣ буда, сварачачиёнро маҳкум мекард. Чапгароён тақозо мекарданд, ки муборизаи оммавии зиддиимпериалистӣ ҷоннок карда шавад. Ин гурӯҳ бештар ба ҳаракати коргарӣ ва кишоварзӣ такя мекард.

Ҳаракати коммунистӣ ба Ҳиндустон ҳам омад. Дар ин ҷо баъд аз Ҷанги якуми ҷаҳонӣ чандин маҳфилҳои коммунистӣ фаъолият мекарданд. Моҳи декабри соли 1925 дар шаҳри Канпур Конференсияи коммунистони Ҳиндустон баргузор гардид ва Ҳизби Коммунистии Ҳиндустон ташкил карда шуд.

Солҳои 1923 – 1927 ҳаракати миллию озодихоҳии халқҳои Ҳиндустон давраи бӯҳрони худро аз сар мегузаронд. Бо вуҷуди ин табақаҳои қашшоқи мамлакат – коргарон ва кишоварзон ба таври муташаккил ҳам набошад, бар зидди мустамликадорони англис мубориза мебурданд.

**Ҳиндустон дар солҳои 1928 – 1933.** Бӯҳрони иқтисодии ҷаҳонии солҳои 1929 - 1933 ба вазъи иқтисодӣ ва сиёсии Ҳиндустон таъсири калон расонд. Ҳиндустони мустамлика, ки ба бозори умумиҷаҳонии сармоядорӣ ворид шуда буд, ба бӯҳрони иқтисодии сахттарин

гирифтор шуд. Англия ҳаракат мекард, ки вазнинии бӯҳрони иқтисодиро ба гардани мустамликаҳои худ, аз он ҷумла ба Ҳиндустон бор кунад. Бӯҳрон нархи маҳсулоти кишоварзии Ҳиндустонро хеле паст кард, боиси кам шудани киштзори парвариши зироатҳо, афзоиши қарзи кишоварзон ва безамину қашшоқшавии минбаъдаи онҳо гардид. Якчанд музофоти Ҳиндустонро гуруснагии шадид фаро гирифт.

Аз бӯҳрон саноати Ҳиндустон низ зарари калон дид. Муфлисшавии оммавии косибон ва қисми сармоядорони хурду миёна сар шуд. Барои аз бӯҳрон раҳо ёфтан сармоядорон шумораи коргарон ва хизматчиёни корхонаҳояшонро кам мекарданд.

Дар натиҷаи ин чора музди меҳнат кам, шиддатнокии меҳнат баланд ва шумораи бекорон зиёд шуд. Пастшавии нархи маҳсулоти кишоварзӣ ва чораҳои соҳибкорон ба онҳо имконият доданд, ки аз ҳисоби нисбат ба маҳсулоти кишоварзӣ баландтар будани нархи маҳсолоти саноатӣ сармояи бештар ғун карда, барои васеъкунии истеҳсолот ба кор баранд. Ин амал ба марказонида шудани сармоя ва ба вуҷуд омадани корхонаҳои инҳисорӣ мусоидат кард. Инҳисорҳои ҳиндӣ дар ҷараёни ба Ҳиндустон воридшавии сармоя ва ҳамкорӣ бо сармоядорони хориҷӣ ташаккул меёфтанд. Онҳо инчунин бо сармояи тиҷоратию судхӯрӣ, заминдории калон ва ҳокимони маҳаллӣ робита доштанд.

Англия бо роҳи фиребу найранг мехост, ки ҳукмронии худро дар Ҳиндустон давом бидиҳад. Соли 1928 лорд Саймон ба Ҳиндустон сафар кард. Вай бояд Конститутсияи Ҳиндустонро таҳия мекард. Лекин дар ҳайати комиссия ягон ҳиндустонӣ набуд. Чунин муносибати мустамликадорон мавҷи пурзӯри эътирози мардуми ин мустамликаро ба вуҷуд овард.

Дар солҳои бӯҳрони иқтисодӣ дар Ҳиндустон ҳаракати коргарӣ авҷ гирифт. Масалан, моҳи апрели соли 1928 дар ш. Бомбай то 150 ҳазор нафар бофандагон корпартоӣ карданд. Онҳо баланд кардани музди меҳнат ва аз корхонаҳо пеш накардани коргаронро талаб менамуданд.

Бо мақсади маҳв кардани ҳаракати миллию озодихоҳии халқи Ҳиндустон маъмурияти мустамликавӣ солҳои 1929 – 1939 аз болои 32 арбоби ҳаракати миллию озодихоҳӣ парвандаҳои ҷиноӣ кушода, ба додгоҳ пешниҳод намуд. Мурофиаи додгоҳӣ аз рӯи ин парвандаҳо қариб чор сол давом кард.

Усулҳои мубориза Конгресси Миллии Ҳиндустон созмонҳои дар пинҳонкорӣ амал мекардагиро қонеъ карда наметавонист. Онҳо роҳҳои гуногуни дигарро интихоб карданд. Масалан, Созмони Сотсиалистии Ҷумҳурии Ҳиндустон террорро воситаи беҳтарин мешуморид.

Моҳи апрели соли 1929 як гурӯҳи ин созмони террористӣ бинои марказии Маҷлиси Қонунгузорро тарконд. Иштирокчиёни ин таркиш дастгир ва ҳабс карда шуданд. Дар шаҳру музофотҳои гуногуни Ҳиндустон барои ҳифзи террористони ҳабсшуда гирдиҳамоию намоишҳо баргузор гардиданд. Додгоҳ ба террористон ҷазои сахт дод. Роҳбари созмон Бхабат Сингх қатл карда шуд.

Ҳаракати пинҳонкори террористӣ натиҷаи мусбат надод. Бо ҳамин Созмони Сотсиалистии Ҷумҳурии Ҳиндустон мавҷудияти худро қатъ кард.

Аз тарафи Конгресси Миллии Ҳиндустон интихоб карда шудани усулҳои муборизаи миллию озодихоҳӣ дуру дароз давом кард. Ин ҳизб оқибат ба хулоса омад, ки ҳамаи нерӯҳои ватанпарварро муттаҳид кардан лозим аст. Ин буд, ки конференсияи якҷояи ҳизбҳои гуногуни Ҳиндустон дар зери роҳбарии Мотилол Неҳру кумитаи муштаракро интихоб кард. Ин кумита лоиҳаи Конститутсияи Ҳиндустонро таҳия намуд, ки он ба Ҳиндустон дода шудани ҳуқуқи доминионро пешбинӣ карда буд. Моҳи декабри соли 1928 лоиҳаи Конститутсияи Ҳиндустон аз тарафи иҷлосияи Конгресси Миллӣ тасдиқ карда шуд. Вале қисмати чапгарои Конгресс мухолифи ин конститутсия баромада, истиқлолияти пурраи Ҳиндустонро тақозо намуд. Соли 1929 дар Лоҳур иҷлосияи навбатии КМҲ баргузор гардид, ки он дар бораи зарурати то ба даст овардани истиқлолияти Ҳиндустон идома додани мубориза қарор қабул кард.

Марти соли 1930 Махатма Гандӣ бо ҳамроҳии гурӯҳи начандон калони ҷонибдорони худ аз Аҳмадобод ба деҳаи Дандӣ воқеъ дар соҳили Баҳри Араб рафта, дар он ҷо оби шӯрро бухор карда, намаки хушк ҳосил намуд. Ин иқдоми Махатма Гандӣ маънои онро дошт, ки аз ҳамин рӯз сар карда расман инҳисори Англия дар Ҳиндустон бар намак барҳам дода шуд. Миёнаҳои моҳи апрели ҳамин сол маъракаи расмии итоатнакунии шаҳрвандӣ аз нав огоз ёфт. Мардуми Ҳиндустон аз итоат ба маъмурияти англисӣ даст кашид. Империалистони англис хостанд, ки маъракаи итоатнакунии шаҳрвандии мардуми Ҳиндустонро пахш кунанд. Бо ҳамин мақсад моҳи майи соли 1930 Конгресси Миллии Ҳиндустонро ғайриқонунӣ эълон карданд. Махатма Гандӣ, Мотилол Неҳру, Ҷавоҳирлол Неҳру, роҳбарони дигари Конгресс ва зиёда аз 60 ҳазор нафар иштирокчиёни ҳаракати миллию озодихоҳӣ ба маҳбасҳо партофта шуданд. Сарфи назар аз ин террор, онҳо ҳаракати итоатнакунии шаҳрвандиро манъ карда натавонистанд. Итоатнакунии шаҳрвандӣ музофоти Шимолу Ғарбии Наздисарҳадӣ ва шаҳри калонтарини он – Пешоварро ҳам фаро гирифт. Дар ин ҷо итоатнакунии шаҳрвандӣ ба шӯриш табдил ёфт ва шаҳр ба дасти шӯришчиён гузашт. Мустамликадорон танҳо баъди ду ҳафта тавонистанд, ки ҳокимияти худро дар ин шаҳр аз нав барқарор кунанд.



7—К-9371

Вазъият дар бисёр шаҳру музофотҳои Ҳиндустон ором набуд. Аз ҳамин сабаб тобистони соли 1930 ҳукуматдорони мустамликавӣ дар шаҳрҳои Пешовар, Шолапур, Читтагонг, Бомбай, Калкутта, Мадрас ва баъзе шаҳрҳои дигари Ҳиндустон вазъи фавқулодда эълон карданд.

Тобистони соли 1931 дар шаҳри Лондон бо иштироки намояндагони ҳизбҳою ҷамоаҳо ва сарварони музофотҳои Ҳиндустон конференсияи "мизи мудаввар" баргузор гардид. Дар конференсия намояндаи Конгресси Миллӣ Махатма Гандӣ буд. Империалистони англис дар ин конгресс кӯшиш намуданд, ки иттифоқи худро бо сарварони музофотҳои Ҳиндустон мустаҳкам карда, дар байни аҳзоби динии ҳиндуия ва ислом тухми низоъ коранд. Кӯшиши Махатма Гандӣ баҳри ба сари мақсади ягона овардани ҳамаи намояндагони Ҳиндустон натиҷаи мусбат надод. Ӯ конференсияро тарк карда, ба Ҳиндустон омад ва бо қарори Кумитаи Коргарии Конгресси Миллӣ маъракаи нави итоатнакунии шаҳрвандиро доир гардонд. Мустамликачиён Махатма Гандӣ ва ҳамаи иштирокчиёни иҷлосияи навбатии Конгрессро ба ҳабс гирифтанд. Дар ҳабс Махатма Гандӣ ҳамчун эътироз ба қарори ҳукумати мустамликавӣ дар бораи ба ҷамоаи алоҳида ҷудо кардани махавҳо гуруснагӣ эълон кард. Ҳарчанд ин гуруснанишинии Махатма Гандӣ дар як қатор шаҳру музофотҳо ошӯбҳои алоҳидаро ба вуҷуд овард, аз соли 1931 сар карда ҳаракати миллию озодихоҳии халқи Ҳиндустон рӯ ба таназзул ниҳод.

**Ҳиндустон дар арафаи Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ.** Сарфи назар аз ақибмонии худ, Ҳиндустон яке аз мустамликаҳои аз ҷиҳати саноат тараққикардатарини Англия ба ҳисоб мерафт. Дар солҳои пеш аз Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ шумораи фабрикаҳои бофандагӣ ва истеҳсоли маъдан зиёд шуд. Иттиҳодияҳои инҳисории қаблан бавуҷудомада мустаҳкамтар шуда, инҳисорҳои нав тавлид ёфтанд.

Болоравии сармоядории миллӣ дар байни буржуазияи Ҳиндустон ба сармоядорони хориҷӣ барои ба даст даровардани бозори дохилӣ рақобати тезу тундро ба вуҷуд овард. Барои дар ин мубориза мустаҳкам кардани мавқеи инҳисорҳои англисӣ соли 1936 ҳукуматдорони мустамликавӣ қонун дар бораи идораҳои намояндагиро тасдиқ намуданд. Ин қонун имконият медод, ки аз ҳисоби кам кардани даромади соҳибкорони ҳиндӣ даромади инҳисорҳои англисӣ зиёд карда шавад. Бо мақсади назорат аз болои сармояи Ҳиндустон англисҳо дар ин ҷо Банки Захираи Ҳиндустонро таъсис карданд. Банки мазкур сармояи Ҳиндустонро истифода бурда, ба саноати он қарз намедод. Ин кирдори Банки Захираи Ҳиндустон ба таври сунъӣ рушди саноати Ҳиндустонро боз медошт.

Сарфи назар аз ин монеаҳо, сармоядорони ҳиндӣ тавонистанд, ки мавқеи сармояи хориҷиро дар Ҳиндустон як дараҷа суст гардонанд. Ба

саноат воридшавии сармояи хориҷӣ оғоз ёфт. Ин иқдоми мусбат дар навбати аввал дар саноати коркарди ҷуд дида мешуд. Соли 1938 чандин конҳои маъдан ва ангишт аз дасти англисҳо ба соҳибкорони ҳиндӣ гузаштанд. Сарфи назар аз пирӯзиҳои сармоядорони ҳиндӣ, мақоми роҳбарӣ дар иқтисодиёти Ҳиндустон ҳанӯз ҳам дар дасти инҳисорҳои англисӣ буд.

Мустамликадорони Англия ба ҳаракати миллию озодихоҳии Ҳиндустон зарба зада, баъд зӯровариро бар зидди истиқлолиятхоҳони ин мустамлика пурзӯр намуданд. Созмонҳои демократӣ ва миллиро манъ ва арбобони зиёди муборизаи миллию озодихоҳии Ҳиндустонро ҳабс карданд.

Ин вақт дар байни нерӯҳои миллии Ҳиндустон ягонагӣ набуд. Ҳар қадом манфиатҳои миллат ва ё динро ҳимоя мекард. Масалан Лигаи Мусулмонӣ, ки роҳбараш Муҳаммад Алӣ Ҷиноҳ буд, барои ташкил кардани давлати Покистон мубориза мебурд.

Соли 1935 ҳукуматдорони Англия "Қонун дар бораи идораи Ҳиндустон"-ро қабул карданд. Ин қонун дар ҳолати мустамликавӣ мондани Ҳиндустонро қонунӣ гардонд. Ду иҷлосияи дар соли 1936 баргузоргардидаи Конгресси Миллии Ҳиндустон ҳамчун вазифаҳои асосӣ мубориза бар зидди "конститутсияи ғуломона" ва тақозо дар бораи дар асоси интихоботи умумӣ интихоб кардани Маҷлиси Муассисони Ҳиндустонро ба миён гузоштанд.

Ҳамин тариқ, дар арафаи Ҷанги дуюм ҷаҳонӣ ҳаракати миллию озодихоҳии халқҳои Ҳиндустон вусъат меёфт. Ин ҳолат барои дар Ҳиндустон тавлид ёфтани ҷабҳаи муштараки зиддиимпериалистӣ шароити зарурӣ фароҳам меовард.



Муҳаммад Алӣ Ҷиноҳ



Муҳаммад Иқбол

Мутафаккири бузурги Ҳиндустон Муҳаммад Иқбол дар ташаккули бедории миллии халқҳои Ҳиндустон мақоми хосса дошт. Ӯ мардуми Ҳиндустон ва тамоми Шарқро даъват мекард, ки аз хоби гарон хезанд ва истиқлолияти давлатӣ ба даст даронанд.

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

**1.** Оғози давраи муосири Ҳиндустонро чӣ хел дарёфтед? **2.** Чаро баъди анҷом ёфтани Ҷанги якуми ҷаҳонӣ дар Ҳиндустон ҳаракати миллию озодихоҳӣ ҷоннок шуд? **3.** Дар бораи ислоҳоти Монтегю – Челмсфорд ва Роулетта чӣ медонед? **4.** Оё қонунҳои оид ба Ҳиндустон қабулкардаи Англия вазъи ҷамъиятию сиёсии Ҳиндустонро мӯътадил гардониданд? **5.** Дар бораи фаъолияти инқилобии Махатма Гандӣ мухтасар маълумот диҳед. **6.** Соли 1919 дар Амритсар чӣ воқеа ба амал омад? **7.** Маъракаи "итоатнакунии шаҳрвандӣ" ва "хунсои молҳои англисӣ"-ро шарҳ диҳед. **8.** Дар муборизаи миллию озодихоҳии халқҳои Ҳиндустон бар зидди Англия оё амалҳои террористӣ фоида оварданд? **9.** Далелҳое биёред, ки дар бораи болоравии иқтисоди Ҳиндустон далолат кунанд. **10.** Ҳукуматдорони мустамликавӣ бар зидди созмонҳои ҷамъиятию сиёсии Ҳиндустон чӣ тавр мубориза мебурданд? **11.** Дар байни созмонҳои ду дини асосии Ҳиндустон – Ҳинду Маҳасабҳа ва Лигаи Мусулмонӣ кай бархӯрд ба амал омад? **12.** Дар солҳои 1923 – 1927 чаро ҳаракати миллию озодихоҳии мардуми Ҳиндустон таназзул кард? **13.** Дар бораи бӯҳрони иқтисодии солҳои 1928 – 1933-и Ҳиндустон маълумот диҳед. **14.** "Қонун дар бораи идораи Ҳиндустон"-ро шарҳ диҳед. **15.** Нерӯҳои сиёсии Ҳиндустон кадом шаклҳои истиқлолияти мамлакатро ҷонибдорӣ мекарданд? **16.** Ҳиндустон дар арафаи Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ дар кадом ҳолат қарор дошт? **17.** Аз мавзӯъ хулоса бароред.

## § 21. АФҒОНИСТОН

**Соҳибистиқлолият гардидани Афғонистон.** Дар Афғонистон ҳаракати миллию озодихоҳӣ бар зидди Англия нигаронда шуда буд. Дар ин мубориза нерӯҳои гуногуни ватанпарвар ширкат варзиданд. Лекин нерӯи аз ҳама суботкору дорои ақидаҳои пешқадам ***ҷавонафғонҳо*** буданд. Иштирокчиёни ин ҳаракат баҳри истиқлолияти Афғонистон ва ба амал баровардани ислоҳоти идораи давлатӣ, иқтисод ва маданият мубориза мебурданд. Ҷавонафғонҳо чандон зиёд набуданд. Бо вуҷуди ин барномаи фаъолияти онҳо ба аксарияти ҷомеаи Афғонистон наздик ва фаҳмо буд.

Рохбарони Афғонистон барои вусъат ёфтани муборизаи миллию озодихохии ҷавонафғонҳо ва нерӯҳои дигари мамлакат имконият намедоданд. Режими Ҳабибуллохон бо ҳукуматдорони Англия муросо мекард.

Сиёсати Ҳабибуллохон, ки ба барҳам додани ҳолати ниммустамликавии Афғонистон зид буд ва имконият медод, ки мавқеи сармояи Англия дар иқтисоди Афғонистон мустаҳкам шавад, норозигии ҷавонафғонҳоро ба вуҷуд меовард. Ба ин кирдори ҳукумат на танҳо ҷавонафғонҳо, балки арбобони боғнуфузи ҷомеа – пирафғонҳо низ мухолиф буданд. Ин нерӯ дар зери шиори "ҳифзи исломи азалӣ" дар Афғонистон маҳдуд кардани нуфузи хориҷиёнро тақозо мекард.

Дар солҳои 1919 – 1929 вазъи тиҷорати хориҷии Афғонистон вазнин ва аз ҳамин сабаб даромади гумрукӣ кам шуд. Барои ҷуброни он ҳукумати амир Ҳабибуллохон дар мамлакат андозҳои нав ҷорӣ намуд. Ин иқдом вазъи бе ин ҳам вазнини мардумро боз ҳам вазнинтар кард. Бо сабаби камшавии маош дар артиш низ норозигии хизматчиёни ҳарбӣ меафзуд.

Моҳи феврали соли 1919 Ҳабибуллохон дар натиҷаи табаддулоти давлатӣ кушта шуд. Баъд аз чанд рӯзи мубориза ба тахт яке аз писарони Ҳабибуллохон – Амонуллохон нишаст. Амири нав бо ҷавонафғонҳо алоқаи зич дошт. Аз ин рӯ, аҳолии Кобул ва артиш ба Амонуллохон изҳор доштанд, ки ӯро дастгирӣ мекунанд. Амонуллохон ва ҷонибдорони ӯ ваъда доданд, ки ба истиқлолияти Афғонистон муваффақ шуда, дар мамлакат ислоҳот мегузаронанд.

28 феврали соли 1919 Амонуллохон истиқлолияти Афғонистонро эълон кард. Ин хабар дар мамлакат бо хушу хурсандӣ истиқбол карда шуд. Амонуллохон ҳамчун ҷораҳои таъхирнопазир маоши аскару афсаронро зиёд кард ва гумруки дохилиро барҳам дод.

То аввали моҳи марти соли 1919 ҳокимияти Амонуллохон дар тамоми мамлакат паҳн карда шуд.

3 марти соли 1919 ҳукумати Афғонистон ба ҳукуматдорони Британияи Кабири дар Ҳиндустонбуда дар бораи дар асоси баробарҳуқуқии тарафҳо аз нав дида баромадани муносибатҳои байни Англияю Афғонистон муроҷиат кард. Вале дар ҷавоби баъд аз якуним моҳ ба Кобул расида аз Амонуллохон талаб карда мешуд, ки шартҳои созишномаи асоратовари қаблӣ риоя карда шаванд. Маълум буд, ки ҳукуматдорони мустамликавии Англия нияти ба Афғонистон ташкил кардани таҷовузро доранд.

Дар мустаҳкам кардани мавқеи байналхалқии Афғонистон ва пешгирӣ намудани таҷовузи Англия ҳукумати Амонуллохон ба РСФСР (Ҷумҳурии Шӯравии Федеративии Сотсиалистии Русия) умед мебаст. Русияи Шӯравӣ аз ҷониби худ истиқлолияти Афғонистонро ба расмият

шинохт. Дар байни Афғонистон ва РСФСР муносибатҳои дипломатӣ барқарор гардида, дар ин бора созишнома ҳам ба имзо расид. Русияи Шӯравӣ ваъда дод, ки дар мубориза бар зидди империализм ба Афғонистон ёрӣ хоҳад расонд.

**Ҷанги сеюми Англия бар зидди Афғонистон.** Моҳи майи соли 1919 Англия зидди Афғонистон ҷанги сеюми истилогаронаи худро оғоз намуд. Артиши хуб мусаллаҳ ва аз ҷиҳати шумора чандин баробар зиёди Англия аз самти Хайбар ба қаламрави Афғонистон зада даромад ва ният дошт, ки Кобулро ишғол кунад. Артиши Афғонистон, ки дар сарҳадҳои ҷанубӣ ва ҷанубу шарқӣ мустақар буд, аз ҳисоби қабилаҳои маҳаллӣ пурра гардида, ба таҷовузкорон муқобилияти сахт нишон медод. Нерӯҳои ҳарбии Русияи Шӯравии дар Осиёи Марказибуда бар зидди сипоҳиёни англисӣ ба ҳуҷум гузаштанд. Миёнаҳои моҳи майи соли 1919 қабилаҳои пашту бар зидди англисҳо шӯриш бардоштанд. Ин вақт дар Ҳиндустон ҳаракати миллию озодихоҳии зидди Британияи Кабир боз ҳам вусъат ёфта, аҳволи англисҳоро дар Афғонистон вазнин кард.

Ҳамаи ин Англияро маҷбур сохт, ки баъди як моҳи оғозёбии ҷанг – 3 июни соли 1919 бо афғонҳо дар бораи сулҳ гуфтушунидро сар кунад. Созишномаи пешакии сулҳи байни Афғонистон ва Англия 8 августи ҳамон сол дар шаҳри Равалпиндии Ҳиндустон ба имзо расид. Мувофиқи ин созишнома Англия истиқлолияти давлатии Афғонистонро эътироф кард. Истиқлолияти Афғонистонро чандин давлати дигари ҷаҳон низ эътироф намуд, аз он ҷумла Эрон, Туркия ва РСФСР ва дар байни онҳо муносибатҳои дипломатӣ барқарор гардиданд. Созишномаи ниҳоии сулҳи Англия ва Афғонистон моҳи ноябри соли 1921 баста шуд.

**Вазъи дохилии ҳукумати ҷавонафғонҳо.** Дар шароити истиқлолияти давлатӣ солҳои 20-ум дар Афғонистон ислоҳоти муҳим доир гардид. Ин ислоҳот мақсад дошт, ки рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва идораи самаранокии давлати Афғонистонро таъмин намояд. Зимни ислоҳот дастгоҳи идораи марказӣ ва маҳаллӣ мустаҳкам карда шуд. Соли 1923 Конститутсияи якуми Афғонистон эълон гардид, ки дар он дахлнопазирии моликият ва манзил, дар назди қонун баробар будани шаҳрвандон ва ҳуқуқҳои дигари шаҳрвандӣ инъикос ёфта буданд. Ҳукумат ҳокимияти хонҳои қабилаҳоро маҳдуд ва ҳуқуқи онҳоро дар ҷамъоварии андози давлатӣ бекор кард. Ҳуқуқи рӯҳониёнро дар масъалаи идораи додгоҳ ва маориф маҳдуд ва шумораи муассисаҳои таълимии дунявиро зиёд намуд.

Қонун дар бораи саноат, ки соли 1921 қабул карда шуд, ба соҳибкорони миллӣ имтиёзҳои калон дод. Ҳукумат дар кори созмон додани ширкатҳои саҳҳомӣ мусоидат кард. Соли 1923 Қонун дар бораи замин интишор гардид. Ин қонун заминро ҳамчун моликияти хусусӣ ба соҳибони он дод. Соҳибони заминро ғайр аз андози замин аз

ӯҳдадориҳои дигар озод кард. Андози молӣ-ро (натуралӣ) бо андози пулӣ иваз намуд.

Солҳои 1927 – 1928 Амонуллохон ба хориҷа сафари дуру дароз кард. Дар рафти ин сафар ӯ таҷрибаи давлатдориро дар Ҳиндустон, Миср, Туркия, Эрон, ИҶШС ва баъзе давлатҳои дигар хуб омӯхт. Баъди бозгашт кӯшиш кард, ки дар мамлакат фаъолияти ислоҳотпешагии худро вусъат диҳад.

**Сабабҳои инқилоби мардумӣ дар Афғонистон.** Амонуллохон дар Афғонистон ислоҳотеро татбиқ намуд, ки на ба ҳамаи табақаҳои аҳолии мамлакат маъқул буд. Аз он махсусан мардуми оддӣ ягон беҳбудии зиндагии худро эҳсос накард. Иддае аз арбобони сиёсӣ ва исломӣ низ аз ислоҳоти Амонуллохон норозӣ буданд.

Моҳи августи соли 1928 гурӯҳи калони рӯҳониёни баландмартабаи Кобул, ки дар байни онҳо Қозӣ Абдураҳмони Пағмонӣ, Қозӣ Фазлулҳаққхон ва Абдулқодири Пағмонӣ ҳам буданд, ҷамъ 400 нафар зери роҳбарии М. Сиддиқхони Муҷаддадӣ ба муқобили Амонуллохон исён бардоштанд. Исёни онҳо аз он иборат буд, ки Амонуллохонро кофир ва бедин эълон доштанд. Баъд ба Пактиё фирор карда, дар он ҷо дар байни халқи оддӣ мӯҳтавои ин қарори худро ташвиқу тарғиб намуданд. Онҳо мехостанд, ки мардуми Пактиё пешниҳодотеро барои гирифтани пеши роҳи харобгардии Афғонистон ба подшоҳ бифиристанд. Вале қабилаҳои ҷанубӣ бо ин исёнгарон ҳамроҳ нашуданд. Пас онҳо ба сипоҳиёни дар Гардез буда муроҷиат карданд. Фармондеҳони ин артиш пешниҳодро қабул накарданд ва онҳоро дастгир намуда, ба ҳукумат супурданд. Амонуллохон исёнгаронро қатл кард. Танҳо М. Муҷаддадиро ба хотири поси хизматҳои падараш – Шамсулмашоих Муҷаддадӣ, ки ғозӣ ва муҷоҳиди зидди англисҳо буд, раҳм карда, якумра ба маҳбас партофт.

Гурӯҳи дигар бо сардории генерал М. Нодирхон барои ишғоли тоҷу тахти Афғонистон бар зидди Амонуллохон мубориза мебурд. Барои расидан ба мақсади худ тирамоҳи соли 1928 дар байни мардуми қабилаҳои шарқӣ ҳар гуна варақаҳою расмҳои Амонуллохон ва хонаводаи ӯро беобрӯйкунанда паҳн мекарданд. Ин мухолифон, аз он ҷумла исбот карданӣ мешуданд, ки малика Сурайё асилзода ва афғон нест. Бо далелҳои зиёди худ Амонуллохонро бо ғарбпарастию дар байни мардуми Афғонистон ва хусусан дар байни духтарону занони афғон паҳн кардани бадахлоқию бешармӣ муттаҳам мекарданд.

Яке аз сабабҳои дигар шӯриши қабилаҳои шинворӣ буд, ҳарчанд он сабаби асосии ин ҳаракат шуда наметавонист.

То соли 1928 бо қарори ҳукумат қабилаҳои шарқии Афғонистон аз пардохти ҳама гуна андоз ва боҷ ба мӯҳлати 4 сол озод карда шуда буданд. Тирамоҳи ҳамон сол ҳукумат қарор баровард, ки қабилаҳои шарқӣ ҳамаи андозҳои 4 соли қаблан напардохтаи худро пардозанд.

Ин иқдоми ҳукумат қаҳру ғазаби қабилаҳои шинвориро ба вуҷуд овард. Моҳи декабри соли 1928 ошӯбҳо на танҳо қабилаҳои мазкур, балки тамоми қабилаҳои шарқиро фаро гирифтанд. Дар заминаи мазкур ҳатто дар байни қабилаҳои сангухели ва шинвориҳо задухӯрд ҳам ба амал омад. Шинвориҳоро аксарияти қабилаҳои ин минтақа дастгирӣ карданд. Дастаҳои низомии шинвориҳо аз ҳисоби қабилаҳои дигари ин ҷой ба тезӣ меафзуданд. Шӯришгарон чандин маҳалро ишғол карданд. Дар Дакка ба аскарони ҳукуматӣ шикаст дода, шаҳри Ҷалолободро муҳосира намуданд.

**Пурзӯршавии бӯҳрони инқилобӣ.** Ҳукумати Амонуллохон бо роҳбарии Шераҳмадхон аз Кобул ба шарқи мамлакат лашкар фиристод. Вале сафари ин шахс натиҷаи дилхоҳ надод, чунки ӯ мехост шӯришчиёнро бо дасти қабилаҳои дигари ин ҷой шикаст бидиҳад. Дар натиҷаи ин иқдоми ношоями Шераҳмадхон ду ҷабҳаи дар муқобили ҳамдигар кароргирифта ташкил ёфт. Қисми мардуми аз тарафи ҳукумат мусаллаҳгардонда ба тарафи шӯришчиён гузашт. Сафи онҳое, ки дар муқобили ҳукумат ҷанг мекарданд, рӯз то рӯз меафзуд.

Баъди бебарории сафари Шераҳмадхон вазири корҳои хориҷӣ М. Сиддиқхони Чархӣ ба назди шӯришчиён омад. Ӯ бо роҳбарони шӯриш М. Афзалхон ва М. Аъламхон гуфтушунид карда, аз номи шӯришгарон рӯйхати пешниҳодотеро иборат аз 21 модда ба подшоҳ расонд. Бо вуҷуди ин шиддати мухолифат дар байни шӯришчиён ва ҳукумат рӯз то рӯз ба қувваи сарбаста дохил мешуд.

Дар чунин шароит 10 декабри соли 1928 дар Нимла дар байни шӯришчиён ва аскарони ҳукуматӣ задухӯрди сахт ба амал омад, ки дар натиҷаи он аскарони ҳукуматӣ шикаст хӯрданд.

Ҳукумат чун дар байни мардуми шарқии мамлакат дастгирӣ наёфт, тасмим гирифт, ки дар музофотҳои шимолӣ аз ҳисоби мардуми тоҷик аскар ғун карда, шӯришро дар қисмати шарқии мамлакат пахш кунад. Ҳамин тариқ, дар зери роҳбарии Аҳмад Алихон аз байни мардуми Кӯҳистон ва Кӯҳдоман як миқдор аскари ихтиёрӣ ҷамъ карда шуд. Вале дар маҳалҳои дигар, алалхусус дар Тағоб ва Наҷроб дар байни ӯ ва халқи маҳаллӣ мухолифат ба миён омад. Онҳо изҳор карданд, ки бо шӯришчиёни минтақаи шарқии мамлакат ҳамраъй мебошанд.

Мардуми кашшоқшудаи музофотҳои шимолӣ аз сиёсати ҳукумати Амонуллохон норозӣ буд. Дар фармони аввали соли 1928 ба ин ҷо расидаи Амонуллохон гуфта мешуд, ки сокинони Кӯҳдоман ва Кӯҳистон бояд аз рӯи дафтарҳои давлатӣ кулли андозҳои напардохтаи қаблии худро пардозанд. Нисбат ба онҳое, ки андозҳоро намепардохтанд, дар фармон ҷазоҳои сангин пешбинӣ шуда буданд. Аз ҳамин сабаб мардуми ин ҷо такягоҳи ҳукумат не, ю дар муқобили

он меистод. Шимоли Афғонистон ва алалхусус Кӯҳдоман ба яке аз марказҳои асосии муқовимат бар зидди ҳукумати Амонуллохон табдил ёфт.

**Оғози инқилоби мардумӣ дар Афғонистон.** Тавре ки дар болотар гуфта шуд, ҳукумат Аҳмад Алихонро ба Кӯҳистон ва Кӯҳдоман баҳри ҷамъоварии аскар фиристод. Ӯ дар Ҷабал-ус-Сироҷ ҷиргаи мардуми вилоятҳои шимолро доир гардонд. Дар ин ҷирга намояндагони мардуми Кӯҳдоман, Кӯҳистон, Соланг ва вилоятҳои дигар аз сиёсати иҷтимоии ҳукумат норозигӣ баён намуданд. Сарфи назар аз ин норозигӣ, шимолиҳо иброз доштанд, ки тайёранд 6 ҳазор аскар ҷамъ карда, ба ихтиёри ҳукумати Амонуллохон бидиҳанд. Дар ин ҷирга масъалаи "Бачаи Саққо" (ҳукумати Амонуллохон ва душманонаш ин тахаллуси таҳқиромезро ба шахси шуҷову некӯкор Ҳабибуллоҳи Калаконии Кӯҳдоманӣ дода буданд) ҳам ба миён омад. Аҳмад Алихон аз байн бурдани ӯро тақозо намуд. Чанд нафар пешниҳод карданд, ки минбаъд Ҳабибуллохон тавба кунад ва ба касе кордор нашавад. Вале аксарияти кулли иштирокдорони ҷирга аз "Бачаи Саққо" пуштибонӣ карданд. Илова бар ин, ҷирга талаб кард, ки ҳар касе бо гуноҳи ҳамкорӣ бо "Бачаи Саққо" дастгир ва ба маҳбас партофта шудааст, бояд бетаъхир озод карда шавад. Ҳукуматдорон ноҷор бо Ҳабибуллохон тавассути Қуръон аҳду паймон карданд. Мувофиқи ин аҳду паймон Ҳабибуллохон мебоист ба дастаи аскарон сарварӣ карда, дар пахши қабилаҳои шарқӣ ширкат меварзид. Ҳамин тарик, ба Ҳабибуллохони Калаконӣ рутбаи афсарии биргид, 3 ҳазор рупия маоши ҳармоҳа, 81 туфанг ва 200 ҳазор дона тир доданд.

Вале баъди як рӯз аз тарафи ҳукумат аҳдшиканӣ рух дод ва 12 декабри соли 1928 дастаи мусаллаҳи Ҳабибуллохони Калаконӣ ба қалъаи Саройи Хоҷа ҳамла карда, кӯрхонаи пур аз силоҳро ба даст даровард. Баъди хуб мусаллаҳ шудан дастаи Ҳабибуллохони Калаконӣ ду тақсим шуд. Яке бо роҳбарии Саид Ҳусейнхон ба тарафи Чорикор ва дастаи дигар дар зери роҳбарии худи Ҳабибуллохони Калаконӣ ба ҷониби Кобул раҳсипор гардид.

Саид Ҳусейнхон Чорикорро ба даст дароварда, бо дастаи 300-нафара ба сӯи Кобул ҳаракат кард. Дар Кобул тахминан аз 2 то 3,5 ҳазор нафар ихтиёриёни аз Кӯҳистон ва Кӯҳдоман ҷамъшуда чанд рӯз боз сарсону саргардон ва дар ҳолати номуайянӣ буданд. Ин аскарон аз амали Ҳабибуллохони Калаконӣ ва Саид Ҳусейнхон бохабар шуда, ба яке аз кӯрхонаҳои дигар – Шерпур ҳамла карда, онро ба даст даровардand ва мусаллаҳ шуданд.

Баъди чор рӯзи аз Саройи Хоҷа баромадан Ҳабибуллохони Калаконӣ ба Кобул омада расид. Шаҳрро танҳо 11 нафар шогирдони

мактаби низомӣ ҳимоя мекарду халос. Ҳамаи аскарон барои пахш кардани шӯриш ба минтақаи Шарқ рафта буданд. Кобул ба дасти шӯришчиён гузашт.

Ҳукумати Амонуллохон нерӯҳои ҳарбии дар гирду атрофбударо муттаҳид карда, бар зидди Ҳабибуллохони Калаконӣ ва Саид Ҳусейнхон равон сохт. Ба Амонуллохон муяссар шуд, ки тавассути ин қувваҳо шӯришчиёнро ба ақиб партояд.

Амонуллохон саросемавор тамоми чораҳоро меандешид, то ки мавҷи шӯришро паст занад. Бо назардошти зиддияти пурзӯри мардум маҷмӯиислоҳоти худро иборат аз 18 модда бекор эълон кард. Баъди ин қисме аз арбобони дини ислом фатво доданд, ки ҳукумати Амонуллохонро дастгирӣ мебояд. Ба зери ин санад 14 нафар рӯҳониёни машҳур ва бонуфузи мамлакат имзо гузоштанд, лекин он пеши роҳи инқилобро гирифта натавонист.

**Ғалабаи инқилоб.** Дар зери роҳбарии Ҳабибуллохон дастаи калони шӯришчиён аз Шакардара то Вазиристон қад-қади кӯҳҳои Хинҷон бо суръати тез ба сӯи Кобул ҳаракат карда, баъди чандин задухӯрди наздишаҳрӣ ба Кобул зада даромад. То соати 10-и 15 январи соли 1929 қариб тамоми шаҳр дар дасти шӯришгарон буд. Аскарони ҳукуматӣ таслим ва халъи силоҳ карда шуданд. Майдони ҳавоӣ низ ба дасти шӯришчиён гузашт. Амонуллохон ҳис кард, ки муқовимат дигар фоида надорад. Бинобар ин аз вазифаи подшоҳии Афғонистон ба истеъфо рафтани худро эълон карда, тахту тоҷи подшоҳиро ба бародари калониаш Иноятуллохон супорид. Вале подшоҳии Иноятуллохон ҳамагӣ 3 рӯз давом кард.

Иноятуллои навакак ба тоҷу тахти Афғонистон соҳибшуда ҳайатеро иборат аз Муҳаммад Содиқхони Муҷаддадӣ, Муҳаммад Усмонхон ва Қозӣ Муҳаммад Акбархон ба назди Ҳабибуллохони Калаконӣ фиристод, ки ӯ шоҳи нави Афғонистонро эътироф кунад. Ин ашхос ба ҷои он ки супориши Иноятуллоро ба ҷо биёранд, ҳар қадом кӯшиш ба харҷ медод исбот намояд, ки ба вазифаи шоҳи Афғонистон маҳз ӯ сазовортар аст. Вале шахси ба Ҳабибуллохони Калаконӣ наздик – Шерхони Соҳибзода, ки марди оқил ва зирак буд, лаҷоми сӯҳбатро ба даст гирифта, ба сафирони Иноятуллохон иброз дошт, ки ҷаро ин вазифаро худи Ҳабибуллохони Калаконӣ ба ӯҳда нагирад. Охир маҳз ӯ Кобулро ишғол кард. Ҳамин тарик, Ҳабибуллохони Калаконӣ 18 январи соли 1929 шоҳи нави Афғонистон эълон карда шуд.

**Вазъи сиёсии Афғонистон баъди ғалабаи инқилоб.** Ҳукумати Ҳабибуллохони Калакониро табақаҳои зиёди аҳолии мамлакат дастгирӣ мекарданд, ба истиснои як қисми ками музофотҳои ҷанубӣ ва шарқӣ.

Ислохоти иктисодию ичтимоии Ҳабибуллохони Калаконӣ, ки дар эъломияи ӯ аз 18 январи соли 1929 инъикос гардидааст, аз масъалаҳои марказӣ ва муҳимтарин буд. Ин мушкилотро хазинаи давлатии иборат аз 18 ҷувол пулҳои тиллогию нукрагии аз тарафи Амонуллохон ва Иноятуллохон ба яғмо бурда боз хам мушкилтар кард. Бе маблағи зарурӣ ислоҳотро дар амал татбиқ кардан амри муҳол буд. Ҳабибуллохон тасмим гирифт, ки бар зидди ришвахӯрӣ, ришваситонӣ ва сӯистеъмол аз вазифа мубориза беамон барад. Лекин барои иҷрои бомуваффакияти барнома иллатхои ҷомеа халал мерасонданд. Дар Афғонистон дар зарфи 200 соли охир ҳокимияти олии давлатӣ танҳо дар ихтиёри як қавм – дурронихо буд. Ҳукумати дурронихо рӯирост халқу қавмҳои дигари мамлакатро дуюмдараҷа меҳисобид. Тоҷикон, ки аз ҷиҳати нуфузи худ аз паштуҳо кам набуданд, аз ҳокимияти сиёсии Афғонистон маҳрум буданд. Ҳабибуллохони Калаконӣ мехост, ки ин зуҳуроти манфӣ ва барои истиклолияти давлатии Афғонистон хавфнокро барҳам диҳад.

Бояд гуфт, ки ҳукумати Ҳабибуллохони Калаконӣ аз ӯҳдаи иҷрои чунин кори мушкил баромада наметавонист, чунки вай алҳол дар сар то сари мамлакат ҳокимияти худро мустаҳкам накарда буд. Гузашта аз ин, дар маҳалҳо ҷоҳталабҳои нав ба майдон мебаромаданд. 20 январи соли 1929 дар Ҷалолобод Алӣ Аҳмадхон худро подшоҳи Афғонистон эълон карда, ҳамон замон аз Англия ёрии молиявию ҳарбӣ пурсид, то ки ҳукумати Ҳабибуллохони Калакониро сарнагун созад. Ӯ аз қабилаҳои шинворӣ, муманд, хутиёнӣ ва ғайра то се ҳазор аскар ғун кард. Ба замми ин миқдор аскар то 7 – 8 ҷузъу томҳои дигари артиши ҳукумати собиқро ҳам дар ихтиёри худ дошт. Алӣ Аҳмадхон аскарони худро ба се даста тақсим карда, аз се самт ба ҷониби Кобул ҳаракат кард. 3 – 5 феврал артиши Ҳабибуллохони Калаконӣ бар дастаҳои Алӣ Аҳмадхон ғолиб омад. Қисми аскарони боқимондаи Алӣ Аҳмадхон фирор карда, дар Пешовар паноҳ бурданд. Вале баъди чанде Алӣ Аҳмадхон бо дастааш ба Қандаҳор омада, бо Амонуллохони ба ин ҷо ҳозиршуда пайваст.

**Кӯшиши Амонуллохон барои баргардондани тахту тоҷи шоҳӣ.** Амонуллохон, ки аз тоҷу тахти подшоҳии Афғонистон даст кашида, ба Ҳиндустон фирор карда буд, худро дуюмбора подшоҳи Афғонистон эълон карда, дар Қандаҳор ҳукумати нав ташкил намуд ва бар зидди Ҳабибуллохони Калаконӣ бархост.

Амонуллохон ба ёрии Англия умед мебаст, вале ба муроҷиати ӯ аз 30 январи соли 1929 вазири корҳои хориҷии Англия О. Чемберлен ҷавоби рад дод. Ӯ иброз дошт, ки Англия ба корҳои дохилии Афғонистон дахолат ва ягон тарафи даргирро дастгирӣ намекунад. Аз тарафи дигар, Англия Амонуллохонро нею генерал М. Нодирхонро шоистаи тоҷу тахти Афғонистон мешуморид.

Баъд аз он ки аз Англия хабари рад омад, Амонуллохон рӯ ба ҷониби Иттиҳодии Шӯравӣ овард. Ӯ вазири корҳои хориҷии ҳукумати худ – М. Сиддиқхони Чархиро ба Москва фиристод. Бародари Сиддиқхон – вазири мухтори Афғонистон Ғулом Набии Чархӣ дар он ҷо сукунат дошт. Ин ду бародар аз аввал то ба охир ба Амонуллохон содиқ буданд. Онҳо бо Ҳукумати Шӯравӣ дар бораи ёрӣ ба Амонуллохон музокиротро оғоз намуданд.

Сарфи назар аз натиҷаҳои музокироти Москва, Амонуллохон 27 марти соли 1929 ба ҷониби Кобул лашкар кашида, охирҳои моҳи апрели ҳамон сол ба Ғазна омада расид. Дар роҳ ӯ борҳо ба ҳамлаи ҷонибдорони Ҳабибуллохони Калаконӣ гирифтор шуда, бо талафот ва мушкилоти зиёде Ғазнаро ба даст даровард. Дар ин ҷо 25 апрели соли 1929 байни лашкари 5-ҳазорнафараи Ҳабибуллохон бо сардории Саид Ҳусейн ва аскарони Амонуллохон задухӯрд ба амал омад, ки дар он аскарони ҳукумати Кобул дастболо шуданд. Аксарияти қувваҳо Амонуллохонро тарк карданд.

Дар айни замон дар Ҳирот ва Фароҳ ҳокимият ба ҷонибдорони Ҳабибуллохони Калаконӣ мегузарад. Ба замми ин қувваҳои ҳукумати Кобул дар зери роҳбарии Пурдилхон таъқибу думболагирии Амонуллохонро пайваста давом медоданд. Дар чунин шароити ногувор Амонуллохон ноумед шуда, 23 майи соли 1929 "тоҷу тахти" подшоҳии дуюми бебарори худро тарк карда, ба хориҷи Афғонистон фирор намуд. Ӯ пеш аз фирор кардан "тахти подшоҳӣ"-и худро ба Алӣ Аҳмадхон супурд. Баъди чанде Пурдилхон ба ин ҷо расида, ҳокимиятро аз Аҳмадхон кашида гирифт ва ӯро ба қатл расонд. Бо ҳамин Ҳирот ҳам тобеи ҳукумати Ҳабибуллохон шуд.

**Таҷовузи ҳарбии Иттиҳоди Шӯравӣ бар зидди ҳукумати Ҳабибуллохон.** Музокироти Москва барои Амонуллохон мусбат ҳал шуд. Ҷузъу томҳои Шӯравӣ дар шимолии Афғонистон зери роҳбарии В. Примаков ва гумоштаи Амонуллохон – Ғулом Набихони Чархӣ ба амалиётҳои ҳарбии зидди ҳукумати Ҳабибуллохони Калаконӣ шурӯъ карда, Мазори Шарифро ишғол намуданд.

Артиши ҳукумати Ҳабибуллохони Калаконӣ, дар Мазори Шариф бар зидди аскарони шӯравӣ истодагарӣ карда натавонист ва то 3 ҳазор нафар аскари худро талаф дод.

Баъди ғалаба дар Мазори Шариф аскарони шӯравӣ ба сӯи Кобул раҳсипор шуданд. Дастаи 3-ҳазорнафараи ҳукумати Ҳабибуллохони Калаконӣ бо сардории Саид Ҳусейнхон пеши роҳи аскарони шӯравиро гирифт, то нагузорад, ки ба Кобул дароянд. Вале ин даста аз ҷониби аскарони шӯравӣ дар наздикии Айбек торумор карда шуд. Аз 3 ҳазор аскари Саид Ҳусейнхон тақрибан 1000 нафар ҷон ба саломат бурд.

Хабари фирори Амонуллохонро шунида, Ҳукумати Шӯравӣ ҷузъу томҳои худро аз Афғонистон баровард, чунки ин "ёрӣ" ба хотири ӯ нигаронда шуда буд.

**Сӯиқасди нави зидди инқилоб.** Акнун душмани асосии ҳукумати Ҳабибуллохони Калаконӣ генерал М. Нодирхон буд ва ӯро Англия ҷонибдорӣ мекард.

Хабари шӯриши шинвориҳоро шунида М. Нодирхон ва бародаронаш, ки ин вақт дар Фаронса буданд, бо кӯмаки Англия ба Афғонистон шитофтанд. Онҳо 23 феврали соли 1929 ба Бомбай ва баъди чанде бо ёрии Англия ба Пешовар омада расиданд. Дар ин ҷо мулоқоти М. Нодиршоҳ бо вазири Мухтори Англия Ф. Хемфри, ки Кобулро тарк карда, ба ин ҷо омада буд, сурат гирифт. Дар ин мулоқот нақшаи сарнагун сохтани ҳукумати Ҳабибуллохони Калаконӣ тарҳрезӣ шуд.

Ҳукумати Ҳабибуллохони Калаконӣ М. Нодирхонро борҳо ба ҳамкорӣ даъват намуд ва ҳатто дар Пешовар бо ӯ аз тариқи намояндагони худ музокирот ҳам доир гардонд. Вале, мутаассифона, Нодирхон ҳамкориро бо Ҳабибуллохони Калаконӣ ва ҳар нафари дигари Афғонистон рад кард.

Ҳамин тариқ, М. Нодирхон ва бародарони ӯ 8 марти соли 1929 сарҳади Афғонистонро убур карда, ба сӯи Кобул ҳаракат намуданд.

21 апрел нерӯҳои ҳарбии М. Нодирхон бо сардории Ғиёсиддин дар дашти Бедак бо аскарони ҳукумати Кобул рӯ ба рӯ шуданд. Дар ин муҳориба лашкари М. Нодирхон шикаст хӯрд. 27 апрел бародари М. Нодирхон - Шоҳмаҳмад дастаи низомии дар ихтиёрашбударо аз Ҷоҷӣ ба Хушӣ расонд, вале ӯ ҳам аз нерӯҳои ҳукуматӣ шикаст хӯрд.

Сарфи назар аз ин нокомиҳо, М. Нодирхон боварӣ дошт, ки аз Англия ёрӣ хоҳад омад. Бинобар ин дар миёнаҳои моҳи май хонҳо ва маликҳои мамлакатро аз нав ба муборизаи зидди ҳукумати Ҳабибуллохон даъват намуд.

Моҳҳои май-июн М. Нодирхон, бародаронаш ва ҳамаи нерӯҳои зидди ҳукумати Ҳабибуллохони Калаконӣ алайҳи низомиёни ҳукумати Кобул ҷангиданд, вале ҳар бор ба шикаст дучор мешуданд. Сабаби ғалабаҳои ҳукумати Кобул он буд, ки он аз байни мардум баромада, маҳз ба халқ такя менамуд. Мардуми заҳматкаш ҳукумати худро то ҳадде ки метавонист, пуштибонӣ мекард.

18 сентябри соли 1929 М. Нодирхон ба воситаи вакили махсуси худ Ҳоҷӣ Муҳаммад Акбар ба муншии умумии корҳои хориҷии Ҳиндустон Д. Бора номаи маҳрамона фиристонд. Дар он аз Англия ёрии ҳарбӣ хоста, дар баробари ин барои Британияи Кабир дар Афғонистон имтиёзҳои зиёде ваъда кард.

Ӯ баъди ёрии моддӣ, молӣ ва низомии Англия аз ҷумлаи унсурҳои иртиҷоӣ то 12 хазор нафар аскари зархарид ҷамъ карда, онҳоро мусаллаҳ гардонд.

Муҳорибаи ҳалкунанда дар байни нерӯҳои ҳукумати Ҳабибуллохони Калаконӣ ва нерӯҳои М. Нодирхон дар Кобул ва маҳалҳои гирду атрофи он аз 6 то 8 октябри соли 1929 ба амал омад. Дар ин муҳориба фармондеҳи бехтарини Ҳабибуллохони Калаконӣ – Пурдилхон қаҳрамонона ҳалок шуд. Саид Ҳусейн, ки ин вақт бо қувваҳои эҳтиётӣ дар Мазори Шариф буд ва бояд барои ёрӣ ба Кобул меомад, бо М. Нодирхон роҳи муросоро пеш гирифта, ба ёрии Ҳабибуллохон наомад. Аз ҳамин сабаб ба М. Нодирхон муяссар шуд, ки Кобулро ишғол карда, онро барои ғорат ба аскарони худ супорад.

Ҳабибуллохони Калаконӣ бо дастаи хурд ва мушкилоти зиёд худро ба Чорикор расонд, то ки қувваҳои худро муттаҳид сохта, бар зидди М. Нодирхон мубориза ро давом бидиҳад. Вале дар шароити нави баамаломада ғалабаи Ҳабибуллохони Калаконӣ бар М. Нодирхон аз эҳтимол дур буд.

**Ба сари қудрат омадани Муҳаммад Нодирхон.** 15 декабри соли 1929 М. Нодирхон ба Кобул ворид шуда, ваъдаҳои қаблии худро дар бораи даъвогари тоҷу тахти Афғонистон набудан "фаромӯш" кард ва худро подшоҳи мамлакат эълон намуд.

М. Нодирхон баъди эълони подшоҳии худ намояндагонашро ба назди Ҳабибуллохони Калаконӣ фиристода, тақозо кард, ки муқовиматро бар зидди ӯ бас кунад. М. Нодирхон ба Қуръон қасам хӯрд, ки ба вай ва ҳамроҳонаш осебе намерасонад. Ҳабибуллохони Калаконӣ ба М. Нодирхон бовар карда, ба Кобул омад, лекин подшоҳи нав ба қавли худ вафо накарда, Ҳабибуллохони Калаконӣ ва 16 нафар аъзои ҳукумати ӯро дар аввалҳои моҳи ноябри соли 1929 дар маҳаллаи Чаман ба дор овехт.

Ҳамин тариқ, ҳукумати Ҳабибуллохони Калаконии Кӯҳдоманӣ, ки воқеан мардумӣ буду баҳри аз байн бурдани ҳокимияти хонадону қавмӣ, зулму истибдод ва яғонагии мардуми Афғонистон хизмат мекард, аз байн бурда шуд. Ба ин ҳам омилҳои дохилӣ ва ҳам хориҷӣ сабаб шуданд.

Муборизаи Ҳабибуллоҳи Калаконӣ ва ҳамроҳонаш дурахшонтарин саҳифаи таърихи муосири Афғонистон буд.

**Афғонистон дар солҳои 30-юм.** Сиёсати дохилии Нодирхон ба мустаҳкам кардани ҳокимияти заминдорон ва давлати буржуазӣ равона карда шуда буд. Ӯ ҳокимияти марказиро мустаҳкам намуда, баъзе имтиёзҳои хонҳо ва рӯҳониёнро аз нав барқарор кард. Рӯҳониёни исломӣ дар кори адолати додхоҳӣ ва маорифи Афғонистон ба мақоми аввалаи худ соҳиб шуданд. Дар баробари ин фаъолияти онҳо аз тарафи давлат мавриди назорат қарор гирифт. Ба идораи давлатӣ табақаи болоии тоҷирон ҳам роҳ дода шуд.

Сиёсати ҳукумати нав дар Конститутсияи соли 1931 эълонкардаи Афғонистон таҷассум ёфт. Конститутсия мақоми рӯҳониёнро дар адолати додхоҳию маориф ва иштироки бевоситаи қабилаҳоро дар фаъолияти мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимият мустаҳкам кард. Дар асоси конститутсия дар соҳаи қонунгузорӣ ҳамчун мақоми интихобии дорои ҳуқуқи маслиҳатӣ Шӯрои халқӣ таъсис дода шуд. Қонуни асосии соли 1931 дар ташаккули давлати Афғонистон барои аз мутлақияти номаҳдуд ба мутлақияти конститутсионӣ гузаштан қадами нав гардид.

Соли 1933 баъд аз вафоти Нодирхон ба тахти подшоҳии Афғонистон Муҳаммад Зоҳиршоҳ нишаст. Дар замони ҳукмронии ин шоҳ сиёсати дохилию хориҷии Афғонистон тағйир наёфт.

Дар солҳои 1933–1939, яъне дар солҳои пеш аз Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ сармояи тиҷоратии миллӣ марказонида шуд. Бо ёрии давлат ширкатҳои калони саҳҳомӣ созмон ёфта, дар иқтисоди мамлакат мақоми муҳимро ишғол намуданд. Фаъолияти онҳо дар аввал асосан аз фурӯхтани молҳои хориҷӣ дар бозори дохилӣ, тайёр ва содир намудани маҳсулоти кишоварзӣ иборат буд. Сарфи назар аз ин, ширкатҳои афғонӣ намояндагони сармояи тиҷоратию судхӯрии хориҷиро аз мамлакат фишор дода мебароварданд.

Дар Афғонистон бо ёрии сармояи давлатӣ якчанд корхонаи саноати сабук сохта ба истифода дода шуд. Ин иқдом барои дар мамлакат ба вуҷуд омадани истеҳсолоти саноатии худӣ замина гузошт.

Дар солҳои 30-юм дар Афғонистон ҷамъияти адабӣ таъсис ёфт. Аввалин донишгоҳи дунявӣ – факултети тиббӣ ва якчанд ҳунаристони касбию техникӣ кушода шуд.

Дар арафаи Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ мамлакатҳои империалистӣ, аз он ҷумла Германия, Италия ва ИҶШС мехостанд Афғонистонро аз назари иқтисодӣ ва сиёсӣ ба худ тобеъ кунанд. Махсусан инҳисорҳои Германия робитаҳои иқтисодии худро бо Афғонистон мустаҳкам мекарданд. "Мутахассисон" ва "мушовирон"-и германиявию италиявӣ ба дастгоҳи ҳокимияти давлатӣ ва артиши Афғонистон дохил мегардиданд. Ин сиёсат ба нафъи Германияю Италия ва бар хилофи манфиатҳои ИҶШС буд.

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

**1.** Дар Афғонистон баъд аз Ҷанги якуми ҷаҳонӣ кадом нерӯҳои сиёсию ҷамъиятӣ барои истиқлолияти давлатии Афғонистон мубориза мебурданд? **2.** "Ҷавонафғонҳо" ва "Пирафғонҳо" чӣ мехостанд? **3.** Ҳабибуллохон кай ва чаро кушта шуд? **4.** Дар бораи ҷанги сеюми Англия бар зидди Афғонистон маълумот диҳед. Ин ҷанг

чӣ натиҷа дод? **5.** Дар бораи вазъи дохилии ҳукумати ҷавонафғонҳо чӣ гуфта метавонед? **6.** Дар Конститутсияи соли 1923 Афғонистон кадом масъалаҳои асосӣ инъикос гардидаанд? **7.** Солҳои 1927 – 1928 чаро Амонуллохон ба давлатҳои хориҷӣ сафари дуру дароз кард? **8.** Сабабҳои инқилоби мардумии солҳои 1928 – 1929 Афғонистонро муайян кунед. **9.** Чаро қавмҳои дар шарқи Афғонистон сукунатдошта шӯриш бардоштанд? **10.** Сафари Шераҳмадхон, намояндаи Амонуллохон ба минтақаи шарқии Афғонистон чӣ натиҷа дод? **11.** Киҳо Ҳабибуллохони Калакониро "Бачаи Сақко" меномиданд? **12.** Дар бораи оғози шӯриши дастаи Ҳабибуллохони Калаконӣ далелҳо биёред. **13.** Кай Ҳабибуллохони Калаконӣ ба тахти подшоҳии Афғонистон нишаст? **14.** Кӯшиши дуюмбора ба тахти подшоҳии Афғонистон соҳиб шудани Амонуллохон чӣ натиҷа дод? **15.** Дар бораи ҷанги нерӯҳои шӯравӣ бар зидди ҳукумати Ҳабибуллохони Калаконӣ чиҳо медонед? **16.** Ба тахти подшоҳии Афғонистон соҳиб шудани М. Нодиршоҳ чӣ хел сурат гирифт? **17.** Инқилоби мардумӣ дар Афғонистон кай шикаст хӯрд? **18.** Дар бораи тақдири Ҳабибуллохони Калаконии Кӯҳдоманӣ баъд аз шикасти инқилоб чиҳо медонед?

## § 22. ЭРОН ДАР СОЛҲОИ АВВАЛИ БАЪД АЗ ҶАНГИ ЯКУМИ ҶАҲОНӢ

**Эрон дар оғози давраи муосир.** То соли 1919 Эрон давлати ақибмондаи кишоварзӣ, ниммустамликаи Англия ва Русия буд. Иқтисоди вай дар ҳолати харобӣ қарор дошт. Низоми молиявӣ таназзул ёфт, савдои дохилию хориҷӣ, майдони кишт ва саршумори чорво ниҳоят кам, нархи нон ва дигар хӯроквориҳо баланд шуд. Ҳаннотӣ ривоҷ ёфта, гуруснагӣ амри воқеӣ гардид, вабо ва касалиҳои дигар зиёд шуданд.

Зиёда аз нисфи аҳолии Эронро деҳқонони муқимӣ ташкил намуда, аз чор се ҳиссаи қабилаҳои гуногун, аз он ҷумла курдҳо, лурҳо, бахтиёрҳо, балуҷҳо, кашқагиҳо, туркманҳо ва арабҳо ба чорводории кӯчманчигӣ машғул буданд. Аз панҷ як ҳиссаи аҳолии мамлакат дар шаҳрҳо сукунат дошт.

Дар Эрон ғайр аз корхонаҳои саноатии иҷоравии хориҷиён, масалан, конҳои нефти ҷанубу ғарбӣ, коркарди моҳӣ дар Баҳри Хазар ва роҳсозӣ, истгоҳҳои барқии начандон калон, фабрикаҳои бофандагӣ, зарфбарорӣ, коркарди чарм ва фабрикаҳои дигари миллӣ мавҷуд буданд. Аксарияти ин корхонаҳо дар рақобат бо хориҷиён тоб наоварда муфлис мешуданд.

Эрон тоҷирони хурди бисёр дошт. Лекин ракобат бо хориҷиён, худсарии ҳукумати шоҳ, хонҳо ва заифии ҳарбии Эрон ба аҳволи онҳо таъсири манфӣ мерасонд. Тоҷирони калон асосан ба мулкдорони калон ва сармояи хориҷӣ робита доштанд. Бинобар ин аҳволи онҳо бад набуд. Ин табақаи тоҷирон аслан ҳамчун буржуазияи миёнарави байни Эрон ва хориҷиён шинохта шудааст.

Сохти сиёсии Эрон мутлакияти тавассути конститутсияи солҳои 1906 – 1907 маҳдуд кардашуда ва сарвараш сулолаи шоҳҳои Коҷорҳо буд.

Баъди дар Русия ғалаба кардани Инқилоби Октябр Русияи Шӯравӣ ҳаракат мекард, ки дар қаламрави зери назорати худбудаи Эрон ҳам ғалабаи ин инқилобро таъмин намояд. Ин кор дар зери шиори ба истиқлолияти давлатии Эрон ҷонибдор будани Русия ба ҷо оварда мешуд. Бо ёрии мақомоти маъмурию ҳарбии Русияи Шӯравӣ соли 1918 дар Теҳрон иттифоқҳои касабаи кормадони матбааҳо, нонпазҳо, омӯзгорон ва ғайра таъсис ёфта, инчунин корпартоии ноширон ва кормандони троллейбусҳо ташкил карда шуд. Аз ҳисоби намояндагони инқилобии аскарони рус ва аҳолии маҳаллӣ дар Рашт, Энзели, Табрез, Ҳамадон ва Кирмоншоҳ шӯроҳо таъсис дода шуданд. Дар Гелон дастаҳои чирикҳои ҷангалӣ фаъолияти худро вусъат доданд ва ҳатто Раштро ишғол намуданд. Вале Ҳукумати Шӯравӣ ба сабаби вазнинии вазъияти мамлакат натавонист, ки ҳокимияти худро дар тамоми Эрон паҳн намояд. Англия бошад, дар Эрон бечуръатона амал мекард.

**Эронро ишғол кардани Англия.** Бо мақсади дар Эрон пахш кардани ҳаракати миллию озодихоҳӣ, ба Ҳиндустон роҳ надодани он, ба худ бештар тобеътар гардондани Эрон ва ин ҷоро ба такягоҳи таҷовузҳои оянда табдил додан Англия дар ибтидои соли 1918 ба пурра ишғол намудани Эрон шурӯъ кард. Ба шимолу ғарбии Эрон дастаи генерал Денстервил фиристода шуд. Ин генерал вазифа гирифта буд, ки аввал Рашт ва баъд Қафкозро ишғол кунад. Ба шимолу шарқии Эрон нерӯҳои ҳарбии Англия бо сардории Маллесон равон шуд. Вай бояд вилоятҳои Туркистон ва Закаспийро ишғол мекард. Моҳи августи соли 1918 сарвари ҷангалиҳо Кучунхон бо англисҳо дар бораи ба Боку роҳ додан ва бо озуқа таъмин намудани онҳо карордод ба имзо расонд. Баъди ин англисҳо Раштро ишғол намуда, ба Боку зада даромаданд.

Моҳи августи соли 1918 дар Теҳрон бо сардории Восугаддавла ҳукумати рӯй ба ҷониби Англия ташкил карда шуд. Ин ҳукумат намояндаи аввалини дипломатии шӯравӣ И. О. Коломийсевро, ки моҳи ноябри соли 1918 ба Эрон омада буд, эътироф накард. Сафорати русҳо торумор карда шуд. Моҳи июли соли 1919 И. О. Коломийсев бори дуюм ба Эрон омад, вале дар ин ҷо дастгир ва дар маҳаллаи Бандари Газ қатл карда шуд.

9 январи соли 1919 карордоди Эрон ва Англия ба имзо расид, ки мувофики он артиш, молия, сохтмони роххо, тичорати хоричӣ ва як қатор соҳаҳои дигари хаёти иктисодӣ ва чамъиятию сиёсии Эрон ба зери назорати мушовирон ва мутахассисони англис гузаштанд.

Баъди ба имзо расидани қарордоди мазкур англисхо таъчилан ба татбики он шурӯъ намуданд. Молияи Эрон ба мушовири молиявии англис Э. Смит тобеъ карда шуд. Афсарон ва мутахассисони Англия назорати худро бар артиши Эрон чорӣ карданд. Дар бораи гумруки Англияю Эрон карордоди махсус ба имзо расид, ки мувофики он ба молҳои англисӣ нархҳои пасти гумрукӣ ва ба молҳои аз Русияи Шӯравӣ омада нарххои баланди гумрукӣ мукаррар карда шуданд.

Ҳамин тарик Эрон ба Англия тобеъ карда шуд.

**Болоравии ҳаракати миллию озодихоҳӣ дар Эрон.** Истилои Эрон аз чониби англисҳо ҳаракати зиддиимпериалистиро ба вучуд овард ва махсусан дар шимоли мамлакат. 7 апрели соли 1920 дар Табрез бар зидди хукумати иртичоии шоҳ ва империалистони англис шӯриш ба амал омад, ки ба он роҳбари Ҳизби Демократии Озарбойчон шайх Муҳаммади Хиёбонӣ сарварӣ мекард. Дар шӯриш табақаҳои гуногуни ин минтақа иштирок карданд. Демократҳои Озарбойчон ба муқобили карордоди соли 1919-и Англияю Эрон баромада, истиқлолияти давлатӣ, чумҳурӣ эълон карда шудани Эрон, татбики ислоҳоти демократӣ ва барои Озарбойчон мухториятро тақозо мекарданд. Шӯришчиён аз Табриз губернатори шоҳ ва мансабдорони дигари иртичоиро пеш карданд. Онҳо ҳокимиятро дар Табрез ва шаҳру навоҳии Озарбойчон ба даст даровардаңд. Баъди чанде дар зери роҳбарии англисҳо дар Табрез сӯиқасди аксулинкилобӣ ба амал омад. Моҳи сентябри соли 1920 нерӯҳои муштараки англисҳо, сипоҳиёни шоҳ ва ашхоси иртичопешаи маҳаллӣ шӯришро пахш карданд. Шайх Муҳаммади Хиёбонӣ ва чонибдорони ӯ катл карда шуданд.

Соли 1920 ҳаракати миллию озодихоҳӣ дар музофоти дигари шимолии Эрон – Гелон ҳам вусъат ёфт. Баъди аз Боку ва тамоми Қафкоз зада пеш кардани англисҳо моҳи майи соли 1920 дастаҳои чангалиҳо аввал Рашт ва баъд тамоми Гелонро то Манчил ва қисми Мозандаронро то шаҳри Барфоруш ишғол намуданд. 5 июни соли 1920 Чумҳурии Гелон эълон карда шуд.

Ҳаракати миллию озодихоҳӣ дар Озарбойчону Эрон ва Гелон барои болоравии ҳаракати миллию озодихоҳӣ ва демократӣ дар вилоятҳои дигари Эрон такони бузург дод. Ин ҳаракат ба он оварда расонд, ки моҳи июни соли 1920 ҳукумати Восуғаддавла ба истеъфо рафт. Ҳукумате, ки ӯро иваз кард, аз эътирофи карордоди бо Англия басташудан барои Эрон асоратовар худдорӣ намуд.

Дар Эрон чунин вазъият ба амал омад: агар Англия Эронро маҷбур мекард, ки карордоди соли 1919-ро ба тасвиб расонад, пас дар Эрон ҳаракати миллию озодихоҳӣ пурзӯр мешуд. Аз ин рӯ, империалистони англис усули дигарро ба кор бурданд. Тасмим гирифтанд, ки ин карордодро тавассути беобрӯй кардани роҳбарони эронӣ татбик намоянд. Барои ин кор аз табаддулоти давлатӣ ҳам рӯй намегардонданд. Онҳо дар Теҳрон бо сардории Саид Зиёвуддини Таботабой, ки бо англисҳо робита дошт, 21 феврали соли 1921 табаддулоти давлатӣ ба амал бароварданд. Дар ин сӯикасд подполковник Ризохон ва афсарҳои дигари ҷузъу томҳои артиши эрониҳо ва казакҳо ширкат варзиданд.

Бо сардории Саид Зиёвуддини Таботабой ҳукумати нав ташкил карда шуд. Ризохон аввал сарвари дивизияи казакӣ, баъд вазири ҳарбӣ таъйин гардид. Бо максади паст кардани шиддати ҳаракати миллию озодихоҳӣ ин ҳукумат дар бораи "мубориза бар зидди ашрофон" эъломия пахн намуд. Дар ин ҳуҷҷат сиёсати мустакили хориҷии Эрон ва аз эътибор сокит эълон карда шудани карордоди соли 1919-и Англияю Эронро эълон кард.

Дар баробари Англия ҳукумати Эрон ба ҳамсояи шимолӣ – Русияи Шӯравӣ ҳам аҳамияти калон медод. 26 феврали соли 1921 дар шаҳри Москва байни Русияи Шӯравию Эрон шартнома баста шуд, ки мавкеи байналхалкии Эронро як-дарача баландтар кард. Ин карордод бар хилофи манфиатҳои Англия буд.

**Шӯриш дар Хуросон.** Тобистони соли 1921 дар Хуросон шӯриш ба амал омад, ки он бар зидди империализми Англия ва ашхоси иртиҷопешаи маҳаллӣ нигаронда шуда буд. Норозигии аҳолӣ ба кайфияти ҷузъу томҳои артиш ва пулис низ асар кард. Роҳбарии онҳоро Муҳаммад Тагихон Пасиён ба ӯҳда дошт. Вақте ки тобистони соли 1921 дар Теҳрон ҳукумати Қавам ташкил ёфт, Муҳаммад Тагихон аз иҷрои фармонҳои ӯ сар тофт, чунки ба ақидаи ӯ Қавам шахси иртиҷопеша ва ҷосуси хориҷиён аст. Дар Машҳад Кумитаи Миллие таъсис ёфт, ки манфиатҳои буржуазияи миллӣ ва зиёиёнро ифода мекард. Кумитаи Миллӣ ва Муҳаммад Тагихон тақозо карданд, ки Эронро аз зери зулми аҷнабиён озод карда, дар мамлакат ба Маҷлис интихобот гузаронда, инчунин озодиҳои демократӣ ба амал бароварда шаванд. Баъд аз Машҳад бар зидди ҳукумати Қавам дар минтақаи Хуросон ҳам ҳаракати ҷамъиятӣ вусъат ёфт. Кишоварзони ин ҷо аз пардохти андозҳо ва иҷрои ӯҳдадориҳои дигар даст кашида, замин, ҷорво ва захираи озуқаи заминдоронро кашида гирифтанд.

Қавам хонҳои иртиҷоии курдхон Хуросонро, ки дастаҳои мусаллаҳ доштанд, ба муқобили Муҳаммад Тагихон хезонд. Барои пахш кардани шӯриши Хуросон ба он ҷо сарбозони ҳукуматӣ равон карда шуданд. Моҳи октябри соли 1921 Муҳаммад Тагихон дар

задухўрд бо курдҳо дар маҳаллаи Кучана кушта шуд. Бо ҳамин дар Машҳад ҳокимияти Қавам аз нав барқарор гардид.

Бо вуҷуди он ки то охири соли 1921 ҳаракати миллию озодихоҳӣ дар Озарбойҷон, Гелон ва Хуросон пахш карда шуд, англисҳо ва нерўҳои иртиҷоии дохилӣ ҳаракати зиддиимпериалистӣ ва демократиро дар Эрон буғӣ карда натавонистанд.

Моҳи феврали соли 1922 дар Табрез шўриши нав ба амал омад, ки ин дафъа роҳбари он полковники политсия Лоҳутӣ буд. Шўришчиён талаб карданд, ки Ризохон аз ҳокимият дур гардад, истиқлолияти давлатии Эрон мустаҳкам карда, дар мамлакат ислоҳоти демократӣ гузаронда ва ниҳоят маоши жандармҳо пардохта шавад. Вале шўриши Лоҳутӣ ба ноком дучор шуд.

### САВОЛ ВА СУПОРИШ

**1.** Исбот кунед, ки дар оғози давраи муосир Эрон давлати ақибмонда буд. **2.** Оид ба вазъи иқтисодию иҷтимоӣ ва сохти сиёсии Эрони охири Ҷанги якуми ҷаҳонӣ маълумот диҳед. **3.** Баъди ғалабаи Инқилоби Октбяр Русия барои пахн кардани мавқеи худ дар Эрон чӣ корҳо кард? **4.** Дар бораи Эронро ишғол кардани Англия нақл кунед. **5.** Ду сафорати Русияи Шўравӣ ба Эрон дар солҳои 1918 – 1919 бо сардории И. О. Коломийсев чаро ба тақдири фоҷиавӣ анҷом ёфт? **6.** Мўҳтавои қарордоди сулҳи байни Эрон ва Англия аз 9 августи соли 1919-ро баён кунед. Баъди ба имзо расидани қарордоди мазкур мақоми Эрон ҳамчун давлати мустақил чӣ шуд? **7.** Дар бораи болоравии ҳаракати миллию озодихоҳии халқи Эрон баъди ба имзо расидани қарордоди соли 1919 бо Англия далелҳо биёред. **8.** Дар бораи ҳаракати демократӣ ва озодихоҳӣ дар Гелон чиҳо медонед? **9.** Кай дар Теҳрон бо роҳбарии Ризохон табаддулоти давлатӣ ба амал омад? **10.** Оё созишномаи дўстӣ ва ҳамкорӣ бо Русияи Шўравӣ аз соли 1921 ба Эрон ягон фоида дошт? **11.** Қавам ва Муҳаммад Тағихон кӣ буданд? **12.** Дар бораи шўриш дар Хуросон нақл кунед. **13.** Аз мавзўъ хулоса бароред.

## § 23. ЭРОН ДАР СОЛҲОИ 1922 – 1939

**Ба иқтисоди Эрон сар даровардани ИМА.** Аз шикасти нақшаи Англия дар бораи ба зери асорати пурраи худ даровардани Эрон истифода бурда, ИМА ният дошт, ки нефти Эронро кашида гирад. Ҳукумати Қавам охири соли 1921 ва соли 1923 ба ширкатҳои америкавӣ барои истеҳсоли нефти Эрони Шимолӣ иҷозатнома дод, вале он дар натиҷаи эътирози Иттиҳоди Шўравӣ ва талаби Англия

бекор карда шуд, чунки қаблан чунин қарордод бо Англия ва РСФСР ҳам ба имзо расида буд.

Соли 1922 ба Эрон бо даъвати ҳукумати Қавам дар зери роҳбарии А. Милспо мушовирони молиявии Америка омаданд. Милспо дар асоси қарордоди пешакии ИМА ва Эрон ҳуқуқ дошт, ки молия, аз он ҷумла даромадҳои давлатӣ, андозғункунӣ, мураттаб сохтани буҷаи давлатӣ ва хазинаро ба зери назорати худ бигирад. Тавассути сафорати Милспо ИМА кӯшиш ба харҷ дод, ки барои ба таври васеъ ба Эрон воридшавии сармояи Америка замина тайёр карда, алалхусус ҳуқуқи истеҳсоли нефти Эронро ба даст дарорад. Милспо ҷидду ҷаҳд кард, ки пеши роҳи густариши муносибатҳои Русияи Шӯравию Эронро бигирад. Қавам ҳам дар ҳамин мавқеъ буд. Ӯ ба ҳамин сабаб ба тасвиб расидани созишномаи соли 1921-и Русияи Шӯравию Эронро кашол медод. Дар ин кор Милспо низ "саҳм" мегузошт.

**Сиёсати марказонидани мамлакат.** Буржуазияи Эрон ҷонибдори марказонида шудани ҳокимияти давлатии Эрон буд. Сиёсати марказонида шудани ҳокимияти давлатӣ ва мубориза ба муқобили ҷудоихоҳии хонҳои саркаш ба манфиатҳои ин табақаи ҷамъиятӣ мувофиқат мекард.

Аввали соли 1922 ҷузъу томҳои гуногун, аз он ҷумла казакҳо, сарбозҳо ва жандармҳо ба артиши ягонаи марказонида табдил дода шуданд. Тобеъкунӣ ва халъи силоҳи дастаҳои ашрофони калон, аз он ҷумла хонҳо, оғоз ёфт. Солҳои 1922 – 1923 хонҳои Эрони Шимолӣ ва соли 1923 хонҳои Луристон ба ҳукумати марказии Эрон тобеъ кунонда шуданд.

Ба ҳокимияти марказӣ тобеъ кунондани хонҳо, ҳокимони вилоятҳо, заминдорони калони саркаш ва пахш кардани ҳаракати демократӣ асосан тавассути нерӯҳои ҳарбии зери роҳбарии Ризохон ба иҷро мерасид. Ин иқдом обрӯю эътибори ӯро дар байни заминдорони калон ва буржуазия, ки такягоҳи асосии Ризохон буданд, баланд кард. Ризохонро Иттиҳоди Миллии аввали соли 1922 таъсисёфта, ки аз намояндагони буржуазияи миллӣ, заминдорони калони миллатгаро, зиёиёни пешқадам, косибон ва коргарон иборат буд, дастгирӣ мекард.

Вале, мутаассифона, Ризохон ба ҳокимияти диктаторӣ беш аз пеш майл мекард. Ин буд, ки дар Иттиҳоди Миллӣ ҷудоӣ ба амал омад. Қисмати ростгарои Иттиҳоди Миллӣ ва заминдорони калон ба Ризохон бештар наздик шуда, ҳизби "Таҷаддуд"-ро таъсис дод. Қисмати чапгарои Иттиҳоди Миллӣ, ки манфиатҳои табақаю нерӯҳои демократиро ифода менамуд, бар зидди кӯшишҳои диктатории Ризохон баромад кард.

**Барҳам хӯрдани ҳукмронии сулолаи Коҷорҳо дар Эрон.** Моҳи октябри соли 1923 Ризохон нахуствазир таъйин карда шуд. Дар интихобот ба Маҷлиси Панҷум, ки дар зери фишори артиш ва политсия доир гардид, теъдоди зиёди ҷонибдорони Ризохон интихоб гардиданд. Бо мақсади беобрӯй кардани мақоми сулолаи Коҷорҳо Ризохон кӯшиш ба харҷ медод, ки ҳаракати охири соли 1923 вусъатёфтаи ҷумҳуриятхоҳонро истифода барад. Вале баъди ба ҳаракати оммавӣ табдил ёфтани он тарсида, бар зидди ҷумҳуриятхоҳон зӯровариро кор фармуд.

Моҳи феврали соли 1925 Маҷлис дар зери фишори нерӯҳои ҳарбӣ Ризохонро бо ваколатҳои номаҳдуд сарфармондеҳи олӣ таъйин намуд. 31 октябри соли 1925 Маҷлис дар бораи барҳам додани ҳокимияти сулолаи Коҷорҳо ва муваққатан ба Ризохон дода шудани ҳокимияти шоҳии Эрон қарор қабул кард. 12 декабри соли 1925 Маҷлиси Муассисони аз ҷумлаи ҷонибдорони нахуствазир интихобшуда Ризохонро бо номи "Ризошоҳи Паҳлавӣ" шоҳи меросии Эрон эълон намуд.

**Болоравии иқтисодиёти Эрон.** Сарфи назар аз он ки дар деҳоти Эрон ҳанӯз ҳам муносибатҳои кишоварзӣ – мулкии бобоӣ ҳукмрон буданд, дар шаҳрҳо охиста-охиста муносибатҳои сармоядории саноатӣ ба вуҷуд меомаданд. Дар Эрони Шимолӣ хоҷагиҳои калони кишоварзӣ пайдо шуданд, ки меҳнати кироярo истифода мебурданд. Бо вуҷуди ин, чунин хоҷагиҳо бо маънии том сармоядорӣ набуданд.

Солҳои 20-ум давлат чораҳое андешид, то ки дар Эрон нуфузи мамлакатҳои империалистиро маҳдуд ва истиқлолияти давлатии Эронро мустаҳкамтар кунад. Созишномаи соли 1927 бо ИҶШС ба имзорасидаи баробарҳуқуқи Эрон аз ҷумлаи чунин чораҳо буд. Соли 1928 ба Эрон муяссар шуд, ки тартиботи таслимро нисбати худ барҳам диҳад.

Ҳамин тариқ, Эрон бо роҳи истиқлолият пеш мерафт. Соли 1928 Банки Миллии Эрон таъсис дода шуд, ки он ҳуқуқи ҷопи арзи миллиро аз Банки Шоҳаншоҳии Англия кашида гирифт. Чандин қонуну қарорҳои дигар ҳам қабул карда шуданд, ки истиқлолияти сиёсӣ ва иқтисодии Эронро таъмин намуданд.

Сиёсати пуштибонии давлат барои рушди саноати миллӣ замина гузошт. Дар баробари корхонаҳои хусусӣ корхонаҳои давлатӣ ҳам сохта шуданд. Дар натиҷаи ин хусусан, саноати бофандагӣ ва коркарди аввалияи ашёи хом тараққӣ кард. То соли 1940 дар Эрон 25 фабрикаи бофандагӣ, 8 корхонаи мохутбофӣ, коркади тамоку, чармгарӣ, 8 заводи қанд, кир (семент), глитсерин, даҳҳо осиёбҳо, фабрикаҳои шоҳию пахтатозакунӣ ва ғайра кор мекарданд. Дар кӯҳҳои Элбрус ангиштсанг истеҳсол карда мешуд. Дар байни солҳои 1928 – 1933 Шоҳроҳи Оҳани Эрон ва роҳҳои нақлиётгарди дарозии умумиашон 20 ҳазор км сохта шуданд, ки Теҳронро ба вилоятҳои мамлакат мепайвастанд.

**Сиёсати хориҷии Эрон дар солҳои 30-юм.** Соли 1933 бо ширкати нефти Англияю Эрон қарордоди нав ба имзо расонда шуд. Ба ивази ба хазинаи Эрон як қадар зиёд кардани пардохти маблағ мӯҳлати иҷораи истеҳсоли нефти Эрон то соли 1993 тамдид карда шуд. Мисли пештара ҳуқуқ ва имтиёзҳои истифодаи нефти Эрон дар ихтиёри Англия мондан гирифт.

Солҳои 30-юм Ризошоҳ робитаи Эронро бо ИҶШС маҳдуд карда, баъд нисбат ба ин давлат мавқеи душманонаро ишғол намуд ва соли 1938 аз бастани созишномаи нави тиҷоратӣ бо ИҶШС даст кашид. Дар арафаи Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ Эрон бо Германияи фашистӣ наздик шуд. Германия ният дошт, ки қаламрави Эронро ба такягоҳи ҳарбии худ табдил дода, нақшаҳои истилогаронаи худро дар амал татбиқ намояд.

Дар арафаи Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ дар тиҷорати хориҷии Эрон саҳми Германия 40 – 45 фоизро ташкил мекард. Германия ба Эрон ворид кардани таҷҳизоти роҳи оҳан ва саноатиро инҳисор карда буд. Мутахассисони германиявӣ дар Эрон барои самолётҳои Германия фурудгоҳҳо месохтанд, ба ин ҷо лавозимоти ҳарбӣ меоварданд, заводҳои ҳарбӣ ва корхонаю муассисаҳои дигарро ба зери назорати худ медароварданд.

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

**1.** Чаро иҷозатномаҳои солҳои 1921 ва 1923-и ба ширкатҳои нефти америкавӣ додаи Эрон бекор карда шуданд? **2.** Соли 1922 мушовирони америкавӣ бо кадом мақсад ба Эрон омаданд? Сардори онҳо кӣ буд? **3.** Сиёсати марказонидани Эрон чӣ тавр татбиқ карда шуд? **4.** Чаро Иттиҳоди Миллӣ Ризохонро дастгирӣ мекард? **5.** Сулолаи шоҳҳои эронии Коҷорҳо кай барҳам дода шуд? **6.** Ризохон аз тарафи Маҷлиси Муассисон кай ва бо кадом тахаллус шоҳи меросии Эрон эълон карда шуд? **7.** Дар бораи болоравии иқтисодии Эрон дар солҳои 20-ум ва 30-юм далелҳо биёред. **8.** Сиёсати пуштибонӣ ба иқтисодиёти Эрон чӣ дод? **9.** Кадом соҳаҳои саноати Эрони солҳои 20-ум ва 30-юмро медонед? **10.** Дар бораи сиёсати хориҷии Эрони арафаи Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ чӣ фикру андеша доред? **11.** Аз мавзӯъ хулоса бароред.

# § 24. ИНҚИЛОБИ МИЛЛИЮ ДЕМОКРАТИИ СОЛҲОИ 1918 – 1923 ДАР ТУРКИЯ

**Созишномаи Мудрос.** Моҳи март ва то тобистони соли 1918 нерӯҳои ҳарбии Туркия Гурҷистони Ҷанубӣ, қисми зиёди Арманистони Шарқӣ ва Озарбойҷонро ишғол намуданд. Вале бӯҳрони сиёсии дар

Туркия пухтарасида оҳиста-оҳиста артишро ҳам фаро гирифт. Истилогарон ба муқовимати шадиди мардуми Қафқоз дучор шуданд. Аз ин рӯ, дар ин минтақа давом додани таҷовузи Туркия номумкин гардид. Аз ҳамин сабаб Туркия ба баровардани нерӯҳои ҳарбии худ аз Қафқоз сар кард.

Дар Қафқоз шикаст хӯрда, Туркия минбаъд пеши роҳи ҳуҷуми нерӯҳои ҳарбии Антантаро дар Байнаннаҳрайн, Фаластин ва Сурия гирифта натавонист. 30 октябри соли 1918 империяи Усмониҳо таслим шуда, бо мамлакатҳои Антанта Созишномаи сулҳи Мудросро ба имзо расонд (Мудрос номи бандарест дар ҷазираи Лемном. Шарҳи Т. Зиёев). Ин созишнома барои Туркия ниҳоят вазнин буд. Давлатҳои Антанта ба пора-пора кардани империяи Усмониён ва аз худ намудани мулкҳои арабии он қонеъ накарда, ҳуқуқ пайдо намуданд, ки ҳар куҷои Туркияро, ки хоҳанд, забт кардан гиранд. Артиши Туркия пароканда гардид, лавозимоти дигари ҳарбии дар Туркиябуда ба нерӯҳои ҳарбии Антанта дода шуд. Антанта ба ҳукумати Туркия баъди баста шудани Созишномаи сулҳи Мудрос назорат ҷорӣ кард. Баъди ин ҳамчун давлати соҳибистиқлол боқӣ мондани Туркия ба зери шубҳа монд.

**Таҷовузи ҳарбии хориҷӣ ба Туркия.** Баъди ба имзо расидани Созишномаи сулҳи Мудрос Султон Маҳмуди VI Воҳидиддин ва ҳукумати ӯ дар амал ба лӯхтак табдил ёфтанд. Давлатҳои Антанта ба Туркия қувваи ҳарбӣ даровარданд, то ки онро истило карда, ба мустамликаи худ табдил бидиҳанд. Англия ҷанубу шарқии Анатолия ва бо ҳамроҳии Фаронса Фракияи Шарқию гулӯгоҳҳои Баҳри Сиёҳро ишғол намуд. Дастаҳои мусаллаҳи ватандӯсти Туркия то метавонистанд, бар зидди истилогарон муқовимат нишон медоданд.

Таҷовузи хориҷӣ ва оғози дар байни мамлакатҳои империалистӣ тақсим кардани Туркия ҳисси ватанпарварии буржуазияи миллӣ, зиёиён ва ҳарбиёнро бедор кард. Онҳо ба ташкил додани созмонҳои худ шурӯъ намуданд. Дар сар то сари мамлакат бахшҳои "Ҷамъияти ҳифзи ҳуқуқи миллати турк" таъсис ёфтанд. Дар байни буржуазияи миллӣ генерал Мустафо Камол ба мақому мартабаи калон соҳиб буд. Ин вақт ӯ ба муборизаи миллию озодихоҳии халқи турк бар зидди истилогарон роҳбарӣ мекард. Аз рӯи номи ин шахс мубориазони миллатчиёни буржуазию инқилобии Туркияро "камолчиён" меномиданд.

**Оғози муборизаи зиддиимпериалистӣ.** Таҷовузкорон ҳамдигарро дастгирӣ мекарданд. Юнон аз дастгирии Англия, Фаронса ва ИМА рӯҳбаланд гардида, 15 июни соли 1919 қувваҳои ҳарбии худро ба Измир фаровард, то ки яке аз навоҳии тараққикардатарини Туркия – Анатолияи Ғарбиро ишғол намояд. Дар якчанд маҳалҳои соҳилҳои Баҳри Миёназамин қувваҳои ҳарбии Италия ва Фаронса фаромада, қаламрави истилои Туркияро дар ҷанубу шарқии мамлакат васеъ карданд.

Измирро ишғол кардани Юнон, аз тарафи Антанта ишғол карда шудани навоҳии нав ва хатари тақсим кардани Туркия мавҷи ҳаракати зиддиимпериалистии халқи ин мамлкатро ба вуҷуд овард. Дар Истамбул ва шаҳрҳои дигари Туркия гирдиҳамоию намоишҳои эътирозӣ ба амал омаданд. Дар баъзе ҷойҳо дастаҳои мусаллаҳи чирикӣ ташкил меёфтанд.

Маркази оммавии ҳаракати муқовиматнишондиҳӣ Анатолияи Шаркӣ буд. Дар он ҷо Мустафо Камол бо ҷуръату илҳоми баландҳи ватандӯстона фаъолият дошт, то ки ҷамоаҳои парокандаи ҳифзи ҳуқуқи туркро муттаҳид созад. Моҳҳои август – сентябри соли 1919 анҷуманҳои ин созмонҳо дар Эрзурум ва Сивас зери роҳбарии Мустафо Камол маркази роҳбарии умумитуркӣ – Кумитаи намояндагии ҷамъиятҳои ҳифзи ҳуқуқро таъсис доданд. Кумитаи намояндагии ҷамъиятҳои ҳифзи ҳуқуқ дар амал ҳукумате буд, ки дар муқобили ҳукумати султон меистод. Султон бошад, қариб пурра тобеи мамлакатҳои империалистӣ гардида, аслан дар мубориздаи миллию озодихоҳии халқи турк саҳм намегирифт. Маҳз танҳо Кумитаи намояндагони ҷамоатҳои ҳифзи ҳуқуқ ба мубориздаи миллию озодихоҳии халқи турк роҳбарӣ мекард.

Дере нагузашта ҳаракати таъсисдодаи Мустафо Камол чунон пурзӯр шуд, ки онро ҳам истилогарон ва ҳам султон эътироф мекардагӣ шуданд. Камолчиён барои муросо кардан тайёр буданд. Бинобар ин охирҳои соли 1919 бо ИМА, Фаронса ва вазирҳои ҳукумати султон гуфтушунид карданд.

Ҳукумати султонии Туркия ба бӯҳрони сиёсӣ гирифтор шуда буд. Аз ин рӯ, охири соли 1919 ба палатаи поёнии Маҷлиси мамлакат интихобот доир кард. Дар интихобот иттиҳоди миллатгароён ва иттифоқчиёни онҳо ғалаба карданд. Моҳи январи соли 1920 дар Истамбул Палатаи Намояндагон ба кор шурӯъ намуда, "Эъломияи Миллӣ"-ро қабул кард, ки дар он тақозои камолчиён дар бораи дар ҳайати Анатолия, Фракияи Шаркӣ ва минтақаи гулӯгоҳҳо таъсис додани давлати миллии Туркия фикр баён шуда буд. Палатаи Намояндагон дар ин ҷо назорати хориҷиро мамнӯъ эълон кард.



Мусо Камол Отатурк

Ҳукуматдорони Англия фаъолияти вакилонро хилофи манфиатҳои худ ҳисобида, 16 марти соли 1920 ишғоли Истанбулро эълон карданд, ҳол он ки қувваҳои ҳарбии Антанта онро ҳанӯз моҳи ноябри соли 1918 ишғол карда буданд. Бо ҷидду ҷаҳди ҳукумати султонӣ ва давлатҳои Антанта Палатаи Намояндагон пароканда ва вакилони зиёди он ҳабс карда шуданд. Ҷавобан ба ин кирдори истилогарон ва ҳукумати султонӣ Мустафо Камол ба вакилони халқи дар маҳбаснабуда пешниҳод кард, ки барои иштирок дар Маҷлиси Бузурги Миллии Туркия (МБМТ) ба шаҳри Анқара ҳозир шаванд.

**Болоравии муборизаи озодихоҳонаи халқи турк.** 23 апрели соли 1920 дар шаҳри Анқара Маҷлиси Муассисони намояндагони буржуазияи миллӣ, заминдорон, зиёиён ва рӯҳониён баргузор гардид. Маҷлиси Бузурги Миллии Туркия барои садоқат ба халқу ватан савганд ёд кард. Дар ин ҷо Мустафо Камол расман роҳбари МБМТ интихоб шуд. 3 марти соли 1920 Ҳукумати Туркия таъсис дода шуд, ки ба он ҳам Мустафо Камол роҳбарӣ мекард. Бо ҳамин дар мамлакат дуҳокимиятӣ ба амал омад – ҳукумати султонӣ ва ҳукумати Камол.

Ҳукумати Анқара ба таъсис додани артиши худ шурӯъ кард, ки асоси онро боқимондаҳои артиши султонии ба тарафи камолчиён гузашта ташкил менамуд. Ин артиш дар аввал аз ӯҳдаи муборизаи рӯирост бар зидди истилогарон баромада наметавонист. Аз ин рӯ, шакли асосии муборизаи он ҳаракати чирикӣ буд, ки то ин вақт шуморааш боз ҳам зиёдтар шуда, қаламрави фаъолияташ густариш ёфта буд.

Ин вақт иттифоқчиён нишондодҳои Созишномаи сулҳи Севр (воқеъ дар наздикии шаҳри Париж)-ро иҷро мекарданд. Аз ин созишнома аз ҳама зиёдтар Англия фоида мебардошт. Ба Созишномаи сулҳи Севр ҳукумати султонии Туркия 10 августи соли 1920 имзо гузошт. Мувофиқи ин созишнома қисми зиёди Туркия бояд дар байни Англия, Фаронса, Италия ва Юнон тақсим карда мешуд. Шимолу шарқии Туркия ба Арманистон мегузашт. Таҳти пуштибонии Англия давлати Курд таъсис меёфт. Дар ин ҳолат Туркия ҳамчун давлат аз байн мерафт.

Камолчиён ба муқобили истилогарони хориҷӣ танҳо мубориза мебурданд. Онҳо 20 январи соли 1921 Конститутсияи муваққатии Туркияро қабул карданд. Ин конститутсия Маҷлиси Бузурги Миллии Туркияро ҳокимияти олии мамлакат эълон кард.

**Шикасти таҷовузи Англияю Юнон ба Туркия.** Баҳори соли 1921 қувваҳои ҳарбии Юнон ва Антанта яроқу аслиҳаи ҳозирзамон гирифта, дар самти Анатолияи Марказӣ ва Анқара ба ҳуҷуми густурда шурӯъ намуданд. Баъди муҳорибаҳои шадид 2 сентябри соли 1921 ба нерӯҳои камолчиён муяссар гардид, ки нерӯҳои душманро аз пешравӣ боздоранд. Вале ин замон дар байни давлатҳои Антанта мухолифатҳо

ба вуҷуд омаданд. Фаронса дар Киликия амалиётҳои ҳарбиро қатъ карда, 20 октябри соли 1921 дар шаҳри Анқара бо ҳукумати МБМТ созишномаи оташбас ба имзо расонд. Италия бошад, нерӯҳои худро аз Осиёи Хурд кӯчонд. Ҳар дуи ин давлатҳо бо Туркия муносибатҳои тиҷоратии худро аз нав ба роҳ монданд. Дар муқобили Туркия танҳо Англия монд. Юнон то миёнаҳои соли 1922 бар зидди Туркия ягон хел амалиётҳои ҳарбӣ намебурд.

Камолчиён ба ҳуҷуми ҷавобӣ ҳаматарафа тайёрӣ дида, 26 августи соли 1922 бар зидди Юнон амалиётҳои ҳарбиро оғоз намуданд ва баъди якчанд муҳорибаи зафарманд моҳи сентябр онро аз қаламрави Анатолия пеш карданд. Моҳи октябри соли 1922 давлатҳои Антанта ва Юнон дар шаҳри Мудания созишномаи бо Туркия хотима бахшидани ҷангро ба имзо расонданд. Ҳамин тариқ, ҷанги озодихоҳонаи халқи турк бо ғалабаи пурраи вай анҷом пазируфт.

**Бархам дода шудани сохти султонӣ дар Туркия.** Ҳарчанд ҳукумати МБМТ аллакай на танҳо дар дохили Туркия, балки дар хориҷи кишвар низ эътироф гардида буд, дар Истамбул ҳокимияти султонӣ вуҷуд дошт, ки воқеан ба манфиати Антанта фаъолият мекард. Барои ба имзо расидани созишномаи ниҳоии сулҳ бо Туркия мамлакатҳои Антанта конференсияи байналхалқӣ даъват намуданд. Ба ин конференсия дар қатори ҳукумати МБМТ ҳукумати султонӣ низ даъват карда шуд. Ин воқеа камолчиёнро водор намуд, ки тақдири ҳукумати султониро ба вақти дигар мавқуф нагузоранд. 1 ноябри соли 1922 МБМТ ҳукумати султониро бархам дода, хилофати Туркияро нигоҳ дошт. Султони охирини Туркия Мехмети VI Воҳидиддин дар киштии англисӣ ба ҷазираи Малта фирор кард. 18 ноябр МБМТ дар бораи аз мансабҳои султон ва халифаи Туркия маҳрум кардани Мехмети VI Воҳидиддин қарор қабул кард. Халифаи Туркия шоҳзода Абдул Маҷид интихоб карда шуд.

1 апрели соли 1923 МБМТ худро пароканда ва интихоботи парлламенти Туркияро эълон кард. Худи ҳамон моҳ дар зери роҳбарии Мустафо Камол Ҳизби Халқии Туркия таъсис ёфт. Ин ҳизб дар интихоботи парламенти соли 1923 пурра ғалаба кард. 29 октябри соли 1923 парламенти Туркия барои мамлакатро Ҷумҳурии Туркия эълон намудан қарор қабул кард. Президенти аввалини Туркия Мустафо Камол интихоб шуд. Ин шахс дар мамлакат аллакай обрӯи беандоза калон дошт.

Ҳамин тариқ, инқилоби миллию буржуазии Туркия, ки инқилоби камолчиён ҳам ном дошт, бо ташкили Ҷумҳурии Туркия анҷом пазируфт. Ин инқилоб сохти мутлақияти рӯҳонии мамлакатро барҳам дода, истиқлолияти сиёсии Туркияро аз нав барқарор намуд.

**Созишномаи сулҳи Лозанна.** Гуфтушунид дар байни давлатҳои аъзои Антанта ва Туркия 20 ноябри соли 1922 дар Лозаннаи Швейсария оғоз ёфта, 24 июли соли 1923 созишномаи сулҳ ба имзо расид.

Мувофиқи Созишномаи сулҳи Лозанна давлатҳои Антанта истиқлолияти Туркияро дар ҳудудҳои Фракияи Шарқӣ, Осиёи Хурд, паҳнкӯҳи ғарбии Арман ва қисмати шимолии дашти Сурияю Байнаннаҳрайн эътироф карданд. Созишномаи сулҳи Лозанна инчунин таслими Туркияро, ки дар қарордодҳои гуногуни бо ин давлат ба имзорасида инъикос гардида буд, бекор кард. Ҳукумати Анқара дар баъзе масъалаҳо, аз он ҷумла дар масъалаи оид ба қарзи хориҷии Туркия, иҷора, нархномаҳои гумрукӣ ва баҳсҳои гуногуни марбут ба қаламрави Туркия, масалан, оид ба масъалаи минтақаи гулӯгоҳҳои Баҳри Сиёҳ ба давлатҳои Антанта гузашт кард.

Созишномаи сулҳи Лозанна ҳамчун санади байналхалқӣ дар эътирофи давлати нави соҳибистиқлоли миллии Туркия, ки дар натиҷаи муборизаи озодихоҳонаи халқи турк тавлид ёфтааст, дорои аҳамияти бузурги таърихӣ мебошад.

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

**1.** Мӯҳтавои Созишномаи сулҳи Мудросро баён кунед. **2.** Чаро мамлакатҳои аъзои Антанта ба Туркия таҷовуз ташкил намуданд? **3.** Дар бораи "Ҷамъияти ҳифзи ҳуқуқи миллати турк" чӣ медонед? **4.** Муборизаи миллию озодихоҳонаи халқи турк бар зидди истилогарони хориҷӣ кай ва чӣ тавр оғоз ёфт? **5.** Мустафо Камол дар Анатолия ба кадом иқдом даст зад? **6.** Оё ҳукумати ташкилкардаи Кумитаи намояндагии ҷамъиятҳои ҳифзи ҳуқуқ ягон обрӯи дохилӣ ва хориҷӣ дошт? **7.** Дар бораи интихобот ба Палатаи Намояндагон ва "Эъломияи Миллӣ"-и қабулкардаи он маълумот диҳед. **8.** Дар бораи болоравии ҳаракати миллию озодихоҳонаи халқи турк бар зидди истилогарони хориҷӣ далелҳо биёред. **9.** Ҳукумати Анқара чӣ тавр артиш ташкил кард? **10.** Дар бораи шартҳои созишномаи Севр чиҳо медонед? **11.** Таҷовузи Антанта бар зидди Туркия кай ва чӣ тавр шикаст хӯрд? **12.** Сохти султонии Туркия кай барҳам дода шуд? **13.** Туркия кай ҷумҳурӣ эълон карда шуд? **14.** Созишномаи сулҳи Лозанна ба Туркия чӣ дод? **15.** Аз мавзӯъ хулоса бароред.

## § 25. ҶУМҲУРИИ ТУРКИЯ ДАР СОЛҲОИ 1923 – 1939

**Сиёсати иқтисодии камолчиён.** Туркия дар марҳалаи мубориза барои истиқлолият дар қатори мамлакатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ сусттараққикардаи ҷаҳон қарор гирифта буд. Иқтисодиёти моҳиятан кишоварзӣ, ниммустамликавӣ ва ба сармояи хориҷӣ тобеъ дошт. Туркияро ширкатҳои пурзӯри ҷаҳон аз соли 1911 сар карда бетанаффус ғорат мекарданд.

Баъди ба истиқлолияти давлатӣ ноил шудани Туркия, ғалабаи инқилоби миллию буржуазӣ ва эълон карда шудани Ҷумҳурии Туркия камолчиён барои истиқлолияти иқтисодии мамлакат як қатор чорабиниҳоро амалӣ карданд. Ҳукумат корхонаҳои саноатӣ ва роҳҳои оҳани хориҷиёнро харида гирифт, инҳисори тамокуи хориҷиёнро миллӣ кард, ҳуқуқи мутлақи сикка задан ва ба муомилот баровардани арзҳои коғазиро ба даст гирифт. Барои ин кор Банки Марказии Туркия таъсис дода шуд. Таркиби асосии сиёсати иқтисодии ҳукумат этатизм-яъне маблағгузории давлатӣ ба саноат ва нақлиёти роҳи оҳан буд. Минбаъд этатизм дар соҳаҳои дигари иқтисоди Туркия низ ҷорӣ карда шуд. Дар баробари маблағгузории давлатӣ ташаббуси хусусии соҳибкорони турк низ дастгирӣ карда мешуд.

Этатизм ҳамчун шакли сармоядории давлатӣ дар Туркия аҳамияти мусбат дошта, дар он марҳала таъсири сармояи хориҷиро дар мамлакат маҳдуд мекард.

Сиёсати иқтисодии ҳукумати Мустафо Камол то як дараҷа нерӯҳои истеҳсолкунандаи мамлакатро тараққӣ дод, вале барои тараққиёти ҳаматарафа ва босуръати хоҷагии халқи мамлакат заминаи устувор ба вуҷуд оварда натавонист. Махсусан соҳаи кишоварзӣ суст пеш мерафт, чунки замин мисли пештара дар дасти заминдорони калон буд. Ин соҳаи иқтисоди Туркия ҳанӯз дар зинаи муносибатҳои тосармоядорӣ қарор дошт, ҳатто хоҷагиҳои натуралӣ ва чоряккорӣ ҳам мавҷуд буданд.

Дар солҳои 20-ум ва 30-юм дар Туркия корхонаҳои аввалини саноати хӯрокворӣ ва саноати сабук сохта шуданд. Масъалаи нақлиёт дар Туркия хеле ҷиддӣ буд. Аз ин рӯ, ҳукумат барои беҳтар кардани ин соҳа чораҳои зарурӣ меандешид. Савдои хориҷии Туркия хоси мамлакатҳои сусттараққикарда буд, яъне ба хориҷа асосан ашёи хом ва маҳсулоти аз коркарди аввалия гузашта баровардa мешуд.

**Ислоҳоти давлатӣ дар Туркия.** Барои Туркияи ҷумҳуриявӣ ислоҳот дар сохтори идораи давлатӣ, қонунгузорӣ, маданият ва тарзи зиндагонии мардум хеле муҳим буд.

Силсилаи чорабиниҳои давлатӣ оид ба маориф ба ин соҳа моҳияти дунявӣ доданд. То ин вақт маорифи Туркия асосан моҳияти динӣ дошт. Моҳи марти соли 1924 Хилофати Туркия барҳам дода шуд. Ҳамаи аъзои сулолаи Усмониҳо аз мамлакат пеш карда шуданд. Вазорати дин ва вақф барҳам хӯрд. Рӯҳониҳо аз моликияти хусусии ба онҳо тааллуқдошта маҳрум гардиданд. Ҳамаи мактабҳои исломӣ баста шуданд. Назорат ба таълимгоҳҳо ба ихтиёри вазорати маориф гузашт. Адолати додгоҳӣ аз ихтиёри рӯҳониён гирифта шуд.

Ислоҳоти маъмурӣ аососан ба вилоятҳо тақсим карда шудани мамлакатро дар бар гирифт. Вилоятҳо бевосита ба марказ тобеъ карда шуданд.

Ислоҳоти солҳои 1923 – 1924 асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Туркияро ташкил кард, ки он 20 апрели соли 1924 қабул карда шуд. Конститутсияи Туркия миллати ягонаи ин давлат туркҳоро ном мебурд. Дар он ақаллиятҳои миллӣ инъикос наёфта буданд.

Солҳои 1925 – 1929 қонунҳои ҷиноӣ ва шаҳрвандие қабул карда шуданд, ки ба қонунҳои европавӣ монанд буданд. Қонуни шаҳрвандӣ бисёрзанагиро манъ карда, дар масъалаи никоҳ ва талоқ ҳуқуқи занонро бо ҳуқуқи мардҳо баробар эълон кард. Тақвим ва сару либоси европавидӯхт ҷорӣ карда шуданд. Духтару занҳои турк фаранҷиро партофтанд. Алифбои лотинӣ алифбои арабиасосро иваз намуд. Соли 1928 аз конститутсия нишондод дар бораи он ки ислом дини давлатӣ аст, бардошта шуд ва бо ҳамин Туркия ба ҷумҳурии дунявӣ мубаддал гардид.

Ислоҳоти баамалбаровардаи Мустафо Қамол (аз соли 1924 ба ин ному насаби ӯ тахаллуси "Отатурк" ҳамроҳ гардид) ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ ва иқтисодию иҷтимоии Туркияро ҷоннок кард. Баъди дар Туркия ба амал баровардани сиёсати этатизм ва дар рафти ислоҳот ғояи камолгароӣ (аз номи Камол) пурра ташаккул ёфт, ки онро "отатуркизм" ҳам меноманд. Ин арзиши ғоявӣ дар барномаҳои Ҳизби Халқӣ-Ҷумҳуриятхоҳӣ, ки солҳои 1927 ва 1931 қабул карда шудаанд, инъикос ёфтааст. Принсипҳои асосии ин ғояи Камол Отатурк чунин эълон карда шуданд: 1) "ҷумҳуриятхоҳӣ"; 2) "миллӣ"; 3) "этатизм"; 4) "лаитсизм" (ҷудо будани ислом аз корҳои давлатӣ ва маориф); 5) "ягонагии халқи турк"; 6) "инқилобӣ" (садоқат ба ғояҳо ва ислоҳоти Камол).

Моҳи октябри соли 1923 пойтахти Туркия аз Истанбул ба Анқара кӯчонда шуд.

**Бӯҳрони иқтисодии солҳои 1929 – 1933 дар Туркия.** Бӯҳрони иқтисодии ҷаҳонии солҳои 1929 – 1933 ба иқтисоди Туркия зарбаи сахт зад, вале зарбаи он ба Туркия нисбат ба дигар давлатҳои сармоядорӣ камтар буд. Сиёсати этатизм имконият дод, ки солҳои бӯҳрон истеҳсолот танзим карда шавад. Мувофиқи сиёсати этатизми Камол Отатурк ҳиссаи (сектори) давлатӣ дар иқтисодиёти Туркия хеле бузург буд. Сабаби дигари ин таъсир ба хусусиятҳои кишоварзии Туркия вобастагӣ дошт. Туркия ба хориҷа бештар маҳсулоти зироатҳои техникӣ, мевагӣ, полизӣ, аз он ҷумла тамоку, меваи хушк ва ҷормағз мебаровард. Дар солҳои бӯҳрони иқтисодӣ дар бозорҳои ҷаҳонӣ нархи ин маҳсулот нисбат ба маҳсулоти ғалладона ё пахта камтар поён фаромад. Ҳукумат ҳам аз ҷониби худ барои паст кардани таъсири манфии бӯҳрон чораҳо меандешид. Масалан, кам кардани воридот ва зиёд кардани содиротро ҳарҷониба дастгирӣ мекард. Истеҳсолкунандагони дохилӣ аз ин гуна чораҳо аз он сабаб ҳавасманд

мегардиданд, ки маҳсулоти истеҳсолкардаи онҳо дар дохили мамлакат харидор меёфт. Ба ҳукумати Туркия муяссар гардид, ки дар солҳои бӯҳрони иқтисодӣ ҳам қурби арзи миллӣ – *лира*ро устувор нигоҳ дорад. Ин буд, ки Туркия аз бӯҳрони иқтисодӣ тезтар баромад.

Барои бехтар кардани вазъи ичтимоии мардум ҳукумат чораҳои таъсирбахши дигар ҳам меандешид. Соли 1936 дар таърихи Туркия аввалин маротиба қонун дар бораи меҳнат қабул карда шуд, ки дар он ҷорӣ кардани рӯзи кории 8-соата, рӯзи истироҳат ва рухсатии меҳнатии ҳарсолаи пулакӣ инъикос гардидааст. Дар баробари ин қонуни мазкур корпартоиро манъ эълон кардааст.

Вале дар солҳои бӯҳрони иқтисодӣ тамоми Туркия ором набуд. Соли 1930 курдҳои Туркия шӯриш бардоштанд. Шӯришчиёни курд аз созмонҳои курдии Сурия, Ироқ ва Эрон ёрӣ мегирифтанд. Ҳукумат ба навоҳии шӯришгирифта – Игдир, Боязит ва Ван қувваи ҳарбӣ равон кард. Соли 1932 манбаъҳои охирини ин шӯриш аз байн бурда шуданд. 34 нафар роҳбарони шӯриши курдҳо бо қарори додгоҳ ба қатл расонда шуданд.

**Муносибати камолчиён бо оппозитсия.** Соли 1938 Камол Отатурк вафот кард. Президенти нави Туркия Исмет Инёню интихоб шуд. Дар солҳои 30-юм бар зидди ҳукмронии камолчиён оппозитсия ташаккул ёфт. Ҳанӯз ҳангоми дар қайди ҳаёт будани Камол Отатурк муносибатҳо дар байни тарафҳои мухолиф то як дараҷа тезу тунд шуда буданд. Баъди ба сари ҳокимият омадани Исмет Инёню оштишавии нерӯҳои ҳукмрон бо оппозитсия ва наздикшавии камолчиён бо рақибони деринаи худ ба амал омад. Ин иқдоми мусбат имконият фароҳам овард, ки роҳбарони оппозитсия аз муҳоҷират ба ватан баргарданд. Дар шароити оштӣ будани ҳукумат бо оппозитсия буржуазияи миллӣ бо буржуазияи миёнарав, ки онро дар байни сармоядорони дохилӣ ва хориҷӣ (мустамликадор) компрадор ҳам меноманд, ҳамкорӣ вуҷуд дошт, чунки ҳам ин ва ҳам он бо инҳисорҳои хориҷӣ робитаи ногусастанӣ доштанд. Ин ҳолати буржуазияи миллӣ ба он далолат мекард, ки доираҳои ҳукмрони Туркия ба давлатҳои империалистӣ наздик шаванд. Ба давлатҳои империалистӣ наздикшавии Туркия дар солҳои 30-юм беш аз пеш ба назар мерасид. Ин сиёсатро оппозитсия ҳам дастгирӣ мекард.

**Сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Туркия.** Ҳукуматдорони Ҷумҳурии Туркия умед доштанд, ки баъди ба созишномаи Лозанна имзо гузоштан мамлакатҳои бузург бо Туркия муносибатҳои баробарҳуқуқро ба роҳ мемонанд. Вале ин тавр нашуд. Онҳо тасдиқ кардани санадҳои Лозаннаро кашол медоданд, то ки ҳукумати Туркия ба онҳо гузашт кунад. Танҳо соли 1924 созишномаи Лозанна бо ҳамаи замимаҳояш ба маҷрои иҷроиш даромад. Лекин баъди ин

ҳам Англия ва Фаронса нисбат ба Туркия ҳисси эҳтиром надоштанд. Англия дар Туркия нерӯҳои иртиҷоиро дастгирӣ мекард. Фаронса тавонист, ки қарзҳои султонии Усмониёнро ба гардани Ҷумҳурии Туркия бор кунад. Фашистони Италия бошанд, даъво мекарданд, ки Анатолияи нопайдоканор ба ёрии маданӣ ва мустамликадории онҳо эҳтиёҷ дорад.

Моҳи майи соли 1930 Германия бо Туркия қарордоди тиҷоратӣ имзо кард. Дере нагузашта дар тиҷорати хориҷии Туркия ин мамлакат ба ҷои аввал баромад. Дар як вақт Англия ва Фаронса кӯшиш мекарданд, ки таъсири худро ба Туркия пурзӯр намоянд. ИМА ҳам аз соли 1930 сар карда муносибатҳои тиҷоратии худро бо Туркия васеъ кардан гирифт.

Соли 1932 Туркия ба Лигаи Миллатҳо дохил шуд. Дар зери фишори мамлакатҳои империалистӣ соли 1933 Туркия мӯҳлати иҷрои иҷораи Банки Оттоманро тамдид кард. Ин банк дар Туркия силоҳи асосии сармояи Англия ва Фаронса буд. Банки Оттоман, сарфи назар аз мушкилоти зиёд, ба пардохти қарзи хориҷии султон шурӯъ кард. Туркия соли 1934 бо Юнон ва Югославия созишнома баст.

Аз соли 1938 сар карда дар Туркия Германияи фашистӣ ҳам фаъол шуд.

Дар конференсияи байналхалқии моҳҳои июн ва июли соли 1936 оид ба гулӯгоҳҳои Баҳри Сиёҳ дар Монтрёи Швейсария баргузоргардида Туркия ба қабул шудани конвенсияи байналхалқӣ муваффақ шуд. Мувофиқи ин санад назорати байналхалқӣ аз болои гулӯгоҳҳои Баҳри Сиёҳ бекор карда шуд. Туркия ҳуқуқ пайдо кард, ки гулӯгоҳҳои Баҳри Сиёҳро ғайриҳарбӣ эълон кунад. Акнун Туркия ҳам дар замони осоишта ва ҳам дар замони ҷанг муҳофиз ва назоратчии ягонаи ин гулӯгоҳҳо буд.

Баъди ба имзо расидани конвенсияи Монтрё Англия муборизаро барои пайдо намудани нуфуз дар Туркия пурзӯр кард. Бо ин мақсад ба Туркия лавозимоти ҳарбии зиёд дод. Соли 1937 Туркия ба иттифоқномаи Саадобод имзо гузошт, ки он ба таъсиси Антантаи Шарқи Наздики олоти сиёсати империалистии Англия оварда расонд. Бо мақсади ба тарафи худ кашидани Туркия ҳукуматҳои Англия ва Фаронса бо ҳам маслиҳат карда, ба хулоса омаданд, ки Санҷаки Александретро аз Сурия ҷудо карда, ба Туркия диҳанд. Ин Санҷак соли 1939 бо номи вилояти Хатай ба ҳайати Туркия ҳамроҳ карда шуд.

Дар арафаи Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ доираҳои бонуфузи ҳукмрони Туркия ба ҷониби Англия, Фаронса ва ИМА майл доштанд. Дар баробари ин нерӯҳои зиёде ва махсусан ҳарбиёни Туркия ҷонибдори ҳамкорӣ бо Германияи фашистӣ буданд.

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

**1.** Сиёсати иқтисодии камолчиёнро шарҳ диҳед. **2.** Этатизм чист? **3.** Ислоҳоти солҳои 1923 – 1924 кадом соҳаҳои Туркияро фаро гирифт? **4.** Кай пойтахти Туркия аз Истамбул ба Анкара кӯчонда шуд? **5.** Кай Конститутсияи Ҷумҳурии Туркия қабул карда шудааст? **6.** Кадом қонунҳо тарзи зиндагии мардуми Туркияро дар бар гирифтанд? **7.** Принсипҳои асосии идеологияи Камол Отатуркро, ки бо номи "камолизм" машҳур аст, ном бурда, шарҳ диҳед. **8.** Чаро бӯҳрони иқтисодии ҷаҳонии солҳои 1929 – 1933 ба Туркия зарари калон наовард? **9.** Дар бораи шӯриши курдҳо дар Туркия иттилоъ диҳед. **10.** Чаро камолчиён бо оппозитсия оштӣ шуданд? **11.** Дар бораи сиёсати хориҷии Туркия нақл кунед. **12.** Дар бораи мақоми Англия, Фаронса, Германия ва ИМА дар Туркия чӣ гуфта метавонед? **13.** Чаро Англия ва Фаронса Санҷақи Александретро, ки дар ҳайати Сурия буд, гирифта ба Туркия доданд? **14.** Аз мавзӯъ хулоса бароред.

# § 26. АРАБИСТОНИ САУДӢ

**Таъсис ёфтани Арабистони Саудӣ.** Соли 1920 амир Ибни Сауд ном шахс аморати Ваҳҳобиёнро дар Наҷд барпо намудааст. Солҳои 1920 – 1925 бошад, Ибни Сауд қисми Асир ва Ҳиҷозро ба Наҷд ҳамроҳ мекунад. Соли 1927 Ибни Сауд қаламрави давлати худро боз ҳам васеътар кард ва расман ба тахти подшоҳии Арабистони Саудӣ (1927 – 1933) нишаст. Ин давлат номи Арабистони Саудиро соли 1932 гирифтааст.

Арабистони Саудӣ дар нимҷазираи Арабистон давлати ягона набуд. Дар муқобили он Ямани пурқувват ҳам меистод. Ин давлатҳо барои забт кардани қаламрави ҳамдигар борҳо ҷанг кардаанд. Яке аз ин бархӯрдҳо соли 1934 ба амал омад, ки он ба фоидаи Арабистони Саудӣ анҷом ёфт. Дар натиҷаи ин пирӯзӣ Арабистони Саудӣ тавонист, ки тамоми Асир ва қисми Наҷди ҳанӯз ишғол карданашударо ишғол намуда, ба худ ҳамроҳ кунад. Дар ҳудудҳои ҳозираи худ Арабистони Саудӣ аз ҳамин давра вуҷуд дорад.

**Сохти сиёсии Арабистони Саудӣ.** Арабистони Саудӣ давлати динӣ ва тарзи идоракунии он мутлақияти подшоҳӣ мебошад. Сардори давлат ва ҳукумат подшоҳ аст. Вай ҳам сарвари сиёсӣ ва ҳам сарвари рӯҳонӣ (исломӣ)-и мамлакат мебошад. Ислом идеологияи расмии давлатӣ аст. Аз ин рӯ, қонунҳои Арабистони Саудӣ дар асоси шариати исломӣ таҳия карда шудаанд. Подшоҳ ҳокимияти иҷроия ва қонунгузорро дар ихтиёри худ дорад. Дар як вақт нахуствазир сарфармондеҳи нерӯҳои мусаллаҳ ва додхоҳи олии Додгоҳи Олии Арабистони Саудӣ мебошад.


9—К-9371

Ҳукумат аз ҷумлаи аъзои хонадони подшоҳ ташкил карда мешавад. Дар назди подшоҳ Шӯрои маслиҳатӣ вуҷуд дорад. Ин мақом, тавре ки аз номаш ҳам бармеояд, маслиҳатӣ буда, дар мавриди баррасии масъалаҳои гуногуни сиёсати дохилию хориҷӣ ба подшоҳ ягон хел таклифҳо пешниҳод менамояд. Аз тарафи подшоҳ қабул ва ё иҷро намудани пешниҳодоти Шӯрои Маслиҳатӣ шарт нест.

Мансаби подшоҳ аз соли таъсис ёфтани Арабистони Саудӣ меросӣ аст. Дар сурати фавтидани подшоҳ ба ин вазифа яке аз аъзои сулолаи Саудҳо менишинад.

**Вазъи иқтисодии Арабистони Саудӣ.** Нефт асоси иқтисоди Арабистони Саудиро ташкил менамуд. Захираҳои ин сӯзишворӣ дар ин мамлакат ниҳоят зиёд буданд. Дар солҳои 30-юм ҷустуҷӯи нефти Арабистони Саудӣ бо суръат пеш рафт ва дар он ҷо даҳҳо конҳои нефт кашф карда шуданд. Ба ҷустуҷӯ ва истихроҷи нефти Арабистони Саудӣ асосан хориҷиён машғул буданд. Соли 1933 корхонаҳои нефтистеҳсолкунии инҳисории Америка барои ҷустуҷӯ ва истеҳсоли нефт дар қисми зиёди қаламрави мамлакат иҷозатнома (консессия) гирифтанд. Дар Арабистони Саудӣ истеҳсоли саноатии нефт, яъне аз нефт хосил кардани бензин, керосин, солярка, автол, солидол ва ғайраҳо соли 1938 оғоз ёфтааст.

Корхонаи инҳисории Америка "Стандарт ойл Компани оф Калифорния" ба истеҳсоли нефти Арабистони Саудӣ асос гузоштааст. Ин корхонаи инҳисории америкавӣ ба истеҳсоли нефти Арабистони Саудӣ танҳо машғул нашуд. Бо қарордоди дутарафаи Арабистони Саудӣ ва инҳисори номбурда ширкати муштараки "Калифорниа арабиен стандарт ойл компани" таъсис ёфта, дар Арабистони Саудӣ қариб 6–7 сол ба истеҳсоли нефт машғул шуд. Соли 1943 ба истеҳсол ва фурӯши нефти Арабистони Саудӣ ширкати дигар "Арабиен Америкэн ойл компани", ки онро маъмулан дар шакли мухтасар "Арамко" меноманд, машғул шуд. Ин ширкати навташкил қариб 90 фоизи истеҳсоли нефти Арабистони Саудиро дар ихтиёри худ дошт.

Аз ҷиҳати истеҳсоли нефт Арабистони Саудӣ он вақт дар байни давлатҳои ҷаҳон баъди ИМА ҷои дуюмро ишғол мекард. "Арамко" аз истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти нефти ин давлат даромади калон ба даст медаровард. Тахминан 92 фоизи даромади миллии Арабистони Саудӣ аз ҳисоби фурӯши нефт буд.

Ғайр аз нефт, ба миқдори кам ҳам бошад, дар Арабистони Саудӣ тилло, нуқра, оҳан, мис ва маъданҳои дигар низ истеҳсол карда мешуданд.

Дар Арабистони Саудӣ ҳунармандӣ ва косибӣ низ тараққӣ карда буд. Вале коркунони ин соҳа хеле кам буданд. Қариб 75 фоизи аҳолии мамлакат ба кишоварзӣ машғул буд. Он вақт соҳаи асосии кишоварзии

Арабистони Саудӣ чорводорӣ ба шумор мерафт. Дар музофоти Асир ва баъзе минтакаҳои дигари мамлакат гандум, чав, ҷуворимакка, ҷуворӣ, шолӣ, сабзавот, дарахти нахл, кахва, меваҷоти ситрусӣ, анор, анҷир, бодом ва ғайра парвариш карда мешуданд. Як қисми аҳолии соҳилҳои бахр ва дарёҳо ба моҳигирӣ ва ё ҷамъоварии марворид, марҷони сиёҳ ва каҳрабо машғул буд.

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

**1.** Арабистони Саудӣ дар куҷо воқеъ гардидааст? **2.** Дар бораи таъсис ёфтани Арабистони Саудӣ маълумот диҳед. **3.** Сохти сиёсии Арабистонро шарҳ диҳед. **4.** Ҷанги байни Арабистони Саудӣ ва Яман дар соли 1934 чӣ дод? **5.** Бойгарии асосии Арабистони Саудӣ чист? **6.** Дар бораи "Стандарт ойл компани оф Калифорниа" ва "Арабиен Америкэн ойл компани" нақл кунед. **7.** Ибни Сауд дар Арабистони Саудӣ кадом солҳо ҳукмронӣ кардааст? **8.** Дар бораи вазъи кишоварзии Арабистони Саудӣ ҳикоя кунед. **9.** Аз мавзӯъ хулоса бароред.

## § 27. СУРИЯ

**Сурия дар оғози давраи муосир.** Сурия дар тӯли қариб 400 сол дар зери юғи мустамликавии Туркия буда, дар охирҳои Ҷанги якуми ҷаҳонӣ аз тарафи артиши Антанта ишғол карда шуд. Мувофиқи қарордоди Конференсия сулҳи Париж Сурия қаламрави зерваколати Фаронса гардид, ки ин баробар буд ба мустамликаи Фаронса табдил ёфтани он.

Дар давраи истилои Фаронса сохти ҷамъиятии Сурия мулкдорӣ бар замин ва машғулияти асосии аҳолии он кишоварзӣ буд. Заминҳои зиёди барои киштукор қулай дар дасти заминдорони калон буданд. Қисми фаллоҳон дар ихтиёри худ қитъаҳои начандон калони замин доштанд. Қисми дигари фаллоҳон аз сабаби камзаминӣ ба мардикорӣ машғул буданд.

Молҳои арзони истеҳсоли фабрикавии хориҷӣ ба бозорҳои Сурия роҳ ёфта, ба рушди истеҳсолоти косибию ҳунармандии ин давлат монеъ мешуданд. Саноати Сурия хеле суст пеш мерафт. Мардуми ихтисосманд ва зиёиён дар ватан кор намеёфтанд. Бинобар ин маҷбур мешуданд, ки дар ҷустуҷӯи кор ба давлатҳои хориҷӣ кӯчида раванд.

Сармоядорони Сурия дар шароити воридшавии сармояи Фаронса ба саноат бештар ба савдою судхӯрӣ маблағгузорӣ карда, замин ҳам мехариданд. Вале сармоядороне, ки замин мехариданд, дар истифодаи он муносибатҳои сармоядориро истифода намебурданд.

Баъди ба Сурия омадани Фаронса дар ин чо сохти сиёсӣ ва иҷтимоӣ тағйир наёфт. Ҳокимияти мукарраргардида барои мустаҳкам кардани ҳукмронии Фаронса истифода бурда мешуд. Аҳволи халқи Сурия боз ҳам вазнинтар шуд. Акнун вай маҷбур буд, ки як қисми қарзи империяи Усмониёнро пардозад. Ба зиммаи халқи араби Сурия пардохти товони ҷанги Туркия низ бор карда шуд. Ширкатҳои инҳисории Фаронса аз Сурия барои иҷора иҷозатномаҳои фоидаовар мегирифтанд. Тоҷирони Фаронса бозорҳои Сурияро аз молҳои саноатӣ пур мекарданд. Дар баробари ин аз Сурия маҳсулоти хӯроквориро бо нархи арзон харида содир менамуданд.

**Муборизаи озодихоҳии халқи Сурия.** Аз зери зулми империяи Усмониён халос шуда, Сурия ба доми юғи мустамликавии империализми Фаронса гирифтор шуд. Тақдири Сурияро мамлакатҳои империалистӣ ҳал карданд. Халқи он баҳри истиқлолияти ватани худ аз нав ба мубориза бархост. Дар Сурияи Ғарбӣ дастаҳои чирикҳои фаллоҳон ва кӯчманчиён ташкил ёфтанд. Шӯриши аввалини зидди фаронсавиҳои истилогар моҳи майи соли 1919 дар вилояти Латак ба амал омад. Дар Сурияи Шарқӣ бо номи "клубҳои арабӣ" марказҳои ҳаракати зиддиимпериалистӣ машҳур буданд.

Конференсияи сулҳи Париж истиқлолияти Сурияро эътироф накард.

Моҳи ноябри соли 1919 Шӯрои Миллии Халқ таъсис ёфт, ки ба он намояндагони ҷараёнҳои гуногуни сиёсию ҷамъиятии аксар шаҳру навоҳии вилоятҳои Сурия дохил шуданд. Шӯрои Миллии Халқ аз тариқи маблағи ҷамъовардаи худ дастаҳои ихтиёриёнро мусаллаҳ мекард. Барои муназзам сохтани ҷараёни муборизаи озодихоҳона ва идораи минтақаҳои аз истилогарон озод кардашуда моҳи декабри соли 1919 Ҳукумати Сурияро ташкил намуд.

Ба рушди ҳаракати миллию озодихоҳии халқи Сурия амир Файсал ва наздикони ӯ монеъ мешуданд. Файсал дар аввали соли 1920 ҳатто бо нахуствазири Фаронса Клеменсо қарордоде ҳам имзо кард, ки мувофиқи он қисмати шарқии мамлакат ба зери сарпарастӣ (протекторат)-и Фаронса даромад. Ин кирдори Файсал хиёнати рӯирости зидди халқ ва давлати Сурия буд. Нерӯҳои истиқлолиятхоҳи Сурия ба муқобили ин хиёнати амир эътироз баён намуда, иброз доштанд, ки қарордоди имзокардаи амир Файсалро эътироф намекунанд.

Файсал бар зидди нерӯҳои ватанпарвари Сурия ба мубориза ҳам даст зад, ки он дар амал табаддулот буд. Ӯ фармон дод, ки Шӯрои Миллии Халқ парокандa карда шавад. Моҳи марти соли 1920 Файсал худро подшоҳи Сурия эълон кард.

Моҳи апрели соли 1920 Конференсияи Сан-Ремо Сурияро ба қаламрави зерваколати Фаронса супурд. Моҳи июл қувваҳои ҳарбии Фаронса ба Сурияи Шарқӣ дароварда шуданд.

Солҳои 1920 – 1922 дар вилояти Хайрон, Шимолии Сурия ва шаҳри Димишқ борҳо шӯришҳо ва гирдиҳамоиюю намоишҳои зидди Фаронса доир гардиданд.

18 октябри соли 1925 дастаҳои чирикҳои хуб мусаллаҳ ба шаҳри Димишқ даромаданд. Қуввахои харбии Фаронса ба чирикҳои Сурия муқовимат карда натавониста, маҷбур шуданд, ки шаҳрро тарк кунанд.

Моҳи майи соли 1926 қувваҳои ҳарбии Фаронса ҳуҷуми густурдаи зидди шӯришчиёни Сурияро оғоз намуданд. Фаронсавиҳо вилояти Ҷабан-Друзро забт намуда, Димишқро ғулӯлаборон карда, баъд ба мавзеи Гута ва Сурияи Шимолӣ ҳамла карданд. Даҳҳо ҳазор нафар чирикҳои ба ҷамъоварии ғалладона машғулбуда боз ба артиш баргаштанд. Дар натиҷаи ин зимистони соли 1926 ва баҳори соли 1927 ҷанг дар байни артиши истилогарон ва ватандӯстони Сурия аз нав авҷ гирифт. Истилогарони Фаронса дар натиҷаи истифодаи силоҳи навтарин ва сафарбаркунии нерӯҳои иловагӣ танҳо баҳори соли 1927 тавонистанд, ки бар размандагони Сурия ғалаба кунанд.

**Сурия дар арафаи Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ.** Дар арафаи Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ дар Сурия ҳаракати корпартоии зидди ҳукумати маҳаллӣ, соҳибкорон ва маъмурияти мустамликавӣ пурзӯр шуд. Моҳҳои январ-феврали соли 1936 дар Сурия корпартоии умумии зидди ҷазодиҳии иштирокчиёни ҳаракати миллиию озодихоҳии Сурия доир гардид. Дар рафти ин корпартоӣ дар сар то сари мамлакат намоишҳои якдилӣ бо корпартофтагон ба амал омаданд.

Ин дафъа ҳаракати зиддифаронсавӣ чунон пурзӯр буд, ки мустамликадорон онро ҳатто тавассути силоҳ ҳам фурӯ нишонда натавонистанд. Аз ҳамин сабаб маҷбур шуданд, ки гузашт кунанд. Амали конститутсияро аз нав ҷорӣ намуданд. Аз намояндагони Иттиҳоди Миллӣ кабинети вазирони Сурияро ташкил карданд. Дар натиҷаи музокироти роҳбарони ин ҳизб бо ҳукумати Фаронса моҳи сентябри соли 1936 қарордоде имзо карда шуд, ки яке аз моддаҳои он дар зарфи се соли оянда зерваколати Фаронса будани Сурияро бекор мекард. Вале дар баробари ин модда ба қарордоди мазкур чандин моддаҳое ҳам дохил карда шуданд, ки баъди аз зери ваколат баромадан ҳам назорати Фаронса ба корҳои ҳарбӣ, иқтисодӣ ва сиёсии Сурия боқӣ мемонд. Сарфи назар аз гузашткуниҳои иловагии ҳукумати Сурия, ин қарордодро парламенти Фаронса тасдиқ накард. Нерӯҳои иртиҷоии парламенти Фаронса мехостанд, ки дар Сурия тартиботи ваколат нигоҳ дошта шавад.

Дар арафаи Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ парламенти Сурия пароканда карда шуд. Дар Сурия диктатураи бевоситаи Фаронса ҳукмрон гардид. Вале ба империализми Фаронса муяссар нагардид, ки ҳаракати миллию озодихоҳии халқи Сурияро пахш кунад.

Ба халқи Сурия лозим омад, ки муборизаро бар зидди мустамликадорони Фаронса давом бидиҳад. Ба вай танҳо соли 1943 муяссар гардид, ки ба бекор карда шудани ваколати Фаронса бар Сурия муваффақ шавад. Баъди ба даст даровардани истиқлолият ҳам ба Сурия лозим омад, ки худро аз Фаронса ва давлатҳои дигари империалистӣ ҳимоя кунад.

**САВОЛ ВА СУПОРИШ**

**1.** Сурияи оғози давраи муосирро чӣ хел дарёфтед? **2.** Зерваколати Фаронса будани Сурияро шарҳ диҳед. **3.** Шӯрои Миллии Халқ баъд аз таъсис ёфтан ба кадом корҳо машғул шуд? **4.** Дар бораи муборизаи миллию озодихоҳонаи халқи Сурия мисолҳо биёред. **5.** Вазъи ҳаракати миллию озодихоҳии халқи Сурия дар арафаи Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ чӣ гуна буд? **6.** Дар арафаи Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ гузашткунии мустамликадорони Фаронса ба халқи Сурия аз чӣ иборат буд? **7.** Сурия кай истиқлолияти давлатӣ ба даст даровард? **8.** Аз мавзӯъ хулоса бароред.

## § 28. ИРОҚ

**Ироқро ишғол кардани Англия.** Дар солҳои Ҷанги якуми ҷаҳонӣ Ироқ аз тарафи қувваҳои ҳарбии Англия ишғол карда шуд. Сиёсати ғоратгаронаи Туркия ва амалиётҳои ҳарбии англисҳо хоҷагии халқи Ироқро ба ҳолати ногувор гирифтор карданд. Дар натиҷаи ба қувваҳои ҳарбии Англия ва корпусҳои меҳнатии Туркия сафарбар кардани мардҳо нарасидани нерӯи корӣ ҳис карда мешуд. Бо ҳамин сабаб қариб 50 фоизи заминҳои ҳосилхези вилояти Мосул бекор хобида буданд. Косибии анъанавӣ ва саноати навтавлидёфтаи Ироқ низ рӯ ба таназзул ниҳод. Аҳолии мамлакат аз нарасидани озуқа азоб мекашид. Нархи наво аз се то панҷ маротиба афзуд, ҳаннотӣ авҷ гирифт. Дар мамлакат вабо, мараз ва домана паҳн шуд. Аз гуруснагӣ ва касалӣ даҳҳо ҳазор нафар одамон фавтиданд.

Ироқро забт карда, Англия хост, ки онро ба тобеияти мустамликавии худ табдил бидиҳад. Дар марказ ва дар маҳалҳо тамоми ҳокимият дар дасти маъмурияти англисҳо буд. Барои ба тарафи худ кашидани аҳолӣ Англия дар Ироқ ислоҳоти замин гузаронд. Мувофиқи ин ислоҳот замин ба шайхҳои қабилаҳо, ашрофони рӯҳонӣ ва буржуазияи миёнарав (компрадор) дода шуд. Вале ислоҳот сиёсати умумии мустамликадорони Англияро тағйир надод. Ироқ дар ҳолати мустамликавии беҳуқуқ мондан гирифт.

**Шӯриши озодихохонаи солхои 1918 – 1920.** Халқ ва табақаҳои гуногуни иҷтимоии мамлакат, аз он ҷумла арабҳо, курдҳо, буржуазияи калон, аҳли илму фарҳанг, рӯҳониён, коргарон, деҳқонон ва кӯчманчиён ба сиёсати аз тарафи Англия мустамликагардонии Ироқ бо нафрат менигаристанд. Англисҳо ба корҳои дохилии ҷамоаҳо ва уламои динӣ дахолат мекарданд. Ҳатто мухторияти шаҳрҳои муқаддаси шиъаҳо – Наҷаф ва Карбалоро бекор карданд, ки ин бегуфтугӯ қаҳру ғазаби пайравони ин мазҳаби дини исломро ба вуҷуд овард.

Чунин вазъият ватандӯстони Ироқро маҷбур месохт, ки бар зидди мустамликадорон мубориза баранд. Онҳо созмони ватанпарваронаи Посбони Истиқлолиятро таъсис намуданд. Дар баробари Посбони Истиқлолият созмони Назри Ироқ ҳам тавлид ёфт, ки майли бо Англия ҳамкорӣ дошт.

Муборизаи миллию озодихоҳии халқи Ироқ асосан зери роҳбарии шайххои қабилаҳо ва сарварони дини ислом сурат мегирифт. Дар солҳои Ҷанги якуми ҷаҳонӣ ин мубориза авҷ гирифта, ба шӯриш ҳам табдил ёфта буд.

Яке аз шӯришҳои калонтарини зидди Англия баҳори соли 1918 дар Наҷаф ва як қатор шаҳрҳои дигари Фуроти Миёна ба амал омад. Моҳҳои май-июни соли 1919 шӯриши аз ҳама калонтарину дарозмуддат шӯриши курдҳо буд, ки роҳбарии онро шайх Маҳмуд ба ӯҳда дошт. Ин шӯриш шиори ташкил кардани давлати соҳибистиқлоли Курдистонро ба миён гузошт.

Аввали соли 1920 маркази ҳаракати миллию озодихоҳӣ ба вилоятҳои арабнишини Ироқ кӯчид. Зимистон ва баҳори соли 1920 қабилаҳои бадавиҳо қариб тамоми мобайн (Байнаннаҳрайн)-и дарёҳои Даҷла ва Фуроти шимолтари Бағдодро аз истилогарон озод ва лашкаркаширо ба Мосул оғоз карданд. Роҳбарони Назри Ироқ бо мақсади ба гузаштқунӣ розӣ кардани Англия дар конгресси Ироқ, ки дар шаҳри Ҳалаб баргузор гардид, 8 марти соли 1920 истиқлолияти Ироқро эълон карданд. Вале ин карордод танҳо дар рӯи коғаз монду халос.

Конференсияи Сан-Ремо қарор қабул кард, ки Ироқ зерваколати Англия дониста шавад. Ба муқобили ин қарор моҳҳои май-июни соли 1920 дар Бағдод ва шаҳрҳои зиёди дигари Ироқ намоишҳои эътирозии оммавӣ доир гардиданд. Иштирокчиёни онҳо истиқлолияти давлатии Ироқро тақозо намуданд. Дар маҷлиси созмони Посбони Истиқлолият шайххои қабилаҳои Ироқи Марказӣ ва уламои шиъа дар бораи оғози шӯриши яроқнок қарор қабул карданд. Ин шӯриш 30 июни соли 1920 аз бaромади қабилае дар Рамайса оғоз ёфта, дере нагузашта ба ҷанги озодихоҳонаи умумихалқии Ироқ мубаддал гардид. Дар тӯли ҳамагӣ як моҳ шӯришчиён қариб пурра қисмати арабии Ироқро озод карданд. Танҳо нуқтаҳои такягоҳи дар водии Даҷла (дар байни Басра ва Бағдод)

вокеъбудаи англисҳо озод накарда монданд. Мустамликадорони Англия бар зидди размандагони Ироқ артиши 150-ҳазорнафараи худро равон карданд. Қувваҳои ҳарбии Англия дар миёнаҳои моҳи ноябри соли 1920 нерӯҳои асосии қабилаҳои Ирокро торумор намуданд. Лекин чирикҳои Ирок боз чандин моҳи дигар муборизаро бар зидди англисҳо давом доданд.

**Ирок дар давраи ваколат.** Комиссари олии Англия дар Ироқ моҳи октябри соли 1920 ҳукумати муваққатии Ирокро таъсис намуд. Бо чидду чаҳди Англия 23 августи соли 1921 писари ҳокими Ҳиҷоз Файсал Алҳошимӣ подшоҳи Ирок эълон карда шуд.

Ба ҳамаи мақомоти ҳукумати подшоҳӣ мушовирони англисӣ дохил карда шуданд. Дар музофотҳо нозирони англис ҳокими мутлақ буданд. Ҳукмрони вокеии Ирок комиссари олии Англия буд. Мувофиқи қарордоди соли 1922 ҳукумати подшоҳӣ дар масъалаи сиёсати байналхалқӣ ва молиявӣ бояд ба "маслиҳатҳои" комиссари олии Англия такя мекард. Англия дар Ироқ қувваҳои ҳарбӣ ҳам дошт.

Шартҳои асоратовари қарордоди мазкур аҳли ҷамоатчигии Ирокро ба қаҳру ғазаб оварданд. Ба ҳаракати эътирозии мардуми Ироқ, ки тамоми мамлакатро фаро гирифта буд, Ҳизби Миллии Ироқ бо роҳбарии Абутимман, Ҳизби Эҳёи Ироқ бо сардории Ассадр ва уламои маъруфи шиъа сарварӣ мекарданд. Мустамликадорон соли 1924 баромадҳои зидди маъмурияти мустамликавиро пахш карда, ба нафъи худ бо Ироқ қарордодро ҳам ба имзо расонданд. Баъди ин Конститутсияи Ироқ тасдиқ карда шуд, ки онро Вазорати мустамликаҳои Британияи Кабир таҳия карда буд.

30 июни соли 1930 арбоби маъруфи давлатӣ Нурӣ Саид, ки чанде пеш ба ҳукумати Ирок роҳбарӣ мекард, қарордоди нави Англия ва Ирокро ба мӯҳлати 25 сол имзо кард. Мувофиқи қарордоди мазкур Ироқ давлати соҳибистиқлол эълон карда шуд. Англия мувофиқи қарордоди соли 1930 ҳуқуқ гирифт, ки дар масъалаҳои сиёсати хориҷӣ "маслиҳатчии" Ироқ бошад. Пойгоҳҳои ҳарбии Англия мисли пештара дар Ирок мондан гирифтанд. Англия инчунин ҳуқуқ дошт, ки мушовирони ҳарбии худро ба Ироқ равон кунад.

Моҳи ноябри соли 1930 созмони Бародарии Миллӣ таъсис ёфт, ки ба он нерӯҳои нисбат ба ҳукумати Нурӣ Саид дар оппозитсиябуда муттаҳид шуданд. Моҳи январи соли 1931 ба ҳайати Бародарии Миллӣ Ҳизби Милли Ироки Абуттиман ҳам дохил шуд. Бародарии Миллӣ тақозо мекард, ки созишномаи соли 1930 аз эътибор соқит карда, ҳукумат ба истеъфо гуселонда шавад. Талабҳои созмони мазкурро оммаи халқ дастгирӣ мекард.

Ҳукумати Нурӣ Саид ба қувваҳои ҳарбии Англия такя карда, вусъатёбии минбаъдаи ҳаракати милию озодихоҳонаро дар Ироқ

боздошт ва 3 октябри соли 1932 ӯҳдадориҳои Ироқро оид ба созишномаи соли 1930 расман эълон кард. Бо ин роҳ ҳукумати Нурӣ Саид барои ба Лигаи Миллатҳо қабул шудани Ироқ муваффақ гардид.

Баъди моҳи марти соли 1933 бо роҳбарии Рашид Алӣ Алгайданӣ ба сари ҳокимият омадани ҳукумати Бародарии Миллӣ ҳам вазъият тағйир наёфт. Ин ҳукумат низ ваъда дод, ки созишномаи соли 1930-ро риоя мекунад.

Моҳи августи соли 1933 ҳукумати Бародарии Миллӣ ба муқобили ошурҳои дар Ироқ сокинбуда куштор ташкил кард. Ҳизби Миллии Ироқ бар зидди ин майлони фаъолияти ҳукумат баромад. Ҳукумати Рашид Алӣ Алгайданӣ маҷбур шуд, ки ба истеъфо равад.

Моҳи марти соли 1935 қабилаҳои дар минтақаи Фуроти Миёна сокинбуда шӯриш бардоштанд. Ин воқеаро Бародарии Миллӣ барои аз нав ба сари ҳокимият омадани худ истифода бурд. Вале ғайр аз ваъдаҳои зиёд кори дигаре накард. Мақоми мустамликавии Ироқ мувофиқи ҳамон созишномаи соли 1930 мондан гирифт.

**Ироқ дар арафаи Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ.** Муқобилони ҳукумати Бародарии Миллӣ торафт зиёд мешуданд. Дар ҳайати онҳо ҳарбиён ҳам буданд.

29 октябри соли 1936 нерӯҳои дар зери фармондеҳии генерал Бакр Сидқӣ ба Бағдод наздикшуда ба подшоҳ Ғозии I талаби қатъӣ пешниҳод карданд, ки ҳукумати Бародарии Миллӣ ба истеъфо гуселонда шавад. Подшоҳ ин талабро қабул кард ва ба Ҳикмат Сулаймон супориш дод, ки кабинети нави вазиронро таъсис бидиҳад. Аз хафт аъзои ҳукумат се нафарашон намояндагони гурӯҳи "Ал Ахалӣ" (ашхоси дар атрофи рӯзномаи "Ал Ахалӣ" муттаҳидшуда) буданд, аз он ҷумла Абуттиман ва Алӣ Ҷадарчӣ. Генерал Бакр Сидқӣ сардори ситоди кулли артиши Ироқ таъйин карда шуд.

Ҳикмат Сулаймон ва Абуттиман, ки вазифаи вазири молияро ишғол карда буд, изҳор доштанд, ки дар мамлакат ислоҳоти васеъ мегузаронанд. Ислоҳот, аз он ҷумла ба деҳқонони безамин тақсим кардани заминҳои давлатӣ, афви маҳбусони сиёсӣ, мусоидат ба рушди саноати миллӣ, таъминоти иҷтимоӣ, ҳавасманд кардани фаъолияти иттифоқҳои касаба ва ғайраро дар назар дошт. Вале ин ҳукумат аз ӯҳдаи иҷрои ваъдаҳои худ марбут ба ислоҳот баромада натавонист. Баръакс, роҳи зӯроварӣ бар зидди ҳаракати халқиро пеш гирифт. Аз ин рӯ, ҳамчун эътироз вазирони "Ал Ахалӣ"-чиён ба истеъфо рафтанд.

Вазъияти баамаломадаро нерӯҳои рӯ ба тарафи Англия ба хубӣ истифода бурда, 11 августи соли 1937 Бакр Сидқиро куштанд. Баъди 5 рӯз ҳукумати Ҳикмат Сулаймон фаъолияти худро қатъ кард. Дар мамлакат ҳокимияти нерӯҳои англисимаоб аз нав барқарор карда шуд. 25 декабри соли 1938 ҳукумати нави Нурӣ Саид таъсис ёфт. Ӯ барои

бартараф кардани нерӯҳои оппозитсионӣ чораҳои мушаххас андешид. Моҳи марти соли 1939 "сӯиқасди зиддиҳукуматӣ"-ро баҳона карда, Нурӣ Саид гурӯҳи калони мухолифинро хабс кард. Файсали II-и 4-сола подшоҳи Ироқ эълон карда шуд. Сарпарасти подшоҳи хурдсол шоҳзода Абдуллоҳ эълон гардид. Ин шахс ҳамақидаи Нурӣ Саид буд.

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

**1.** Англия Ироқро забт намуда, дар он ҷо кадом чорабиниҳоро ба амал баровард? **2.** Дар бораи ҷамъияти Посбони Истиқлолият ва Назри Ироқ чӣ медонед? **3.** Кадом воқеаҳои шӯриши соли 1920 Ироқро ном бурда метавонед? **4.** Конференсияи Сан-Ремо ба Ироқ чӣ дахл дорад? **5.** Файсал Алҳошимӣ дар Ироқ кай ва бо ёрии кӣ подшоҳ эълон карда шуд? **6.** Оё халқи Ироқ ба ҳолати зерваколати Англия будани ватани худ розӣ буд? **7.** Ироқ кай истиқлолият ба даст даровард? **8.** Баъди истиқлолият мақоми Англия дар Ироқ чӣ хел муқаррар карда шуд? **9.** Нурӣ Саид Ироқи "соҳибистиқлол"-ро чӣ тавр идора мекард? **10.** Дар бораи ҳукумати Бародарии Миллӣ нақл кунед. **11.** Нурӣ Саид кай ва барои чӣ табаддулоти давлатӣ ба амал баровард? **12.** Аз мавзӯъ хулоса бароред.

## § 29. МИСР

**Вусъатёбии ҳаракати миллию озодихоҳӣ.** Империализми Англия Мисрро ба зери юғи мустамликавӣ ҳанӯз дар чоряки охирини асри XIX гирифтор карда, ба манбаи ашёи хоми худ табдил дода буд. Англисҳо аз ин ҷо барои саноати бофандагии худ пахта мегирифтанд. Халқи Миср ба ҳолати мустамликавии худ тан надода, ба муқобили хӯҷаинҳои англис ба муборизаи озодихоҳона бархост. Дар ин роҳ ҳукумати мамлакат низ бо ӯ буд.

Баробари ба охир расидани Ҷанги якуми ҷаҳонӣ моҳи ноябри соли 1918 як гурӯҳ арбобони маъруфи Миср бо сардории Саъд Заглулпошо, ки ноиби президенти маҷлиси қонунгузори аз тарафи англисҳо пароканда кардашуда буд, ба назди комиссари олии Англия омада, талаб карданд, ки ба Миср истиқлолият дода шавад, вале ҳукумати Англия ин талабро рад кард. Ҷавобан ба ин раддия охири соли 1918 бо сардории Саъд Заглулпошо бо номи Вафд Мисрӣ (Вакилони Миср) кумита таъсис дода шуд. Вале аввали моҳи марти соли 1919 англисҳо фаъолияти Вакилони Мисриро манъ ва роҳбарони онро ба ҷазираи Малта бадарга карданд. Ин кирдори мустамликадорон қаҳру ғазаби мисриёнро ба вуҷуд овард.

9 марти соли 1919 оммаи халқ ба кӯчаҳои шаҳри Қоҳира баромад. Дар зарфи 3 рӯз намоишҳои эътирозии мардуми ин шаҳр дар зери шиори "Миср барои мисриён" идома ёфтанд, вале намоиши осоишта аз тарафи англисҳо ба хун оғушта карда шуд. Хабари куштори англисҳо дар Қоҳира зуд дар сар то сари мамлакат паҳн гардид. Баъди ин фоҷеа намоишчиён ба амали фаъолона гузашта, дар Қоҳира идораи рӯзномаҳои англисимаобро ба хок яксон карданд ва бар зидди англисҳо ба ҳуҷум гузаштанд. Ошӯбҳо шаҳру ноҳияҳои дигари Миср ва алалхусус Мисри Поён ва Мисри Болоро фаро гирифтанд. Англисҳо бар зидди мардуми Миср қувваи ҳарбиро истифода бурданд. Дар натиҷаи ин садҳо ва ҳазорҳо нафар мисриён ҳалок шуданд ва захм бардоштанд. Сарфи назар аз ин, шӯриш идома меёфт. Ҳаракати қаторахо дар байни Қоҳира ва Порт Саид қатъ гардид.

Ба шӯриш одамони касбу кори гуногун – коркунони роҳҳои оҳан, саноати газ, истгоҳҳои барқӣ, дукондорҳо, трамвайчиён ва ғайраҳо ҳамроҳ мешуданд.

Маъмурияти мустамликавӣ бар зидди шӯришчиён чораҳои ваҳшиёнаро ба кор мебурд. Англисҳо танҳо дар деҳаи Дейрут 51 нафарро барои ба дор овехтан ҳукм карданд. Онҳо дар зарфи 3 ҳафта зиёда аз 1000 нафар мисриёнро ба қатл расониданд.

Муборизаи миллию озодихоҳии мардуми Миср рӯз то рӯз авҷ мегирифт. Аз ҳамин сабаб ҳукуматдорони Англия маҷбур шуданд, ки Заглулпошоро аз бадарғагӣ озод карда, иҷозат бидиҳанд, ки дар Конференсияи сулҳи Париж ширкат варзад. Вале кӯшиши Заглулпошо барои ба истиқлолияти Миср муваффақ шудан ба шикаст дучор шуд. Мувофиқи Созишномаи сулҳи Париж сарпарастӣ (протекторат)-и Англия аз болои Миср муқаррар карда шуд.

Ҳукуматдорони Англия хуб мефаҳмиданд, ки протекторати Англия аз болои Миср дуру дароз давом карда наметавонад. Ҳаракати миллию озодихоҳии халқи Миср баъд аз Конференсияи сулҳи Париж аз нав авҷ гирифт. Охири соли 1921 корпартоии умумии сиёсӣ оғоз ёфт. Дар сангарҳои шаҳрҳои калони Миср бар зидди нерӯҳои мустамликадорони англис муҳорибаҳои шадид ба амал меомаданд. Мардуми деҳот ба ҷанги чирикӣ гузашт.

Англисҳо ҳарчанд шӯриши солҳои 1919 – 1921-и мисриёнро пахш карда бошанд ҳам, акнун нақшаи худро бе назардошти манфиатҳои нерӯҳои сиёсии Миср яктарафа – танҳо ба фоидаи Англия ҳал карда наметавонистанд. Бинобар ин роҳҳои барои онҳо қобили қабул, вале барои худ безарарро ҷустуҷӯ мекарданд.

**Эълони истиқлолияти Миср ва Конститутсияи соли 1923.** 28 феврали соли 1922 Англия бекор карда шудани протекторати худро бар Миср эълон кард. Ин иқдоми Англия аз ноилоҷӣ буд. Империалистони англис

фаҳмиданд, ки Мисрро танҳо аз тарики зӯроварию силоҳ идора кардан мумкин нест. Онҳо ҳаракати миллию озодихоҳии халқи Мисрро бояд бо ягон роҳу воситае паст мекарданд. Англия мехост, ки ба буржуазияи миллии Миср муросо кунад. Ӯ низ барои муросо кардан бо ҳукуматдорони Англия тайёр буд.

Истиқлолияти Миср ҳукмронии воқеии Англияро дар ин мамлакат барҳам надод. Дар Миср нигоҳ доштани ҳукмронии худро Англия бо Конститутсияи соли 1923 рӯйпӯш мекард. Ин конститутсия ба подшоҳи Миср ваколатҳои васеи пештараашро аз нав барқарор кард. Вай иҷрокунандаи иродаи империалистони Англия шуд. Мувофиқи ин конститутсия 40 фоизи ҳайати Сенат аз ашхоси таъйинкардаи подшоҳ ва 60 фоиз аз намояндагони интихобии ашрофони заминдору мансабдорони давлатӣ, палатаи поёнӣ дар асоси интихоботи дузинагӣ таъсис дода мешуд. Конститутсия дар Миср тамоми имтиёзҳои хориҷиёнро нигоҳ дошт.

Аксарияти вакилони парламент намояндагони Вафд Мисрӣ буданд. Намояндагони ин созмон бо сардории Саъд Заглулпошо моҳи январи соли 1924 ҳукумати Мисрро таъсис доданд.

Ризоияти вафдчиён ба истиқлолияти сохтакоронаи Миср маънии онро дошт, ки онҳо бо империализми Англия забон як кардаанд.

**Миср дар солҳои болоравии нави иқтисодӣ.** Ваҳдати дар байни нерӯҳои сиёсии Миср ва империализми Англия дар асоси конститутсияи соли 1923 бамиёномада боэътимод буда наметавонист, чунки зиддиятҳо дар байни кӯшиши Миср барои истиқлолият ва дар ин мамлакат боқӣ мондани ҳукмронии Англия аз байн нарафтанд. Мухолифатҳои тезу тундтарин дар байни Англия ва Миср дар масъалаи Судон ба миён омаданд. Судон доминиони якҷояи Англияю Миср буд. Аз сабаби он ки худи Миср ба мустамликаи Англия табдил ёфт, доминион будани Судон воқеан як чизи қалбакӣ буду халос. Ҳаракати Вафд ҳаракати зиддиимпериалистиро дар Судон дастгирӣ мекард. Аз ин рӯ, англисҳо ба барҳамдиҳии ҳукумати Вафд Мисрӣ даст заданд.

Соли 1924 аз генерал-губернатори англисии Судонро куштани террористи мисрӣ истифода бурда, мустамликадорони англис бар зидди Миср ҷанг оғоз карданд. Ҳукумати Вафд Мисрӣ ба англисҳо муқовимат нишон дода натавониста, ба истеъфо рафт. Англисҳо баъди ин ҳукумати иртиҷоии рӯ ба тарафи Англияро ташкил намуданд, он ҳукуматеро, ки дар Миср диктатураи инҳисорҳои англисиро дастгирӣ мекард.

Ҳукмронии англисҳо ба вазъи иҷтимоии халқи Миср таъсири манфӣ расонд. Дар Миср рӯзи корӣ номаҳдуд ва маоши мардум ночиз буд, қонунгузорӣ дар бораи меҳнат вуҷуд надошт ва ғайра.

Деҳоти Миср давраи вазнинро аз сар мегузаронд. Вазъи он бештар ба бозори ҷаҳонӣ вобаста буд. Солҳои 1926 – 1927 дар бозорҳои ҷаҳонӣ нархи хариди пахта ниҳоят паст фаромад, вале захираи он афзуд. Аз ин пахтапарварони мисрӣ зарари калон диданд.

Дар баробари ин дар миёнаи солҳои 20-ум англисҳо кӯшиш мекарданд, ки дар ҳаракати миллию озодихоҳии халқи Миср ҷудоӣ андозанд. Бо ҳамин мақсад ба сармоядорони мисрӣ баъзе гузаштҳо мекарданд. Соли 1927 мувофиқи қонун дар бораи ширкатҳои саҳҳомӣ сармоядорони мисрӣ имконият пайдо карданд, ки дар ширкатҳои хориҷӣ ҳамчун ҳамкорони хурд ширкат варзанд. Гурӯҳи Банки Миср, ки соли 1920 таъсис ёфта буд, 12 ширкати тиҷоратӣ, саноатӣ ва нақлиётиро ташкил намуд. Соли 1927 дар Миср ҳамагӣ 238 ҷамъияти саҳҳомии хориҷиён фаъолият дошт.

**Болоравии ҳаракати озодихоҳӣ дар солҳои бӯҳрони иқтисодӣ.** Бӯҳрони иқтисодии ҷаҳонии солҳои 1929–1933 ба иқтисоди Миср зарбаи сахт зад. Бӯҳрон соҳаи кишоварзӣ ва саноатро фаро гирифт. Дар натиҷаи ин корхонаҳои зиёди хурду миёна баста шуданд, шумораи бекорон афзуд, музди меҳнат паст ва зиндагии мардум вазнин шуд. Ширкатҳои хориҷӣ ба имтиёзҳои махсус соҳиб шуда, халқро бештар ғорат мекарданд ва ин боиси авҷ гирифтани муборизаи миллию озодихоҳӣ мегардид.

Ҳукумати лейбористии Англия ба гардани Миср созишномаи нави асоратоварро бор карданӣ шуд. Лоиҳаи ин созишнома дар Миср норозигии сахтро ба вуҷуд овард. Наҳаспошои роҳбари Вафд Мисрӣ, ки соли 1930 нахуствазир буд, маҷбур шуд аз қабули он даст кашад. Аз ин рӯ, подшоҳ Фуод бо ёрии Англия парламентро пароканда карда, ҳукумати Наҳаспошоро ба истеъфо гуселонд. Ба ҳукумати нав шахси иртиҷопеша Исмоил Сидқипошо роҳбарӣ кард. Ӯ ба сармояи молиявии хориҷиён робита дошт.

Иваз намудани ҳукумат аҳволи мардумро беҳтар накард, вазъи ҷамъиятию сиёсии Миср низ ором нашуд. Баръакс, аз моҳи майи соли 1930 сар карда дар шаҳрҳои Қоҳира, Порт-Саид, Суэтс ва ғайра корпартоиҳои оммавӣ доир гардиданд. Моҳи июл Вафдчиён дар Мансур намоиш ва гирдиҳамоии мӯҳташам ташкил намуданд. Ба иштирокчиёни намоиш политсия ҳамла карда, 8 нафарро кушт, зиёда аз 100 нафарро захмдор кард. Ҷавобан ба ин Вафдчиён ҳаракати эътирозиро бар зидди истилогарони англис вусъат бахшиданд. 15 июл ба хотири мотамгирӣ барои фавтидагони Мансур коргарони корхонаҳо корро 2 соат хобонда, ба кӯчаҳои шаҳр баромаданд. Политсия 22 нафарро кушта, якчанд сад нафари дигарро захмдор кард. Худи ҳамон рӯз дар Қоҳира, Искандария, Порт-Саид ва Суэтс задухӯрдҳои калони байни мардуми маҳаллӣ ва политсияву аскарон ба

амал омаданд. Бо вуҷуди ин ба Англия муяссар шуд, ки дар Миср шӯришу намоишҳоро пурра барҳам диҳад.

Моҳи октябри соли 1930 Сидқипошо Конститутсияи соли 1923-ро бекор карда, конситутсияи навро ҷорӣ намуд.

Ба Сидқипошо лозим омад, ки дар баробари чораҳои зӯроварии зидди мардум баъзе чораҳои мусбатро ҳам ба амал барорад. Масалан, ҳукумат ба қабул карда шудани қонуни коргарӣ аз тарафи парламент муваффақ шуд.

**Созишномаи Англияю Миср соли 1936.** Аз болоравии ҳаракати зиддиимпериалистӣ дар Миср тарсида, Англия аз ҳилаю найранг истифода мебурд. Он моҳи декабри соли 1935 Конститутсияи соли 1930-ро бекор карда, конститутсияи соли 1923-ро аз нав барқарор намуд. Баъди ин музокирот барои бастани созишномаи нави байни Англияю Миср оғоз ёфт. Моҳи майи соли 1936 ба парламенти Миср интихобот баргузор гардид, ки дар он Вафдчиён аксарияти ҷойҳоро ба даст дароварда, бо роҳбарии Наҳаспошо ҳукумати худро ташкил намуданд.

Моҳи августи соли 1936 ҳайати вакилони Миср бо Англия созишномаро ба имзо расонд, ки халқи Миср барои он дар зарфи 16 соли охир мубориза мебурд. Лекин ин созишнома аз фиреб бештар набуд.

Англия гӯё ба Миср "гузашт" кард. Гузашти Англия ба Миср аз он иборат буд, ки комиссари олии Англия сафир ном гирифт ва ҳолати ишғолии Миср бо ном бекор эълон карда шуд. Дар баробари ин созишномаи соли 1936 ҳузури қувваҳои ҳарбии Англияро дар минтақаи Канали Суэтс ва шаҳрҳои Қоҳираю Искандария муқаррар кард. Нерӯҳои ҳавоии Англия ҳуқуқ доштанд, ки дар фазои Миср парвоз карда, аз фурудгоҳҳои ҳавоии он истифода баранд. Артиши Миср ба зери назорати намояндагони англис даромад. Дар сурати ҷанг ва ё хатари он англисҳо метавонистанд тамоми қаламрави Мисрро ба сифати такягоҳи ҳарбии худ истифода бибаранд. Ҳамин тариқ, созишномаи соли 1936 ҳукмронии Англияро дар Миср мустаҳкамтар кард. Ба ин созишнома имзо гузошта, Вафдчиён манфиатҳои ҳаққонии халқи Мисрро поймол намуданд ва дар амал бо мустамликадорони англис забон як карданд.

Баъди бастани созишномаи соли 1936 империалистони англис дар Миср ҳукумати лӯхтакмонанди Ҳизби Либералӣ-Конститутсиячиёнро ба сари қудрат овардаанд. Ин ҳукумат моҳи августи соли 1938 бо Англия созишномаи нав баст, ки он барномаи англисии сохтмони ҳарбию стратегиро дар Миср васеъ кард. Мувофиқи ин созишнома хароҷоти иншоотҳои ҳарбии дар қаламрави Мисрбудаи Англия ба зиммаи халқи Миср гузошта шуд.

Ҳамин тариқ, масъалаи истиқлолияти ҳақиқии Миср дар солҳои 1919 – 1939 ҳал нашуд.

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

**1.** Оё баъди ба анҷом расидани Ҷанги якуми ҷаҳонӣ ҳаракати миллию озодихоҳӣ дар Миср қатъ гардид? **2.** Кадом шаҳрҳои Мисрро ошӯб ва шӯришҳо фаро гирифтанд? **3.** Моҳияти истиқлолияти соли 1923-и Миср дар чист? **4.** Конститутсияи соли 1923-и Мисрро шарҳ диҳед. **5.** Дар бораи ҷамъияти Вафд Мисрӣ (Вакилони Мисрӣ) маълумот диҳед. **6.** Дар бораи воқеаҳои солҳои 1923 – 1927-и Миср чӣ медонед? **7.** Конститутсияи соли 1923-и Миср кай бекор ва Конститутсияи нави Миср кай ҷорӣ карда шуд? **8.** Моҳияти Конститутсияи соли 1933-и Мисрро баён кунед. **9.** Кай Конститутсияи соли 1923-и Миср аз нав ҷорӣ карда шуд ва чаро? **10.** Интихоботи парламенти соли 1936-и Миср чӣ натиҷа дод? **11.** Созишномаи соли 1936 Англия ва Миср ҳолати сиёсии Мисрро чӣ тавр муқаррар кард? **12.** Оё созишномаи соли 1938 бо Англия ба Миср озодӣ овард? **13.** Аз мавзӯъ хулоса бароред.

# § 30. МАМЛАКАТҲОИ АРАБИ

## МАҒРИБ

**Шарҳи умумӣ.** Ба гурӯҳи-мамлакатҳои араби Мағриб Алҷазоир, Марокаш ва Тунис дохил мешаванд. Вале баъзан ба қатори ин се давлати араб Мавритания ва Либияро низ дохил мекунанд. Давлатҳои араби Мағриб дар охирҳои Ҷанги якуми ҷаҳонӣ дар зери таъсири Фаронса буданд.

Дар Марокаш, Алҷазоир ва Тунис зоҳиран ҳукуматҳои маҳаллӣ ҳукмрон буданд, лекин онҳо аслан пурра ба намояндаҳои олии Фаронса итоат мекарданд. Ҳар сеи ин мамлакатҳо ба манбаи ашёи хом ва бозори молфурӯшии Фаронса табдил ёфтаанд.

Соли 1918 аҳолии мамлакатҳои араби Мағриб 10–11 миллион нафарро ташкил кард, ки онҳо асосан ба зироату чорводорӣ машғул буданд. Теъдоди ками аҳолӣ дар шаҳрҳо зиндагӣ мекард.

Халқи ин мамлакатҳо бар зидди соҳибони корхонаҳои инҳисории хориҷӣ ва мустамликадорон ба шаклу усулҳои гуногун мубориза мебурд ва мақсади умумии он ба даст даровардани истиқлолияти миллӣ буд. Барои иҷрои ин мақсад ба онҳо лозим омад, ки боз чандин даҳсолаҳо мубориза барад.

## АЛҶАЗОИР

**Алҷазоир дар байни ду ҷанги ҷаҳонӣ.** Дар солҳои Ҷанги якуми ҷаҳонӣ Фаронса аҳолии маҳаллии Алҷазоирро зӯран ба артиш ва

корхои ақибгоҳ сафарбар карда, ба ғораткунии захираҳои табиию озуқаи ин мустамликаи худ машғул буд. Халқи Алҷазоир бар зидди бедодгарии мустамликадорони Фаронса ба мубориза бархост. Вазъият гузашти мутсамликадоронро талаб мекард. Бинобар ин ҳукумати Фаронса маҷбур шуд, ки бо қарори худ дар андозғундорӣ тафовутро дар байни алҷазоириҳо ва фаронсавиҳо аз байн бардорад. Бо худи ҳамон қарор ба кишоварзон, зиёиён, мансабдорон ва собиқ хизматчиёни ҳарбӣ ҳуқуқи баробари интихоботӣ дода шуд. Бо вуҷуди ин баробарҳуқуқии ҳақиқии алҷазоириҳою фаронсавиҳо таъмин карда нашуд. Мисли пештара алҷазоириҳо "табаа" ва фаронсавиҳои дар Алҷазоир сокинбуда "шаҳрвандон" ("гражданинҳо")-и Фаронса ном бурда мешуданд. Дар баробари "Қонун дар бораи мардуми маҳаллӣ", ки он ҳуқуқҳои мардуми Алҷазоирро маҳдуд мекард, инчунин қонуни дигаре низ мавҷуд буд, ки моҳияти нажодпарастӣ дошт. Ин қонун ҳангоми бо кор таъмин кардан баръало эҳсос мегардид.

Амир Холид, набераи қаҳрамони халқи Алҷазоир Абдулқодир баъди ба охир расидани Ҷанги якуми ҷаҳонӣ ба Алҷазоир баргашт. Ӯ соли 1920 Ҳизби Алҷазоири Ҷавонро таъсис дод, ки он бо номи "Шуҷоат" рӯзномаи худро хам дошт. Ин ҳизб баробарҳуқуқии алҷазоириҳою фаронсавиҳо, барҳам додани нажодпарастӣ, таъмини намояндагии аҳолии маҳаллӣ дар парламенти Фаронса, озодии матбуот ва иттифоқҳоро тақозо мекард.

Бар зидди зулми мустамликавӣ созмонҳои гуногуни ватанпарвари Алҷазоир мубориза мебурданд. Аз ҷумлаи онҳо Федератсияи Интихобшудаи Мусулмонҳо ва Иттифоқи Уламои Алҷазоир, ки ба рушди маданият ва забони миллӣ, кушодани мактабҳои миллӣ эътибори калон медоданд, дар байни халқ соҳиби обрӯи калон буданд.

Бӯҳрони иқтисодии ҷаҳонии солҳои 1929–1933 ба иқтисоди Алҷазоир таъсири манфӣ расонд. Истеҳсоли оҳан ва фосфорит ниҳоят паст фаромад. Даромади арабҳо назар ба фаронсавиҳо камтар буд ва ба ҳадди ақаллии зарурати озуқа ҳам намерасид. Шумораи бекорон хеле афзуд. Дар натиҷаи хушксолии чаҳорсола то 80 фоизи чорво талаф ёфт. Кишоварзони зиёди чорводор муфлис шуданд. Ҳазорон алҷазоириҳо бахри ёфтани кор ва қути лоямут ба Фаронса раҳсипор мешуданд, вале фаронсавиҳо онҳоро ба Алҷазоир бармегардонданд.

Соли 1920 Федератсияи Алҷазоирии Ҳизби Коммунистии Фаронса таъсис ёфт. Соли 1934 ин федератсия бо номи Ҳизби Коммунистии Алҷазоир мустақил шуд. ҲКА чун Ҳизби Алҷазоири Ҷавон барои истиқлолияти Алҷазоир, аз Алҷазоир баровардани нерӯҳои мустамликавии Фаронса ва қатъ кардани мустамликакунии мамлакат мубориза мебурд. ҲКА тақозо мекард, ки ба синфи коргар ҳуқуқҳои сиёсӣ дода шаванд.

Баробари дар Фаронса ба сари кудрат омадани ҳукумати Ҷабҳаи Миллӣ ба халкҳои маҳаллии Алҷазоир баъзе озодиҳои демократӣ дода шуданд. Моҳи июни соли 1936 дар Алҷазоир Конгресси Мусулмонҳо ҷамъ омад. Он эълон кард, ки Ҷабҳаи Миллиро дастгирӣ мекунад. Конгресси Мусулмонҳо инчунин "Эъломияи миллӣ"-ро қабул кард, ки он баробарҳуқуқии алҷазоириҳою фаронсавиҳо ва бекор кардани "Қонун дар бораи аҳолии маҳаллӣ"-ро тақозо менамуд.

Вазъи пуршиддати байналхалқии арафаи Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ дар назди ватанпарварони Алҷазоир вазифаҳои нав мегузошт. Охирҳои соли 1938 Кумитаи Ягонагии Халқи Алҷазоир маъракаи калони зидди Гитлер ва Муссолиниро доир гардонд, чунки онҳо даъвои забти Африкаи Шимолиро доштанд. Соли 1939 Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ оғоз ёфт. Бинобар ин нерӯҳои сиёсии Алҷазоир ҳаракати озодихоҳонаи худро муваққатан қатъ карданд.

## МАРОКАШ

**Ҷумҳурии Риф.** То охирҳои Ҷанги якуми ҷаҳонӣ ҳанӯз қисми зиёди қаламрави Марокаш аз тарафи мустамликадорон забт нашуда буд. Маҳз дар қаламрави таслимношудаи Марокаш ҳаракати қабилаҳои озодихоҳ барои озод нигоҳ доштани ватани худ тавлид ёфт.

Соли 1920 Испания кӯшиш кард, ки вилоятҳои кӯҳии аз маъдан бойи Рифро забт кунад. Кӯшиши испаниҳо баҳри бо пешвоёни қабилаҳои Риф забоняккунӣ натиҷаи дилхоҳ надод. Аз ҳамин сабаб ҳукуматдорони Испания бар зидди аҳолии ин вилоятҳо задухӯрди мусаллаҳона ташкил намуданд. Муборизаи зидди испаниҳоро каид (доҳӣ)-и яке аз қабилаҳои Риф – Муҳаммад Абдулкарим сарварӣ кард.

Моҳи июли соли 1921 сипоҳиёни Риф ба душман шикаст дода, ғаниматӣ зиёде ба даст даровარданд. Аввали моҳи сентябри соли 1921 12 қабилаи Риф муттаҳид шуда, Ҷумҳурии Рифи соҳибистиқлолро таъсис намуд. Иттифоқи пешвоёни қабилаҳои Риф худро Маҷлиси Миллии Ҷумҳурии Риф эълон кард. Раиси Маҷлис дар айни замон президенти ҷумҳурӣ ҳам буд. Маҷлиси Миллӣ ба ин мансаб Абдулкаримро интихоб кард.

Ҷумҳурии Риф ба рақибон зарбаҳои ҳалокатовар зада, истиқлолияти худро аз таҷовузи душманон қаҳрамонона муҳофизат мекард. То охири соли 1924 испаниҳо қариб тамоми қаламрави то соли 1912 забткардаи худро аз даст дода, танҳо дар яке аз шаҳрҳои истеҳкомдори соҳилҳои Баҳри Миёназамин истода тавонистанду халос.

Ғалабаи Риф ҳукуматдорони Фаронсаро дар Марокаш ба ташвиш овард. Онҳо бар он ақида буданд, ки дар сарҳадҳои шимолии



10—К-9371

минтақаи забткардаашон ташкил ёфтани Ҷумҳурии соҳибистиқлол метавонад шӯриши тамоми марокашиҳоро ба вуҷуд биёрад. Бинобар ин тобистони соли 1924 қувваҳои харбии Фаронса ба минтақаи ғаллакории Риф – водии дарёи Уарги зада даромада, ният доштанд, ки рифиҳоро ба чанголи гуруснагӣ супоранд. Ҷавобан ба ин артиши Риф моҳи апрели соли 1925 ҳуҷуми худро ба минтақаи фаронсавии Марокаш оғоз кард, ки он то моҳи июли соли 1925 идома ёфт. Бебарории ҳарбӣ ҳукумати Фаронсаро водор намуд, ки сарфармондеҳи артишро иваз намуда, шумораи онро зиёд кунад. Фаронсавиҳо бо Испания забон як карданд, то ки муборизаи зидди Риф барои онҳо натиҷаи дилхоҳ диҳад. Моҳи сентябри соли 1925 бар зидди Ҷумҳурии Риф ҳамлаи муштараки қувваҳои ҳарбии Фаронса ва Испания оғоз ёфт. Рифиҳо ватани худро қаҳрамонона муҳофизат мекарданд. Моҳи майи соли 1926 Ҷумҳурии Риф аз қувваҳои ҳарбии Фаронса ва Испания шикаст хӯрд. Абдулкарим ба фармондеҳи фаронсавиҳо таслим шуд.

**Муборизаи озодихоҳона идома меёбад.** Муборизаи мусаллаҳона дар ҳар ду минтақа – минтақаи Фаронса ва минтақаи Испания то соли 1934 идома ёфт. Дар шаҳрҳои Марокаш баромадҳои аввалини калон соли 1930 бо баҳонаи эълон карда шудани қонун "Дар бораи адлияи барбарҳо" ба амал омад. Ин қонун мақсад дошт, ки дар байни барбарҳо ва арабҳо ҷудоӣ андозад. Бо иштироки ҳам арабҳо ва ҳам барбарҳо дар ҳар ду минтақа намоишҳои оммавии эътирозӣ баргузор гардиданд.

Моҳи майи соли 1933 сар то сари мамлакатро мавҷи нави баромадҳои эътирозии халқи Марокаш фаро гирифт. Мардум бар зидди маҳдуд кардани ҳуқуқи таҳсил дар масҷидҳо баромаданд.

Соли 1934 гурӯҳи сармоядорон ва зиёиёни Марокаш бо номи Иттиҳоди Мағрибӣ созмони сиёсӣ ташкил намуданд. Барномаи ин созмон тақозо мекард, ки ваколатҳои дастгоҳи давлатии султонӣ васеъ карда шаванд. Ҳукуматдорони мустамликавӣ иҷрои ин талаброро рад карданд. Ба сабаби авҷ гирифтани баромадҳои зиддиимпериалистии соли 1936 дар шаҳри Фес ва шаҳрҳои дигари Марокаш моҳи марти соли 1937 фаъолияти Иттиҳоди Мағрибӣ манъ карда шуд. Аъзои Иттиҳоди Мағрибии манъ кардашуда ду ҳизби сиёсии нав ташкил намуданд – Ҳаракати Миллӣ ва Ҳизби Миллӣ. Ҳар дуи ин ҳизбҳо ҷонибдори дар доираи сарпараст (протекторат) гузарондани ислоҳоти идораи Марокаш буданд.

Дар баробари ин тамоми соли 1937 дар ноҳияҳои гуногуни Марокаш шӯбҳои зидди Фаронса ба амал омаданд. Ҳукумати Фаронса бар зидди намоишчиён қувваи харбиро истифода мебурд. Охирҳои соли 1937 аксарияти роҳбарони аҳзоби сиёсии Марокаш ҳабс ва бадарға карда шуданд.

Аз аввали солҳои 30-юм сар карда ба минтақаи испании Марокаш воридшавии Германияи фашистӣ оғоз ёфт. Ба генерал Франко, ки комиссари сарфармондеҳи минтақаи испании Марокаш буд, муяссар шуд, ки бо ёрии ашрофони фиребхӯрдаи маҳаллӣ қабилаҳои Марокашро ба мубориза зидди Ҷумҳурии Испания ҷалб кунад. Вале дере нагузашта ин фиреби маҳз ошкор карда шуд. Моҳи сентябри соли 1938 дар минтақаи испании Марокаш шӯриши калони зиддифашистӣ сар зад. Ҳизби Ислоҳоти Миллии дар минтақаи Испания амалкунанда мардумро даъват намуд, ки ба мубориза баҳри истиқлолияти Марокаш бархезанд.

## ТУНИС

**Оғози ҳаракати истиқлолиятхоҳӣ.** Моҳи ноябри соли 1918 дар маҷлиси махфии арбобони миллии Тунис барномае қабул карда шуд, ки дар он интихоботи Маҷлиси Муассисон, таҳияи конститутсия ва ташкил кардани ҳукумати миллии дар назди парламент масъул инъикос гардида буд.

Сарфи назар аз он ки фаронсавиҳо зӯровариро ба кор мебурданд, ватанпарварони Тунис зулму истибдод ва ваҳшонияти ҳокимияти сарпараст (протекторат)-ро фош мекарданд.

Соли 1920 Ҳизби Буржуазияи Миллӣ таъсис дода шуд, ки он бо номи мухтасари "Дастур" ("Конститутсия") маълум аст. Ҳарчанд ин ҳизб барои Тунис дигаргунсозиҳои куллӣ ва истиқлолияти миллиро тақозо намекард, дар байни халқи Тунис бо ғояҳои озодихоҳии худ машҳур шуд. "Дастур" дар тамоми Тунис ҷонибдорони худро дошт.

Охирҳои соли 1920 ҳайати дуюми вакилони "Дастур" ба Париж рафт, вале ин музокирот ҳам бе натиҷа анҷом ёфт. Маъмурияти сарпараст (протекторат) бар зидди арбобони миллии Тунис зӯровариро ба кор бурд. Ҷавобан ба ин дар сар то сари мамлакат намоишу корпартоиҳои эътирозӣ ба амал омаданд, ошӯбҳо тамоми соли 1921 давом карданд. Моҳи апрели соли 1922, вақте ки хабари ба Тунис омадани президенти Фаронса маълум шуд, ошӯбҳои эътирозии халқи Тунис авҷ гирифтанд. Ҳатто бейи Тунис ҳам таҳдид кард, ки агар Фаронса ислоҳоти тақозошударо иҷро накунад, аз тоҷу тахти Тунис даст мекашад.

**Ислоҳоти конститутсионӣ.** Моҳи июли соли 1922 ҳукумати Фаронса дар бораи ислоҳоти конститутсионии Тунис қонун интишор кард. Ислоҳоти мазкур дар назар дошт, ки Шӯрои Калон бо мақоми маслиҳатӣ таъсис дода шавад. Дар ҳайати ин шӯро намояндагони фаронсавиҳо нисбат ба тунисиҳо зиёдтар буданд. Дар вилояту навоҳӣ ҳам бояд шӯроҳо таъсис дода мешуданд, ки вазифаи онҳо танҳо аз муҳокимаи буҷа иборат буд.

Ин ислоҳоти ночиз ба талаботи "Дастур" мувофиқат намекард, вале онро ҳизбҳои росттаро ва рӯҳониён бо ризоияти том истиқбол намуданд. Дере нагузашта ин ашхос Ҳизби Ислоҳотро таъсис намуда, роҳи ҳамкориро бо ҳукуматдорони сарпараст (протекторат) пеш гирифтанд.

Вале аксарияти аҳолии мамлакат муборизаро барои истиқлолияти Тунис қатъ накард. Соли 1921 дар шаҳрҳои Бизерта, Тунис ва Сфекс корпартоиҳо доир гардиданд. Маъмурияти сарпараст бар зидди иштирокчиёни ҳаракати миллию озодихоҳӣ қувва ба кор бурд. Ҳизби "Дастур" муваққатан пароканда шуд. Роҳбари "Дастур" аз мамлакат фирор кард. Иттифоқҳои касаба ва созмонҳои Ҳизби Коммунистӣ ба пинҳонкорӣ гузаштанд. Ҳаракати миллию озодихоҳӣ дар Тунис рӯ ба таназзул ниҳод.

**Болоравии нави ҳаракати миллию озодихоҳӣ.** Дар давраи бӯҳрони иқтисодии ҷаҳонӣ дар Тунис истеҳсоли маъдан ниҳоят кам ва сафи бекорон зиёд шуд. Дар кишоварзӣ маъмурияти сарпараст несткунии токзорҳои мавҷударо ҳавасманд ва бунёд намудани боғҳои нави токро манъ мекард. Ин кор ба мустамликадорон барои он зарур буд, ки рақобати токпарварону шаробпазони Фаронса кам карда шавад. Аз ин сиёсат кишоварзони хурди Тунис ба тезӣ муфлис мешуданд. Аз сабаби набудани беда дар як қатор ноҳияҳо то 80 фоизи чорво талаф шуд. Тунисро гуруснагӣ фаро гирифт.

Дар чунин шароити иҷтимоӣ ҳаракати миллию озодихоҳӣ дар Тунис аз нав вусъат ёфт. Маъмурияти сарпараст кӯшиш ба харҷ медод, ки тавассути чораҳои террористӣ бар халқи Тунис ғолиб барояд. Як қисми ҳизби "Дастур" бо сардории Ҳабиб Бургиба аз нав эҳё гардида, ба муборизаи миллию озодихоҳӣ ҳамроҳ шуд. Ҳабиб Бургиба талаб кард, ки муборизаро бар зидди муҳоҷирони мустамликадор пурзӯр кардан лозим аст. Бургиба ва ҷонибдорони ӯ, ки манфиатҳои буржуазияи миллӣ ва зиёиёнро ифода мекарданд, аз ҳизби "Дастур" баромада, моҳи марти соли 1934 бо номи "Дастури Нав" ҳизби ҷадиди худро таъсис доданд. Онҳое, ки ба роҳбарони қаблии "Дастур" содиқ буданд, "Дастури Кӯҳна" ном гирифтанд.

Сарфи назар аз таъқибот, дар Тунис таъсири "Дастури Нав" зиёд мешуд. Ин вақт Ҳизби Коммунистӣ низ фаъолият мекард. Вале моҳи сентябри соли 1934 ҳабс карда шудани роҳбарони ин ҳар ду ҳизб боиси дар Тунис заиф шудани ҳаракати миллию озодихоҳӣ гардид.

Дар Фаронса таъсис ёфтани ҳукумати Ҷабҳаи Миллӣ вазъиятро дар Тунис тағйир дод. Ҳизбҳои сиёсӣ аз пинҳонкорӣ баромаданд, баъзе ислоҳотҳои иҷтимоӣ ҳам дар амал татбиқ шуданд, хусусан оид ба қонунгузории коргарӣ, шартномаҳои коллективӣ ва рухсатиҳои ҳарсолаи пулакӣ. Вале дар маркази диққати ҷомеаи Тунис муборизаи

миллию озодихоҳӣ меистод. 20 ноябри соли 1937 дар Тунис барои дастгирии истиқлолият корпартоии умумӣ доир гардид. Корпатоиҳо дар ин мустамликаи Фаронса дар тӯли зимистон ва баҳори солҳои 1937 – 1938 қатъ нагардиданд.

Маъмурияти мустамликавии Фаронса дар Тунис таъқиботро аз нав пурзӯр кард. 8 январи соли 1938 дар Бизерт намоиши корғаронро тирборон намуд. Моҳи апрели соли 1938 бар зидди намоишчиён аз танкҳо истифода бурд. Аввал роҳбарони "Дастури Нав"-ро ба ҳабс гирифта, баъд дар Тунис фаъолияти ин ҳизбро манъ кард. Соли 1939 Тунис дар ҳолати муҳосира эълон карда шуд. Мустамликадорони Фаронса кӯшиши зиёд ба харҷ медоданд, ки мардуми Тунисро дар тобеияти комили худ нигоҳ доранд.

Истиқлолияти давлатии Тунис ба давраи баъд аз Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ мавқуф монд.

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

**1.** Вазъи умумии мамлакатҳои араби Мағрибро шарҳу эзоҳ диҳед. **2.** Вазъи Алҷазоир дар солҳои Ҷанги якуми ҷаҳонӣ чӣ тавр буд? **3.** Ҳолати ҳуқуқии мардуми Алҷазоирро муайян созед. **4.** Моҳияти "Қонун дар бораи мардуми маҳаллӣ"-ро баён кунед. **5.** Дар бораи набераи Абдулкодири машҳури ватанпарвар – Амир Холид чӣ медонед? Ӯ кадом созмонро таъсис додааст? **6.** Вазъи иқтисодии Алҷазоирро дар давраи бӯҳрони иқтисодии солҳои 1929 – 1938 чӣ тавр дарёфтед? **7.** Ҳизби Алҷазоири ҷавон кадом талаботро пешниҳод кард? **8.** Баъди дар Фаронса ба сари ҳокимият омадани Ҷабҳаи Миллӣ дар Алҷазоир кадом дигаргуниҳо ба амал омаданд? **9.** Ҷумҳурии Риф кай ва чӣ тавр таъсис ёфт. **10.** Фаронса кай ва барои чӣ қувваҳои ҳарбии худро ба Марокаш даровард? **11.** Ҷумҳурии Риф аз нерӯҳои муштараки ҳарбии Испания ва Фаронса кай шикаст-хӯрд? **12.** Иттиҳоди Мағрибиро шарҳ диҳед. **13.** Маҷлиси махфии арбобони миллии Тунис кадом барномаро қабул кард? **14.** Ҳизби "Дастур" кай таъсис ёфт ва он кадом талаботро ба миён гузошт? **15.** Моҳияти ислоҳоти конститутсиониро дар Тунис шарҳ диҳед. **16.** Дар бораи болоравии нави ҳаракати истиқлолиятхоҳӣ дар Тунис далелҳо биёред. **17.** Ҳабиб Бургиба кӣ буд? **18.** Чаро соли 1934 Ҳизби Дастури Нав таъсис ёфт? **19.** Чаро роҳбарони Ҳизби Дастури Нав аз тарафи маъмурияти мустамликавӣ ҳабс карда ва худи ҳизб манъ карда шуд? **20.** Аз мавзӯъ хулоса бароред.

## § 31. ХАРИТАИ СИЁСИИ АФРИКА БАЪД АЗ ҶАНГИ ЯКУМИ ҶАҲОНӢ

**Шарҳи умумӣ.** Қаблан мо аллакай дар бораи давлатҳои африкавии Миср, Алҷазоир, Марокаш ва Тунис нақл кардем. Дар ин мавзӯъ ва чанд мавзӯи оянда дар бораи қисматҳои Тропикӣ ва Ҷанубии Африка маълумоти мухтасар медиҳем.

Дар Ҷанги якуми ҷаҳонӣ ғалаба кардани паймони Антанта харитаи сиёсии Африкаро тағйир дод. Дар байни кулли давлатҳои минтақаҳои Африкаи Тропикӣ ва Ҷанубӣ танҳо 2 давлат – Ҳабашистон ва Либерия соҳибихтиёр ва ҳамаи давлатҳои дигар дар ҳайати империяҳои мустамликаи Британияи Кабир, Фаронса, Белгия, Португалия, Испания ва Италия буданд.

Дар натиҷаи шикасти давлатҳои паймони Сегона империяи мустамликавии Германия барҳам хӯрд. Ин давлати европавӣ мустамликаҳои худро дар Африкаи Шарқӣ, Африкаи Ҷанубу Ғарбӣ, инчунин Камерун ва Тогоро аз даст дод. Онҳо дар байни давлатҳои Антанта ва иттифоқчиёни онҳо тақсим карда шуданд.

**Тақсимоти мустамликаҳои Германия.** Тақсимоти мустамликаҳои Германия аз назари қонун дар асоси нишондодҳои низоми ваколат сурат гирифт. Муаллифи асосии ин нишондод нахуствазири Иттифоқи Африкаи Ҷанубӣ Ян Смэтс буд. Қарор дар бораи таъсиси низоми ваколатро Конференсияи сулҳи Париж моҳи январи соли 1919 таҳия ва моҳи апрели ҳамон сол тасдиқ кардааст. Баъд низоми ваколат ба моддаи 22-юми Ойинномаи Лигаи Миллатҳо табдил ёфт.

Мамлакатҳои Антанта тӯъмаи мустамликавии худро ба се гурӯҳ тақсим карданд – гурӯҳҳои "А", "В" ва "С". Ба гурӯҳи "А" ҳамон давлатҳое дохил карда шуданд, ки нисбатан тараққикарда ва дар ҳайати империяи Туркия буданд, яъне Сурия, Лубнон, Фаластин, Урдун ва Ироқ. Ягон давлати африкавӣ ба ин гурӯҳ дохил карда нашуд.

Ба гурӯҳи "В" ғайр аз Африкаи Ҷанубу Ғарбӣ ҳамаи мустамликаҳои африкавии Германия дохил карда шуданд. Дар қаламравҳои зерваколати гурӯҳи "В" бунёди пойгоҳҳои ҳарбию истеҳкомҳо манъ карда шуд.

Ба гурӯҳи "С" Африкаи Ҷанубу Ғарбӣ дохил карда шуд. Ин минтақа аз қаламрави ҳамаи мулкҳои зерваколати дар Африкабуда нисбатан ақибмондатар буд. Лигаи Миллатҳо дар назди давлатҳое, ки барои идораи қаламрави гурӯҳи "С" ваколат гирифтанд, қариб ягон хел шарт нагузошт. Ин маънои онро дошт, ки соҳибони ваколат қаламрави зерваколати худро ҳамчун мустамлика ҳисобанд.

Мустамликаи калонтарини немисӣ – Африкаи Шарқии Германия дар байни 3 давлат – Британияи Кабир, Белгия ва Португалия тақсим

карда шуд. Британияи Кабир қисми асосии ин мамлакатро ба даст даровард. Руанда, Урунди ва ду вилоят дар шимолу ғарбии сарҳади Конго ба зери идораи Белгия даромаданд. Руанда ва Урунди аз рӯи масоҳати худ он қадар калон набуданд, лекин аз ҷиҳати аҳолӣ бар дигар вилоятҳои Африкаи Шарқӣ бартарӣ доштанд. Маҳз дар Руанда ва Урунди зиёда аз нисфи аҳолии мустамликаҳои собиқи немисӣ зиндагӣ мекард. Вилояти начандон калони Конго, ки дар ҷанубу шарқии Африкаи Шарқии Германия воқеъ гардидааст, ба Португалия "баргардонда" шуд. Онро Германия аз Португалия ҳанӯз соли 1884 кашида гирифта буд. Мисли мустамликаҳои дигари Германия Конго зерваколат эълон карда шуд. Португалия онро ба мустамликаи худ – Мозамбик ҳамроҳ кард.

Камерун дар байни Фаронса ва Британияи Кабир тақсим карда шуд. Мустамликаи дигари Германия дар Африкаи Ғарбӣ – Тогоро низ Англия ва Фаронса бо ҳам диданд. Фаронса ба қисмати зиёди шарқӣ ва Британияи Кабир ба қисмати ғарбии он ваколатнома гирифт. Африкаи Ҷанубу Ғарбии Германия ба зерваколати Иттифоқи Африкаи Ҷанубӣ даромад.

Ҳамин тавр Антанта тақдири 13 миллион нафар сокини мустамликаҳои Германияро ҳал кард.

**Мулкҳои Британии Кабир.** Мулкҳои Британия Кабир аз ҳама зиёду васеъ ва бой буданд. То Ҷанги якуми ҷаҳонӣ ин империяи мустамликавии калонтарини ҷаҳон орзу дошт, ки дар Африка ҳудудҳои мустамликадории худро васеъ кунад. Ин орзуи Британияи Кабир баъди ҷанг ҷомаи амал пӯшид. Дар баробари ба даст даровардани Танганика ҳудуди мустамликаҳои Англия аз Кейптаун то ба Қоҳира васеъ шуд. Мустамликаҳои он дар Африкаи Ҷанубӣ, Ғарбӣ, Марказӣ ва Шимолу Шарқӣ ҷойгир буданд ва ҳар кадом дар ҳайати империяи Британия мақоме доштанд – мустамлика, зерсарпараст (протекторат), зерваколат ва ё доминион.

Иттифоқи Африкаи Ҷанубии доминион (соли 1961 ба Ҷумҳурии Африкаи Ҷанубӣ номгузорӣ карда шуд) дар империяи Британия мамлакати аз ҳама бойтарини Африка ба ҳисоб мерафт. Солҳои 20-ум зиёда аз нисфи тиллои ҷаҳони сармоядорӣ дар он ҷо истеҳсол карда мешуд.

Дар ҳамсоягии Иттифоқи Африкаи Ҷанубӣ Африкаи Ҷанубу Ғарбии зерваколати Англия воқеъ буд, ки феълан Намибия ном дорад. Се давлати дигаре, ки Англия ҳангоми тақсимоти империалистии Африка ба даст даровард, зерсарпарасти худ эълон кард, Свазиленд (аз соли 1968 шоҳигарии Свазиленд), Бечуаналенд (аз соли 1966 Ҷумҳурии Ботсвана) ва Басутоленд (аз соли 1966 шоҳигарии Лесото) буданд. Ҳар сеи ин давлат ба Иттифоқи Африкаи Ҷанубӣ тобеъ буданд.

Дар шимолтари ин минтақа Родезияи Ҷанубӣ ва Родезияи Шимолӣ, (аз соли 1964 Ҷумҳурии Замбия), Нясаленд (аз соли 1964 Ҷумҳурии Малавӣ) ба Британияи Кабир тааллуқ доштанд. Ҳар сеи ин давлатҳоро Англия ҳанӯз дар аввали солҳои 90-уми асри XIX ишғол карда буд. Дар ин ҷо мулкҳои Англияро ширкатҳои британиявии Африкаи Ҷанубӣ, ки Сесил Родс таъсис дода буд, идора мекарданд.

Соли 1922 бо сабаби сипарӣ шудани мӯҳлати ваколатҳои аз тарафи ҳукумати Британия ба ин ширкат додашуда дар Родезияи Ҷанубӣ раъйпурсӣ баргузор гардид. Ин раъйпурсӣ дар байни аҳолии маҳаллӣ нею танҳо дар байни мустамликачиён гузаронда шуд. Ба шарофати иқлими мусоид ва бойгариҳои табиии ин ҷо ин қабил одамон дар Родезияи Ҷанубӣ нисбат ба аҳолии маҳаллӣ зиёдтар шуда буданд. Яъне тақдири Родезияи Ҷанубиро онҳое ҳал мекарданд, ки ба ин ҷо аз давлати мустамликадор муҳоҷир шуда омадаанд.

Ҳамин тариқ, аз 1 октябри соли 1923 Родезияи Ҷанубӣ мустамликаи "сафед"-и худидорашавандаи дорои парламенти аз ҷониби интихобкунандагони сафедпӯст интихобшаванда эълон карда шуд.

Дар Родезияи Шимолӣ, ки муҳоҷирони сафедпӯст танҳо 3 ҳазор нафар буданд ва аҳолии ин мустамлика ҳамагӣ 950 ҳазор нафарро ташкил мекард, ҳеҷ гуна раъйпурсӣ гузаронда нашуд. Вай ҳамин тавр соли 1924 зери сарпарастии Англия даромад.

Танганика ба минтақаи зерваколати Британия табдил ёфт. Он ба Кения, Угандаю султонии Занзибари аз ҷониби Британияи Кабир дар охири солҳои 60-ум – аввали солҳои 90-уми асри XIX ишғолкарда ҳамроҳ карда шуд. Ин мамлакатҳо аввал Африкаи Шарқии Британия ном дошта, аз тарафи ширкати имтиёзноки британиявии Африкаи Шарқӣ идора карда мешуданд ва соли 1885 ба зери идораи шоҳигарии Британияи Кабир гузаштанд. Кения бошад, аввал зерваколати Африкаи Шарқии Британия ва баъд соли 1920 мустамликаи Англия эълон карда шуд, ғайр аз минтақаи тасмавори наздисоҳилии Уқёнуси Ҳинд, ки расман қисми султонии Занзибар буд. Ин минтақа мақоми зерсарпарастии худро нигоҳ дошт. Уганда низ зерсарпарасти Англия ҳисобида мешуд.

Кения ва Уганда дар Шимол ба мустамликаи дигари Судони Англияю Миср ҳамҳудуд буданд. Дар шарқтари ин минтақа танҳо як мулки британиявӣ – Сомалии зерсарпарасти Британия воқеъ буд, ки соли 1960 ба ҳайати Ҷумҳурии Демократии Сомалӣ дохил шуд.

Ғайр аз ин мулкҳои Африкаи Ҷанубӣ, Марказӣ ва Шарқӣ ба империяи Британияи Кабир як қатор мамлакатҳои Африкаи Ғарбӣ низ дохил буданд. Калонтарини онҳо Нигерия буд, ки соли 1960 истиқлолият ба даст даровард. Ин давлат аз рӯи шумораи аҳолӣ дар қитъаи Африка аз ҳама калонтарин мебошад.

Барои Британияи Кабир аз ҷиҳати аҳамият Соҳили Тиллоӣ ҷои дуюмро ишғол мекард. Ин давлат соли 1957 истиқлолият ба даст дароварда, ба худ номи Ганаро гирифтааст. Англия барои ишғол кардани Соҳили Тиллоӣ тамоми асри XIX мубориза бурда буд.

Ба ҳайати империяи Британияи Кабир инчунин Сера-Леоне дохил мешуд, ки он соли 1965 истиқлолият ба даст даровард. Сера-Леоне ба мустамлика ва зерсарпараст тақсим шуда буд. Ҳар дуи онҳо ҳам мулкҳои Британия ҳисоб меёфтанд.

Британияи Кабир баъди Ҷанги якуми ҷаҳонӣ ба мулкҳои Африкаи Шарқии худ минтақаҳои ғарбии Того ва Камерунро низ ҳамроҳ кард, яъне аз Лигаи Миллатҳо барои якҷоя идора кардани онҳо ваколатнома гирифт.

Гамбия низ ба мустамлика ва зерсарпарасти Англия тақсим мешуд. Ин давлатро Британияи Кабир дар асри XIX забт кардааст (Гамбия соли 1970 истиқлолияти давлатӣ ба даст даровард).

**Мулкҳои Фаронса.** Аксарияти мулкҳои Фаронса дар Африкаи Ғарбӣ ва Экваториалӣ воқеъ буданд. Фаронса ин мулкҳои худро асосан дар асри XIX ишғол кардааст. Фаронса дар охирҳои асри XIX – аввали асри XX онҳоро дар ду федератсияи калон – Африкаи Ғарбии Фаронса ва Африкаи Экваториалии Фаронса муттаҳид кард.

Ба ҳайати Африкаи Ғарбии Фаронса 8 мустамлика дохил карда шуда буд: Гвинеяи Фаронса, ки соли 1957 истиқлолият ба даст даровард, Соҳили Устухони Оҷ, Волтаи Боло, Дагомея, Мавритания, Нигерия, Сенегал, ки ҳамаи онҳо соли 1960 соҳибистиқлол шудаанд ва Судони Фаронса, ки аз соли 1960 Ҷумҳурии Малӣ ном гирифтааст. Қонунгузорие, ки дар Африкаи Ғарбии Фаронса ҷорӣ буд, мувофиқи низоми ваколат як қисми Тогоси зери идораи Фаронсаро низ фаро гирифт.

Ба ҳайати Африкаи Экваториалии Фаронса чор мустамлика дохил буд: Габон, Чад, Конгои Миёна ва Убанги-Шари. Ҳар чори онҳо соли 1960 соҳибистиқлол гардиданд. Дутои охирӣ – Конгои Миёна ва Убанги-Шари – Ҷумҳурии Халқии Конго ва Ҷумҳурии Африкаи Марказӣ ном гирифтанд. Қонунгузорие, ки дар Африкаи Экваториалии Фаронса амал мекард, дар як қисми Камеруни дар асоси низоми ваколат ба зери идораи Фаронса дохилшуда низ ба кор бурда мешуд. Ғайр аз ин Фаронса дар қитъаи Африка соҳиби як қаламрави нисбатан хурде ҳам буд, ки дар он халқиятҳои афар ва сомалӣ сокин буданд. Аз соли 1896 қаламрави сукунати ин халқиятҳо Соҳили Сомалии Фаронса ном мегирад. Аз соли 1896 ҷазираи калонтарини қитъаи Африка – Мадағаскар ҳам ба мустамликаи Фаронса мубаддал гардид.

**Мулкҳои Белгия.** То ҷорӣ гардидани низоми ваколат Белгия дар қитъаи Африка танҳо як мустамлика дошт – Конгои Белгия. Онро

Белгия дар солҳои 70 – 80-уми асри XIX ишғол карда буд. Баъди Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ мувофиқи низоми ваколат Белгия барои идораи Руанда (аз соли 1962 – Ҷумҳурии Руанда) ва Урунди (аз соли 1962 подшоҳии Бурунди, аз соли 1966 Ҷумҳурии Бурунди) ваколатнома гирифт.

Белгия дар вақташ барои ишғол кардани Конго нерӯи ҳарбӣ ва маблағи ниҳоят зиёд сарф карда буд. Конгои Белгия аз ҷиҳати масоҳат дар қитъаи Африка мустамликаи аз ҳама калонтарин ба шумор мерафт. Дар баробари ин Конгои Белгия ва хусусан қисмати ҷанубу шарқии он – Катанга аз маъданҳои камёфту қиматбаҳо бой буд.

**Мулкҳои Португалия.** Империяи мустамликавии Португалия дар Африка нисбат ба дигар империяҳо барвақттар ташкил ёфтааст. Ба Африка воридшавии Португалия ҳанӯз дар асри XV оғоз ёфта буд. Вале он танҳо то аввали асри XX тавонист, ки нақшаи ишғоли вилоятҳои дар байни Ангола ва Мозамбикбударо амалӣ кунад.

Португалия дар қисмати ғарбии Африка мулки аз ҷиҳати масоҳат калоне дошт, ки онро Гвинеяи Португалия меномиданд. Гвинеяи Португалия аз соли 1973 бо номи Ҷумҳурии Гвинея (Бисау) истиқлолият ба даст даровард.

**Мулкҳои Италия.** Италия дар қитъаи Африка ҳамагӣ ду мустамлика дошт – Эритрея, ки соли 1890 ишғол карда буд ва Сомалии Италия, ки бо Ҳабашистон конфедератсия ташкил намуданд. Соли 1962 Эритрея ба ҳайати Ҳабашистон дохил шуд. Сомалии Италия соли 1960 ба ҳайати Ҷумҳурии Демократии Сомалӣ дохил гардид.

**Мулкҳои Испания.** Кулли мустамликаҳои испании дар Африкаи Ғарбӣ ҷойгирифта он қадар калон набуданд. Инҳо Рио-Муни, ҷазираи Фернандо-По ва як қатор ҷазираҳои хурди дигар буданд, ки аз соли 1968 Ҷумҳурии Гвинеяи Экваториалӣ ном гирифтаанд. Мустамликаи дигари Испания, ки аз рӯи масоҳат хеле калон, вале биёбону камодам буд, Рио-до-Оро аст, ки онро Саҳрои Испания ҳам меноманд.

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

**1.** Оё натиҷаҳои Ҷанги якуми ҷаҳонӣ ба тақсими мустамликавии қитъаи Африка таъсир расонд? **2.** Аз рӯи сатҳи тараққиёт Лигаи Миллатҳо мустамликаҳои Германия ва Туркияро ба кадом гурӯҳҳо тақсим кард? **3.** Ба мустамликаҳои гурӯҳи "А" кадом давлатҳо дохил шуданд? Ба мустамликаҳои гурӯҳи "В" чӣ? Ба мустамликаҳои гурӯҳи "С" чӣ? **4.** Мустамликаҳои африкавии Германияро номбар кунед. **5.** Фарқи байни мустамликаҳо, давлатҳои зерваколат, зерсарпараст (протекторат) ва доминионро муайян кунед. **6.** Оё мамлакатҳое, ки мулкҳои зерваколат доштанд, аз тарафи Лигаи Миллатҳо назорат карда мешуданд?

## § 32. ИСТИСМОР ВА ИДОРАИ МУСТАМЛИКАВИИ МАМЛАКАТҲОИ АФРИКА

**Шарҳи умумӣ.** То аввали асри XX ба мамлакатҳои империалистӣ муяссар гардид, ки мулкҳои сукунати қариб ҳамаи халқҳои Африкаро забт кунанд. Ҷараёни ба низоми истисмори мустамликавӣ фаро гирифтани ин халқҳо хеле тӯл кашид. Дар бисёр мустамликаҳои африкавӣ ин мубориза даҳҳо сол давом дошт.

Барои ба истисмори муттасил гузаштан мамлакатҳои мустамликадор бойгарии табиии ҳар як мустамликаи худро ба таври ошкоро ва ё пинҳонӣ ҳаматарафа меомӯхтанд. Ба он ҷойҳо роҳҳои ҳамлу нақл месохтанд, низоми идораи мустамликавиро барпо менамуданд, самтҳо ва воситаҳои истисмори захираҳои одамӣ ва табииро муайян мекарданд. Кори аз ҳама мушкилтарин амалӣ намудани худи ҳамин истисмор, ба нафъи мустамликадорон маҷбуран кор фармудани халқи мустамликаҳо ва аз худ кардани бойгарии миллии онҳо буд.

**Истисмори мардуми маҳаллӣ ва захираҳои табиӣ.** Соҳаи асосии иқтисоди мамлакатҳои Африка – кишоварзӣ дар зери фишори шадиди мустамликадорон ба содирот мувофиқ карда мешуд. Дар натиҷаи чунин сиёсат номгӯи зироатҳои дар Африка парваришшаванда яку якбора тағйир ёфт. Дар зарфи чоряк асри то Ҷанги якуми ҷаҳонӣ ва то оғози Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ барои зарурати дохилӣ, махсусан ҷуворимакка дар як сатҳ қарор дошт. Вале истеҳсоли зироатҳои содиротӣ баръакс меафзуд. Истеҳсоли қаҳва 11 баробар, чой 10 баробар, какао ва бибон 6 баробар, арахис зиёда аз 4 баробар, тамоку 3 баробар зиёд шуд.

Бо сабаби тамоили содиротии кишоварзӣ шумораи мамлакатҳои африкавии парваришкунандаи як зироат хеле меафзуд. Дар мамлакатҳои мустамликавии Африка 85 фоизи арзиши содиротро зироатҳои якхела ташкил мекарданд. Масалан, Гамбия ва Сенегал барои парвариши чормағзи заминӣ, Занзибар барои парвариши қаранфул (як намуди гул), Уганда барои парвариши пахта, Соҳили Тиллоӣ барои парвариши қаҳва, Соҳили Устухони Оҷ, Того ва Камерун барои истеҳсоли қаҳва, Габон барои сабзондани навъҳои ҷӯбҳои пурқимат ва Гвинеяи Фаронса барои парвариши банану ананас махсус гардонда шуда буданд.

Саноати дар Африка тавлидёфта боз ҳам бештар бо назардошти содирот кор мекард. Саноати кӯҳии мустамликаҳои африкавӣ зуд тараққӣ мекард. Масалан, дар Конгои Белгия истеҳсоли мис аз соли 1913 то соли 1937 зиёда аз 20 баробар афзуд. Африкаи Тропикӣ ва Африкаи Ҷанубӣ аз ҷиҳати истеҳсоли минерал ва маъданҳо дар олами

сармоядорӣ ҷои намоёнро ишғол мекарданд, аз он ҷумла аз ҷиҳати истеҳсоли алмос, кобалт, тилло, хром, марганетс, фосфорит, платина.

Ба соҳаҳои содиротӣ хориҷиён зиёдтар маблағгузорӣ мекарданд. Солҳои 1870–1936 дар мамлакатҳои Африка ҳаҷми умумии сармоягузории хориҷӣ зиёда аз 1,2 млрд. фунт стерлингро ташкил кард. Тақрибан 75 фоизи ин маблағ аз сармоядорони Британияи Кабир буд. Маҳз дар ҳамин давраи байни ду ҷанги ҷаҳонӣ иттиҳодияҳои калони инҳисорӣ, ба монанди "Юнайтед Африка компани"-и Англия ва "Юнион минер дю О, Катанга"-и Белгия машҳур шуданд. Онҳо дар назди худ вазифа гузоштанд, ки ҳам захираҳои одамию табиии Африкаро истисмор кунанд ва ҳам майдонҳои бузурги заминҳои киштбобро аз африкавиҳо кашида гиранд.

Дар як қатор мамлакатҳои Африкаи Шарқӣ – Кения, Таганика ва Нясаленд ширкатҳои зироатпарварии англисӣ ҳукмронӣ мекарданд.

Дар мамлакатҳои зиёди Африкаи Ғарбӣ ширкатҳои тиҷоратию кишоварзӣ мақоми баланд доштанд. Дар он ҷо хоҷагиҳои калони зироатпарварӣ ташкил наёфтанд. Ин кор шумораи зиёди европавиҳоро тақозо мекард, лекин иқлими Африкаи Ғарбӣ барои онҳо ниҳоят гарм буд. Аз ҳамин сабаб дар ин минтақаи Африка истеҳсолкунандагони асосии зироатҳои содиротӣ фермерҳои африкавиасл буданд. Онҳо аз тарафи ширкатҳои европавӣ ва пеш аз ҳама, тавассути нархҳои пасти хариди маҳаллӣ истисмор карда мешуданд.

Ширкатҳои истеҳсолкунандаи маъдан, дар навбати аввал, дар Родезияи Шимолӣ ва Конго, ки аз ин захираи зеризаминӣ бой буданд, кор мекарданд. Родезияи Шимолӣ оҳиста-оҳиста дар ҷаҳон ба яке аз калонтарин истеҳсолкунандагони мис табдил меёфт. Дар музофоти ҷанубу шарқии Конгои Белгия бошад, алмос ва маъданҳои рангаи зиёди дигар истеҳсол карда мешуданд.

Ҷумҳурии Либерия низ аз ҳукмронии ширкатҳои калони хориҷӣ наҷот ёфта натавонист, ҳарчанд ба ягон империяи мустамликавӣ дохил набуд. Ширкати "Файрстон тайр энд раббер компани"-и Америка соли 1926 барои парвариши каучук 400 ҳазор га заминро ба мӯҳлати 99 сол аз Либерия иҷора гирифт. Либерия аз ин ширкат танҳо 1 фоизи арзиши каучуки содиротӣ ва барои истифодаи ҳар як гектар замин камтар аз 15 сент меситонду халос.

Мустамликадорон қувваи кории арзони маҳаллиро ба нафъи худ бо ҳар роҳ кор мефармуданд ва пеш аз ҳама, бо роҳи ҷорӣ намудани андозҳо. Яке аз он андозҳо сарикасӣ буд. Барои аксарияти африкавиаслҳо роҳи ягонаи пайдо намудани пул барои пардохти андоз дар хоҷагиҳои "европавӣ" кор кардан буд.

Мустамликадорони европавӣ инчунин камзаминиро ба таври сунъӣ ба вуҷуд меоварданд. Онҳо барои иҷрои ин мақсад қаламрави нопайдоканорро "минтақаи зисти европавиҳо" эълон мекарданд. Дар

чунин заминҳо мардуми африкавиасл ҳуқуқи кишту кор кардан надоштанд. Ин усул аслан дар ҳамон мамлакатҳое ба кор бурда мешуд, ки ба он ҷо муҳоҷирати европавиҳо хеле зиёд буд. Масалан, дар Кения. Камзаминӣ мардуми африкавиаслро маҷбур мекард, ки бо музди кам дар киштзорҳои европавиён кор кунанд.

Барои ба даст даровардани қувваи корӣ европавиён аз урфу одатҳои халқу қабилаҳои маҳаллӣ низ истифода мебурданд. Пешво метавонист ҳамқавмҳои худро ба корҳои ҷамъиятии зарур сафарбар кунад. Ҳукуматдорони мустамликавӣ пешвоёнро маҷбур мекарданд, ки ҳамқавмони худро барои сохтмони роҳҳою иншоотҳои дигар, ки на барои аҳолии маҳаллӣ, балки барои татбиқи сиёсати мустамликадорӣ зарур буд, равон кунанд.

Дар дарёфти қувваи корӣ маҷбуркунии бевоситаи маъмурияти мустамликаҳо низ мақоми хосса дошт. Ин усул барои мамлакатҳои сусттараққикардаи сармоядорӣ, ба монанди Португалия хос бошад ҳам, дар мустамликаҳои Фаронса низ васеъ ба кор бурда мешуд.

Барои ташкили бозори қувваи коргарӣ дар байни аҳолии африкавиасл ба молҳои европавӣ, ки танҳо бо пул харидан мумкин буд, ба вуҷуд овардани талабот аҳамияти калон пайдо намуд. Тоҷирони сайёр чунин молҳоро насия ҳам мефурӯхтанд. Дар сурати сари вақт пардохта нашудани қарз қарздодагон қарздоронро маҷбур мекарданд, ки ба мардикорӣ раванд.

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

**1.** Чаро баъд аз Ҷанги якуми ҷаҳонӣ дар қитъаи Африка дигаргуниҳои сиёсию иқтисодӣ ба амал омаданд? **2.** Дар бораи истисмори мардуми маҳаллии Африка далелҳо биёред. **3.** Чаро баъд аз Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ содироти молҳои африкавӣ ба мамлакатҳои Европа афзуд? **4.** Чаро дар иқтисодиёти аксарияти мамлакатҳои Африка парвариши як зироат бартарӣ пайдо кард? **5.** Саноати мустамликаҳои африкавӣ чӣ тавр тараққӣ мекард? **6.** Ширкати европавиро ном баред, ки дар Либерия ба мӯҳлати 99 сол 400 ҳазор гектар заминро иҷора гирифтааст? **7.** Мустамликадорони европавӣ кадом роҳҳоро истифода мебурданд, ки африкавиаслҳо дар корхонаю заминҳои онҳо кор кунанд?

## § 33. МАМЛАКАТҲОИ АФРИКАИ ТРОПИКӢ

**Африкаи Тропикӣ.** Фаронса ба иқтисоди мулкҳои дар ин минтақаи ниҳоят калони мустамликавӣ мавҷудбудаи худ хеле кам маблағгузорӣ мекард. Дар ин ҷо саноат ва кишоварзӣ нисбат ба мулкҳои

британиявии Нигерия ва Соҳили Тиллоӣ сусттар тараққӣ карда буданд. Дар байни ин ду соҳа саноат каме пеш рафта буд. Моҳияти судхӯрии сармоядории Фаронса ба ин ҳолат сабаб шуд. Истисмори мустамликаҳои Фаронса, пеш аз ҳама, тавассути тиҷорат ва аз тариқи нархҳои пасти хариди ашёи хоми аз тарафи ширкатҳои тиҷоратии "Компани Франсэ де л,Африк Оксидантал", "Соста коммерсиал де л,Уэст Африкен" ва ғайра муқарраргардида ба амал бароварда мешуд. Онҳо аз ин ҷо ашёи хом содир намуда, ба ин ҷо маҳсулоти саноатӣ ворид мекарданд. Ин ширкатҳо дар ҳама ҷои мустамликаҳои африкавии Фаронса мағозаю дуконҳо, нуктаҳои хариди маҳсулот ва шабакаи васеи кормандони худро доштанд.

Дар сохтани роҳҳои оҳан, ҷангалбурӣ ва корҳои дигар меҳнати маҷбуриро ба таври васеъ истифода мебурданд. Ин усул бо амри президенти Фаронса қонунӣ гардонда шуда буд. Губернатори ҳар як мустамлика ҳуқуқ дошт, ки африкавиаслҳоро барои иҷрои корҳое, ки лозим медонист, сафарбар кунад.

Барои дар байни аҳолии маҳаллии мустамликаҳо пайдо намудани такягоҳи боэътимод Фаронса оид ба як қисми аҳолӣ аз сиёсати дурагакунӣ истифода мебурд. Дар Африкаи Тропикӣ ин усул, пеш аз ҳама, дар Сенегал, ки мустамликаи кӯҳнатарини Фаронса буд, амалӣ карда мешуд. Маҳз бо ҳамин сабаб сокинони чор шаҳри Сенегал – Дакар, Сан-Луи, Рюфиски ва Горэ  аз давраи инқилоби соли 1848 расман шаҳрвандони Фаронса ба ҳисоб мерафтанд. Аз ин рӯ, ба парламенти Фаронса як вакил интихоб мекарданд.

**Нигерия.** Нигерия яке аз мустамликаҳое буд, ки дар он низоми идораи бевоситаи ҳукуматдорони мустамликавии Британияи Кабир ҷорӣ карда шуд. Барои истифодаи ин восита вазъи амоSратҳои шимолии мусулмонӣ (дар он ҷо халқи мусулмони хаус сокин буд) мусоидат кард.

Ҷорӣ кардани парвариши зироатҳои содиротӣ Нигерияро ба фурӯшандаи калони маҳсулоти зайтун, зироатҳои лӯбиёгӣ, қаҳва, арахис ва пахта табдил дод. Васеъ намудани майдони кишти зироатҳои содиротӣ дар ин ҷо чун дар мамлакатҳои дигари Африка фаъолияти хоҷагиҳои натуралиро танг намуда, онҳоро ба муносибатҳои бозорӣ кашид.

Нигерия ба фурӯшандаи ашёи хоми минералӣ, пеш аз ҳама, қалъагии асосан барои мамлакати мустамликадор зарурбуда мубаддал гардид.

**Кения, Уганда, Танганика ва Занзибар.** Ин мамлакатҳо дар вақташ Африкаи Шарқии Британия ном бурда мешуданд. Муҳоҷирони сафедпӯсти Кения бо дастгирии ҳукумати Англия ҷидду ҷаҳд мекарданд, ки ин мамлакатҳоро муттаҳид созанд, ё ки ҳеҷ набошад се

давлати аввал номбурдаро дар Федератсияи Арфикаи Шаркӣ муттаҳид карда, ба дастгоҳи муштараки идораи мустамликавии Британияи Кабир тобеъ гардонанд. Татбиқи ин нақша ба мустамликадорон имконият медод, ки Танганикаи зерваколатро ба ҳайати мулкҳои англисӣ боэътимодтар муттаҳид намоянд. Лекин ин нақша амалӣ нагардид. Яке аз сабабҳои асосии ин нокомии мустамликадорони англис муқовимати африкавиаслҳо буд.

Ҳам мустамликадорӣ ва ҳам муносибатҳои сармоядорӣ ба Кения нисбатан ҳаматарафа ворид шуданд, ки ин сабаб дошт. Ба шарофати шароити хуби табиию иқлим ба ин ҷо даҳҳо ҳазор муҳоҷирони сафедпӯст омада сокин шуданд. Ба сафедпӯстон дар минтақаҳои беҳтарини мамлакат замин дода мешуд. Ин заминҳо "Паҳнкӯҳи Сафед" ном гирифтанд. Мусодираи замин дар Кения нисбат ба мамлакатҳои Африкаи Шаркӣ ва Тропикӣ дар доираи ниҳоят васеъ ба амал бароварда мешуд. Зироатҳои содиротӣ асосан дар он заминҳое парвариш карда мешуданд, ки ба муҳоҷирони сафедпӯст тааллуқ доштанд. Ба аҳолии африкавиасл заминҳои аз сафедпӯстҳо дуртар ва алоҳида дода мешуданд. Таҳқири нажодӣ дар Кения нисбат ба дигар мамлакатҳои Африкаи Тропикӣ шаклҳои тезу тундтар дошт.

Англисҳо дар Уганда ҳамон иттиҳодияҳои давлатиеро нигоҳ доштанд, ки дар давраи томустамликавӣ мавҷуд буданд. Аз номи калонтарини онҳо – Буганда номи ин мустамлика пайдо шудааст. Мувофиқи принсипи идораи бавосита маликҳо ҳатман дар зери назорати маъмурияти Британия буданд. Ҳокимияти онҳо бар табаа а тариқи қонунгузории мустамликавӣ танзим карда шуда буд. Дар Танганика ҳам идораи бавосита вуҷуд дошт. Дар Занзибар дар баробари мавҷудияти ҳокимияти султон аз болои ӯ назорати намояндаи Англия муқаррар гардида буд.

**Конго.** Ҳукуматдорони Белгия сиёсати худро дар Конго "падарвор" – "патерналист" (аз номи "патер" – "падар") номидаанд. Мувофиқи ин сиёсат африкавиаслҳо "кӯдакони калон" номида мешуданд, ки гӯё ба парастории "падар" эҳтиёҷ доранд. Дар амал ин сиёсати Белгия дар назорат кардан аз болои аҳолии африкавиасл, ҳукуматҳои маҳаллӣ, намояндагони динӣ ва ғайра ифода меёфт. Сиёсати такя ба пешвоён бо низоми мустамликадории империалистӣ пурра мувофиқат мекард. Чун дар мустамликаҳои дигари Африка дар Конго ҳам ба пешвоён ҷамъоварии андозҳо ва ба корҳои ҳатмӣ сафарбар кардани ҳамқавмҳо супорида мешуд.

Дар рушди иқтисодии Конго тағйиротҳои калон ба амал меомаданд. Қаблан мардуми Конгоро маҷбур мекарданд, ки ба ҷамъоварии маҳсулоти ҷангал ва, хусусан, каучук машғул шаванд. Вале баъди Ҷанги якуми ҷаҳонӣ ба содироти маҳсулоти кишоварзӣ бештар

тавачҷӯҳ зоҳир карда мешуд. Бинобар ин мустамликадорон мардуми Конгоро маҷбур мекарданд, ки ба парвариши "зироатҳои ҳатмӣ" – пахта, зайтуни равғандор ва қаҳва машғул шаванд. Дар баробари ин дар заминҳое, ки аз мардуми Конго мусодира карда шуда буданд, киштзорҳои калони "европавӣ", хоҷагиҳои чорвопарварӣ ва корхонаҳои коркарди аввалияи ашёи хоми кишоварзӣ бунёд карда мешуданд.

Дар Конго пешравӣ дар саноат барвақттар оғоз ёфт. Дар даҳсолаҳои аввали ҳукмронии Белгия дар Конго ислоҳоти иқтисодие, ки бештар ба истеҳсоли маъдан ва пеш аз ҳама, ба истеҳсоли алмос ва тилло нигаронда шуда буд, хотима меёфт. Баъд аз анҷоми Ҷанги якуми ҷаҳонӣ ширкати "Юнъон минъер дю О,Катанга"-и дар музофоти Катанга фаъолиятдошта истеҳсоли мис, қалъагӣ, кобалт ва руҳро ба тезӣ зиёд кард. Ин маҳсулот ба Белгия ва мамлакатҳои дигар содир шуда, ба мустамликадорон даромади калон медод.

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

**1.** Африкаи Тропикиро аз харитаи Африка ёбед. **2.** Фаронса мустамликаҳои африкавии худро чӣ тавр истисмор мекард **3.** Маъмурияти мустамликавии Фаронса чаро дар байни мардуми маҳаллӣ такягоҳ мекофт? **4.** Нигерияро аз харита ёбед. **5.** Зироатҳои содиротии Нигерияро номбар кунед. **6.** Кения, Уганда, Танганика ва Занзибарро аз харита ёбед. **7.** Ибораи "Паҳнкӯҳи Сафед"-ро шарҳ диҳед. **8.** Ибораи "зироатҳои ҳатмӣ" аз куҷо пайдо шудааст? **9.** Оё дар Кения, Уганда, Танганика ва Занзибар таҳқири нажодӣ вуҷуд дошт? **10.** Конгоро аз харита нишон диҳед. **11.** Сиёсати "патерналист" – "падарвор"-и Белгияро дар Конго маънидод кунед. **12.** Дар бораи вазъи иқтисодии баъдиҷангии Конго маълумот диҳед. **13.** Аз мавзӯъ хулоса бароред.

## § 34 МАМЛАКАТҲОИ АФРИКАИ ҶАНУБӢ

**Тартиботҳои нажодпарастӣ.** Низоми мустамликадорӣ дар Иттифоқи Африкаи Ҷанубӣ, Родезияи Ҷанубӣ ва Африкаи Ҷанубу Ғарбӣ бо хусусиятҳои зиёди худ аз мустамликаҳои дигар фарқ мекард. Бо сабаби мавқеи хуби ҷуғрофӣ ва шароити табиӣ аз тарафи европавиён мустамликагардонии Африка аввал маҳз дар ҳамин минтақаи аз Европа дурдасти Африка оғоз ёфтааст. Мустамликагардонии ин ҷо аз миёнаҳои асри XVII сар шуда, ба пайдоиши ақаллияти аҳолии европавиасл мусоидат кардааст.

Дар оғози давраи муосир дар Иттифоқи Африкаи Ҷанубӣ аксарияти аҳолии сафедпӯсти Африка сукунат дошт. Тибқи баҳисобгирии аҳолии соли 1921 дар Иттифоқи Африкаи Ҷанубӣ зиёда аз 1,5 миллион, ё ки 22 фоизи аҳолиро сафедпӯстон ташкил менамуданд. Ғайр аз ин, зиёда аз 10 фоизи аҳолии Иттифоқи Африкаи Ҷанубиро дурагаҳо ва ҳиндустониҳое ташкил мекарданд, ки дар даҳсолаҳои охирини асри XIX дар асоси қарордод ба кор омада, баъд дар ин ҷо мондаанд. Аҳолии Иттифоқи Африкаи Ҷанубӣ аз назари таркиби иҷтимоию нажодӣ ва миллӣ гуногун ва омехта буд.

Дар Иттифоқи Африкаи Ҷанубӣ конҳои дар ҷаҳон калонтарини тилло ва алмоси дар даҳсолаҳои охири асри XIX кашфгардида барои пешрафти саноати маъдан ва алалхусус сохта шудани корхонаҳои коркарди аввалия такон доданд. Теъдоди корхонаҳои коркарди аввалияи ашёи хом махсусан дар солҳои Ҷанги якуми ҷаҳонӣ зуд афзуданд. Соли 1915 ин гуна корхонаҳо 4 ҳазор адад буда, соли 1920 ба 7 ҳазор адад расиданд. Соли 1928 "ИСКОР" ном тресты истеҳсолкунандаи оҳан ва пӯлод таъсис ёфт, ки инҳисори калонтарини Иттифоқи Африкаи Ҷанубӣ ва дар тамоми қитъаи Африка корхонаи якуми маъдан буд.

Пешрафти кишоварзӣ бо сабаби зарурати саноат ва зуд васеъ шудани шаҳрҳо, ки талаботро ба озуқа зиёд карда буданд, ба амал омад. Иқлим дар аксар минтақаҳои Иттифоқи Африкаи Ҷанубӣ барои кишоварзӣ мусоид буда, имконият медод, ки ҷуворимакка, ток, растаниҳои ситрусӣ ва чорво, аз он ҷумла гов ва гӯсфанд парвариш карда шаванд.

Родезияи Ҷанубӣ аз ҷиҳати истеҳсоли тамоку дар ҷаҳон ҷои якумро ишғол мекард. Африкаи Ҷанубу Ғарбӣ, ки қаламрави зиёди онро биёбонҳо ташкил медиҳанд, аз рӯи саршумори гӯсфанди қарокӯлии пеш аз Ҷанги якуми ҷаҳонӣ аз Осиё ба ин ҷо овардашуда низ дар ҷаҳон ҷои якумро ишғол мекард.



Трансваал (Африкаи Ҷанубӣ). Роҳпаймоии эътирозӣ



11—К-9371

**Нажодпарастӣ дар Иттифоқи Африкаи Ҷанубӣ.** Вазъи умумии сиёсӣ ва иқтисодию иҷтимоии Африкаи Ҷанубиро асосан Иттифоқи Африкаи Ҷанубӣ муайян мекард. Он дар натиҷаи соли 1910 ба Ҷумҳурии Бурҳо (Трансваал ва Норинҷӣ) муттаҳид карда шудани мустамликаҳои англисии Кап ва Натал ба вуҷуд омадааст.

Аз лаҳзаи таъсисёбии Иттифоқи Африкаи Ҷанубӣ то соли 1924 дар сари ҳокимияти ин мамлакат ҳукумати Ҳизби Африкаи Ҷанубӣ меистод, ки ба он генералҳои Бурҳо роҳбарӣ карда, сиёсати англисиро амалӣ менамуданд. Ҳизби Африкаи Ҷанубӣ ҳаракат мекард, ки ҳам муборизаи байни заминдорон – африканерҳо (сафедпӯстони муқимигардидаи европавиаслро африканерҳо меноманд) ва саноатчиёни англисӣ ва ҳам истисмори аҳолии маҳаллиро мӯътадилтар гардонад. Ҳам Луис Бота, ки то соли 1919 ба ҳукумат роҳбарӣ мекард ва ҳам ҷойгири ӯ – Ян Христиан Смэтс манфиатҳои он заминдоронеро ифода мекарданд, ки ошкоро ҷонибдори ҳамкорӣ бо империализми Британия буданд.

Дар Иттифоқи Африкаи Ҷанубӣ ҳаракати ҷудошавӣ аз Англия ва ташкил намудани давлати соҳибистиқлол оғоз ёфта буд. Бо ин шиор Ҳизби Миллатгаро, ки роҳбараш генерал Герсог буд, баромад мекард.

Дар масъалаи муносибат бо аҳолии африкавиасл Герсог ақидаҳои нажодпарастӣ дошт. Ӯ мегуфт, ки "одами маҳаллӣ аз ҷиҳати хусусияти равонии худ қодир нест, ки мошинро идора кунад". Дар барномаи аввали солҳои 20-ум қабулкардаи Ҳизби Миллатгаро ривоят дар бораи "хатари сиёҳ", ки гӯё ба мавҷудияти коргарони африканерӣ таҳдид мекунад, мақоми калонро ишғол мекард. Гап дар сари он меравад, ки насли аввали бурҳои дар корхонаҳо кор мекардагӣ, одатан, коргар буда, тахассуси паст дошт. Герсог ба ин европавиҳо муроҷиат карда, ҷаҳд менамуд, ки чунин тасаввурот ба вуҷуд оварад: гӯё ки соҳибони шахтаҳо европавиаслҳоро ба кӯча партофта, ба ҷои онҳо африкавиаслҳоро ба кор қабул мекарда бошанд. Танҳо ӯ, яъне Герсог онҳоро наҷот дода метавонад, ба шарте ки ба сари ҳокимият биёяд. Дар ин сурат метавонад ғояи худ – "монеаи ранга"-ро амалӣ намояд. "Монеаи ранга" маънои онро дошт, ки бояд ҳамаи корҳои тахассус ва нимтахассусталабро сафедпӯстон иҷро намоянд. Африкавиаслҳо бояд ба ин гуна корҳо роҳ дода нашаванд.

Дар солҳои пеш аз Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ вазъи дохилии мамлакатро ба вуҷуд омадани созмонҳои фашистӣ ва фаъол шудани иртиҷопешагони гузаро тезу тунд карданд. Пурзӯршавии фашизм дар Европа дар Иттифоқи Африкаи Ҷанубӣ ҳамовозии гарму ҷӯшонро ба вуҷуд овард. Табақаҳои ҳукмрони африканерҳо умед доштанд, ки муборизаи байни Англияю Германия мавқеи Британияро дар Иттифоқи Африкаи Ҷанубӣ заиф гардонда, барои фаъолияти сармояи бурҳо фазои озодро ба вуҷуд меоварад. Нажодпарастони Иттифоқи

Африкаи Ҷанубӣ дар байни табақаҳои васеи аҳолии африканерҳо нажодпарастиро ташвиқу тарғиб мекарданд. Дар баробари нажодпарастон дар ин мамлакат созмонҳои миллатгарои ба ҷамъияти пинҳонкори "Брудербунд" ("Иттифоқи Бародарон") алоқадошта низ фаъолият доштанд.

**Африкаи Ҷанубу Ғарбӣ.** Баъд аз он ки ин мамлакат қаламрави зерваколати Иттифоқи Африкаи Ҷанубӣ шуд, аз африкавиаслҳо "тозакунии заминҳо" нисбат ба давраи дар ин ҷо ҳукмрон будани Германия хеле вусъат ёфт.

Маъмурияти мустамликавии Германия мамлакатро ба ду қисмат тақсим карда буд. Дар замони ҳукмронии Иттифоқи Африкаи Ҷанубӣ ин тақсимоти Африкаи Ҷанубу Ғарбӣ қавитар шуд. Қисми зиёди он – тамоми ҷануб ва навоҳии марказӣ, ки наздики 500 ҳазор км$^2$-ро ташкил мекард, "минтақаи политсиявӣ" ба ҳисоб мерафт. Дар ин ҷо заминҳо дар байни мустамликачиён, яъне муҳоҷирони сафедпӯст тақсим карда шуданд. Танҳо қисми ками заминҳо барои тақсимоти оянда монда шуд. Дар ин қисмат барои африкавиаслҳо ҳамагӣ 100 ҳазор км$^2$ замини мамнӯъгоҳ (резерватсия) ҷудо гардид. Дар кулли қаламрави боқимондаи "минтақаи политсиявӣ" оҳиста-оҳиста барои аз як ҷо ба ҷои дигар рафтан ва тамоми ҳаёти африкавиаслҳо аз тариқи низоми "рухсатнома" ва "иҷозатнома" назорат ҷорӣ карда шуд. Африкавиаслҳо бо сафедпӯстон танҳо ҳамон вақт ҳамроҳ буда метавонистанд, ки коргар, хизматгор ва ё батраки заминдор бошанд.

Ба "минтақаи политсиявӣ" танҳо минтақаи шимолии масоҳаташ тахминан 350 ҳазор км$^2$ дохил нашуд. Заминҳои ин ҷо мусодира нашуданд. Дар он ҷо мустамликачиёни европавӣ ҳам сокин нагардиданд. Ин ҷоро баъзан "минтақаи қабилаҳо" ҳам меномиданд.

Баъди зерваколат эълон намудани мамлакат ҳудудҳои "минтақаи политсиявӣ" борҳо васеъ карда шуданд. Дар замони ҳукмронии немисҳо қабилаҳои африкавиасл дар заминҳои "минтақаи политсиявӣ"-и холии ҳанӯз дар он ҷо мустамликачиён сокиннашуда сукунат доштанд. Вале ҳукуматдорони Ҷумҳурии Африкаи Ҷанубӣ ба кӯчондани африкавиаслҳо аз он минтақа шурӯъ намуданд. Соли 1922 "Амр дар бораи идораи халқҳои маҳаллӣ" интишор гардид, ки он дар "минтақаи политсиявӣ" ташкил намудани боз якчанд мамнӯъгоҳро эълон кард.

Барои ташкил намудани мамнӯъгоҳҳо навоҳии регзору шӯразамини беоб ҷудо карда мешуд. Дар он ҷойҳо чоҳҳои об то 70 метр чуқур буданд. Дар яке аз ноҳияҳо баъди канда шудани 244 метр об пайдо шуд. Соли 1926 қарор карда шуд, ки давродаври мамнӯъгоҳҳои барои аҳолии африкавиасл муқарраргардида бо симхор печонда шавад.

**Родезияи Ҷанубӣ.** Дар Родезияи Ҷанубӣ солҳои 30-юм навоҳии аҳолии европавиаслҳо ташкил карда шуданд. Дар он ҷойҳо африкавиаслҳо ҳуқуқ надоштанд, ки соҳиби замин бошанд. Чунин заминҳо қариб нисфи қаламрави Родезияи Ҷанубиро ташкил намуданд. Барои африкавиаслҳо 94 мамнӯъгоҳ ташкил карда шуд. Европавиаслҳо аз африкавиаслҳо қисми зиёди заминҳои Родезияи Ҷанубиро кашида гирифтанд. Мамнӯъгоҳҳо бо ҳамроҳии хазинаи заминҳои ба африкавиаслҳо барои зарурати ширкатҳо додашуда танҳо аз се як ҳиссаи қаламрави Родезияи Ҷанубиро ташкил мекарданд. Қисми боқимондаи мамлакатро асосан заминҳои аз нав тақсимношуда ташкил медоданд.

Кишоварзии Родезияи Ҷанубӣ чун мамлакатҳои зиёди дигари Африка асосан ду намуд заминдории аз ҳамдигар фарққунанда дошт. Заминдории европавӣ, ки бо усули сармоядорӣ пеш мерафт ва заминдории африкавӣ, ки аслан хоҷагии натуралӣ буда, ба бозор кам алоқа дошт.

Ба ҳар як мустамликачии европавии Родезияи Ҷанубӣ нисбат ба шахси африкавиасл 20 баробар зиёд замин рост меомад. Вале дар байни мустамликачиён аҳолии шаҳрнишин зиёдтар буд. Аз ҳамин сабаб шумораи фермерҳои европавиасл он қадар зиёд набуд. Ба ҳар як ферма ба ҳисоби миёна 2 ҳазор гектар ва ба ҳар як африкавиасл 3,3 гектар замин рост меомад.

Чи тавре ки мушоҳида кардед, ҳуқуқҳои инсонии африкавиаслҳо аз тарафи мустамликадорон ва ҳукуматдорони сафедпӯст поймол карда мешуданд.

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

**1.** Тартиботи нажодпарастии Иттифоқи Африкаи Ҷанубиро шарҳ диҳед. **2.** Аз ҳаёти этникии Иттифоқи Африкаи Ҷанубӣ мисолҳо биёред. **3.** Оид ба саноат ва кишоварзии Иттифоқи Африкаи Ҷанубӣ иттилоъ доред? **4.** Дар бораи фаъолияти нажодпарастии нахуствазири Иттифоқи Африкаи Ҷанубӣ Герсог нақл кунед ва ба он баҳо диҳед. **5.** "Хатари сиёҳ"-ро шарҳ диҳед. Сиёсати "хатари сиёҳ" ба манфиатҳои кадом гурӯҳи аҳолӣ равон карда шуда буд? **6.** "Монеаи ранга" чист? **7.** "Минтақаи политсиявӣ"-ро шарҳ диҳед. **8.** Дар Африкаи Ҷанубу Ғарбӣ "тозакунии замин" барои чӣ буд ва чӣ тавр ба амал бароварда мешуд? **9.** Дар бораи ҳуқуқҳои европавиаслҳо ва африкавиаслҳо далелҳо биёред. **10.** Мамнӯъгоҳҳои африкавиаслҳоро фаҳмонда диҳед. **11.** Дар бораи усулҳои заминдории европавиаслҳо ва африкавиаслҳо дар Родезияи Ҷанубӣ баҳс кунед. **12.** Аз мавзӯъ хулоса бароред.

# БОБИ IV. МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ ДАР СОЛҲОИ 1924 – 1939

## § 35. МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ ДАР МАРҲАЛАИ НАВ

**Шарҳи умумӣ.** Муносибатҳои байналхалқӣ дар солҳои 1924 – 1939 ба се давраи хурдтари таърихӣ тақсим мешаванд. Ба давраи аввал солҳои 1924 – 1928 тааллуқ доранд. Ин давра марҳалаест, ки ҳанӯз тақсимоти мустамликавии мустамликаҳои давлатҳои Иттифоқи Сегона давом дошт. Давлатҳои Антанта ва иттифоқчиёни онҳо мавқеи худро дар ҷаҳон мустаҳкамтар мекарданд. Барои ин кор онҳо Лигаи Миллатҳоро ҳам истифода мебурданд.

Давраи дуюм солҳои 1929 – 1933-ро дар бар гирифтааст. Дар ин давра бӯҳрони ҷаҳонии иқтисодӣ ба амал омад. Ин воқеа муносибатҳои байналхалқиро то як дараҷа тағйир дод. Дар байни давлатҳои мустамликадор ва мустамликаҳои онҳо муносибатҳои соҳибкорию тиҷоратӣ барои аз бӯҳрони иқтисодӣ баровардани мамлакатҳои империалистӣ барқарор карда шуданд.

Солҳои 1934 – 1939 давраи сеюм мебошад. Ин давра ба ғалабаи фашизм дар Германия, болоравии нави иқтисодии баъди бӯҳрон ва тайёрии бевоситаи давлатҳои империалистӣ ба Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ рост омадааст.

**Нақшаи Дауэс.** Давраи аввалро марҳалаи болоравии баъдиҷангии иқтисодӣ ҳам меноманд. Сарфи назар аз ин, дар ҷаҳони сармоядорӣ оромӣ комилан ҳукмрон набуд. Дар масъалаи аз Германия рӯёндани товони ҷанг муносибатҳои байни Англия ва Фаронса тезу тунд шуданд. Дар ин масъала Англия барои манфиатҳои худ пуштибони Германия буд. Аз ин рӯ, Германия бо ҳар роҳ аз пардохтани товони ҷанг ба Фаронса саркашӣ мекард.

Фаронса бо ҳамроҳии Белгия ҳанӯз соли 1923 минтақаи саноатии Рури Германияро ишғол намуд. Дар натиҷаи ин саноати Германия маъдани кам мегирифтагӣ шуд. Ин ҳолат дар Германия то андозае бенизомии саноатиро ба вуҷуд овард. Вазъияти баамаломадаро корхонаҳои инҳисории Германия барои афзун гардондани сармояи худ истифода бурданд. Вале ишғоли Рур ҳадафҳои Фаронсаро иҷро карда натавонист. Вақте ки Иёлоти Муттаҳидаи Америка ва Англия масъалаи пардохти товони ҷанги Германияро ба ихтиёри худ даровarданд, Фаронса ба ҷуз аз розӣ шудан ба гузаштҳо илоҷи дигар надошт.

Моҳҳои июл – августи соли 1924 дар шаҳри Лондон конференсияи давлатҳои ғолиб баргузор гардид. Он пешниҳоди кумитаи банкдори Америка Дауэс дар бораи аз Германия рӯёндани товони ҷанг, аз Рур

баровардани артиши Фаронсаро тасдиқ намуд. Ин қарордод шикасти сиёсати хориҷии Фаронса буд. Нақшаи Дауэс аз нав барқарор кардан ва тараққӣ додани иқтисоди Германияро дар назар дошт. Татбиқи он, пеш аз ҳама, ба он нигаронда шуда буд, ки саноати вазнини Германия, аз он ҷумла неруи ҳарбию саноатии ин давлат аз нав барқарор карда шавад. Бо ҳамин мақсад ба Германия бояд ба маблағи 500 миллион маркаи тиллоӣ вомбарги хориҷӣ қарз дода мешуд. Нақшаи Дауэс ҳаҷми умумии пардохти товони ҷангро муқаррар накард. Танҳо ҳаҷми ҳарсолаи пардохт муайян карда шуд – соли аввал 1 млрд. маркаи тиллоӣ ва аз соли 5-ум сар карда соле 2,5 млрд. марка пардохтан лозим меомад. Маблағи пардохт аз даромади корхонаҳои саноатӣ, роҳҳои оҳан ва аз ҳисоби андози махсуси ба маҳсулоти истеъмолӣ ҷоришуда дар назар дошта шуда буд.

Аз рӯи нақшаи Дауэс Германия асосан аз ИМА ва Англия аз соли 1924 то соли 1932 дар шакли вомбарг ва маблағгузорӣ 31 млрд. 819 миллион марка гирифт. Дар худи ҳамин давра Германия ба ғолибон 11 млрд 464 миллион марка товони ҷанг дод ва 7 млрд. 830 миллион марка аз рӯи вомбаргҳо пардохт намуд. Дар натиҷаи ин 12 млрд. 525 миллион маркаи аз хориҷа воридшуда дар мамлакат монд. Тавассути ҳамин маблағи ИМА ва Англия неруи ҳарбию саноатии Германия аз нав барқарор карда шуд.

**Конференсияи Локарно.** Қарордоди сиёсии нақшаи Дауэс созишномаҳое ҳастанд, ки 1 декабри соли 1925 дар Конференсияи байналхалқии Локарнои Швейсария ба имзо расида буданд. Муҳимтарини онҳо қарордоди кафолати Рейн буд. Мувофиқи ин қарордод Фаронса, Белгия ва Германия ӯҳдадор шуданд, ки дахлнопазирии сарҳадҳои байни Германия, Фаронса ва Белгияро, ки аз тариқи Созишномаи сулҳи Версал муқаррар гардидааст, кафолат медиҳанд ва ба минтақаи ғайриҳарбӣ эълоншудаи Рейн низ даст намезананд. Англия ва Италия кафолати иҷрои қарордоди Рейнро ба зиммаи худ гирифтанд. Нисбати давлатҳои дар шарқии Германия воқеъбуда ягон хел кафолати дахлнопазирӣ эълон карда нашуд, ба истиснои созишномаҳои Фаронса бо Полша ва Чехословакия, ки аз фиреб бештар набуданд.

Ва ниҳоят, қарордодҳои Локарно ба Лигаи Миллатҳо дохилшавии Германияро дар назар дошт.

Созишномаҳои Локарно муваффақияти калони сиёсии Германия буданд. Баъд аз ҷанг Германия бори аввал аз ҷиҳати ҳуқуқ ба Англия ва Фаронса баробар шуд. Ҷамъбасти баъдиҷангӣ акнун ба фоидаи Фаронса нею ба фоидаи Англия анҷом ёфт. Аз ҳамин вақт сар карда дар тӯли чандин соли оянда Англия дар корҳои Европа мавқеи аввалро ба даст даровард.

Нақшаи Дауэс ва қарордодҳои Локарно бар зидди Иттиҳоди Шӯравӣ низ равона карда шуда буданд.

**Бӯҳрони иқтисодии ҷаҳонӣ.** Соли 1929 бӯҳрони бузургтарини иқтисодӣ оғоз ёфт, ки он тамоми ҷаҳонро фаро гирифт. Ин бӯҳрон ба муносибатҳои байналхалқӣ таъсири манфӣ расонд. Дар натиҷа кулли Мухолифатҳои ҷаҳонӣ то ҳадди охирин тезу тунд шуданд. Муносибатҳои байналхалқии баъдиҷангие, ки "Низоми Версалу Вашингтон" номида шудаанд, дарҳамшикастанд.

**Шумораи расман қайдшудаи бекорон дар Фаронса, Германия ва ИМА (ба ҳисоби ҳазор нафар)**



Бӯҳрони иқтисодии соли 1929 дар натиҷаи дар Нию-Ёрки ИМА ба фалокат дучор шудани биржа ва зуд дар дигар мамлакатҳои ҷаҳон паҳн гардидани оқибатҳои он оғоз ёфт. Дар натиҷаи ин бӯҳрон истеҳсоли саноатӣ якбора таназзул ёфта, бекории то ҳол диданошударо ба вуҷуд овард. Соли 1932 шумораи бекорон дар мамлакатҳои сармоядорӣ ба 30 миллион нафар расид. Бӯҳрони барзиёдистеҳсолкунӣ дере нагузашта ба бӯҳрони молиявӣ омезиш ёфта, вазъи иқтисодии ҷаҳонро боз ҳам мураккабтар кард. Банкҳои калони сершумор муфлис шуданд. Доираҳои сармоядори як қатор мамлакатҳо бахри ҳифозати бойгарии худ рӯирост ба сӯи фашизм майл карданд.

Бӯҳрони иқтисодии ҷаҳонӣ масъалаи рӯёндани товони ҷангро ба ихтиёри фаромӯшӣ супурд. Ин кор чунин сурат гирифт. Соли 1929 нақшаи Дауэс ба нақшаи Юнга иваз карда шуд, ки онро кумитаи мушовирон бо сардории банкдори америкавӣ Юнга таҳия карда буд. Нақшаи Юнга маблағи умумии товони ҷангро 113,9 млрд. марка муқаррар кард ва он бояд дар зарфи 37 сол пардохта мешуд.

Соли 1930 нақшаи Юнга ба кор даромад ва баъд аз як сол Германия ба президенти ИМА Гувер дар бораи боздошти пардохти товони ҷанг муроҷиат кард. Моҳи июни соли 1932 дар шаҳри Лозанна конференсияи байналхалқӣ ҷамъ омад, ки он товони ҷангро бекор кард. Ин қарор бар хилофи манфиатҳои Фаронса буд. Ҳамин тариқ, яке аз қисматҳои муҳимтарини Созишномаи сулҳи Версал бекор карда шуд.

Мухолифати зикрёфтаи Европа ягона набуд. Бӯҳрони иқтисодӣ дар Шарқи Дур ҳам муносибатҳои байни мамлакатҳои бузургро вайрон кард. Мухолифатҳои империалистӣ дар Шарқи Дур нисбат ба Европа ҳам тезу тундтар ва босуръаттар сурат гирифтанд. Дар ин минтақа империализми Ҷопон нисбат ба давлатҳои дигари бузурги ҷаҳон фаъолтар буд. Моҳи сентябри соли 1931 Ҷопон забти қисмати шимолу шарқии Чинро оғоз намуда, баъди се моҳ онро пурра ба даст даровард. Ҳукумати Чин, ки ин вақт ба он Чан Кай-шӣ сарварӣ мекард, забткориҳои Ҷопонро дар Чин эътироф накард. Англия ва Фаронса бошанд, дар ин масъала Ҷопонро дастгирӣ мекарданд, чунки манфиатҳои онҳо ҳамин мавқеъро тақозо менамуд. Бинобар ин Лигаи Миллатҳо, ки бозичаи ин ду давлат буд, мувофиқи хоҳиши онҳо рафтор карда, барои "омӯхтан"-и масъала ба Шарқи Дур "Комиссияи Литтон"-ро фиристод. Ҷопон бошад, ҷавобан ба ин 9 марти соли 1932 бо номи "Мончжоу-Го" давлати "соҳибистиқлоли Манҷурия"-ро дар зери роҳбарии Пу И – императори охирини сулолаи манҷурии Сини, ки аз тарафи инқилоби солҳои 1911 – 1913 сарнагун шуда буд, эълон кард. Комиссияи Литтон зиддиятҳои байни мамлакатҳои империалистиро дар Шарқи Дур, алалхусус дар масъалаи тақдири Чин бартараф карда натавонист. Ҷопон 28 марти соли 1933 намоишкорона аз Лигаи Миллатҳо баромад.

Моҳи феврали соли 1932 дар Женева Конференсияи байналхалқӣ оид ба яроқпартоӣ доир гардид, ки он кӯшиши аввалини Лигаи Миллатҳо оид ба боздоштани мусаллаҳшавии бошитоби мамлакатҳои аз ҷиҳати ҳарбӣ пурзӯр буд. Вале дар ин конференсия масъалаи дигар рӯи об баромад. Моддаҳои алоҳидаи Созишномаи сулҳи Версал дар масъалаи мусаллаҳшавии Германияи дар Ҷанги якуми ҷаҳонӣ шикастхӯрда монеаҳо эҷод карданд. Бинобар ин Германия изҳор дошт, ки чаро вай бо мамлакатҳои дигар барои ҳифзи худ ҳуқуқҳои баробар надорад. Барои ин канслери Германия Шлейхер дар назди вакилони конференсияи Женева талабҳои мушаххас ва қатъӣ гузошт. Англия, Германия, ИМА ва Италия тавонистанд, ки муқобилияти Фаронсаро шикаста, ҳуқуқи Германияро барои мусаллаҳшавӣ эътироф намоянд. Гитлер, ки ин вақт аллакай аз тарафи президенти Германия Гинденбург канслери мамлакат таъйин шуда буд (30 январи соли 1933), ба қабул гардидани чунин қарори конференсия муваффақ шуд. Бар хилофи хоҳиши аксарияти иштирокчиён Конференсияи байналхалқии Женева ба ҷои яроқпартоӣ ба конференсияи мусаллаҳшавӣ табдил ёфт. Вакилони Германия бо сардории Гитлер барои мусаллаҳшавии мамлакати худ расман иҷозат гирифта, моҳи октябри соли 1933 конференсияро тарк карданд. Дере нагузашта Германия дар бораи баромаданаш аз Лигаи Миллатҳо изҳорот дод.

**Ба вуҷуд омадани манбаи асосии ҷанг.** Барномаи Германияи фашистӣ, ки дар китоби Гитлер "Муборизаи ман" иншо гардидааст, пеш аз ҳама, сар кардани ҷанги алайҳи ИҶШС-ро дар назар дошт. Асоси идеологии сиёсати хориҷии Германияро Гитлер бо назарияи нажодпарастии "Фазои ҳаётӣ" асоснок намуд. Бо риёкории махз Гитлер даъво мекард, ки немисҳо "нажоди ҷанобон" буда, қаламкаш ба онҳо муқаррар кардааст, ки бар "нажодҳои паст" ҳукмронӣ кунанд. Бо сабаби он ки немисҳо "фазои ҳаётӣ"-и кофӣ надоранд, бояд онро аз "нажодҳои паст" бо роҳи зӯрӣ ба даст дароранд. Ба Европа ва тамоми ҷаҳон хатари истилои немисӣ таҳдид мекард. Пеши роҳи Германияи фашистиро бо ҷидду ҷаҳди якҷояи мамлакатҳои пурқуввати ҷаҳон гирифтан мумкин буд. Барои ин кор ИҶШС ба Фаронса, Англия, ИМА ва Ҷопон таклифҳои мушаххас пешниҳод намуд. Вале онҳо беҷавоб монданд. ИМА бетарафиро ихтиёр кард.

Англия ва Фаронса барои ҳифзи шартҳои Созишномаи сулҳи Париж чорае наандешиданд. Германияи фашистӣ бо ҳамроҳии Англия ин созишномаро ба нестӣ мерасонданд. Соли 1935 ҳукумати Англия бо Гитлер қарордоди ҳарбии баҳрӣ ба имзо расонд, ки мухолифи Созишномаи сулҳи Версал буда, Германияро ба ҷанги дар пешистода тайёр мекард.

**Сиёсати "дахолатнакунӣ".** Миёнаҳои солҳои 30-юм Германия ва Италия чунон пурзӯр шуданд, ки рӯирост ба таҷовузи ҳарбии зидди давлатҳои соҳибистиқлол даст мезаданд. Ин иқдомро аввалин шуда Италия оғоз кард.

Империализми Италия, ки худро аз натиҷаҳои Ҷанги якуми ҷаҳонӣ бенасиб меҳисобид, нақшаи васеи забткориҳои худро дар қитъаи Африка таҳия намуда, пеш аз ҳама, Ҳабашистонро забт карданӣ буд. Фаронса бошад, ба ин иқдоми Италия хайрхоҳона назар мекард, зеро амалӣ гардидани он таваҷҷӯҳи Италияро аз нимҷазираи Балкан дур месохт.

Ҳамин тариқ, 3 октябри соли 1935 Италия бе эълони ҷанг бар зидди Ҳабашистон амалиёти ҷангӣ оғоз намуд. Таҷовузи Италия ба Ҳабашистон Германияи фашистиро ҳам рӯҳбаланд кард. 7 марти соли 1936 артиши Германия ба минтақаи ғайриҳарбии Рейн даровардa шуд ва бо ҳамин нишондоди муҳимтарини Созишномаи сулҳи Париж ва Локарноро шикаст. Фаронса беҷуръатона бошад ҳам, хост, ки пеши роҳи ин иқдоми хатарноки Германияро бигирад, вале Англия ва ИМА ба вай халал расониданд.

**Забоняккунии Мюнхен.** Германия ва Италия ба ҷанги калон дар Европа ҳаматарафа тайёрӣ дида, ба паймони ҳарбии худ аъзоёни навро ҷалб мекарданд. Ҳукуматҳои баъзе давлатҳои Европа худашон тайёр буданд, ки ба иттиҳоди давлатҳои фашистии Германия ва Италия бипайванданд. Булғория, Венгрия ва Руминия аз қабили ҳамин гуна давлатҳо буданд.

Аз моҳи майи соли 1937 сар карда ба ҳукумати Англия Невил Чемберлен роҳбарӣ мекард. Ӯ чораҳое андешид, ки Италия ва Германияро ба таҷовузкорӣ ҳавасманд намуданд. Моҳи ноябри ҳамон сол узви ҳукумати Чемберлен Галифакс бо Гитлер вохӯрда, ба ҳамсӯҳбати худ фаҳмонд, ки ҳукумати Англия барои аз эътибор соқит эълон кардани Низоми Версал розӣ аст, то ки Германия тавонад Австрия, Чехословакия ва шаҳри Дансиг (Гдансак)-ро забт кунад. Галифакс инчунин таклиф пешниҳод кард, ки Англия ва Фаронса ба иттифоқи Германияву Италия бипайванданд.

Пешниҳодоти мазкури ҳукумати Англия ба Гитлер нисбат ба халқҳои Европа амали ҷинояткорона буд. Фаронса ба гаравгони сиёсати хориҷии Англия табдил ёфта, ба муқобили майлу хоҳиши он баромада наметавонист. ИМА бошад, муносибати худро бо ин давлатҳо бо назардошти манфиатҳои миллӣ ба роҳ мемонд. Бо ҳамин сабабҳо Австрияро забт кардани Германия аз тарафи мамлакатҳои Ғарб ягон хел зиддият ва ё эътирозро ба миён наовард.

Баъди Австрияро забт намудан Германия барои забти Чехословакия талош кард. Гитлер мехост, ки зудтар Чехословакияро

ҳам забт кунад. Англия Чехословакияро қурбони манфиатҳои худ карданӣ буд. Ба ивази ба Германия дода шудани Чехословакия Чемберлен мехост, ки бо Германия дар бораи дахлнопазирии Британияи Кабир ва мустамликаҳои он созишнома ба имзо расонад. Чунин аҳду паймон бо Гитлер 29 сентябри соли 1938 дар Мюнхен баста шуд. Дар ин ҷо нахуствазири Англия Чемберлен, сарвазири Фаронса Даладъе ва роҳбари Италияи фашистӣ Муссолинӣ вилояти Судетро аз Чехословакия ҷудо карда, ба Германия супурданд. Қисми боқимондаи ин мамлакат беҳифозат монд ва моҳи марти соли 1939 Гитлер онро ҳам ба Германия ҳамроҳ кард. Ба ивази ин "некӣ" Гитлер бо Чемберлен дар бораи абадан бар зидди хамдигар ҷанг накардани Германия ва Англия созишнома баст. Моҳи декабри ҳамон сол чунин созишнома дар байни Фаронса ва Германия низ ба имзо расид.

Забоняккунии Мюнхен дар Европа таносуби қувваҳоро ҷиддан ба фоидаи Германия ҳал намуд. Ин иқдом оғози Ҷанги дуюми ҷаҳониро наздиктар кард.

**Арафаи Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ.** Тобистони соли 1939 дар шаҳри Москва дар байни Англия, Фаронса ва ИҶШС дар бобати аз тариқи баста шудани иттифоқи ҳарбию сиёсӣ гирифтани пеши роҳи таҷовуз дар Европа музокирот сурат гирифт, ки он воқеаи калони байналхалқӣ гардид. Иттиҳоди Шӯравӣ ба ҳукуматҳои Англия ва Фаронса пешниҳод кард, ки ҳар се давлат оид ба ёрии байниҳамдигарӣ аҳдномаи самараноке имзо кунанд. Лоиҳаи аҳдномаи мазкур дар назар дошт, ки Англия, Фаронса ва ИҶШС дар сурати ба таҷовузи ҳарбӣ гирифтор шудан ба ёрии хамдигар меоянд. Ин созишнома давлатҳои Европаи Шарқии (аз Баҳри Балтика то Баҳри Сиёҳ) бо ИҶШС ҳамсарҳадро низ дар бар мегирифт. Дар ҳамин вақт дар Англия ба таври пинҳонӣ музокироти дигар байни намояндагони Англия, Фаронса ва Германия низ идома дошт.

Дар музокироти Москва Англия ва Фаронса дидаю дониста ба кашолкории маҳз роҳ медоданд. Аз ҳамин сабаб музокироти мазкур натиҷаи мусбат надод. Баъд аз он ки музокирот дар байни Англия, Фаронса ва ИҶШС бенатиҷа анҷом ёфт, Ҳукумати Шӯравӣ бевосита бо Германияи фашистӣ сари мизи музокирот нишаст. Ин лаҳза Германия аллакай барои оғози ҷанги васеъ дар Европа ҳаматарафа тайёр буд, вале бо вуҷуди ин намехост, ки аз ибтидои он сар карда дар ду ҷабҳа – ҳам дар Европаи Ғарбӣ ва ҳам дар Европаи Шарқӣ биҷангад. Чунин сурат гирифтани ҷанг бар зарари Германия буд. Бинобар ин он тайёр буд, ки тавассути аҳдномае ИҶШС-ро фиреб бидиҳад. ИҶШС ҳам намехост, ки дар ду ҷабҳа – дар Европа бо Германия ва дар Шарқи Дур бо Ҷопон биҷангад. Тавре ки дидем, дар айни замон аҳдномаи байни Германияи фашистӣ ва Иттиҳоди Шӯравӣ

ба ҳар ду тараф ҳам зарур буд. Лекин ҳар ду тараф ба хубӣ мефаҳмиданд, ки ин аҳднома қавию дарозмуддат буда наметавонад. Ҳамин тариқ, 23 августи соли 1939 дар байни Германия ва Иттиҳоди Шӯравӣ ба мӯҳлати 10 сол созишномаи ба ҳамдигар ҳуҷумнакунӣ ба имзо расид.

Дар чунин шароит аз ҷониби Германияи фашистӣ оғоз гардидани Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ва ба он ҳамроҳ шудани иттифоқчиёни он амри воқеӣ гардид.

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

**1.** Давраҳои муносибатҳои байналхалқии солҳои 1924 – 1939-ро баён кунед. **2.** Нақшаи Дауэсро шарҳ диҳед. **3.** Конференсияи байналхалқии Лондон (соли 1924) ҷадвали пардохти товони ҷангро аз Германия чӣ тавр муқаррар кард? **4.** Нақшаи Дауэс ба Германия чӣ фоида оварда метавонист? **5.** Дар бораи Конференсияи байналхалқии Локарно нақл кунед. **6.** Аз қарорҳои Конференсияи байналхалқии Локарно кадом давлат бурд кард? 7. Қарорҳои Конференсияи байналхалқии Локарно бар зидди кадом давлат нигаронда шуда буд? **8.** Бӯҳрони ҷаҳонии иқтисодии солҳои 1929 – 1933 дар куҷо сар зад? **9.** Моҳияти нақшаи Юнгаро оид ба рӯёндани товони ҷанг аз Германия баён кунед. Ин нақша аз нақшаи Дауэс бо чӣ фарқ мекунад? **10.** Соли 1930 Германия ба президенти ИМА Гувер оид ба кадом масъала мурочиат кард? **11.** Конференсияи байналхалқии Лозаннаи соли 1932 кадом масъаларо баррасӣ намуд? **12.** Соли 1932 Ҷопон қисмати шимолу шарқии Чинро забт карда, дар он ҷо истиқлолияти кадом давлати навро эълон намуд? **13.** Ҷопон ва Германия кай ва чаро аз Лигаи Миллатҳо баромаданд? **14.** Исбот кунед, ки Конференсияи байналхалқии Женева ба фоидаи Германия анҷом ёфт. **15.** Чаро Англия, Фаронса ва Италия "ҳуқуқ"-и Германияро муҳофизат мекарданд? **16.** Назарияи "Фазои ҳаётӣ"-и Гитлерро шарҳ диҳед. **17.** Сиёсати "дахолатнакунӣ"-и давлатҳои Ғарбро чӣ тавр фаҳмидед? **18.** Оё дар бораи забоняккунии Мюнхен иттилоъ доред? **19.** Соли 1939 – дар арафаи Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ Англия, Фаронса, ИҶШС ва Германия кадом мавқеъро ишғол намуданд? **20.** Аз мавзӯъ хулоса бароред.

# БОБИ V. ҶАНГИ ДУЮМИ ҶАҲОНӢ (СОЛҲОИ 1939 – 1945)

## § 36. ОҒОЗИ ҶАНГИ ДУЮМИ ҶАҲОНӢ

**Сабабҳои Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ.** Ҷанги дуюми ҷаҳониро мамлакатҳои империалистӣ тайёр карда буданд. Маҳз талош барои даромади баланд, васеъкунии ҳудудҳои империяҳои мустамликавӣ империалистонро ба ҷанги истилогарона тела медод. Ин мамлакатҳо кӯшиш мекарданд, ки қаламрави давлатҳои дигарро забт карда, халқи онҳоро ба асорат гирифтор намуда, ҳукмронии худро дар ҷаҳон таъмин намоянд. Зиддиятҳои роҳзанҳои империалистӣ аз он сабаб боз ҳам тезу тундтар шуданд, ки дар солҳои 20-ум ва 30-юм нобаробарии тараққиёти иқтисодӣ ва сиёсии мамлакатҳои сармоядорӣ ба марҳалаи нави худ баромад. Давлатҳое, ки аз мустамликаҳо, манбаъҳои ашёи хом ва бозори фӯруши мол камтар таъмин буданд, ба мамлакатҳои дорои мустамликаҳои зиёд ба рақобати шадид даст мезаданд. Дар ин давра мамлакатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ ақибмондатари империалистӣ ба мамлакатҳои мутараққии сармоядорӣ расида гирифта, аз ин мамлакатҳои мустамликадор ҳиссаи барои худ сазоворро кашида гирифтанӣ буданд.

Азнавтақсимкунии мустамликаҳо, ки дар натиҷаи Ҷанги якуми ҷаҳонӣ ба амал омад, танҳо мафиатҳои мамлакатҳои ғолибро ифода намуд. Мамлакатҳои дар ин ҷанг шикастхӯрда аз мақсади мустамликазабткунии худ даст накашида буданд.

Дар солҳои 30-юм паймони мамлакатҳои империалистии даъвогари ҳукмрони ҷаҳон шудан аз нав ташаккул ёфт. Ба он Германияи гитлерӣ, Италияи фашистӣ ва Ҷопон дохил буданд. Мамлакатҳои аъзои ин паймон худро дар тақсимоти мустамликавии ҷаҳон бенасиб ҳисобида, аввалин шуда ба азнавтақсимкунии ҷаҳон сар карданд. Германия, Италия ва Ҷопон давлатҳои асосии иттиҳоди фашистӣ буда, ният доштанд, ки халқҳои ҷаҳонро ба асорати худ гирифтор кунанд.

Ба паймони иттиҳоди давлатҳои фашистӣ Англия, Фаронса, ИҶШС ва ИМА муқобил меистоданд. Англия, Фаронса ва ИМА, ки дар Ҷанги якуми ҷаҳонӣ ғолиб баромада буданд, мехостанд, ки мавқеъҳои бадастдаровардаашонро боз ҳам мустаҳкамтар кунанд.

Ҳар дуи ин гурӯҳи давлатҳо даъвогари ҳукмрони ҷаҳон шуданро доштанд. Он давлатҳое, ки дар муқобили давлатҳои иттиҳоди фашистӣ меистоданд, ҳанӯз муташаккил набуданд, яъне дар иттиҳоди ҳарбию сиёсӣ муттаҳид нашуда буданд. Аз ин рӯ, дар алоҳидагӣ нисбат ба иттиҳоди фашистӣ заифтар менамуданд. Мавқеи дифоъкорона ба онҳо

имконият намедод, ки ба ҷанги зидди давлатҳои иттиҳоди фашистӣ хубтар тайёрӣ бинанд. Ин давлатҳо кӯшиш мекарданд, ки худро бо роҳҳои дипломатӣ аз ҳуҷуми фашистӣ эмин нигоҳ доранд.

Дар пеши роҳи давлатҳои иттиҳоди фашистӣ як монеаи пурзӯр меистод, ки он Иттиҳоди Шӯравӣ буд. Сохти давлатии он сотсиалистӣ буд. Германияи фашистӣ ва иттифоқчиёни он ният доштанд, ки ин давлатро барҳам диҳанд. Мубориза дар байни низоми сармоядорӣ ва низоми сотсиалистӣ яке аз сабабҳои дигари сар задани Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ба шумор меравад.

Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ аз рӯи мақсадҳо ва сохти сиёсии давлатҳои дар он иштироккунанда ҷанги империалистӣ, истилогарона ва аз тарафи ташаббускорони он беадолатона буд.

**Ҳамлаи Германия ба Полша ва оғози Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ.** 1 сентябри соли 1939 артиши Германияи фашистӣ ба Полша зада даромад. Англия ва Фаронса, ки ба Полша ёрии ҳарбӣ ваъда карда буданд, 3 сентябр ба Германия ҷанг эълон карданд. Он вақт Гитлер ба ин давлатҳо ишора карда гуфта буд: "Ин ҳанӯз маънои онро надорад, ки гӯё онҳо ҷанг мекарда бошанд". Дере нагузашта ин тахмини Гитлер рост баромад. Англия ва Фаронса, тавре ки ба Чехословакия хиёнат карда буданд, ба Полша низ хиёнат карданд. Дар Ғарб 115 дивизияи Фаронса ва Англия ягон хел амалиёти ҳарбӣ намегузаронд. Ин вақт дар муқобили онҳо ҳамагӣ 23 дивизияи Германия меистоду бас. Доираҳои ҳукмрони мамлакатҳои Ғарб гумон доштанд, ки Германия Полшаро торумор карда, ба Иттифоқи Шӯравӣ ҳамла хоҳад кард.

Баъди зада даромадани гитлерчиён ҳукумат ва артиши Полша мамлакатро бесоҳиб партофта, шармандовар ба хориҷа фирор карданд. Ҷузъу томҳои зиёди артишиҳои Полша, сокинони Варшава ва шаҳру навоҳии дигари мамлакат ба муқобили истилогарон қаҳрамонона муқовимат нишон медоданд. Вале бартарӣ дар ҷониби гитлерчиён буд. Сарфи назар аз ин, ба артиши фашистӣ лозим омад, ки барои шикастани муқобилияти артиш ва халқи беҳукумати Полша қариб як моҳ сарф кунад.

**"Ҷанги аҷоиб" дар Европаи Ғарбӣ.** Вақте ки дар Европа ҷанг оғоз ёфт, ИМА бетарафии худро эълон кард. Инҳисорчиёни америкавӣ тахмин мекарданд, ки ҷанг иқтисоди мамлакатро аз бӯҳрон мебарорад. Супоришҳои ҳарбии мамлакатҳои ҷангкунанда ба саноатчиён ва банкдорони америкавӣ даромади афсонавӣ хоҳанд овард.

Баъд аз торумори Полша Англия ва Фаронса ҳанӯз ҳам умед доштанд, ки бо Гитлер забон як карда, ҷангро алайҳи ИҶШС равон мекунанд.

Дар зарфи ҳафт моҳ дар ҷабҳаи Ғарбӣ ягон хел амалиётҳои ҳарбӣ бурда намешуданд. Аз ин рӯ, дар ин минтақа ҷанг истеҳзоомезона "нишастаҷангкунӣ" ва "ҷанги аҷоиб" ном гирифт. Захираҳои модии Англия ва Фаронса аз иқтидори иқтисодии Германия зиёд буданд. Сарфи назар аз ин, ҳукуматҳои Англия ва Фаронса намехостанд, ки роҳи дар Мюнхен интихобкардаи худро аз даст диҳанд. Ба Гитлер фаҳмонданӣ мешуданд, ки "ӯ метавонад дар Шарқ фаъолона амал кунад".

Аз чунин мавқеи Англия ва Фаронса Германия ба таври худ истифода бурда, дар Ҷабҳаи Ғарбӣ ба ҳуҷуми барқосо ҳаматарафа тайёрӣ медид.

**Забткориҳои Иттифоқи Шӯравӣ.** Мувофиқи Созишномаи сулҳи Брест 3 марти соли 1918 бо Германия империяи Русия Украинаи Ғарбӣ ва Белоруссияи Ғарбиро аз даст дода буд. Иттиҳоди Шӯравӣ аз қарордоди 23 августи соли 1939 бо Германия дар бораи ба ҳамдигар ҳуҷумнакунӣ басташуда истифода бурда, моҳи сентябри ҳамин сол ба аз нав истило кардани онҳо даст зад. Артиши Сурхи Шӯравӣ Украинаи Ғарбӣ ва Белоруссияи Ғарбиро забт карда, мувофиқан ба ҶШС Украина ва ҶШС Белоруссия ҳамроҳ кард. Забткориҳои Иттиҳоди Шӯравӣ бо ин ба охир нарасиданд. Артиши Сурх моҳи ноябри соли 1939 ба қаламрави Финляндияи соҳибистиқлол ҳам зада даромад. Мувофиқи нақшаи роҳбарияти ҳизбию давлатии Иттиҳоди Шӯравӣ ин ҷанг бояд чандон тӯл намекашид. Вале ғайричашмдошти онҳо Финляндия ба муқобили Артиши Сурхи Шӯравӣ муқовимати сахт нишон дода, даҳҳо ҳазор аскару афсар ва техникаи ҳарбии онро несту нобуд кард (Идомаи ҷанги Иттиҳоди Шӯравӣ бар зидди Финляндия дар мавзӯи 37. "Рафти ҷанг дар соли 1940" инъикос меёбад).

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

**1.** Ба оғози Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ кадом давлатҳо манфиатдор буданд? **2.** Чаро Ҷанги дуюми ҷаҳониро Англия, Фаронса ва ИМА оғоз накарданд? **3.** Кадом сабабҳои Ҷанги дуюми ҷаҳониро медонед? **4.** Давлатҳои паймони фашистӣ чӣ мехостанд? **5.** Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ кай оғоз ёфт? **6.** Кадом давлатҳои Европа ба Германия ҷанг эълон карданд? **7.** "Ҷанги аҷоиб"-ро шарҳ диҳед. **8.** Чаро дар Ҷабҳаи Ғарбӣ амалиётҳои ҳарбӣ ниҳоят суст сурат мегирифтанд? **9.** Иттиҳоди Шӯравӣ кадом вилоятҳоро аз нав забт карда, ба ҶШС Украина ва ҶШС Белоруссия ҳамроҳ кард? **10.** Иттиҳоди Шӯравӣ бо кадом давлати соҳибистиқлол ҷанг оғоз намуд? **11.** Аз мавзӯъ хулоса бароред.

## § 37. РАФТИ ҶАНГ ДАР СОЛИ 1940

**Ҳамла ба Ғарб.** Соли 1940 амалиётҳои ҷангӣ дар Европаи Ғарбӣ, Африка, ҳавзаи Баҳри Миёназамин, нимҷазираи Балкан ва Шарқи Дур сурат гирифтанд. Вале самти асосӣ Европаи Ғарбӣ буд.

Моҳи апрели соли 1940 гитлерчиён ногаҳон ба Дания ва Норвегия зада даромаданд. Артиши Дания ба истилогарон муқовимат нишон надод. Вай бо фармони шоҳ ва ҳукумати Дания таслим шуд. Ватанпарварони норвегӣ бошанд, муқовимат нишон дода, ба фашистони немис талафот ба бор меоварданд. Вале муқовимати артиши Норвегия дар аввали моҳи июн шикаст. Ба ин то як дараҷа "колоннаи панҷум", ки аз фашистони маҳаллӣ иборат буд, мусоидат намуд.

Пешравии таҷовузкорони гитлерӣ ба Ғарб маънии шикасти пурраи сиёсати Мюнхенро дошт. Қаҳру ғазаби умумихалқӣ роҳбари мюнхенчиёни англисӣ Н. Чемберленро маҷбур сохт, ки ба истеъфо равад. Ба ҳукумати нави Англия арбоби қатъитари Ҳизби Консервативӣ Уитсон Черчилл роҳбарӣ кард. Ӯ нағз мефаҳмид, ки ба Англия хатари калон таҳдид мекунад.

Моҳи майи соли 1940 артиши фашистони немис Нидерландия, Белгия ва Люксембургро ишғол намуд. Бо ҳамин гитлерчиён аз шимоли хати мудофиавие, ки фаронсавиҳо дар кад-кади сарҳади Германияву Фаронса сохта буданд, давр зада ҷабҳаро бурида, ба ҷониби соҳил ҳаракат карданд, нерӯҳои англисӣ ва як қисми артиши фаронсавиҳоро, ки ҳамагӣ 340 ҳазор нафар низомиро ташкил менамуданд, дар наздикии Дюнкерк ба тарафи баҳр фишор дода, ба ақиб партофтанд. Онҳо силоҳ ва техникаи ҳарбии худро партофта, ба ҷазираҳои Британия гузаштанд. "Мӯъҷиза"-и Дюнкерк дар торумор нашудани артишҳои Англияю Фаронса аз он сабаб рух дод, ки Гитлер ба генералҳои худ иҷозати торумори онҳоро надода буд. Ин сабаб дошт. Сарвари фашистони Германия мехост, ки бо ҳукумати Англия созишнома баста, бо ёрии вай бар зидди Иттиҳоди Шӯравӣ ҷангад.

5 июн артиши Германия ба ҷануб ҳамла кард. Дар пеши роҳи онҳо шаҳри Париж меистод. Халқ ва артиши Фаронса комилан тайёр буданд, ки бар зидди душман ҷанг карда, ҳатто ғалаба ба даст дароранд. Вале ҳукумати Фаронса ба манфиатҳои миллӣ хиёнат карда, аз мамлакат гурехт. Парижи "шаҳри озод" эълонкарда ба гитлерчиён бе ҷанг супорида шуд.

Сардори ҳукумати нави Фаронса яке аз роҳбарони фашистони ин мамлакат маршал Петан таъйин карда шуд. 22 июни соли 1940 дар ҷангалаки Компен дар бораи бе чуну чаро таслим шудани Фаронса санад ба имзо расид. Германия қисми зиёди қаламрави Фаронсаро ишғол кард. Дар қисмати ҷанубии истилонашудаи мамлакат тартиботи

харбию фашистии ҳукумати лӯхтакмонанди Петан ташкил ёфт, ки он дар шаҳрчаи истироҳатгоҳи Вишӣ ҷойгир буд.

Танҳо баъзе намояндагони буржуазияи миллӣ ва афсарҳои артиш ба муқобили таслимшавии Фаронса баромаданд. Дар байни онҳо генерал Шарл де Голл (1890 – 1970) низ буд. Дар ҷавоби мурочиатномаи ӯ аз Лондон хизматчиёни ҳарбии дар хориҷи кишварбуда ва ватандӯстони сершумор барои мубориза баҳри эҳёи миллии мамлакат дар созмони "Фаронсаи Озод" муттаҳид шуданд.

Европаи Ғарбиро ишғол кардани гитлерчиён дар ИМА ташвиши зиёдеро ба вуҷуд овард. Ҳукумати Америка ба иҷрои барномаи калони сохтмони ҳарбӣ ва зиёд намудани нерӯҳои мусаллаҳ шурӯъ кард. Сохтани гулӯлаи ҳаставӣ (атомӣ) низ оғоз ёфт. "Қонун дар бораи бетарафӣ"-и соли 1939-и ИМА тағйир дода шуд. Акнун давлатҳои иштирокчии ҷанг имконият пайдо намуданд, ки аз ИМА аслиҳа ва лавозимоти дигари ҳарбиро нақд харида, аз Америка тавассути киштиҳои худ бибаранд. Дар ҷанг иштирок накарда, ИМА ба Англия торафт ёрии ҳарбию иқтисодии худро афзунтар менамуд. Моҳи марти соли 1941 Конгресси ИМА дар бораи "ленд-лиз" қонун қабул кард. Мувофиқи ин қонун ИМА метавонист аслиҳа ва лавозимоти ҳарбиро насия фурӯхта ва ё ба иҷора бидиҳад. Қонуни мазкур ба давлатҳое хизмат мекард, ки муборизаи онҳо бар зидди таҷовузкор барои ИМА аҳамияти ҳаётан муҳим дошт. Ҳамин тариқ, ИМА амнияти худро тавассути Англия ва мамлакатҳои дигари иштирокчии ҷанг, ки силоҳ ва лавозимоти дигари ҳарбии Америкаро гирифта буданд, таъмин карданӣ буд.

**Ҷанг дар Африка.** Моҳи июни соли 1940 Италия ба ҷанг даромад. Артиши вай моҳи сентябр ҳамлаи худро дар шимоли Африка оғоз намуда, баъд ба тарафи шарқии Африка ҳаракат кард. Он ният дошт, ки Мисрро ишғол намуда, ба Канали Суэтс назорати худро ҷорӣ намояд. Артиши Италия дере нагузашта амалиётҳои ҳарбиро барои васеъ кардани минтақаи ишғол дар Африкаи Шарқӣ вусъат дод. Вале дар ин ҷо ҳукмронии артиши Италия умри зиёд надид. Дар натиҷаи ба ин самт ҳаракат кардани артиши Англия дере нагузашта Италия аз ҳамаи мулкҳои дар Африкаи Шарқибудааш маҳрум шуд.

Баробари расида омадани қувваҳои иловагӣ англисҳо истилогаронро аввал аз Миср ва баъд аз Киренаика низ пеш карданд. Сипас артиши Германия ба ёрии артиши италиявиҳо омад. Баҳори соли 1941 фашистон ҳамлаи худро дар Либия давом дода, Бенғозиро ба даст даровар данд, баъд Тобрукро муҳосира намуданд. Вале ҳаракати онҳо ба дохили Миср боздошта шуд. Ба ҳар ҳол гитлерчиён дар қитъаи Африка нерӯҳои ҳарбии ба ғалаба қобил надоштанд. Германия ин замон нерӯҳои асосии худро барои ҷанги зидди Иттиҳоди Шӯравӣ марказонида буд.

**Таҷовузи фашистӣ ба Балкан.** Васеъшавии амалиётҳои ҳарбӣ ба ваҳдати минбаъдаи паймони мамлакатҳои фашистӣ кӯмак мерасонд. Германия, Италия ва Ҷопон 27 сентябри соли 1940 ба Муоҳидаи Сегона имзо гузошта, бо ҳамин ӯҳдадор шуданд, ки агар яке аз онҳо бо ягон давлати дигар дар ҳолати ҷанг қарор дошта бошад, пас давлатҳои дигари паймон ба он ёрии ҳаматарафа – ҳарбӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ мерасонанд. Дар байни аъзои ин паймон доираи нуфуз дар ҷаҳон муайян карда шуда буд. Германия ва Италия ба ҳукмрони Европа ва Ҷопон бошад, ба ҳукмрони Осиёи Шарқӣ шудан даъво доштанд.

Фашистони Германия ба ишғоли Европаи Ҷанубу Ғарбӣ аҳамияти калон медоданд. Аз ин рӯ, моҳи ноябри соли 1940 ба Иттифоқи Сегона Венгрия, Руминия ва Словакияро ҳамроҳ карда, 6 апрели соли 1941 бар зидди Югославия ва Юнон ба ҷанг даромаданд. 17 апрел Югославия дар бораи таслимшавии худ ба санади дахлдор имзо кард. Германия то охири ҳамон моҳ ишғоли Юнонро ҳам ба анҷом расонд. Давлатҳои дигари Балкан, аз он ҷумла Булғория ҳам ба фашистони Германия таслим шуданд. Дар ин мамлакатҳо диктатури фашистӣ ҳукмрон гардид ва онҳо ба иттиҳоди давлатҳои фашистӣ пайвастанд.

Дар баробари дар Европа ва Африка васеъшавии таҷовузи Германия амалиётҳои таҷовузкоронаи Ҷопон низ дар Шарқи Дур меафзуданд. 23 сентябри соли 1940 артиши Ҷопон қисмати шимолии Ҳиндучинро забт кард. Ҷопон ният дошт, ки Индонезия ва Филиппинро забт кунад. Ин иқдоми Ҷопон манфиатҳои ҳаётии ИМА-ро дар ин минтақаи ҷаҳон халалдор мекард. Дар натиҷаи гуфтушунид ин ду давлат моҳи июни соли 1941 дар бораи доираи нуфуз дар ҳавзаи Укёнуси Ором созишнома ба имзо расонданд.

**Забткориҳои Иттиҳоди Шӯравӣ.** Ҷанги Иттиҳоди Шӯравӣ бо Финляндия, сарфи назар аз муқовимати ниҳоят шадид ва талафоти гарони Артиши Сурх, бо ғалабаи Иттиҳоди Шӯравӣ анҷом ёфт. Моҳи марти соли 1940 дар байни Иттиҳоди Шӯравӣ ва Финляндия созишномаи сулҳ баста шуд, ки мувофиқи он дар самти Ленинград сарҳадҳои Шимолу Ғарбии ИҶШС васеътар карда шуданд.

Соли 1940 ба Иттиҳоди Шӯравӣ муяссар гардид, ки бо талафоти хеле кам Бессарабияро аз Руминия баргардонда гирад. Моҳи август мувофиқи қонуни қабулкардаи Шӯрои Олии ИҶШС Бессарабия ба ҶШС Молдавия табдил дода шуд. Артиши Сурхи Иттиҳоди Шӯравӣ қисмати сукунати украинҳои Буковинаи Шимолиро низ аз нав забт карда, ба ҶШС Украина ҳамроҳ кард.

Забткориҳои Иттиҳоди Шӯравӣ бо ҳамин ба анҷом нарасид. Бо амри Ҳукумати ИҶШС Артиши Сурх моҳи июли соли 1940 Латвия, Литва ва Эстонияро ишғол карда, онҳоро бо номи ҶШС Латвия, ҶШС Литва ва ҶШС Эстония ба ҳайати ИҶШС дохил намуд.

Ҳамин тариқ, Ҳукумати Шӯравӣ қаламрави дар Ҷанги якуми ҷаҳонӣ аз даст додаи Русияи Шӯравиро пурраю барзиёд аз нав ба даст даровард.

## МАЪХАЗ

### СОЗИШНОМАИ СУЛҲИ ИТТИҲОДИ ҶАМОҲИРИ ШӮРАВИИ СОТСИАЛИСТӢ БО ҶУМҲУРИИ ФИНЛЯНДИЯ

*12 марти соли 1940*

***Моддаи 1.*** Амалиётҳои ҳарбӣ дар байни ИҶШС ва Финляндия таъҷилан бо тартибе қатъ карда мешаванд, ки протоколи ба созишномаи мазкур замимагашта пешбинӣ кардааст.

***Моддаи 2.*** Сарҳадҳои давлатӣ дар байни ИҶШС ва Ҷумҳурии Финляндия аз тариқи хати наве муқаррар карда мешаванд, ки мувофиқи он тамоми гарданаи Карел бо ҳамроҳии шаҳри Виборг (Виипурӣ) ва халиҷи Виборг бо ҳамроҳии ҷазираҳо, ғарбтар ва шимолтари минтақаи соҳилҳои кӯли Ладога бо ҳамроҳии шаҳрҳои Кокеголм, Сартавала, Суоярвӣ, як қатор ҷазираҳо дар халиҷи Фин, қаламрави шарқтари Меркярвӣ бо ҳамроҳии шаҳри Куолярвӣ, як қисми нимҷазираҳои Рибачий ва Средний... ба ҳайати ИҶШС ҳамроҳ карда мешаванд.

***Моддаи 3.*** Ҳар ду Тарафи Аҳду Паймонкунанда аз ҳар гуна ҳамлаи зидди ҳамдигар худдорӣ мекунанд ва ягон иттифоқ таъсис намедиҳанд ва ё дар ягон иттиҳоде, ки ба муқобили яке аз Тарафи Аҳду Паймонкунанда равон карда шудааст, ширкат намеварзанд.

***Моддаи 4.*** Ҷумҳурии Финляндия розигии худро изҳор мекунад, ки нимҷазираи Ҳонко ва қаламрави баҳрии атрофи онро дар ҳудуди 5 мили ҷануб ва шарқ ва 3 мил ғарбтару шимолтар аз вай ва яққатор ҷазираҳое, ки ба вай пайвастаанд..., ба Иттиҳоди Шӯравӣ ба маблағи 8 млн маркаи финнии ҳарсола ба мӯҳлати 30 сол ба иҷора медиҳад, то ки дар он ҷо пойгоҳи ҳарбии баҳрие бунёд карда шавад, ки қобилияти аз ба халиҷи Фин зада даромадани таҷовузкор муҳофизат карданро дошта бошад ва бо мақсади ҳифзи пойгоҳи баҳрӣ ба Иттиҳоди Шӯравӣ ҳуқуқ дода мешавад, ки дар он ҷо аз ҳисоби худ шумораи зарурии нерӯҳои ҳарбии ҳавоӣ ва хушкигард дошта бошад.

***Моддаи 5.*** ИҶШС ӯҳдадор мешавад, ки артиши худро аз вилояти Петсамо, ки Финляндия соли 1920 ... бо хоҳиши худ ба Давлати Шӯравӣ гузашт карда буд, барорад.

### ПАЙМОНИ СЕ ДАВЛАТ

*27 сентябри соли 1940*

Муоҳидаи дар Берлин аз тарафи намояндагони Германия, Италия ва Ҷопон ба имзорасида иттиҳоди таҷовузкорони фашистиро ба таври ниҳоӣ созмон дод. Баъдан ба ин муоҳида Венгрия, Румыния, Булғория, Финляндия, Испания, Таи (Сиам), ҳукуматҳои лӯхтакмонанди Хорватия, Мончжоу-Го ва ҳукумати Ван Тсзин-веяи Чин ҳамроҳ шуданд.

***Моддаи 1.*** Ҷопон мақоми роҳбарии Германия ва Италияро дар кори ташкили низоми нав дар Европа эътироф мекунад.

***Моддаи 2.*** Германия ва Италия роҳбарии Ҷопонро дар кори ташкили низоми нав дар фазои бузурги Осиёи Шарқӣ эътироф ва эҳтиром мекунанд.

***Моддаи 3.*** Германия, Италия ва Ҷопон розианд, ки дар асоси дар боло нишон додашуда ҳамкорӣ кунанд. Онҳо минбаъд ӯҳдадор мешаванд, ки ҳамдигарро тавассути ҳамаи воситаҳои сиёсӣ, хоҷагӣ ва ҳарбӣ дастгирӣ мекунанд, агар ба шарте, ки яке аз се Тарафи Аҳду Паймонкунанда аз ҷониби ягон давлате ба ҳамла гирифтор шуда бошад, ки дар айни замон дар ҷанги европаӣ ва ихтилофи Чину Ҷопон иштирок надорад.

***Моддаи 4.*** Бахри амалӣ намудани паймони мазкур таъҷилан комиссияҳои умумитехникие ташкил карда мешаванд, ки аъзои онҳо аз тарафи ҳукуматҳои Германия, Италия ва Ҷопон таъйин карда мешаванд.

***Моддаи 5.*** Германия, Италия ва Ҷопон изҳор менамоянд, ки созишномаи мазкур ҳаргиз ба мақоми сиёсие, ки феълан дар байни ҳар кадоми се иштирокчии созишнома ва Иттиҳоди Шӯравӣ вуҷуд дорад, халалдор намешавад.

***Моддаи 6.*** Аҳдномаи нав бетаъхир баъди ба имзо расидани он ба кор медарояд ва аз рӯзи ба қувваи қонун даромадан дар тӯли 10 сол амал мекунад.

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

**1.** Соли 1940 амалиётҳои ҷангӣ асосан дар кадом самт сурат гирифтанд? **2.** Гитлерчиён Дания ва Норвегияро кай ба даст даровcovered? **3.** Тақдири сиёсати "Мюнхен"-ро шарҳ диҳед. Оё баъди ба Ғарб ҳуҷум кардани Германияи гитлерӣ он қавию боэътимод монд? **4.** Моҳи майи соли 1940 артиши Германия кадом мамлакатҳои Европаро забт кард? **5.** Дар бораи тобеи Германия шудани Фаронса нақл кунед. **6.** Петан кӣ буд? **7.** Кай ва дар куҷо созишномаи таслимшавии Фаронса ба Германия ба имзо расид? **8.** Мавқеи Шарл де Голлро дар мавриди таслим шудани Фаронса баён доред. **9.** Қонуни "ленд-лиз"-и ИМА дар бораи чӣ буд? **10.** Фашистони гитлерӣ дар Африка таҷовузи худро чӣ тавр идома медоданд? **11.** Таҷовузи фашистони Германия ва иттифоқчиёни онҳо дар Балкан кай сурат гирифт? **12.** Ба Иттифоқи Сегона боз кадом давлатҳои Европа ҷалб карда шуданд? **13.** Иттифоқи (Муоҳидаи) Сегона кай ва дар ҳайати кадом давлатҳо таъсис ёфт? **14.** Оё фашистон мамлакатҳои Балканро забт карда тавонистанд? **15.** Иттиҳоди Шӯравӣ куҷоҳоро аз нав ишғол намуда, ба ИҶШС ҳамроҳ кард? **16.** Ба ҳамдигар оид ба мавзӯъ аз харита савол диҳед. **17.** Аз мавзӯъ хулоса бароред.

## § 38. АМАЛИЁТҲОИ ҲАРБӢ ДАР СОЛИ 1941 – ОҒОЗИ СОЛИ 1942

**Ҳуҷуми Германия ба Иттифоқи Шӯравӣ.** 22 июни соли 1941 Германияи фашистӣ созишномаи 23 августи соли 1939-ро шикаста, ба Иттифоқи Шӯравӣ ҳамла кард. Германия бо дастгирии Италия, Финляндия, Венгрия ва Румыния бар зидди ИҶШС 190 дивизияи дорои 5,5 миллион нафар аскару афсар, 3,7 ҳазор танк, наздики 5 ҳазор самолёт, зиёда аз 47 ҳазор тӯп ва миномёт равон кард. Гитлерчиён ният доштанд, ки тавассути ин нерӯҳо бо як зарбаи барқосо қувваҳои мусаллаҳи ИҶШС-ро торумор карда, марказҳои ҳаётан муҳимтарини вайро ба даст даровarda, зуд ғалабаи Германияро таъмин намоянд.

Дар моҳҳои аввали таҷовузи Германия Артиши Сурхи Шӯравӣ дар ҷангҳои наздисарҳадии Ғарбӣ шикаст хӯрда, рӯ ба ақибнишинӣ ниҳод. Вале Ҳизби Коммунист ва Ҳукумати Шӯравӣ барои гирифтани пеши роҳи таҷовузкор чораҳои фаврӣ андешиданд. 30 июни соли 1941 Кумитаи Давлатии Мудофиа таъсис дода шуд. КДМ тамоми захираҳои ҳарбӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва одамиро барои дифоъи мамлакат равон сохт.

**Оғози таъсисёбии иттиҳоди зиддифашистӣ.** Васеъшавии ҳудуди амалиётҳои ҳарбии Германияи фашистӣ ва иттифоқчиёни вай ҳукуматҳои Англия, ИМА, ИҶШС ва баъзе давлатҳои дигарро водор намуд, ки роҳу воситаҳои мубориза бар зидди хавфи фашизми ба ҷаҳон таҳдидкунандаро ҷустуҷӯ кунанд. Доираҳои ҳукмрони Англия ва ИМА хуб дарк мекарданд, ки агар иттиҳоди давлатҳои фашистӣ ИҶШС-ро торумор кунад, пас навбати истилошавӣ ба худи онҳо ҳам мерасад. Бинобар ин 22 июни соли 1941 нахуствазири Англия У. Черчилл ва президенти Иёлоти Муттаҳидаи Америка Ф. Рузвелт изҳор карданд, ки тайёранд Иттиҳоди Шӯравиро дар ҷанги зидди Германияи фашистӣ дастгирӣ намоянд. Бо ҳамин мақсад 12 июли соли 1941 дар байни Англия ва ИҶШС дар бораи амалиётҳои муштараки ҷангии зидди Германия қарордод ба имзо расид. Иёлоти Муттаҳидаи Америка 2 августи соли 1941 расман эълон кард, ки ба ИҶШС ёрии иқтисодӣ мерасонад.

Баъди ин Ҳукумати Шӯравӣ бо ҳукуматҳои дар муҳоҷиратбудаи Чехословакия ва Полша дар бораи дар қаламрави ИҶШС ташкил карда шудани ҷузъу томҳои артишҳои Чехословакия ва Полша, ки бар зидди истилогарони фашистӣ мубориза мебаранд, аҳду паймон кард. ИҶШС дар ин замина бо ҳукуматҳои дар муҳоҷиратбудаи Белгия ва Норвегия ҳам робита барқарор намуд.

Ҳамин тариқ, ба таъсиси иттиҳоди давлатҳои зиддифашистӣ асос гузошта шуд.



Ба бадарғагии фашистӣ бурдани одамони Шӯравӣ

**Эъломияи Атлантика.** Аввали моҳи августи соли 1941 ҳангоми вохӯрии Рузвелт бо Черчилл қарордоди Англияю Иёлоти Муттаҳидаи Америка дар бораи мақсадҳои ҷанг қабул карда шуд, ки он бо номи "Эъломияи Атлантика" машҳур аст. Ин эъломия муқаррар кард, ки давлатҳои ба он имзогузошта барои забти қаламрави давлатҳои дигар талош намекунанд ва имконият намедиҳанд, ки ҳудудҳои ягон давлат бе розигии халқи он тағйир дода шаванд, ҳуқуқи соҳибихтиёрии халқҳо ва интихоби сохти сиёсии ба онҳо маъқули идоракуниро эҳтиром мекунанд ва чунин мешуморанд, ки давлатҳои қобили таҷовуз бояд халъи силоҳ карда шаванд. Ҳукумати Шӯравӣ низ бо назардошти баъзе мулоҳизаҳои манфиатҷӯёна ба Эъломияи Атлантика ҳамроҳ шуд. Ин эъломия барои ба вуҷуд омадани иттиҳоди давлатҳои зиддифашистӣ заминаи ҳуқуқию сиёсии боэътимодро ба вуҷуд овард.

**Мавқеи Эрон ва Туркия.** Баъди оғози Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ Эрон ба такягоҳи ҳарбии Германияи фашистӣ табдил ёфт. Германия ният дошт, ки тавассути қаламрави Эрон бар зидди Иттиҳоди Шӯравӣ амалиётҳои ҷосусию диверсионӣ барад. Агар имконпазир гардад, аз он ҷо бар зидди ИҶШС таҷовузи ҳарбӣ ташкил намояд. Гитлерчиён талаб мекарданд, ки фурудгоҳҳои Эрон ба Германия дода шаванд. Онҳо мехостанд, ки Эронро ба ҷанги зидди ИҶШС кашанд. Фашистон дар Эрон табаддулоти ҳарбӣ низ тайёр мекарданд. Вале Ризошоҳ ва ҳукумати ӯ барои гирифтани пеши роҳи ҷосусони гитлерӣ чорае наандешиданд. Ба ин табаддулоти Иттиҳоди Шӯравӣ ва Англия халал расонданд. 25 августи соли 1941 тақозои моддаи 6-и созишномаи Эрону Русияи Шӯравии соли 1921-ро ба назар гирифта, Иттиҳоди Шӯравӣ қувваҳои ҳарбии худро ба Эрони Шимолӣ даровард. Дар як вақт қувваҳои ҳарбии Англия ба Эрони Ҷанубӣ даровarda шуданд.

Ғосибони шӯравию англисӣ 27 августи соли 1941 бо сардории Фаррухӣ ҳукумати нави Эронро ташкил намуданд. Дар чунин шароит Ризошоҳи рӯй ба ҷониби Германия дар сари қудрати шоҳии Эрон истода наметавонист. Аз ҳамин сабаб 16 сентябри соли 1941 маҷбур шуд, ки аз тоҷу тахти шоҳии Эрон даст кашида, мамлакатро тарк кунад. Ба ҷои ӯ писараш Муҳаммад Ризо шоҳи Эрон эълон карда шуд. Баъди ин намояндагони Германияи гитлерӣ, иттифоқчиён ва ҷосусони зиёди онҳо аз Эрон ронда шуданд.

29 январи соли 1942 дар байни Иттиҳоди Шӯравӣ, Британияи Кабир ва Эрон дар бораи иттифоқ созишнома ба имзо расид. Мувофиқи он Англия ва Иттиҳоди Шӯравӣ ӯҳдадор шуданд, ки яклорчагӣ, соҳибихтиёрӣ ва истиқлолияти Эронро эҳтиром карда, онро аз таҷовузи Германия ва давлатҳои дигар муҳофизат менамоянд. Дар баробари ин ӯҳдадориҳо Англия ва Иттиҳоди Шӯравӣ ҳуқуқ пайдо

намуданд, ки баъди анҷом ёфтани ҷанг қувваҳои ҳарбии худро дар Эрон боз 6 моҳи дигар нигоҳ доранд.

Ҳамин тавр, Англия ва Иттиҳоди Шӯравӣ амнияти Эронро таъмин намуданд. Баъди як сол дар байни Англия, Иттиҳоди Шӯравӣ ва Эрон боз як созишнома ба имзо расид, ки мувофиқи он тавассути хоки Эрон ба ИҶШС аслиҳа ва лавозимоти дигари барои ҷанг зарур интиқол дода мешуд.

9 сентябри соли 1943 Эрон бар зидди Германия расман ҷанг эълон кард. Сарфи назар аз ин, қувваҳои ҳарбии Эрон дар амалиётҳои ҳарбии зидди иттиҳоди давлатҳои фашистӣ ширкат наварзиданд.

Баъд аз шикасти Фаронса Туркия ба Германияи фашистӣ наздик шудан мегирад. Моҳи сентябри соли1939 Туркия бо Англия ва Фаронса созишнома ба имзо расонда, худро бетараф эълон карда бошад ҳам, аз тобистони соли 1940 сар карда бо ин ду давлат ҳамраъй буд. Чор рӯз қабл аз ба ИҶШС ҳуҷум кардани гитлерчиён Туркия мавқеи худро тағйир дода, бо Германия дар бораи дӯстӣ созишнома ба имзо расонд. Мувофиқи ин созишнома Туркия бояд Германияро аз хром ва маводи дигари стратегӣ таъмин мекард, ба Германия иҷозат медод, ки тавассути гулӯгоҳҳои Баҳри Сиёҳ киштиҳои ҳарбии он гузаранд. Ҳукумати Туркия инчунин ӯҳдадор шуд, ки ҳузури ҷосусони фашистиро дар Туркия махфӣ нигоҳ медорад.

Чунин мавқеи Туркия то соли 1944 ҳамин тавр мондан гирифт. Туркия дар сухан бетараф, вале дар амал иттифоқчии Германияи фашистӣ буд. Танҳо соли 1944 дар натиҷаи ба шикаст рӯ ба рӯ шудани Германия ва фишори давлатҳои иттиҳоди зиддифашистӣ Туркия маҷбур шуд, ки моҳи феврали соли 1945 бо Германия ҷанг эълон кунад. Бо вуҷуди ин Туркия дар амалиётҳои ҷангии зидди Германия ширкат наварзид.

**Оғози ҷанг дар Уқёнуси Ором.** Охирҳои соли 1941 амалиётҳои ҳарбӣ ба ҳавзаи Уқёнуси Ором ҳам омаданд. Тавре ки дар болотар гуфта будем, Ҷопон ҳанӯз тобистони ҳамон сол Ҳиндучинро ишғол кард. Дар ҳавзаи Уқёнуси Ором Ҷопон инчунин мулкҳои Ҳолландия, ИМА ва Англияро низ ба даст даровардани буд. Ҳукумати Ҷопон дар як вақт бо Ҳукумати ИМА дар бораи танзими муносибатҳои байни онҳо гуфтушунид мекард. Ин музокирот мақсад дошт, ки ИМА-ро дар ғафлат гузошта, барои ба пойгоҳи флоти ИМА ногаҳонӣ ҳамла кардан тайёрӣ бинад.

Маълум буд, ки Ҷопон бар зидди ИҶШС ҳатман ҷанг хоҳад кард. Инро роҳбарони ИМА ҳам медонистанд. Вале он вақт Ҷопон ба ин иқдом даст назад, чунки шароит ҳанӯз барои ҳамла бар зидди ИҶШС муҳайё набуд. Роҳбарони олии сиёсию ҳарбии Ҷопон ният доштанд, ки аввал захираҳои иқтисодии англисӣ, америкавӣ ва мулкҳои

Ҳолландияро дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ва ҳавзаи Укёнуси Ором ба даст дароранд ва баъди он ки ИҶШС дар ҷанги зидди Германия беқувват шуд, ана ҳамон вақт бар зидди он таҷовуз ташкил кунанд.

7 декабри соли 1941 ҷузъу томҳои флоти муттаҳидаи ҳарбию баҳрии Ҷопон, ки дар ҳайати он якчанд киштии самолётбар низ буд, ғайричашмдошт ба флоти ҳарбию баҳрии ИМА, ки дар пойгоҳи Пирл-Харбори ҷазираҳои Гавай мустақар буд, ҳамла карданд. Дар натиҷаи ин ИМА 18 киштии калон, аз он ҷумла 8 киштии линкор, киштиҳои зиёди хурдтар ва самолётҳои ҳарбиро талаф дод. Баъди 3 рӯз самолётҳои Ҷопон эскадрилияи дар Укёнуси Оромбудаи Британияи Кабирро ҳам ғулӯлаборон карданд. Ҳамин тариқ, Ҷопон дар Укёнуси Ором бартарии худро аз ҷиҳати нерӯҳои ҳарбию баҳрӣ таъмин намуд. Баъди ин барои дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ва Укёнуси Ором васеъ кардани минтақаи истилои Ҷопон имконияти васеътар муҳайё шуд. Ҷопон моҳи декабри соли 1941 – марти соли 1942 Филиппин, Таиланд, Бирма, Малайзия, Сингапур ва Индонезияро забт кард. Ҳамин тариқ, Ҷопон дар мӯҳлати кӯтоҳ дар Шарқи Дур, Укёнуси Ором ва Осиёи Ҷанубу Шарқӣ қисми зиёди мақсадҳои стратегии худро ҳал намуда, мулкҳои мустамликавии ИМА, Англия ва Ҳолландияро, ки дорои 3 миллиону 800 ҳазор км² масоҳат ва 150 миллион нафар аҳолӣ буданд, ишғол кард.

Соли 1941 майдони ҳарбу зарби Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ хеле васеъ шуд. Ба он давлатҳои нав ворид шуданд. 11 декабри соли 1941 Германия ва Италия ба ИМА ҷанг эълон карданд. Ҷавобан ба ин Конгресси ИМА низ ба Германия ва Италия ҷанг эълон намуд.



Киштиҳои ҳарбии ИМА "Вест Вирҷиния" ва "Теннеси" баъд аз ҳамлаи ҳавоии Ҷопон ба Пирл-Харбор. 7 декабри соли 1941

**Муҳорибаи назди Москва.** Тирамоҳи соли 1941, сарфи назар аз шикасти нақшаи ҷанги баркосо, фармондеҳии олии Германия нақшаи амалиётеро таҳия кард, ки он "Тӯфон" ном дошта, забти Москваро дар назар дошт. Барои амалӣ гардондани ин нақша Германияи фашистӣ 75 дивизия, аз он ҷумла 14 дивизияи танкӣ ва 8 дивизияи техникии мотордори дигарро сафарбар кард.

Фармондеҳии Артиши Сурхи Шӯравӣ аз ин нақша бохабар шуда, тайёрии ҳаматарафа медид, то ки душман "нағз пешвоз" гирифта шавад.

5 декабри соли 1941 қувваҳои ҳарбии ҷабҳаи Калинин ба ҳуҷуми ҷавобӣ гузаштанд. Дар натиҷаи ҳамлаи пурзӯри ҷавобии Артиши Сурхи Шӯравӣ то аввали соли 1942 нерӯҳои асосии гурӯҳбанди немисӣ дар назди Москва торумор карда, ба масофаи 100–250 км ба тарафи Ғарб ақиб партофта шуданд. Дар назди Москва 38 дивизияи душман мавҷудияти худро аз даст дод.

Ғалаба дар назди Москва пирӯзии аввалини калони нерӯҳои зиддифашистӣ дар зарфи 3 соли аввали Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ буд. Ин ғалаба аъзои давлатҳои иттиҳоди зиддифашистиро рӯҳбаланд карда, иттиҳоди давлатҳои фашистиро ба ташвиш андохт.

**Амалиёти ҳарбӣ дар Африка.** Шикаст дар назди Москва Германияи фашистиро маҷбур сохт, ки як қисми артишашро аз ҷабҳаҳои дигари ҷанг ба Европа баргардонад, то ки шикасти давлатҳои иттиҳоди фашистиро боздорад.

Моҳи ноябри соли 1941 қувваҳои ҳарбии Англия дар Шимоли Африка ба ҳуҷуми густурда гузаштанд ва дере нагузашта тамоми қаламрави Киренаикаро озод карданд. Вале фашистони Германия аз пароканд агии артиши англисӣ истифода бурда, моҳи январи соли 1942 ба ҳуҷуми ҷавобӣ гузаштанд ва Киренаикаро аз нав ишғол намуданд. Авиатсия ва флоти баҳрии Италияю Германия роҳҳои киштигарди Баҳри Миёназаминро ба зери назорати худ гирифта буданд. Аз ҳамин сабаб ба англисҳо лозим омад, ки ақибнишинӣ кунанд. Дар ҷангҳои мудофиавии назди Эл-Аламейнаи воқеъ дар масофаи 100 километр ғарбтари Искандария (дар самти Канали Суэтс) ҳаракати фашистон боздошта шуд. Бо ҳамин вазъияти ҳарбӣ дар Африкаи Шимолӣ мӯътадил гардид.

**МАЪХАЗ**

**СОЗИШНОМАИ ҲУКУМАТИ ИҶШС ВА БРИТАНИЯИ КАБИР ОИД БА АМАЛИЁТҲОИ МУШТАРАК ДАР ҶАНГИ ЗИДДИ ГЕРМАНИЯ**

*12 июли соли 1941*

Созишномаи мазкур ҳуҷҷати нахустини сиёсие гардид, ки ба иттиҳоди зиддигитлерии се давлати бузург – ИҶШС, ИМА ва Британияи Кабир ибтидо гузошт.

Ҳукумати Иттиҳоди Шӯравӣ ва ҳукумати Ҷаноби Олӣ дар Британияи Кабир созишномаи мазкурро ба имзо расонда, чунин изҳор менамоянд:

1. Ҳар ду ҳукумат дар назди ҳамдигар ӯҳдадор мешаванд, ки дар ҷанги мазкур бар зидди Германияи гитлерӣ ба ҳамдигар ёрӣ мерасонанд ва ҳамдигарро дастгирӣ мекунанд.

2. Онҳо минбаъд ӯҳдадор мешаванд, ки дар идомаи ин ҷанг бе ризоияти ҳамдигар на гуфтушунид (бо тарафи душман. Шарҳи Т. Зиёев) мекунанд, на созишномаи оташбас ва на созишномаи сулҳ мебанданд.

### ТАЪСИСИ МИЛЛАТҲОИ МУТТАҲИДА

*1 январи соли 1942*

Дар поён эъломияи умумии 26 давлат дода шудааст: Иёлоти Муттаҳидаи Америка, Шоҳигарии Британияи Кабир ва Ирландияи Шимолӣ, Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравии Сотсиалистӣ, Чин, Австрия, Белгия, Ҳиндустон, Канада, Коста-Рика, Куба, Люксембург, Чехословакия, Ҷумҳурии Доминикан, Эл-Салвадор, Юнон, Гватемала, Гаити, Гондурас, Ҳолландия, Зеландияи Нав, Никарагуа, Норвегия, Панама, Полша, Иттифоқи Африкаи Ҷанубӣ ва Югославия.

Баъдтар ба ин эъломия давлатҳои зерин низ пайвастанд: Мексика, Филиппин, Ҳабашистон, Ироқ, Бразилия, Боливия, Эрон, Колумбия, Либерия, Фаронса, Эквадор, Миср, Арабистони Саудӣ, Сурия, Лубнон. Эъломияи мазкур ба номи Эъломияи Миллатҳои Муттаҳида маълум аст.

Ҳукуматҳое, ки ба он имзо гузоштаанд, қаблан ба барномаи мақсад ва принсипҳое ҳамроҳ шуданд, ки дар эъломияи умумии президенти ИМА ва Британияи Кабир аз 14 августи соли 1941 инъикос ёфтаанд ва бо номи Эъломияи Атлантика маълум аст, боварӣ доранд, ки ғалабаи пурра бар душманон барои ҳифзи ҳаёт, озодӣ, истиқлолият ва озодии дин ва барои нигоҳ доштани ҳуқуқ ва адолат чи дар давлатҳои худ ва чи дар давлатҳои дигар зарур аст ва онҳо акнун ба муборизаи умум бар зидди нерӯҳои ваҳшӣ ва даранда, ки мехоҳанд оламро забт кунанд, машғул буда, эълон менамоянд:

1) ҳар ҳукумат ӯҳдадор мешавад, ки тамоми манбаъҳои худ, ҳарбӣ ё иқтисодиро бар зидди он аъзои паймони сегона ва ба он ҳамроҳшудагоне, ки ин ҳукумат дар ҳолати ҷанг аст, истифода бибарад.

2) ҳар як ҳукумат ӯҳдадор мешавад, ки бо ҳукуматҳои дигари ба ин санад имзогузошта ҳамкорӣ мекунад ва бо душманон созишномаи оштӣ ва ё созишномаи сулҳи дутарафа намебандад.

Ба эъломияи дар боло иншогардида миллатҳои дигаре ҳам ҳамроҳ шуда метавонанд, ки ёрии моддӣ мерасонанд ё расонда метавонанд ва дар мубориза барои ғалаба бар гитлеризм шароит муҳайё менамоянд.

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

**1.** Германияи фашистӣ кай ба ИҶШС ҳуҷум кард? **2.** Кумитаи Давлатии Мудофиа дар ИҶШС кай ва барои чӣ ташкил карда шуд? **3.** Таъсисёбии иттиҳоди давлатҳои зиддифашистӣ кай ва чӣ тавр оғоз ёфт? **4.** Эъломияи Атлантикаи ИМА ва Англияро шарҳ диҳед. **5.** Муносибатҳои Эрон ва Туркияро бо Германияи фашистӣ муайян намоед. **6.** Чаро Иттиҳоди Шӯравӣ ва Англия ба Эрон артишҳои худро даровარданд? **7.** Бо кадом сабаб Ризошоҳ аз тахту тоҷи шоҳии Эрон даст кашид? **8.** Муҳаммад Ризо кай шоҳи нави Эрон эълон карда шуд? **9.** Дар бораи тағйирёбии муносибати Эрон бо Германия далелҳо биёред. **10.** Кай Туркия муносибатҳои дипломатии худро аз Германия канда, бар зидди он ҷанг эълон кард? **11.** Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ дар ҳавзаи Уқёнуси Ором ва Осиён

Ҷанубу Шаркӣ кай ва чӣ тавр оғоз ёфт? **12.** Ҷопон кадом давлатҳои ҳавзаи Укёнуси Ором ва Осиёи Ҷанубу Шаркиро ишғол намуд? **13.** Дар бораи ғалабаи нерӯҳои Шӯравӣ дар назди Москва ва аҳамияти он нақл кунед. **14.** Оё дар рафти амалиётҳои ҳарбӣ дар Африка соли 1941 ягон тағйирот ба амал омад? **15.** Аз мавзӯъ хулоса бароред.

## § 39. ГАРДИШИ КУЛЛӢ ДАР РАФТИ ҶАНГИ ДУЮМИ ҶАҲОНӢ

**Муҳорибаи Сталинград.** Фармондеҳии Олии Германияи фашистӣ аз мавҷуд набудани ҷабҳаи дуюм истифода бурда, тобистони соли 1942 дар қисмати ҷанубии ҷабҳаи Шӯравию Германия ба ҳуҷуми густурдаи нерӯҳои худ шурӯъ намуд. Дар рафти ин ҳуҷум дар Сталинград задухӯрди бузург ва бемислу монанд ба амал омад.

Муҳорибаи Сталинград дар масоҳати қариб 100 ҳазор $км^2$ сурат гирифта, дар он аз ду тараф зиёда аз 2 миллион нафар аскару афсар ширкат варзид. Дар амалиётҳои ҳарбӣ ҳазорҳо танку самолёт ва даҳҳо ҳазор тӯпу миномёт ба кор бурда шуданд. Германия ва иттифоқчиёни вай дар самти Сталинград 50 дивизияи дорои зиёда аз 1 миллион нафар аскару афсар доштанд.

Ҳуҷуми фашистони немис дар самти Сталинград 23 июли соли 1942 оғоз ёфт. Баъди расо як моҳ артиши душман ба Сталинград ҳамла карда, то маркази шаҳрро ба даст даровард. Фашистон то охири муҳорибаи Сталинград ин шаҳрро пурра ба даст даровардан натавонистанд.

Фармондеҳии Олии Шӯравӣ нақшаи ҳамлаи ҷавобии Артиши Сурхи Шӯравиро дар самти Сталинград таҳия намуд. Ин нақша дар назар дошт, ки ба муқобили душман аз ду самт – шимол ва ҷануб ҳамла карда, нерӯҳои душман дар Сталинград пурра ба муҳосира гирифта,



Сталинград дар оташ. Августи соли 1942

торумор карда шаванд. Ҳамин тариқ, 19 ноябри соли 1942 ҳуҷуми барқосои артиши Шӯравӣ оғоз ёфт. 2 феврали соли 1943 ҷузъу томҳои ҳар ду гурӯҳ артиши Шӯравӣ дар маҳаллаи Калач бо ҳам вохӯрда, ҳалқаи муҳосираи нерӯҳои фашистиро бастанд. 22 дивизияи душман иборат аз 300 ҳазор нафар аскару афсар ба муҳосира афтида, сарфи назар аз нерӯҳои зиёд, дигар аз он озод шуда натавонист.

Муҳорибаи Сталинград бо таслимшавии артиши дар муҳосирамондаи немисӣ бо сардории фелдмаршал Паулюс ба анҷом расид. Аз бамуҳосирафтодагон 147 ҳазор нафарашон ҳалок гардида, 91 ҳазор нафарашон асир гирифта шуданд.

Ғалаба дар соҳилҳои Волга ба Артиши Сурх имконият дод, ки дар Ҷабҳаи Шарқӣ ташаббуси ҷангро ба даст гирифта, ҳуҷуми минбаъдаи худро вусъат бидиҳад. Ба шарофати ғалаба дар муҳорибаи Сталинград ҳуҷуми густурдаи Артиши Сурх аз Ленинград то Қафқозро фаро гирифта, аз қаламрави ИҶШС зада пеш кардани душман оғоз ёфт.

Ғалаба дар Сталинград аҳамияти бузурги байналхалқӣ дошт, зеро он дар Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ гардиши куллиро ба амал овард. Аз ин вақт сар карда иттиҳоди давлатҳои фашистӣ ба шикасти пай дар пай дучор шуд.

Роҳбарони Англия ва ИМА оқибатҳои барои Германия ва иттифоқчиёни он ҳалокатбори шикаст дар Сталинградро бо хубӣ фаҳмида, мавқеи устуворро ишғол намуданд. Дар маҷлиси машваратии моҳи январи соли 1943 дар шаҳри Касабланка баргузоргардида Рузвелт ва Черчилл нияти мамлакатҳои худро дар бораи то таслими пурраи иттиҳоди давлатҳои фашистӣ давом додани ҷанг тасдиқ карданд.

**Шикасти артишҳои Германия ва Италия дар Африка.** Аз миёнаҳои моҳи ноябри соли 1942 то 30 моҳи марти соли 1943 гитлерчиён аз артиши ғарбии худ 33 дивизияи нав ва 3 бригадаро ба Ҷабҳаи Шӯравӣ фиристоданд. Нерӯҳои асосии худро дар назди Сталинград мутамарказонида, иттиҳоди давлатҳои фашистӣ нерӯҳои ҳарбии худро дар Африкаи Шимолӣ заиф гардонд. Дар он ҷо ҳамагӣ 5 дивизияи немисӣ ва 8 дивизияи италиявӣ боқӣ монду бас. Артиши англисии дар Мисрбуда аз ҷиҳати теъдоди танк, артиллерия ва самолёт бар артиши немисию италиявӣ бартарии калон дошт. 23 октябри соли 1942 артиши Англия дар маҳаллаи Эл-Алмейн ба ҳуҷум гузашта, бар артиши Италия ғалаба кард. Ин ғалаба имкон дод, ки артиши Англия Киренаика ва ИМА Триполитанияро ишғол намоянд. 8 ноябри соли 1942 артиши америкавию англисӣ ба бандарҳои фаронсавии Африкаи Шимолӣ фаромада, шаҳрҳои Алҷазоир, Оран ва Касабланкаро ишғол намуданд. Вале аз охирҳои моҳи декабри соли 1942 сар карда иттифоқчиён амалиётҳои ҳарбиро дар Африкаи Шимолӣ суст карданд. 6 майи соли 1943 ҳуҷуми артиши Англия ва Америка дар Тунис аз нав

оғоз ёфт, баъди чанд рӯз артиши Италияю Германияро маҷбур карданд, ки таслим шаванд.

Шикасти артиши фашистӣ дар Африка барои дар Европаи Ғарбӣ кушода шудани ҷабҳаи дуюм имконияти мусоид фароҳам овард. Вале ин иқдоми муҳим бо сабабҳои гуногун сари вақт иҷро нашуд.

**Муҳорибаи Курск.** Баъд аз муҳорибаи Сталинград артиши Шӯравӣ ҳуҷуми худро идома дод. Нерӯҳои ҳарбии душман маҷбур шуданд, ки ақибнишинӣ кунанд. Миёнаҳои соли 1943 артиши фашистӣ дар хати Курск – Орёл – Белгород, ки "Камонаки Курск" номгузорӣ шудааст, мавқеи мудофиавиро ишғол намуданд, то ки дар мӯҳлатҳои наздиктарин ба ҳуҷуми ҷавобӣ гузаранд. Фармондеҳии артиши Германия нақшаи ҳуҷуми калонро бо номи "Такягоҳ" таҳия намуд, ки татбиқи бомуваффақияти он пешравии артиши фашистони немисро дар самти Орёл ва Харков таъмин мекард. Дар сурати муваффақият артиши Шӯравӣ бояд дар Курск муҳосира ва несту нобуд карда мешуд. Баъди ин муваффақият гитлерчиён ният доштанд, ки шаҳри Москваро давр зада, ба даст дароранд. Натиҷаи ниҳоии нақшаи "Такягоҳ" торумори пурраи артиши Шӯравӣ ва ба фоидаи Германия анҷом додани Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ буд.

Фашистони Германия намехостанд, ки дар "Камонаки Курск" чун дар Сталинград рӯ ба рӯ шаванд. Аз ин рӯ, ба муҳорибаи дар пешистода ҳаматарафа тайёрӣ медиданд. Барои иштирок дар муҳорибаи Курск фашистон 50 дивизияи дорои 900 ҳазор нафар аскару афсар, наздики 10 ҳазор адад тӯп, 2,7 ҳазор адад техникаи ҳарбии ҳаракаткунанда, аз он ҷумла танкҳои "Юз" ("Пантера") ва "Паланг" ва зиёда аз 2 ҳазор самолётро сафарбар карданд.

Муҳорибаи Курск субҳидами 5 июли соли 1943 оғоз ёфт. Артиллерияи Шӯравӣ тахминан 10 дақиқа пештар аз ҳуҷум мавқеи душманро гулӯлаборон кард. Дар натиҷаи ин фашистон талафоти калон доданд. Аз худи дақиқаҳои аввали муҳориба бартарии мавқеъ ба ихтиёри артиши Шӯравӣ гузашт.

Набарди асосӣ дар муҳорибаи Курск 12 июл дар деҳкадаи Прохоровка бо иштироки 1,5 ҳазор танку силоҳи дигари ҳаракаткунанда ба амал омад. Ин задухӯрд ба фоидаи артиши Шӯравӣ анҷом ёфт. Баъди ин Артиши Сурх муваффақияти худро афзун намуда, то 5 август Орёл ва Белгородро ҳам аз фашистон озод кард.

Ғалаба дар "Камонаки Курск" ба торумори пурраи Германияи фашистӣ роҳ кушод. Баъди шикаст дар Курск ба роҳбарони артиши гитлерчиён фаҳмо шуд, ки Германия ин ҷангро ба фоидаи худ ҳал карда наметавонад. Баъди муҳорибаи Курск Артиши Сурхи Иттиҳоди Шӯравӣ ба ҳуҷуми умумӣ гузашт, ки он аз Великие Луки то Баҳри Сиёҳро дар бар гирифт.

Дар муҳорибаи Курск эскадрилияи фаронсавии "Нормандия" ва аз тирамоҳи соли 1943 сар карда Бригадаи 1-уми Чехословакия, ки дар Иттиҳодии Шӯравӣ ташкил карда шуда буд, бар зидди фашистон меҷангиданд.

**Таслимшавии Италия.** Дар ҷабҳаи Германияву Шӯравӣ шикаст хӯрдани Германия рӯҳияи ҷангии артиши Италияро паст намуд. Ин ҳолат баъди муҳорибаи Курск баръало ба назар мерасид. Фармондеҳии гитлерӣ нерӯҳои асосии худро ба муқобили ИҶШС равон карда, мавқеи Германияро дар ҷабҳаҳои дигари ҷанг заиф гардонд.

10 июли соли 1943 артиши Англия ва ИМА ба ҷазираи Ситсилияи Италия фаромаданд. То ин вақт артиши Италия қобилияти ҷангиашро қариб пурра аз даст дода буд. Низомиёни италиявӣ аз ҷанг саркашӣ карда, гурӯҳ-гурӯҳ ба тарафи муқобил таслим мешуданд. Дар чунин шароит доираҳои ҳукмрони дурандеши Италия диктатор Муссолиниро аз ҳокимият дур сохта, дар зери роҳбарии маршал Бадоло ҳукумати нав таъсис намуданд. Бадоло бо фармондеҳии артиши Англияю ИМА ба музокирот шурӯъ кард. 3 сентябри соли 1943 созишнома дар бораи сулҳ ва ба иттиҳоди давлатҳои зиддифашистӣ таслимшавии бечунучарои Италия ба имзо расид.

Гитлер аз ин воқеаи ноxуш бохабар шуда, ба артишаш фармуд, ки Италияи Шимолиро забт кунад. Ҳукумати нави Италия 13 октябри соли 1943 ба Германия ҷанг эълон кард. Аз ҳамин воқеа сар карда барҳамхӯрии иттиҳоди мамлакатҳои фашистӣ оғоз ёфт.

**Мубориза зиддифашистӣ дар мамлакатҳои истилошуда.** Ғалабаи Артиши Сурх дар Сталинград, Курск ва таслимшавии Италия муборизаи миллию озодихоҳии халқҳои аз тарафи иттиҳоди давлатҳои фашистӣ ба асорат гирифторшударо ба вуҷуд овард, ки онро дар таърих Ҳаракати Муқовимат номидаанд. Чунин ҳаракат дар Фаронса, Полша, Италия, Чехословакия, Югославия ва давлатҳои дигар тавлид ёфта, рӯз то рӯз ба нерӯи пурзӯр табдил меёфт.

Дар Фаронса нерӯҳои ватанпарвар Шӯрои Миллии Муқовимат ташкил намуданд. Ватанпарварони сершумори ин мамлакат аз зӯран ба Германия бурдан гурехта, дар ҷангалҳо пинҳон мешуданд, то ки баъд дар дастаҳои "франтирерҳо" ("тирандозони озод") муттаҳид шуда, бар зидди истилогарони фашистӣ мубориза баранд. Франтирерҳо кӯпрукҳоро метарконданд, қаторaҳои ҳирбиро чаппа мекарданд ва қотилони фашистиро мекуштанд...

Ғайр аз Ҳаракати муқовимати халқҳои мамлакатҳои муваққатан истилошуда дар мамлакатҳои фашистӣ, аз он ҷумла дар Германия ва Италия ҳаракати зиддифашистӣ ба вуҷуд омад.

Муборизаи аз ҳама самараноки зиддифашистӣ ҳаракати чирикӣ буд. Дар мамлакатҳои ба истилои фашистӣ гирифторшуда ҳаракати

чирикӣ ба неруи пурзӯри мубориза бар зидди истилогарони фашистӣ табдил ёфт. Масалан, чирикҳои Югославия ҳанӯз моҳи декабри соли 1941 Артиши Халқӣ-Озодихоҳии Югославияро ташкил намуданд, ки шумораи он то охири соли 1943 ба 300 ҳазор нафар расид. Дар Полша бошад, соли 1942 Гурди Людова ташкил ёфт. Ин нерӯи чирикӣ соли 1944 асоси Артиши Полшаро ташкил намуд.

Дар Иттиҳоди Шӯравӣ ҳаракати чирикӣ ниҳоят васеъ паҳн гардид. Чирикҳо ҳар рӯз ба фашистон талафоти калон ба бор меоварданд. Ҳаракати чирикӣ махсусан дар Белоруссия ва Украина ба нерӯи пурзӯри ҳарбӣ табдил ёфта буд.

Шакли дигари муборизаи зиддифашистӣ ҳаракати пинҳонкорӣ буд. Иштироккунандагони ин ҳаракат ҳам ба кори диверсионӣ ва ҳам ба кори таблиғотӣ машғул буданд. Тавассути ҳаракати пинҳонкорӣ чирикҳо ва артишҳои давлатҳои иттиҳоди зиддифашистӣ маълумотҳои муҳими ҳарбӣ ба даст меоварданд.

Муборизаи миллию озодихоҳии халқҳои ба истилои фашистӣ гирифторшуда, ҳаракати муқовимат, ҳаракати чирикӣ ва фаъолияти мубориэони пинҳонкори зиддифашистӣ, дар ниҳояти кор, барои ғалаба бар иттиҳоди давлатҳои фашистӣ ва пеш аз ҳама, дар торумори ҳарбии Германияи гитлерӣ саҳми бузург гузоштанд.

**Конференсияи Байналхалқии Теҳрон.** Тағйироти куллӣ дар рафти Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ дар назди иттиҳоди давлатҳои зиддифашистӣ масъалаҳои муҳими ҳалталабро мегузошт. Торумори қатъии Германияи фашистӣ ва иттифоқчиёни вай ва тақдири баъдиҷангии ҷаҳон аз ҷумлаи ин масъалаҳо буданд. Дар марҳалаи нимаи аввали ҷанг роҳбарони Англия ва ИМА, одатан, вохӯриҳои дуҷониба гузаронда, баъд дар бораи қарорҳои қабулкардаашон роҳбари Иттиҳоди Шӯравиро хабардор мекарданд. Яке аз чунин вохӯриҳои Рузвелт ва Черчилл моҳи августи соли 1943 дар шаҳри Квебеки Канада баргузор гардида буд. Дар он вақти ба Европаи Ғарбӣ даровардани артиши иттифоқчиён соли 1944 муқаррар карда шуд.

Кашолкорӣ дар масъалаи кушода шудани Ҷабҳаи дуюм дар Европа Иёлоти Муттаҳидаи Америка ва Англияро дар ҳолати ногувор гузошт. Масъалаҳои анҷоми ҷанг, тақдири баъдиҷангии Германияву иттифоқчиёни вай ва масъалаҳои зиёди дигарро танҳо ду давлат бею ҳамаи давлатҳои иттиҳоди зиддифашистӣ дар якҷоягӣ ҳаллу фасл карда метавонистанд. Барои тайёрӣ ба чунин вохӯрӣ дар шаҳри Москва аз 19 то 30 октябри соли 1943 Конференсияи вазирони корҳои хориҷии ИҶШС, Англия ва ИМА баргузор гардид. Конференсияи Москва нишон дод, ки иттиҳоди давлатҳои зиддифашистӣ торафт мустаҳкамтар шуда истодааст. Хулосаи муҳимтарини Конференсияи вазирони корҳои хориҷии ИҶШС, Англия ва ИМА он буд, ки роҳбарони ин се давлат бояд дар конференсияи байналхалқӣ ҷамъ оянд.



Сарбозони амрикоӣ ҳангоми муҳориба

Конференсияи байналхалқии сардорони се давлати бузург – ИҶШС (И. Сталин), ИМА (Ф. Рузвелт) ва Англия (У. Черчилл) дар Теҳрон аз 28 ноябр то 1 декабри соли 1943 баргузор гардид. Дар он оид ба масъалаҳои муҳимтарини доғи рӯз мувофиқа ба даст даровaрда шуд.

Дар маркази диққати ширкаткунандагони нишасти Теҳрон масъалаи торумори Германия меистод. Дар ин масъала мувофиқа ба даст оварда шуд. Масъулияти асосии иҷрои ин қазия ба ӯҳдаи давлатҳои бузурги иттиҳоди зиддифашистӣ вогузор гардид.

Конференсияи Теҳрон қарор кард, ки 35 дивизияи Англия ва ИМА моҳи майи соли 1944 дар қисматҳои Ғарбӣ ва Ҷануби Фаронса фаровардa шавад. Дар баробари ин дар назар дошта шуда буд, ки то ин вақт артиши Иттиҳоди Шӯравӣ ба ҳуҷуми густурда гузашта, амалиётҳои ҳарбии артиши иттифоқчиёнро осонтар мегардонад.

Дар Конференсияи Теҳрон масъалаҳои сарҳадҳои байни ИҶШС ва Полша, ба ИҶШС додани як қисми Пруссияи Шарқӣ ва баъзе масъалаҳои дигари байналхалқӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

**МАЪХАЗҲО**

**I. КОНФЕРЕНСИЯИ САРДОРОНИ СЕ ДАВЛАТИ ИТТИФОҚЧӢ – ИТТИҲОДИ ШӮРАВӢ, ИЁЛОТИ МУТТАҲИДАИ АМЕРИКА ВА БРИТАНИЯИ КАБИР ДАР ТЕҲРОН**

(Иқтибосҳо) *28 ноябр – 1 декабри соли 1943*

**I. АЗ ЭЪЛОМИЯИ СЕ ДАВЛАТ**

Мо, президенти Иёлоти Муттаҳидаи Америка, сарвазири Британияи Кабир ва сарвари Иттиҳоди Шӯравӣ, дар зарфи чор рӯзи охири вохӯрӣ дар пойтахти иттифоқчиамон – ш. Теҳрон сиёсати умумии худро таҳия ва тасдиқ намудем.

Мо катъияи изхор менамоем, ки мамлакатхои мо чи дар рафти ҷанг ва чи дар замони баъд аз ҷанг якҷоя ҳамкорӣ мекунанд.

Нисбати ҷанг бошад, намояндагони ситодҳои ҳарбии мо дар музокироти гирди мизи мудаввар иштирок намуданд ва мо нақшаҳоро онд ба нест у нобуд кардани нерӯҳои ҳарбии Германия ҳамоҳанг кардем. Мо дар масъалаи вусъат ва мӯҳлатҳои амалиёт, ки ҳам аз шарқ, ҳам аз ғарб ва ҳам аз ҷануб ба амал меояд, ризоияти пурра ба даст даровардем.

Ҳусни тафоҳуме, ки мо дар ин ҷо ба даст даровардем, ғалабаи моро кафолат медиҳад...

Ҳуҷуми мо бераҳмона ва вусъатёбанда хоҳад буд.

**2. АЗ ЭЪЛОМИЯИ СЕ ДАВЛАТ ДАР БОРАИ ЭРОН**

Президенти Иёлоти Муттаҳида, сарвари ИҶШС ва нахуствазири Шоҳигарии Муттаҳида бо ҳамдигар ва бо нахуствазири Эрон маслиҳат карда, меҳоҳанд дар бораи ризоияти умумии ҳар се давлат онд ба муносибатҳои онҳо нисбати Эрон эълон доранд.

Ҳукумати Иёлоти Муттаҳидаи Америка, ИҶШС ва Шоҳигарии Муттаҳида эътироф мекунанд, ки Эрон дар пешбарии ҷанг бар зидди душмани умумӣ ёрӣ расонад, алалхусус интиқоли борҳоро аз хориҷа ба Иттиҳоди Шӯравӣ осон гардонад.

Ин се ҳукумат мефаҳманд, ки ҷанг барои Эрон мушкилоти хосеро эҷод кард ва онҳо розӣ шуданд, ки мисли пештара ба Эрон чунин ёрии иқтисодие расонанд, ки имконпазир бошад...

Ҳукумати Иёлоти Муттаҳида, ИҶШС, Шоҳигарии Муттаҳида ва ҳукумати Эрон ҳамфикранд, ки истиқлолияти пурра, соҳибихтиёрӣ ва дахлнопазирии қаламрави Эрон нигоҳ дошта шавад. Онҳо умед доранд, ки Эрон бо ҳамроҳии миллатҳои дигари сулҳдӯст дар барқарор намудани сулҳи байналхалқӣ, амният ва рушду нумӯи баъдиҷангӣ тибқи принсипҳои Эъломияи Атлантика, ки ба он ҳамаи чор ҳукумат имзо кардааст, ширкат меварзад.

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

**1.** Дар бораи муҳорибаи Сталинград чӣ медонед? **2.** Ғалабаи Артиши Сурх дар Сталинград чӣ аҳамият дошт? **3.** Роҳбарони Англия ва ИМА баъди муҳорибаи Сталинград ба кадом хулоса омаданд? **4.** Дар бораи шикасти артиши Германия ва Италия дар Африкаи Шимолӣ нақл кунед. **5.** Муҳорибаи Курск кай ва чӣ тавр сурат гирифт? **6.** Ғалабаи Артиши Сурх дар "Камонаки Курск" чӣ аҳамият дошт? **7.** Италия кай ва чӣ тавр аз иттиҳоди фашистӣ баромада, бар зидди Германия ҷанг эълон кард? **8.** Баъд аз он ки Италия аз иттиҳоди давлатҳои фашистӣ баромад, ин иттиҳод ба кадом ҳолат гирифтор шуд? **9.** Дар бораи муборизаи зиддифашистӣ дар мамлакатҳои аз тарафи давлатҳои иттиҳоди фашистӣ истилошуда чӣ гуфта метавонед? **10.** Конференсияи вазирони корҳои хориҷии ИҶШС, Англия ва ИМА дар шаҳри Москва баргузоргардида кадом масъалаҳои асосиро мавриди баррасӣ қарор дод? **11.** Конференсияи байналхалқии Теҳрон кай баргузор гардид ва он кадом масъалаҳоро мавриди муҳокима қарор дод? **12.** Аз мавзӯъ хулоса бароред.



13—К-9371

## § 40. ТОРУМОР КАРДА ШУДАНИ ГЕРМАНИЯИ ФАШИСТӢ ВА ИТТИФОҚЧИЁНИ ОН ДАР ЕВРОПА

**Ҳуҷуми Артиши Сурхи Шӯравӣ дар соли 1944.** Рӯҳияи ватанпарваронаи Артиши Сурх ва халқи шӯравиро ғалаба дар Сталинград, Курск, убури Днепр, озод карда шудани шаҳри Киев ва ғайра ниҳоят баланд карда буданд. Пеши роҳи артиши Шӯравиро дигар фашистони Германия ва иттифоқчиёни онҳо гирифта наметавонистанд.

Соли 1944 ҳуҷуми фотеҳонаи Артиши Сурх барои аз истилогарони фашистӣ пурра озод кардани Мамлакати Шӯравӣ ва расондани ёрӣ ба халқу мамлакатҳои ба асорати фашистӣ гирифторшуда равона карда шуда буд.

Артиши Сурх 27 январи соли 1944 муҳосираи Ленинградро бартараф карда, дар мӯҳлати кӯтоҳ – аз моҳи январ то моҳи майи соли 1944 қаламрави калон – соҳили рости Украина, Қрим ва Одессаро озод намуд. Моҳҳои июн-июли соли 1944 дар рафти густариши амалиётҳои ҷангии ҷабҳаҳои Ленинград ва Карел артиши фашистӣ ба хориҷи кишвар дур партофта шуд. Амалиёти ҷангии артиши Шӯравӣ дар ин моҳҳо сабабгори озодшавии Белоруссия, қисми Литва ва як қисми Полша гардид. Дар моҳҳои июл-август вилоятҳои ғарбии Украина ва қисми зиёди қаламрави Полша ҳам аз фашистон озод карда шуданд.

20 августи соли 1944 ҳуҷуми густурдаи артиши Шӯравӣ дар минтақаи ҷанубии ҷабҳаи Шӯравию Германия оғоз ёфт. Дар наздикии Кишинёв гурӯҳи калони артиши немисию руминӣ торумор карда шуд. Ин амалиёт нерӯҳои зиддифашистиро дар Руминия рӯҳбаланд кард. Ин буд, ки 23 августи соли 1944 дар шаҳри Бухарест шӯриш сар зад. Дар натиҷаи ин ҳукумати Антонеску сарнагун карда шуд.

Бо ёрии артиши Шӯравӣ аз 9 сентябр то охири декабри соли 1944 Булғория, Венгрия, Словакия, Югославия, Албания аз фашистон озод карда шуданд. Аз миёнаҳои соли 1944 сар карда дар нимҷазираи Балкан артиши Англия низ дар амалиётҳои ҳарбии зидди фашистон ширкат



Сарфармондеҳи Ҷабҳаи Дуюми иттифоқчиён дар Европаи Ғарбӣ генерал Дуайт Эйзенхауэр пеш аз муҳорибаи Нормандия бо сарбозон. 6 июли соли 1944

меварзид. 30 июни соли 1944 ИМА муносибатҳои дипломатии худро аз Финляндия канд. Финляндия дар ҳолати ногувор монда, маҷбур шуд, ки 4 сентябри соли 1944 шартҳои сулҳро қабул карда, алоқаи худро аз Германия канда, аз ҷанг бароянд. 22 октябри соли 1944 артиши Шӯравӣ ба Норвегия даромад. Дар ин ҷо ҳам фашистон шикаст хӯрданд.

Дар ҳамлаи умумии бомуваффақияти Артиши Сурхи Шӯравӣ ёрии сиёсию ҳарбӣ ва иқтисодии ИМА, Англия ва давлатҳои дигари иттиҳоди зиддифашистӣ хеле калон буд.

**Кушода шудани Ҷабҳаи дуюм.** 6 июни соли 1944 иттифоқчиён дар Фаронсаи Шимолӣ бо сардории генерали Америка Дуайт Эйзенхауер Ҷабҳаи дуюмро кушоданд. Иттифоқчиён ният доштанд, ки артиши худро зуд ба маркази Европа расонанд. Вале баробари ба сарҳадҳои ғарбии Германия расидан ба муқовимати пурзӯри артиши фашистӣ дучор шуданд. Артиши иттифоқчиён "хати Зигфрид"-ро рахна карда натавониста, дар ҳамон ҷо бозистоданд.

Фармондеҳии артиши Германия мақсад дошт, ки моҳи декабри соли 1944 ба самти наздибаҳрии Шимоли Европа зуд ҳаракат карда, гурӯҳи артиши Англия ва ИМА-ро барҳам диҳад. Дар мавриди муваффақият роҳбарони Германия ният доштанд, ки бо Англия ва ИМА гуфтушунид оғоз кунанд.

Ҳуҷуми ҷавобии Германия 16 декабри соли 1944 оғоз ёфт, ки дар он 3 армия, аз он ҷумла 10 дивизияи танкӣ ва 14 дивизияи пиёдanизому мотордор ширкат варзид. Артиши иттифоқчиён дар вазъияти ногувор монд. Черчилл ба Сталин барқия фиристода, ёрӣ пурсид. Сталин ҳамон лаҳза дар бораи ҳамлаи густурдаи артиши дар ҷабҳаи шарқибуда фармон дод. Иттифоқчиён дар натиҷаи ин ёрии Артиши Сурх тавонистанд, ки вазъияти худро мӯътадил гардонда, ба ҳуҷуми ҷавобӣ гузаранд.

Дар музофоти Нормандияи Шимолии Фаронса кушода шудани Ҷабҳаи дуюм торумори Германияи фашистӣ ва иттифоқчиёни онро тезонд. Аз тарафи дигар, ин муваффақият нишон дод, ки давлатҳои

Фармондеҳони Ҷабҳаи Шӯравӣ дар марҳалаи хотимавии ҷанг. Дар қатори якум - Маршалҳои Иттиҳоди Шӯравӣ И. С. Конев, А. М. Василевский, Г. К. Жуков, К. К. Рокоссовский, К. А. Мерецков; дар қатори дуюм Ф. И. Толбухин, Р. Я. Малиновский, Л. А. Говоров, А. И. Ерёменко, И. Х. Баграмян. Соли 1945



сохти сиёсиашон гуногун метавонанд бар зидди нерӯҳои иртиҷоӣ ва бадхоҳ якҷоя мубориза бурда, пирузӣ ба даст дароранд.

**Конференсияи байналхалқии Қрим.** Наздикшавии торумори Германия аз иттифоқчиён тақозо мекард, ки нисбат ба Германия ва Ҷопон амалиётҳои минбаъдаи худро ҳамоҳанг созанд. Барои ин Конференсияи сардорони се давлати бузург ИҶШС (И. Сталин), Англия (У. Черчилл) ва ИМА (Ф. Рузвелт) даъват карда шуд, ки он аз 4 то 11 феврали соли 1945 дар Қрим (Ялта) баргузор гардид. Ин конференсия қарор қабул кард, ки дар марҳалаи охирини ҷанг иттифоқчиён бар зидди Германияи фашистӣ якҷоя амал мекунанд. Сарварони ИҶШС, Англия ва ИМА таъкид карданд, ки Германия бояд бегуфтугӯ таслим шавад.

Мувофиқи қарори Конференсияи Қрим қаламрави Германия бояд ба чор минтақаи ишғолӣ (ИҶШС, ИМА, Англия ва Фаронса) тақсим карда мешуд. Аз намояндагони фармондеҳии артишҳои иттифоқчиён Шӯрои назоратӣ ташкил карда шуд. Назорат ва танзими ҳамаи масъалаҳои марбут ба ишғоли Германия ба зиммаи шӯрои мазкур вогузор гардид.

Конференсияи Қрим инчунин масъалаҳои дигари муҳимро баррасӣ намуд. Пардохти товони ҷанг, таъсис намудани Созмони Милали Мутаҳҳид ва баъди дар Европа ба охир расидани ҷанг ба ҷанги зидди Ҷопон дохил шудани ИҶШС аз ҷумлаи ин масъалаҳоянд.

Тақдири баъдиҷангии ҷаҳон дар маркази диққати иштирокчиёни конференсия буд. Зимни ин масъала Конференсияи Қрим қарор кард, ки 25 апрели соли 1945 дар шаҳри Сан-Франсискои ИМА Конференсияи муассисони СММ даъват карда шавад. Намояндагони ИҶШС, ИМА, Англия ва Чин ҳанӯз дар Конференсияи Думбартон-Окс, ки моҳҳои август-октябри соли 1944 баргузор гардида буд, лоиҳаи Ойинномаи Созмони Милалии Муттаҳидро таҳия карда буданд.



Сарвазири Британияи Кабир Уинстон Черчилл, президенти Иёлоти Муттаҳидаи Америка Франклин Рузвелт ва сардори Давлати Шӯравӣ Иосиф Сталин дар Конференсияи байналхалқии Қрим. Соли 1945

Конференсияи Қрим инчунин "Эъломия дар бораи озодкунии Европа"-ро дастгирӣ намуд. Дар он гуфта мешуд, ки се давлати иштирокчии конференсия мақсади қавӣ доранд, ки ба халқҳои Европа барои ба таври демократӣ ҳал кардани мушкилоти ҳалталаби сиёсӣ ва иқтисодӣ ҷидду ҷаҳд мекунанд.

Конференсияи Қрим дар рохи ҳамкории иттиҳоди давлатҳои зиддифашистӣ марҳала ва воситаи муҳиме гардид. Ҷамъбасти муҳимтарини Конференсияи Қрим қарор дар бораи барҳам додани фашизм ва милитаризми Германия мебошад.

**Бечунучаро таслим шудани Германияи фашистӣ.** Баъди кушода шудани Ҷабҳаи Дуюм ҳалқаи муҳосираи артиши фашистони немис то чанде ба сарҳадҳои Германия наздик мешуд. То моҳи апрели соли 1945 Германияи фашистӣ қариб ҳамаи давлатҳои ишғолкардаи худро аз даст дод. Амалиётҳои ҷангӣ кайҳо боз дар ҳудуди Германия идома доштанд.

Дар Ҷабҳаи Ғарбӣ артиши Германия дигар ба артиши Англияю ИМА истодагарӣ карда натавониста, саросемавор ақибнишинӣ мекард. Нерӯҳои англисию америкавӣ миёнаҳои моҳи апрели соли 1945 аллакай дар масофати 100-километраи Берлин қарор доштанд.

Нимаи дуюми моҳи апрел Артиши Сурхи Иттиҳоди Шӯравӣ ба ҳамлаи қатъии Берлин шурӯъ кард. Дар муқобили Артиши Сурх 85 дивизияи амалкунанда, 8 дивизияи эҳтиётӣ ва гарнизони 200-ҳазорнафараи Берлин меистод. Аз 20 апрел сар карда дар кӯчаҳои Берлин задухӯрдҳои шадид сурат гирифтанд. 25 апрел Берлин ба муҳосира гирифта шуд.

Артиши Англия ва ИМА низ ба тезӣ ба пеш ҳаракат мекард. Ҷузъу томҳои Артиши 5-уми Ҷабҳаи 1-уми Украина 25 апрел ва ҷузъу томҳои Артиши 1 Америка дар маҳаллаи Торгауи соҳили дарёи Элба бо ҳам вохӯрданд. 30 апрел аскарони шӯравӣ Кантария ва Егоров Парчами Сурхи Ғалабаро дар гунбази Рейхстаг ҷилвагар намуданд.

Сарбозони шӯравӣ – ғолибони ҷанг парчамҳои артиши мағлубшудаи гитлерчиёнро ба пояи мақбараи В. И. Ленин мепартоянд. 24 июли соли 1945.



Ҳамон рӯз Гитлер ва Гебелс худкушӣ карданд. 2 май Берлин пурра б
дасти Артиши Шӯравӣ гузашт.

8 майи соли 1945 дар Берлин карордод дар бораи бе чуну чар
таслим шудани Германияи фашистӣ ба имзо расид. Бо ҳамин ҷанг
огозкардаи гитлерчиён бо торумори пурраи артиши Германия
фашистӣ анҷом ёфт. Артишҳои Иттиҳоди Шӯравӣ, Иёлоти Муттаҳида
Америка, Англия ва Фаронса Германияро ишғол карданд. Роҳбарон
фашистӣ ба ҳабс гирифта шуданд. 5 июни соли 1945 намояндагони и
чор давлат "Эъломия дар бораи шикасти Германия ва ба зиммаи ху
гирифтани ҳокимияти олӣ дар Германия"-ро ба имзо расонданд.

**Конференсияи байналхалқии Сан-Франсиско.** Тибқи қарорі
Конференсияи Қрим 25 апрели соли 1945 дар Сан-Франсиско
Конференсияи таъсиси Созмони Милали Муттаҳид кушода шуд. Да
кори он аввал 300 вакил аз 46 давлати дунё ширкат варзид. Баъди чанд
барои иштирок боз намояндагони 4 давлати дигар низ даъват карда
шуданд, аз он ҷумла аз ҶШС Украина, ҶШС Белоруссия ва Полша
Ҳамин тариқ, шумораи муассисони Созмони Милали Муттаҳид 50
мамлакати дунёро ташкил кард.

Конференсияи байналхалқии Сан-Фарнсиско 26 июни соли 1945
Ойинномаи Созмони Милали Муттаҳидро қабул кард. Дар он
мақсадҳои СММ, аз он ҷумла ҳифзи сулҳ ва амнияти умум, татбиқи
чораҳои самараноки пешгирӣ ва бартараф кардани хавфи ҷанг,
мубориза бар зидди таҷовузкорон ва вайронкунандагони сулҳу амният,
рушди муносибатҳои дӯстона дар асоси эҳтироми принсипи
баробарҳуқуқӣ ва соҳибихтиёрии халқҳо, ҳамкории байналхалқӣ дар
ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, маданӣ ва башарӣ, эҳтироми



**Гузоштани имзо ба санад дар бораи бегуфтугӯ таслим шудани Германия. Намояндаи Сарфармондеҳи Олии Шӯравӣ маршали Иттиҳоди Шӯравӣ Г. К. Жуков ва намояндаи Сарфармондеҳи Олии Германияи фашистӣ генерал-фелдмаршал В. Кейтел. 8 майи с. 1945**

ҳуқуқҳо ва озодиҳои асосии инсон, сарфи назар аз нажод, ҷинс, забон ва дин, инъикос гардидаанд.

Дар Ойинномаи СММ сохтор ва мақомоти асосии идораи Созмони Милали Муттаҳид муайян карда шуд. Ҷамъомади умумии намояндагони мамлакатҳои аъзои СММ "Маҷлиси Умумӣ" ("Ассамблеяи Генералӣ") номида шудааст. Вазифаи он аз баррасии масоили гуногуни марбут ба ҳифзи сулҳ ва амният, пешниҳоди тавсияҳо ба аъзои СММ ва Шӯрои Амният аст. Шӯрои Амният мақоми муҳимтарини доимоамалкунандаи сиёсии СММ мебошад. Вай масъулияти асосӣ барои ҳифзи сулҳ ва амнияти байналхалқиро ба ӯҳда дорад. Ба ҳайати он 5 аъзои доимӣ (ИҶШС, ИМА, Британияи Кабир, Фаронса, Чин) ва 10 аъзои ғайридоимӣ дохиланд, ки ба мӯҳлати 2 сол интихоб мешаванд. Шӯрои Амният ҳангоми қабули қарорҳои худ аз рӯи низоми аксарияти овозҳои аъзо ва ризоияти якдилонаи панҷ аъзои доимии Шӯрои Амният амал мекунад. Ҳар як давлати аъзои доимии Шӯрои Амният ҳуқуқи "рад кардан" ("вето")-ро дорад.

Ғайр аз ин Ойиннома таъсиси Шӯрои иқтисодӣ, Шӯрои иҷтимоӣ, Шӯрои пуштибон, Додгоҳи байналхалқӣ, котибот, кумитаҳо, комиссияҳо, муассиса ва созмонҳои махсуси Созмони Милали Муттаҳидро дар назар дорад.

Қабули Ойинномаи мазкур ва дар асоси он таъсис намудани Созмони Милали Муттаҳид бегуфтугӯ музаффарияти бузурги нерӯҳои сулҳпарвари ҷаҳон буд.

**Конференсияи байналхалқии Потсдам.** Торумори Германияи фашистӣ дар назди иттиҳоди давлатҳои зиддифашистӣ масъалаи сулҳу амнияти баъдиҷангии Европаро гузошт. Барои баррасии ҳамин мақсад аз 17 июл то 2 августи соли 1945 дар шаҳри Потсдам конференсияи сардорони се давлати бузург И. Сталин (ИҶШС), Г. Трумен (ИМА), аввал У. Черчилл ва баъд К. Эттли (Британияи Кабир) баргузор гардид. Чанде пештар, 12 апрели соли 1945, президенти ИМА Ф. Рузвелт вафот кард.

Масъалаи марказии Конференсияи Потсдам масъалаи Германияи баъдиҷангӣ буд. Иттифоқчиён иброз доштанд, ки тайёранд Германияро ғайриҳарбӣ гардонанд, созмонҳои ҳарбигардондаи онро банданд ва чораҳои дигар андешанд, то ки дар оянда Германия аз нав ба манбаи ҷанг табдил наёбад.

Қарорҳои Конференсияи Потсдам мақсад доштанд, ки натсизм, Ҳизби Миллии Сотсиал-Демократии Коргарии Германия ва ҳамаи созмону муассисаҳои фашистӣ пароканда карда шуда, Вермахтро бо ҳамроҳии ҳамаи ташкилотҳояш барҳам дода, ҷинояткорони ҳарбӣ ба суд дода шаванд.

Конференсияи Потсдам эълон кард, ки мамлакатҳои ғолиб мақсади халқи немисро ба асорат гирифтор кардан надоранд. Бояд ба

немисҳо имконият дода шавад, ки давлати сулҳдӯст ва демократӣ ташкил кунанд ва дар байни мамлакатҳои сулҳдӯст ҷои сазоворро ишғол намоянд.

Конференсияи Потсдам инчунин таъсиси ҳукумати умумигерманиявӣ, департаментҳои умумигерманиявӣ, рӯёндани товони ҷанг, даровардани тағйирот дар ҳудудҳои Германия, мурофиаи судӣ бар ҷинояткорони асосии Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ, муқаррар намудани сарҳадҳои Полша ва масъалаҳои дигарро баррасӣ кард.

## МАЪХАЗҲО

### 1. ПОРАҲО АЗ ҚАРОРҲОИ КОНФЕРЕНСИЯИ САРДОРОНИ СЕ ДАВЛАТ – ИТТИҲОДИИ ШӮРАВӢ, ИЁЛОТИ МУТТАҲИДАИ АМЕРИКА ВА БРИТАНИЯИ КАБИР ДАР ҚРИМ

*4 – 12 феврали соли 1945*

**Торумори Германия**

Мо нақшаҳои ҳарбии се давлати иттифоқро бо мақсади торумори пурраи душмани умумӣ баррасӣ ва муайян намудем. Ситодҳои ҳарбии се миллати иттифоқ дар тӯли тамоми конференсия ҳамарӯза дар машваратҳо вомехӯрданд. Ин машваратҳои дар сатҳи олӣ аз ҳар ҷиҳат қаноатбахш буданд ва ба танзими боз ҳам бештар зичи кӯшишҳои ҳарбӣ оварданд, нисбат ба он, ки ягон вақт аз ин пеш вуҷуд дошт...

**Ишғоли Германия ва назорат аз болои он**

Мо аҳду паймол кардем, ки оид ба сиёсати умумӣ ва аз роҳи зӯрӣ амалӣ намудани шартҳои таслими бечунучароро нисбати Германияи фашистӣ якҷоя ҳамон вақт муқаррар мекунем, ки муқобилияти ҳарбии Германия пурра барҳам дода шавад. Ин шартҳо то замони торумори пурраи Германия чоп карда намешаванд. Мувофиқи нақшаи ҳамоҳангкардаи мо нерӯҳои мусаллаҳи се давлат дар Германия се минтақаи махсусро ишғол мекунанд. Нақшаи танзими маъмурӣ ва назорат тавассути Кумитаи Марказии Назорат ва ҳамчунин аз ҷониби сарфармондеҳони се давлати қароргоҳашон дар Берлинбуда ҷорӣ мешавад...

... Мақсади қатъии мо он аст, ки милитаризм ва натсизми Германия несту нобуд карда шавад ва кафолат додани он, ки Германия минбаъд ҳаргиз қудрате нахоҳад дошт, ки ба сулҳ дар тамоми ҷаҳон халал расонад...

**Рӯёндани товони ҷанг аз Германия**

Мо масъалаи зарарҳоеро, ки Германия дар ин ҷанг ба давлатҳои иттифоқӣ расондааст, мавриди муҳокима қарор додем ва адолатнок шумурдем, ки Германия ӯҳдадор карда шавад ин зарарро дар шакли ашё дар ҳаҷми имконпазири ниҳоӣ ҷуброн кунад...

**Конференсияи Миллатҳои Муттаҳида**

Мо тасмим гирифтем, ки дар мӯҳлатҳои наздиктарин бо ҳамроҳии иттифоқчиёнамон созмони умумии байналхалқиро оид ба ҳифзи сулҳ ва амният таъсис диҳем...

Мо розӣ шудем, ки 25 апрели соли 1945 дар Сан-Франсиско Иёлоти Муттаҳида Конференсияи Миллатҳои Муттаҳида баргузор гардад, то ки Оинномаи ин созмон тибқи нишондодҳое, ки дар музокироти ғайрирасмӣ дар Думбартон-Окс таъкид карда шуда буданд, тайёр карда шавад...

## 2. БА ИМЗО РАСИДАНИ ҚАРОРДОД ДАР БОРАИ ТАСЛИМИ БЕЧУНУЧАРОИ НЕРЎҲОИ ҲАРБИИ ГЕРМАНИЯ

Шаби 8 ба 9 майи соли 1945 дар Берлин аз тарафи фармондеҳии ҳарбии гитлерӣ ба имзо расидааст.

1. Мо, дар зер имзокардагон, аз номи фармондеҳии Олии Германия амал карда, ба таслими кулли нерўҳои ҳарбиамон дар хушкӣ, дар баҳр ва дар ҳаво, инчунин ҳамаи нерўҳое, ки феълан тобеи фармондеҳии немисӣ мебошанд, бечунучаро ба Фармондеҳии Олии Артиши Сурх ва ҳамзамон ба Фармондеҳии Олии нерўҳои экспедитсионии иттифоқчиён розӣ ҳастем.

2. Фармондеҳии Олии Германия бетаъхир ба ҳамаи фармондеҳони нерўҳои хушкигард, баҳрӣ ва ҳавоӣ ва ба ҳамаи нерўҳои дар зери фармондеҳии Германиябуда фармон медиҳад, ки соати 23.01 мутобиқи вақти Европаи Марказии 8 майи соли 1945 амалиётҳои ҳарбиро қатъ кунанд, дар ҷойҳои худ бимонанд, дар ҳамон ҷойҳое, ки алҳол ҳастанд, тамоми аслиҳа ва ҷиҳози ҳарбиро ба фармондеҳони маҳаллии иттифоқчиён ё ба афсарони аз ҷониби Фармондеҳии Олӣ барои ин кор супоришгирифта супоранд, ба ягон пароход, киштӣ, самолёт, ҳаракатдиҳандаҳои онҳо, таҷҳизоти онҳо, инчунин ба мошинаҳо, аслиҳа, дастгоҳҳо ва умуман ба ҳамаи воситаҳои ҳарбию техникии пешбарии ҷанг зарар нарасонанд.

3. Фармондеҳии Олии Германия бетаъхир сардоркорони дахлдорро вазифадор мекунад, ки иҷрои ҳамаи фармонҳои Сарфармондеҳии Артиши Сурх ва Фармондеҳии Олии нерўҳои экспедитсионии иттифоқчиёнро таъмин намоянд.

4. Ин санад ба ҳуҷҷати дигари кулл дар бораи таслимшавие, ки аз ҷониби Миллатҳои Муттаҳида ё аз номи онҳо ба имзо расидаасту нисбати Германия ва умуман ба нерўҳои ҳарбии Германия ба кор бурдан мумкин аст, монеъ шуда наметавонад...

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

**1.** Аз назари шумо кадом муваффақиятҳои Артиши Сурхи Шўравӣ дар соли 1944 муҳимтарин менамоянд? **2.** Соли 1944 артиши ИҶШС кадом давлатҳоро аз зери асорати фашистони Германия ва маҳаллӣ озод кард? **3.** Ҷабҳаи Дуюм кай ва дар куҷо кушода шуд? **4.** Чаро артишҳои Англияю ИМА "хати Зигфрид"-ро убур карда натавонистанд? **5.** Ба ҳамоҳангсозии амалиётҳои ҳарбии Ҷабҳаи Дуюм ва артиши шўравӣ баҳо диҳед. **6.** Конференсияи байналхалқии Қрим (Ялта) кай баргузор гардид? **7.** Дар Конференсияи Қрим кадом масъалаҳо баррасӣ шуданд? **8.** Конференсияи Сан-Франсиско кай баргузор гардид ва кадом масъалаҳоро ҳал кард? **9.** Сохтори Созмони Милали Муттаҳидро шарҳ диҳед. **10.** Дар бораи Шўрои Амнияти СММ чӣ иттилоъ доред? **11.** Марҳалаи охирини торумори артиши Германияи фашистӣ кай ва чӣ тавр сурат гирифт? **12.** Баимзорасии санади бечунучаро таслимшавии Германияи фашистӣ кай ба амал омад? **13.** Артишҳои шўравию америкавӣ дар куҷо бо ҳам вохўрданд? **14.** Дар гунбази Рейхстаг киҳо ва кай Парчами Сурхи Ғалабаро барафрўхтанд? **15.** Дар бораи Конференсияи байналхалқии Потсдам иттилоъ диҳед. **16.** Аз мавзўъ хулоса бароред.

## § 41. ТОРУМОРИ ҶОПОН ВА АНҶОМЁБИИ ҶАНГИ ДУЮМИ ҶАҲОНӢ

**Истилогариҳои Ҷопон то моҳи августи соли 1945.** Баъди ғалабаи Артиши Сурхи Иттиҳоди Шӯравӣ дар муҳорибаи Сталинград ва "Камонаки Курск" амалиётҳои фотеҳонаи артишҳои ИМА ва Англия дар чабҳаи Укёнуси Ором огоз ёфтанд. Қувваҳои ҳарбии ИМА моҳи ноябри соли 1943 ҷазираҳои Гилберт ва соли 1944 галлаҷазираҳои Маршалл, Мариан ва Палеуро ишгол карданд. Баъди ин ИМА амалиётҳои ҳарбии худро ба Филиппин ва Бирма гузаронд. Дар рафти ин амалиётҳо қувваҳои ҳарбии Ҷопон ва махсусан флоти он талафоти калон дод. 25 марти соли 1945 қувваҳои ҳарбии ИМА ба ҷазираи Окинаваи Ҷопон фаромаданд.

Вале ин шикастхӯриҳо Ҷопонро аз раъйи идома додани ҷанг боз надоштанд. Соли 1944 артиши Ҷопон ҳуҷуми худро вусъат дода, навоҳии наздисоҳилии Чини Марказӣ ва Ҷанубии дорои на камтар аз 100 миллион нафар аҳолиро ишгол намуд. Тобистони соли 1945 Ҷопон 270 дивизияи қариб дорои 4 миллион нафар аскари хушкинизом, 1,5 миллион нафар аскари баҳринизом ва боз 2 миллион нафар аскари эҳтиётии барои сафарбаркунӣ тайёр дошт.

Дар муҳорибаҳои баҳрӣ қувваҳои ҳарбии Англия ва ИМА бар Ҷопон ғалаба ба даст оварда, дар набардҳои хушкӣ муваффақияти кам доштанд. Мувофиқи пешбиниҳои тахминии коршиносони амрикавӣ онҳо метавонистанд ҷангро бо Ҷопон танҳо тобистони соли 1946 ба анҷом расонанд. Бо ҳамин сабаб ИМА ва Англия ба иштирок кардани артиши Иттиҳоди Шӯравӣ дар ҷанги зидди Ҷопон умеди калон мебастанд. Дар ин бора қарордоди Конференсияи Қрим (Ялта) ҳам мавҷуд буд. Бо назардошти ҳамин санад Иттиҳоди Шӯравӣ 8 августи соли 1945 бо Ҷопон ҷанг эълон кард.

**Ба Хиросима ва Нагасаки партофта шудани бомбаҳои ҳаставии ИМА.** 2 рӯз пеш аз бар зидди Ҷопон ба ҷанг даромадани ИҶШС, 6 август самолётҳои ҳарбии ИМА ба шаҳри Хиросима ва баъд 9 августи соли 1945 ба шаҳри Нагасаки бомбаҳои ҳаставӣ (атомӣ) партофтанд, ки дар натиҷаи ин кирдори ваҳшиёна дар як лаҳза зиёда аз 100 ҳазор нафар одам ҳалок гардида, 375 ҳазор нафар аз оташ зарар диданд, захм бардоштанд ва ба сирояти шуои ҳастави гирифтор шуданд. Бояд гуфт, ки бар зидди Ҷопон истифода бурдани бомбаҳои ҳастави Америкаро зарурати ҳарбӣ тақозо намекард.

**Торумор карда шудани Ҷопон.** Баъди ба Ҷопон ҷанг эълон кардан Артиши Сурхи таҷрибаноки Шӯравӣ дар Шарқи Дур бо артиши хушкигарди Ҷопон ба ҷанг даромад. Артиши Ҷопон бар зидди артиши шӯравӣ ягон хел муқобилияти ҷиддӣ нишон дода натавониста,

талафоти калон дод ва ақибнишинӣ кард. Артиши Сурхи Шӯравӣ дар Манчурия муқовимати артиши Ҷопонро, ки Артиши Квантун ном бурда мешуд, шикаста, ба пеш харакат кард. Ҳамин тариқ, артиши Ҷопон дар Корея, Сахалини Ҷанубӣ ва ҷазираҳои Курил ҳам шикаст хӯрда, ба ҷониби Ҷопон ақибнишинӣ мекард. Артиши Ҷопон дар муҳорибаҳои баҳрӣ низ ба шикаст дучор шуд.

Дар рафти амалиётҳои ҳарбии каме зиёдтар аз 3 ҳафта давомкарда 594 ҳазор низомиёни Ҷопон ба асорат афтоданд, ҳазорон нафар ҷонҳои худро аз даст доданд. Ҷопон пурра шикаст хӯрда, 2 сентябри соли 1945 таслим шуд. Бо ҳамин Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ба охир расид.

**Ҷамъбасти Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ.** Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ, ки 6 сол давом кард, бо ғалабаи нерӯҳои зиддифашистӣ анҷом ёфт. Дар ҷанг 61 давлати ҷаҳон ширкат варзид, ки дар онҳо 80 фоизи аҳолии кураи Замин зиндагӣ мекард. Амалиётҳои ҷангӣ қаламрави 40 давлатро фаро гирифтанд.

Дар солҳои Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ба артиши давлатҳои иштирокчии ҷанг 110 миллион нафар одамон сафарбар карда шуданд. Дар амалиётҳои ҳарбӣ зиёда аз 3 миллион нафар одамони ғайринизомӣ низ иштирок карданд. Зиёда аз 50 миллион нафар аскару афсарон халок гардиданд, зиёда аз 12 миллион нафар дар ӯрдугоҳҳои фашистӣ нест карда шуданд, 95 миллион нафар одамон маъюб гардиданд.

Хароҷоти ҳарбии давлатҳои иштирокчии Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ 1 триллиону 117 миллиард доллари америкавиро ташкил намуд.

Вазнинии асосии Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ба дӯши Иттиҳоди Шӯравӣ афтид. Ин давлат дар торумори истилогарони фашистӣ мақоми ҳалкунанда дошт. Артиши Шӯравӣ дар тӯли солҳои ҷанг 507 дивизияи Германия ва 100 дивизияи иттифоқчиёни онро барҳам дод асир гирифт ва ё пурра аз қатор баровард. Дар ҷабҳаи Шӯравию Германия ҳалокгардидагон, ба асирӣ афтодагон ва захмбардоштагон зиёда аз 10 миллион низомиёни душманро ташкил намуданд. Дар ҷабҳаҳои дигар дар ҷангҳои зидди артиши Англия ва ИМА Германия 150 дивизияи дорои қариб 1,9 миллион низомиро талаф додааст.

Он мақсадҳое, ки барангезандагони Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ дар назди худ гузошта буданд, иҷро нагардиданд. Иттиҳоди давлатҳои зиддифашистӣ ба онҳо сабақи таърихӣ ва ибратбахш дод. Ба шарофати ғалаба бар иттиҳоди давлатҳои фашистӣ дар ҷаҳон муносибатҳои нави байналхалқӣ таълид ёфтанд. Соли 1945 Созмони Милали Муттаҳид таъсис ёфт. Ин созмон дар таърихи муосири ҷаҳон яке аз воситаҳои боэътимод ва самараноки муносибатҳои байналхалқӣ мебошад.

## МАЪХАЗҲО

### 1. ДАР БОРАИ ҚАТЪИ АҲДНОМАИ ИТТИҲОДИ ШӮРАВИЮ ЯПОНИЯ ОИД БА БЕТАРАФӢ

*5 апрели с. 1945*

(Изҳороти Давлати Шӯравӣ)

Аҳднома дар бораи бетарафӣ дар байни Иттиҳоди Шӯравӣ ва Ҷопон 13 апрели соли 1941 баста шуда буд, яъне то ҳамлаи Германия ба ИҶШС ва то ба амал омадани ҷанг дар байни Ҷопон аз як тараф ва Англияву Иёлоти Муттаҳидаи Америка, аз тарафи дигар.

Аз он вақт вазъият куллан тағйир ёфт. Германия ба ИҶШС ҳамла кард. Ҷопон ба иттифоқчии худ – Германия дар ҷанги зидди ИҶШС ёрӣ расонд. Ғайр аз ин, Ҷопон бар зидди ИМА ва Англия, ки иттифоқчии Иттиҳоди Шӯравианд, ҷанг кард.

Дар чунин ҳолат нишондоди аҳднома дар бораи бетарафӣ дар байни ИҶШС ва Ҷопон бемаънӣ шуд ва тамдиди ин аҳднома имконнопазир аст.

Мувофиқи гуфтаҳои боло ва тибқи моддаи 3-юми аҳдномаи номбурда, ки ба як сол пеш аз анҷоми мӯҳлати баохиррасии амали он ҳуқуқи қатъ кардани аҳдномаро медиҳад, Иттиҳоди Шӯравӣ ба ҳукумати Ҷопон зимнан хоҳиши қатъи Аҳднома аз 13 апрели соли 1941-ро изҳор менамояд.

### 3. ҚАРОРДОД ДАР БОРАИ ТАСЛИМШАВИИ ҶОПОН

*2 сентябри с. 1945*

1. Мо, мувофиқи амр ва аз номи императори Ҷопон, ин лаҳза шартҳои баённомаеро, ки 26 июл дар Потсдам аз тарафи сардорони ҳукуматҳои Иёлоти Муттаҳида, Чин ва Британияи Кабир интишор гардид ва баъд ба он ИҶШС низ ҳамроҳ шуд, онҳое, ки сипас давлатҳои иттифоқчӣ номида мешаванд, қабул мекунем.

2. Ҳамзамон мо дар бораи аз ҷониби давлатҳои иттифоқчӣ бе чуну чаро таслим гардондани ситоди кулли императории Ҷопон, тамоми нерӯҳои ҳарбии Ҷопон ва ҳамаи нерӯҳои ҳарбии зери назорати Ҷопонро эълон мекунем, сарфи назар аз он, ки дар куҷое мустақар набошанд.

3. Ҳамзамон ба тамоми нерӯҳои ҳарбии Ҷопон, дар куҷое, ки набошанд ва ба халқи Ҷопон фармон медиҳем, ки амалиётҳои ҳарбиро қатъ кунанд, ҳамаи киштиҳо, самолётҳо ва лавозимоти ҳарбию шаҳрвандиро нигоҳ дошта, ба онҳо осеб нарасонанд, инчунин ҳамаи талабҳое, ки мумкин аст аз тарафи Фармондеҳии Олии давлатҳои иттифоқчӣ ё бо талаби он аз ҷониби мақомоти Ҳукумати Ҷопон ба миён меоянд, иҷро кунанд.

4. Ҳамзамон мо ба ситоди кулли императори Ҷопон амр мекунем, ки ба фармондеҳони ҳамаи ҷузъу томҳои Ҷопон ва ҷузъу томҳое, ки дар зери назорати Ҷопонанд, дар куҷое ки набошанд, бе чуну чаро шахсан таслим шаванд, инчунин таслимшавии ҳамаи ҷузъу томҳои зери фармондеҳии онҳоро таъмин намоянд.

5. Ҳамаи мансабдорони расмии шаҳрвандӣ, ҳарбӣ ва баҳрӣ бояд итоат кунанд ва ҳамаи амрҳо, фармонҳо ва нишондодҳое, ки Сарфармондеҳи Олии давлатҳои иттифоқчӣ барои таслимшавии мазкур зарур мешуморанд, иҷро намоянд...

6. Ҳамзамон мо ӯҳдадор мешавем, ки Ҳукумати Ҷопон ва ҷойгирони он сидқан ҳамаи шартҳои Баённомаи Потсдамро иҷро мекунанд ва иқломи амалие нахоҳанд кард...

7. Ҳамзамон ба ҳукумати императорӣ ва ситоди кулли императорӣ пешниҳод мекунем, ки бетаъхир ҳамаи асирони ҳарбӣ ва ашхоси шаҳрвандии зӯран рабудашударо, ки алҳол дар зери назорати ҷопониҳоянд, озод кунанд ва ҳифз, амният ва ғамхорӣ дар ҳаққи онҳо, инчунин ба ҷойҳои таъйиншуда бурда расондани онҳоро таъмин намоянд.

8. Ҳокимияти император ва Ҳукумати Ҷопон барои идораи давлат ба Сарфармондеҳии Олии давлатҳои иттифоқчӣ тобеъ карда мешавад. Ӯ чунин чораҳое меандешад, ки барои иҷрои ин шартҳои таслимкунонӣ зарур мешуморад.

## САВОЛ ВА СУПОРИШ

**1.** То соли 1945 Иёлоти Муттаҳидаи Америка аз Ҷопон кадом ҷазираҳои Укёнуси Оромро кашида гирифт? **2.** Нерӯҳои ҳарбии Ҷопон дар арафаи ба муқобили он ҷанг эълон кардани Иттиҳоди Шӯравӣ чӣ қадар буданд? **3.** Иттифокчиён масъалаи ба Ҷопон ҷанг эълон кардани Иттиҳоди Шӯравиро дар кадом конференсияи се давлати бузург баррасӣ карда буданд? **4.** Кай ба шаҳрҳои Хиросима ва Нагасакии Ҷопон бомбаҳои ҳастави ИМА партофта шуданд ва дар натиҷаи ин чанд нафар одам ҳалок гардид, чӣ қадари дигар захм бардоштанд ва ё ба шуои ҳастаӣ гирифтор шуданд? **5.** Артиши Ҷопон чӣ ном дошт ва дар куҷо мустақар буд? **6.** Ҷанг бо Ҷопон чӣ қадар давом кард ва он кай таслим шуд? **7.** Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ кай оғоз ёфта буд ва кай ба итмом расид? **8.** Дар Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ чанд давлат ва чӣ кадар низомиён иштирок карданд? **9.** Дар Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ чӣ қадар одамон ҳалок ва маъюб шуданд? **10.** Хароҷоти молиявии Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ чӣ қадар буд? **11.** Ахамияти ғалаба бар иттиҳодии давлатҳои фашистиро муайян кунад. **12.** Аз мавзӯъ хулоса бароред.

# МУНДАРИЧА

Мукаддима . . . . . 3

**БОБИ I**

**МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ ДАР СОЛҲОИ 1919 – 1923**

**§ 1.** Конференсияҳои байналхалкии солхои 1919–1923 . . . . . 4

**БОБИ II**

**МАМЛАКАТҲОИ ЕВРОПА ВА АМЕРИКА ДАР СОЛҲОИ 1919 – 1939**

**§ 2.** Германия . . . . . 10
**§ 3.** Англия . . . . . 14
**§ 4.** Фаронса . . . . . 18
**§ 5.** Иёлоти Муттаҳидаи Америка дар солҳои 1919–1929 . . . . . 22
**§ 6.** Иёлоти Муттаҳидаи Америка дар солҳои 1929–1939 . . . . . 27
**§ 7.** Иттиҳоди Шӯравӣ . . . . . 33
**§ 8.** Италия . . . . . 38
**§ 9.** Испания . . . . . 43
**§ 10.** Австрия . . . . . 48
**§ 11.** Шветсия . . . . . 52
**§ 12.** Венгрия . . . . . 56
**§ 13.** Канада . . . . . 60
**§ 14.** Мексика . . . . . 63
**§ 15.** Аргентина . . . . . 67
**§ 16.** Бразилия . . . . . 71

**БОБИ III**

**МАМЛАКАТҲОИ ОСИЁ ВА АФРИКА ДАР СОЛҲОИ 1919 – 1939**

**§ 17.** Чин . . . . . 75
**§ 18.** Ҷопон . . . . . 82
**§ 19.** Индонезия . . . . . 86
**§ 20.** Ҳиндустон . . . . . 90
**§ 21.** Афғонистон . . . . . 100
**§ 22.** Эрон дар солҳои аввали баъд аз Ҷанги якуми ҷаҳонӣ . . . . . 112

§ 23. Эрон дар солҳои 1922–1939 ........116
§ 24. Инқилоби миллию демократии
солҳои 1918–1923 дар Туркия ........119
§ 25. Ҷумҳурии Туркия дар солҳои 1923–1939 ........124
§ 26. Арабистони Саудӣ ........129
§ 27. Сурия ........131
§ 28. Ироқ ........134
§ 29. Миср ........138
§ 30. Мамлакатҳои араби Мағриб ........143
§ 31. Харитаи сиёсии Африка баъд аз Ҷанги якуми ҷаҳонӣ ........150
§ 32. Истисмор ва идораи мустамликавии мамлакатҳои Африка ........155
§ 33. Мамлакатҳои Африкаи Тропикӣ ........157
§ 34. Мамлакатҳои Африкаи Ҷанубӣ ........160

## БОБИ IV
## МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ ДАР СОЛҲОИ 1924 – 1939

§ 35. Муносибатҳои байналхалқӣ дар марҳалаи нав ........165

## БОБИ V
## ҶАНГИ ДУЮМИ ҶАҲОНӢ (СОЛҲОИ 1939–1945)

§ 36. Оғози Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ........173
§ 37. Рафти ҷанг дар соли 1940 ........176
§ 38. Амалиётҳои ҳарбӣ дар соли 1941 – аввали соли 1942 ........180
§ 39. Гардиши куллӣ дар рафти Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ........187
§ 40. Торумор карда шудани Германияи фашистӣ
ва иттифоқчиёни он дар Европа ........194
§ 41. Торумори Ҷопон ва анҷомёбии Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ........202

Тавар Нозимович Зиёев

# Таърихи умумӣ

**(Таърихи муосир. Давраи аввал. Солҳои 1919–1945)**

**китоби дарсӣ барои синфи 9-ум**

| | |
|---|---|
| Муҳаррир | Нуриддин Шарипов |
| Мусаҳҳеҳ | Баҳодур Раҳматзод |
| Муҳаррири техникӣ | Диловар Қурбонов |
| Саҳифабанд | Гаджимагомед Мирзаметов |
| Дизайн ва ороиши муқова | Тимур Бабаев |
| Чопи компютерӣ | Даврон Муминшоев |

**© "Сарпараст" 2002**

Ба чопаш 22 апрели соли 2002 имзо шуд.
Андозаи коғаз 60x90 $^{1}/_{16}$. Коғази офсетӣ.
Гарнитураи Times New Roman Tj.
Чопи офсетӣ. Ҳаҷм 13 ҷузъи чопии аслӣ.
Адади нашр 75000.

---

It was printed in Printing Corporation «АП ТПК»
Order № K-9371

